ISSN 3079-1758

№1 (3), 2025



# ПАЁМИ
## ДОНИШКАДАИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР НОҲИЯИ РАШТ
### БАХШИ ИЛМҲОИ ҲУҚУҚ, ТАЪРИХ ВА ИҚТИСОД

# ВЕСТНИК
## ТАДЖИКСКОГО ПЕДАГОГИЧЕСКОГО ИНСТИТУТА В РАШТСКОМ РАЙОНЕ
### СЕРИЯ ПРАВО, ИСТОРИЯ И ЭКОНОМИЧЕСКИЕ НАУКИ

# BULLETIN
## TAJIK PEDAGOGICAL INSTITUTE IN RASHT DISTRICT
### SERIES LAW, HISTORY AND ECONOMIC SCIENCES

ISSN 3079-1758

# ПАЁМИ
# ДОНИШКАДАИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН
# ДАР НОҲИЯИ РАШТ

**БАХШИ ИЛМҲОИ ҲУҚУҚ, ТАЪРИХ ВА ИҚТИСОД**

№1 (3), 2025

# ВЕСТНИК
# ТАДЖИКСКОГО ПЕДАГОГИЧЕСКОГО ИНСТИТУТА
# В РАШТСКОМ РАЙОНЕ

**СЕРИЯ ПРАВО, ИСТОРИЯ И ЭКОНОМИЧЕСКИЕ НАУКИ**

№1 (3), 2025

# BULLETIN
# TAJIK PEDAGOGICAL INSTITUTE IN RASHT DISTRICT

**SERIES LAW, HISTORY AND ECONOMIC SCIENCES**

№1 (3), 2025



**РАШТ-2025**

**Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2024 таҳти №392/МҶ-97 ба қайд гирифта шудааст.**

**САРМУҲАРРИР:**

**Раҷабзода Маҳмадёр Носир**
н.и.ҳ., дотсент, ректори ДОТ
дар ноҳияи Рашт

**МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:**

**Зокирзода Зафар Хайрулло**
н.и.ҳ., дотсент, муовини
ректор оид ба корҳои таълими
ДОТ дар ноҳияи Рашт

**КОТИБИ МАСЪУЛ:**

**Бобохонов Фаридун Аламшоевич**
н.и.ҳ., дотсент

**СУРОҒА:**

734025, Тоҷикистон,
н. Рашт, ш. Ғарм, кӯчаи
Э. Муҳиддинов, 63

**ТЕЛЕФОН:**

(+992) 313121103
(+992) 999333160

**ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНӢ:**

farodil_ff@mail.ru

**СОМОНАИ МАҶАЛЛА:**

http: // vestnik-dotr.com

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**

**ҲУҚУҚ**

**Яков Илич Гилинский**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
**Воробёв Сергей Михайлович**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
**Шарипов Тақдиршо Шарипович**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
**Азиззода Убайдулло Абдулло**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
**Идизода Файзалӣ Фузайлшо**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент

**ТАЪРИХ**

**Турсунов Турсунмурод Худоймуродович**
доктори илмҳои таърих, профессор
**Ғафуров Абдулло Мутиллоевич**
номзади илмҳои таърих, дотсент
**Сайнаков Сайнак Парпишоевич**
номзади илмҳои таърих, дотсент
**Наврузов Ғолибшо Лоиқович**
номзади илмҳои таърих, дотсент
**Садиров Шарафҷон Аҳтамович**
номзади илмҳои таърих, дотсент
**Махсудов Аслиддин Муҳабатович**
номзади илмҳои таърих, дотсент

**ИҚТИСОД**

**Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
Президенти АМИТ
**Ҷонмамадов Шермамад Бегмамадович**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
**Низомова Тухфамо Давлатовна**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
**Иброҳимзода Илҳомуддин Раҷабалӣ**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
**Каримов Баҳодур Ҳасанович**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент
**Ниёзов Мустафо Абдуллоевич**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент
**Маҳмадуллоев Аҳмадҷон Саидҷонович**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент

**© ДОТ дар ноҳияи Рашт, 2025**

**Журнал регистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан от 23 декабря 2024 года за № 392/ЖР-97**

**ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР:**

**Раджабзода Махмадёр Носир**
к.ю.н., доцент, ректор ТПИ в Раштском районе

**ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:**

**Зокирзода Зафар Хайрулло**
к.ю.н., доцент, проректор по учебной работе ТПИ в Раштском районе

**ОТВЕТСТВЕННЫЙ СЕКРЕТАРЬ:**

**Бобохонов Фаридун Аламшоевич**
к.ю.н., доцент

**АДРЕС:**

734025, Таджикистан, Раштский район, г. Гарм, улица Э. Мухиддинова, 63.

**ТЕЛЕФОН:**

(+992) 313121103
(+992) 999333160

**ЭЛЕКТРОННАЯ ПОЧТА:**

farodil_ff@mail.ru

**САЙТ ЖУРНАЛА:**

http: // vestnik-dotr.com

**Р Е Д А К Ц И О Н Н А Я К О Л Л Е Г И Я:**

**ПРАВО**

**Яков Ильич Гилинский**
доктор юридических наук, профессор
**Воробьев Сергей Михайлович**
доктор юридических наук, профессор
**Шарипов Такдиршо Шарипович**
доктор юридических наук, профессор
**Азиззода Убайдулло Абдулло**
доктор юридических наук, профессор
**Идизода Файзали Фузайлшо**
кандидат юридических наук, доцент

**ИСТОРИЯ**

**Турсунов Турсунмурод Худоймуродович**
доктор исторических наук, профессор
**Гафуров Абдулло Мутиллоевич**
кандидат исторических наук, доцент
**Сайнаков Сайнак Парпишоевич**
кандидат исторических наук, доцент
**Наврузов Голибшо Лоикович**
кандидат исторических наук, доцент
**Садиров Шарафджон Ахтамович**
кандидат исторических наук, доцент
**Махсудов Аслиддин Мухабатович**
кандидат исторических наук, доцент

**ЭКОНОМИКА**

**Хушвахтзода Кобилджон Хушвахт**
доктор экономических наук, профессор,
Президент НАНТ
**Джонмамадов Шермамад Бегмамадович**
доктор экономических наук, профессор
**Низомова Тухфамо Давлатовна**
доктор экономических наук, профессор
**Иброхимзода Илхомуддин Раджабали**
доктор экономических наук, профессор
**Каримов Баходур Хасанович**
кандидат экономических наук, доцент
**Ниёзов Мустафо Абдуллоевич**
кандидат экономических наук, доцент
**Махмадуллоев Ахмадджон Саидджонович**
кандидат экономических наук, доцент

**© ТПИ в Раштском районе, 2025**

**The journal is registered by the Ministry of culture of the Republic of Tajikistan on december 23, 2024 for No. 392/MJ-97**

**EDITOR-IN-CHIEF:**

**Rajabzoda Mahmadyor Nosir**
candidate of legal sciences, associate professor, rector of TPI in Rasht district

**DEPUTY EDITOR-IN-CHIEF:**

**Zokirzoda Zafar Khairullo**
candidate of legal sciences, associate professor, vice-rector for academic affairs TPI in Rasht district

**RESPONSIBLE SECRETARY:**

**Bobokhonov Faridun Alamshoevich**
candidate of legal sciences, associate professor

**ADDRESS:**

734025, Tajikistan, Rasht district, Garm city,
E. Mukhiddinov street, 63.

**PHONE:**

(+992) 313121103
(+992) 999333160

**E-MAIL:**

farodil_ff@mail.ru

**JOURNAL WEBSITE:**

http: //vestnik-dotr.com

**THE EDITORIAL BOARD:**

**LAW**

**Yakov Ilich Gilinskiy**
doctor of law, professor
**Vorobyov Sergey Mikhailovich**
doctor of law, professor
**Sharipov Taqdirsho Sharipovich**
doctor of law, professor
**Azizzoda Ubaydullo Abdullo**
doctor of law, professor
**Idizoda Fayzali Fuzaylsho**
candidate of law, associate professor

**HISTORY**

**Tursunov Tursunmurod Khudoymurodovich**
doctor of historical sciences, professor
**Ghafurov Abdullo Mutilloevich**
candidate of historical sciences, associate professor
**Saynakov Saynak Parpishoevich**
candidate of historical sciences, associate professor
**Navruzov Gholibsho Loiqovich**
candidate of historical sciences, associate professor
**Sadirov Sharafjon Ahtamovich**
candidate of historical sciences, associate professor
**Makhsudov Asliddin Muhabatovich**
candidate of historical sciences, associate professor

**ECONOMY**

**Khushvakhtzoda Kobiljon Khushvakht**
doctor of economic sciences, professor, President of NAST
**Jonmamadov Shermamad Begmamadovich**
doctor of economic sciences, professor
**Nizomova Tuhfamo Davlatovna**
doctor of economic sciences, professor
**Ibrohimzoda Ilhomuddin Rajabali**
doctor of economics, professor
**Karimov Bahodur Hasanovich**
candidate of economic sciences, associate professor
**Niyozov Mustafo Abdulloevich**
candidate of economic sciences, associate professor
**Mahmadulloev Ahmadjon Saidjonovich**
candidate of economic sciences, associate professor

**© TPI in Rasht district, 2025**

## ИЛМҲОИ ҲУҚУҚШИНОСӢ – ЮРИДИЧЕСКИЕ НАУКИ

**ТДУ: 343.241.2**

# ТАБИАТИ ҲУҚУҚИИ ҶАРИМА АЗ НИГОҲИ НАЗАРИЯИ УМУМИИ ҶАВОБГАРИИ ҲУҚУҚӢ ВА СИЁСАТИ ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТӢ

**Азиззода У.А., Аҳадзода А.**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ҷарима яке аз ҷазоҳои ҷиноятӣ ба ҳисоб рафта, имрӯзҳо дар аксари кишварҳо ба таври васеъ мавриди истифода қарор гирифтааст. Ҷарима ҳамчун як намуди ҷазои ҷиноятӣ аз замони пайдоиши аввалин сарчашмаҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ дар бисёре аз кишварҳо яке аз маъмултарин ҷазоҳо ба ҳисоб меравад. Бояд тазаккур дод, ки ҳамчун навъи ҷазои ҷиноятӣ ҷарима падидаи нав набуда, ҳанӯз дар низомҳои таърихӣ-ҳуқуқии Тоҷикистон амал мекард [2; 13; 18; 6]. Дар сарчашмаҳои ҳуқуқӣ доир ба мафҳум ва моҳияти ҷарима ҳамчун чораи муҳимтарини ҷавобгарии иҷтимоӣ андешаҳои мухталиф ҷой доранд. Чунин андеша дар таҳқиқоти дигар олимон ба назар мерасад. Чунончӣ, З.А. Тадевосян «Ҷаримаро ба ҷазоҳои дорои хусусияти молумулкӣ рабт дода, чунин мешуморад, ки моҳияташ аз он иборат аст, ки таъсири тарбиявӣ ва пешгирикунанда бо маҳрум кардан аз озодӣ алоқаманд нест. Дар баробари ин маҳкумшуда маҷбур мешавад, ки ба даромади давлат маблағи муайяне диҳад»[16].

А.А. Абдурашидов қайд мекунад, ки: «... ҷарима ҷазои дорои хусусияти молумулкӣ мебошад, ки қонунгузории ҷиноятӣ бо назардошти вазнинии ҷинояти содиршуда ва вазъи молу мулкии он муқаррар кардааст. Қонунгузории нави ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи ҷаримаро васеъ намуда, онро дар 232 санксия ва танҳо барои ҷиноятҳои начандон вазнин ва миёна (инро дар бораи таҷрибаи судӣ гуфтан мумкин нест, ки дар он камтар аз 12 фоиз) пешбинӣ шудааст»[1]. Ба андешаи С.Э. Баҳриддинзода, «Ҷарима бештар ба ашхосе, ки дар соҳаи иқтисодиёт ҷиноят содир кардаанд, ҳамчун шакли алтернативии ҷазо истифода шавад. Агар ҷинояткор ҷиноят содир карда, ба зарардида зарари иқтисодӣ расонида бошад, пас нисбат ба ӯ ҷазои «иқтисодӣ» бояд татбиқ карда шавад»[4]. А.А. Абдурашидов қайд менамояд, ки: «... барои шахсе, ки ҷинояти дуздӣ содир кардааст, ҷарима аз кори ислоҳӣ дида ҷазои сахттар мебошад. Таҳлили амалияи судӣ нишон медиҳад, ки судҳо на ҳама вақт қобилияти пурра татбиқ кардани ҷаримаро доранд, зеро бисёре аз ҷинояткорон кор намекунанд ва барои пардохти ҷарима даромад надоранд»[1]. Дар ин хусус З.А. Камолов дуруст қайд намудааст, ки: «... ҷарима ҳамчун чораи ҷазои ҷиноятӣ ба далели он ки ин ҷазо дар нисбати афроди дорои сатҳи баланди зиндагӣ таъсирбахш нест, хеле эҳтиёткор бояд буд. Ҳамзамон, татбиқи ҷарима ба қишрҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ ҳифзнашудаи аҳолӣ ғайривоқеист, зеро онҳо наметавонанд ҷаримаро пардохт кунанд»[10].

«Таъсири тарбиявии ҷарима ба маҳкумшуда бо додани маблағи муайян маҳдуд намешавад. Ислоҳ ва аз нав тарбия кардани маҳкумшуда бо ягон амали якдафъаина ба даст намеояд, ин раванди каму беш тӯлонии азнавсозии шахсияти маҳкумшуда мебошад»[5]. Ба андешаи дигар «ҷарима имконияти ба манфиати

худ ё ба манфиати аъзои оилаи худ истифода бурдани маблағро маҳдуд мекунад»[8].

Моҳияти ҷарима дар чораи хусусияти молумулкӣ доштани он ифода меёбад, ки бо ҳукми суд дар таъин шудааст ва маҳкумшуда бояд онро пардохт намояд. Вобаста ба ин, ҷаримаро ҳамчун намуди ҷазо шакли татбиқшавии ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳисобидан зарур аст, ки дар маҳдуд намудани манфиатҳои молу мулкии шахсе, ки дар содир намудани ҷиноят гунаҳгор мебошад, зоҳир мегардад.

С.С. Уткина моҳияти ҷаримаро чунин равшан мекунад: «... ин ҷазои пулӣ нест, балки ҷазои молумулкӣ дар шакли пул аст. Сабаб дар он аст, ки предмети ҷарима на танҳо пул, балки ҳуқуқи моликияти маҳкумшуда (ҳуқуқи гирифтани нафақа, стипендия, маош ва ғайра) низ буда метавонад»[17]. Тафсири ҷарима ҳамчун ҷазои пулӣ, ки бо ифодаи пулӣ ифода ёфтааст, имкон медиҳад, ки ба предмети он ҳуқуқи минбаъдаи молумулкии маҳкумшуда – гирифтани музди меҳнат, нафақа ё дигар даромади маҳкумшуда мансуб карда шавад. Ба андешаи А.В. Куртс «... ҷарима танҳо манфиатҳои молумулкии шахсро маҳдуд мекунад, зеро ҷарима на танҳо манфиатҳои молумулкӣ, балки дигар ҳуқуқу озодиҳои ҷинояткорро ҳам ба андозаи муайян махдуд мекунад»[11].

Бояд тазаккур дод, ки дар айни замон, андешаҳои мухолиф низ вуҷуд доранд, ки ҷарима набояд ҷазои молумулкӣ ҳисобида шавад. В.К. Дуюнов дар ин хусус мавқеъи худро бо он асоснок мекунад, ки «... таъсири бевосита дар иҷрои ин ҷазо на ба ҳуқуқҳои молу мулкӣ ё моликият, балки ба манфиатҳои молии маҳкумшуда таъсир мерасонад»[9]. Эътироф кардан мумкин аст, ки муносибат ба ҷиҳати молиявии масъала маҳдуд мешавад. Дар ин маврид М.Э. Синиская ва А.Л. Светинович баён кардааст, ки «...ҷарима ҷазоест, ки ҳуқуқи моликияти маҳкумшударо маҳдуд мекунад, зеро дар ин ҳолат як қисми молу мулки ӯ бо пули нақд ба давлат ситонида мешавад»[14]. А.С. Михлин хусусияти ҷаримаро таҳлил намуда, қайд мекунад, ки моҳияти он дар «аз маҳкумшудагон ба фоидаи давлат ситонидани маблағи муайян» асос меёбад [12].

Ҷазои ҷарима, чораи ҷавобгарии хусусияти пулидошта мебошад ва ҳамчун ҷазои молӣ як қисми манфиатҳои молумулкии маҳкумшуда - манфиатҳои молиявии ӯро маҳдуд мекунад. Маҳкумшуда аз як қисми молу мулкаш, ки бо маблағи муайян ифода ёфтааст, маҳрум карда мешавад. Ҳангоми таъини ҷарима қонунгузор ба судҳо ҳуқуқ додааст, ки вазъи моддии ӯ, мавҷудияти фарзандони ноболиғ, волидони пиронсол ва ҳолатҳои дигарри ҳаёти моддию иҷтимоии маҳкумшударо ба инобат гирифта, ин намуди ҷавобгарии ҳуқуқиро таъин намояд. Ҳангоми таъини ҷавобгарӣ ҳолатҳои зерин бояд ба назар гирифта шаванд: музди меҳнати маҳкумшуда дар ҳамаи шаклҳои он; даромад аз дигар фаъолияте, ки қонун манъ накардааст; даромад аз замини наздиҳавлигӣ; даромад аз коғазҳои қиматнок; фоизҳое, ки аз рӯи пасандозҳои бонкӣ гирифта мешаванд; мавҷудияти моликияти манзил ва дигар амволи ғайриманкул ва ҳуқуқи моликияти шахсӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои хориҷӣ; бар души маҳкумшуда набудани шахсони вобаста (масалан, кӯдакони ноболиғ, маъюбоне, ки дар парастории ӯ мебошанд) ва ғ. [1].

Ба андешаи аксари ҳуқуқшиносон «Ҷарима нисбат ба дигар ҷазоҳо нисбатан кам саркӯбкунанда аст, зеро он озодии ҳаракати маҳкумшуда, ҳуқуқи ӯро барои иваз кардани ҷойи истиқомат ё ҷойи кораш бо салоҳдиди худ маҳдуд намекунад. Татбиқи ҷарима танҳо боиси вайрон кардани вазъи моддии

маҳкумшуда ва мавҷудияти доғи судӣ ҳамчун оқибати ҳуқуқии ҷазои ҷиноятии аз ҷониби суд барои ҷинояти содиршуда таъингардида мебошад» [7]. О.В. Старков ва С.В. Милюков чунин мешуморанд, ки: «ин намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ нисбат ба корҳои ислоҳӣ ҷазои сахттар аст, зеро барои он тамоми маблағи пулиро яквақта додан лозим аст, ки ин ба вазъи моддии маҳкумшуда ва аъзоёни оилаи ӯ таъсир нарасонда наметавонад. Ҳангоми иҷрои корҳои ислоҳӣ ҳар моҳ аз музди меҳнати ӯ ба миқдори муайянкардаи суд нигоҳ дошта мешавад, ки ин барои маҳкумшуда ва аъзои оилаи ӯ мумкин аст чандон гаронӣ пеш наорад» [15].

Маълум аст, ки моҳияти сазои ҷазои ҷиноятӣ дар маҳрум кардани шахси гунаҳкор дар содир намудани ҷиноят ифода меёбад. Хусусияти сазои ҷарима бошад, бо шикасти манфиатҳои молумулкии шахси маҳкумшуда алоқаманд аст, аз ин рӯ ин ҷазоро одатан молумулкӣ меноманд. Ситонидани маблағ аз гунаҳкор ҳамчун ҷазо ситонидани моликияти ӯ барои кирдори ҷиноятии содиркардааш мебошад. Аммо ҷарима эквиваленти пулии ягон манфиати шахсӣ ё моддӣ нест. Ин чораи ҷазои ҷиноятӣ мебошад, ки аз ҷониби қонунгузор ва суд барои ҷинояткор муайян карда мешавад.

Вале Н. Беляев чунин миешуморад, ки: «ҷарима ба чунин мақсадҳои ҷазо, монанди ислоҳи маҳкумшуда ва пешгирӣ кардани ҷиноятҳои нав ноил шуда наметавонад, чун хусусияти на ислоҳӣ, балки хосияти муҷозотӣ ё сазодиҳӣ дорад» [7]. Т.В. Василева ин нуктаро ҷонибдорӣ накарда, изҳор намудааст, ки: «Аввалан, қонунгузор барои ҳамаи намудҳои ҷазо мақсадҳои якхела муқаррар кардааст. Сониян, ҷарима, чунон ки таҷриба нишон медиҳад, бештар ба шахсоне таъин карда мешавад, ки бори аввал ҷиноятҳои начандон вазнин ва миёна содир кардаанд, ки ин имкон медиҳад, ки ин ҷазо ба ҷинояткор, ба ҳисси масъулиятшиносии ӯ таъсири равонӣ расонад, маҷбур созад, ки маҳкумшуда барои рафтори ношоистааш ба ҷамъият ҷавоб гуфта, рафторашро аз нав дида барояд ва аз содир кардани ҷиноят худдорӣ намояд [7]. Ҷарима бояд дар амалияи судӣ, махсусан дар ҷомеаи имрӯза, дар шароити муносибатҳои бозорӣ бояд яке аз ҷазои маъмултарин бошад, зеро он метавонад дар мубориза бар зидди ҷиноятҳои начандон вазнин ва миёна дар соҳаи иқтисодиёт нақши муҳим бозад»[1]. Масалан, дар Ҷопон нисбат ба 95%-и маҳкумшудагон ҷазои ҷарима таъин карда мешавад [3].

Ҳамин тариқ, бояд қайд намое, ки оид ба мафҳум ва моҳияти ҷарима дар байнаи муҳаққиқон гуногунандешӣ ҷой дошта, мафҳум ва моҳияти умумиэътирофшудаи ҷарима пешбинӣ нагардидааст. Бинобар ин, ба андешаи мо ҷарима ҷазои ҷиноятиест, ки ҳуқуқи моликиятии маҳкумшударо маҳдуд мекунад, зеро дар ин ҳолат як қисми молу мулки ӯ дар шакли пули нақд ба фоидаи давлат ситонида мешавад. Моҳияти ҷарима дар хусусиятӣ молумулкӣ доштани он ифода мегардад.

Ҳангоми таъини ҷарима қонунгузор ба судҳо ҳуқуқ додааст, ки вазъи моддии ӯ, ҳузури фарзандони ноболиғ, волидони пиронсол ва ғайраро муайян кунанд. Дар адабиёти илмии ҳуқуқӣ ҳангоми баҳодиҳии вазъи амвол масъалаҳои зерин бояд ба назар гирифта шаванд: музди меҳнати маҳкумшуда дар ҳамаи шаклҳои он; даромад аз дигар фаъолияте, ки қонун манъ накардааст; даромад аз замини наздиҳавлигӣ; даромад аз коғазҳои қиматнок; фоизҳое, ки аз рӯи пасандозҳои бонкӣ гирифта шудаанд; мавҷудияти моликияти манзил ва дигар амволи ғайриманқул ба ҳуқуқи моликияти шахсӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои хориҷӣ; маҳкумшуда дорои шахсони вобаста

(масалан, кӯдакони ноболиғ, маъюбоне, ки дар парастории ӯ мебошанд) дошта бошад. Дар ин хусус мо чунин ихтилофи назар дорем, ки чаро суд дар вақти таъини ҷазои ҷарима тамоми паҳлуҳои зиндагии маҳкумшавандаро мавриди назар қарор медиҳад, вале ба ҳолати зиндагии ҷабрдида таваҷҷуҳ намекунад? Ҳол он ки ҷинояти содиршуда ба ҷабрдида ва зиндагии ӯ оқибатҳои номусодиро ба бор овардааст.

Аҳаммияти иҷтимоии ҳама гуна ҷазо, аз ҷумла ҷарима бо талаботи он ба амалияи ҷамъиятӣ муайян карда мешавад. Ҷарима ҷазои пулӣ мебошад, ки аз ҷониби суд бо тартиб ва андозаи муқаррарнамудаи қонуни ҷиноятӣ таъин карда мешавад. Асоси мавҷудияти ҷазо дар шакли ҷарима қобилияти ба даст овардани даромад ба давлат мебошад. Манфиати мақомоти давлатиро ба ин ҷазо ва талаби он ҳамеша дар ҳамин маънидод мекунанд. Дар давраи муосир ғояҳои инсондӯстонаи ҷазои ҷиноятӣ, пеш аз ҳама, таваҷҷӯҳи ҷомеаро ба ҷарима, ки дар тӯли асрҳои зиёд мавҷудияти худро исбот кардааст, ҷалб намудааст. Аҳаммияти иҷтимоии ҷарима дар он аст, ки шахсоне, ки ба ин ҷазо маҳкум шудаанд, дар озодӣ мемонанд ва минбаъд ба ҷинояткорӣ даст намезанд.

**Муқарриз: Бобохонов Ф.А. – н.и.ҳ., дотсенти ДОТ дар н. Рашт**

**Адабиёт:**

1. Абдурашидов, А.А. Наказания по уголовному законодательству Республики Таджикистан (эволюция и современное состояние): дис. … канд. юрид. наук: 12.00.08 / Абдурашидов Азиз Абдумансурович. - М., 2011. –190 с.

2. Азизов У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование. – дис. ... докт. юрид. наук: / Азизов Убайдулло Абдуллоевич. – Душанбе – 2015. – 414 с.

3. Антонян Е.А. Наказания, не связанные с лишением свободы: правовая природа, назначение и исполнение: Учеб. пособ. - Рязань: Академия права и управления Минюста России, 2005. – 95 с.

4. Бахридинов С.Э. Штраф как альтернатива наказанию в виде лишения свободы/ Меры уголовной ответственности, не связанные с изоляцией от общества. – Душанбе, 2005. – С. 93-102.

5. Беляев Н.А. Цели наказания и средства их достижения в исправительно-трудовых учреждениях / Н.А. Беляев. – Л.: Изд-во ЛГУ, 1963. – 186 с.

6. Буриев И.Б. История государства и права Таджикистана. Т. 1, ч. 1-2 (от древнейших времен до начала XX века). – Душанбе: Ирфон, 2007. – 244 с.

7. Васильева Т.В. Назначение и исполнение уголовного наказания в виде штрафа: дис. ... канд. юрид. наук. - Рязань 2004. – 211 с.

8. Дикаева М.С. Ҷазои ҷиноятӣ дар Русия ва кишварҳои хориҷӣ / М.С. Дикаева . – М.: Юрлитинформ , 2017. – 216 с.

9. Дуюнов В.К. Проблемы уголовного наказания в теории, законодательстве и судебной практике / В.К. Дуюнов. – Курск, 2000. – 277 с.

10. Камолов З.А. Исправительные работы – альтернативный вид уголовного наказания / Меры уголовной ответственности, не связанные с изоляцией от общества. - Душанбе, 2005.

11. Курц А.В. Штраф как вид уголовного наказания по законодательству России и зарубежных стран: дис. … канд. юрид. наук / А.В. Курц. – Йошкар-Ола, 2001. – 203 с.

12. Михлин А.С. Исполнение наказаний, не связанных с лишением свободы / А.С. Михлин // Российская юстиция. – 2001. – № 6. – С. 41-43.

13. Периханян А.Г. Общество и право Ирана в Парфянский и Сасанидский периоды. - М.: Наука, 1983. – 382 с.

14. Синицкая М.Е. Ограничение прав личной собственности как элемент уголовного наказания / М.Е. Синицкая, А.Л. Цветинович // Проблемы совершенствования законодательства об охране прав граждан в сфере борьбы с преступностью. – Ярославль: Изд-во Яросл. ун-та, 1984. – С. 110-129.

15. Старков О.В., Милюков СВ. Наказание: уголовно-правовой и криминопенологический анализ. СПб.: Юрид. центр Пресс, 2001. – 459 с.

16. Тадевосян З.А. Сущность штрафа как меры наказания / З.А. Тадевосян. – Ереван: Изд-во АН АрмССР, 1978. – 98 с.

17. Уткина С.С. Уголовное наказание в виде штрафа: автореф. дис. … канд. юрид. наук / С.С. Уткина. – Томск, 2004. – 24 с.

18. Халиков А.Г. Правовая система зороастризма (древнее право). - Душанбе: Маориф ва фарханг, 2005. – 482 с.

**Literature:**

1. Abdurashidov, A.A. Punishments under the criminal legislation of the Republic of Tajikistan (evolution and current state): dis. ... candidate of legal sciences: 12.00.08 / Abdurashidov Aziz Abdumansurovich. - M., 2011. –190 p.

2. Azizov U.A. Evolution of the institutions of crime and punishment on the territory of historical and modern Tajikistan: historical and legal research. - dis. ... doctor of legal sciences: / Azizov Ubaydullo Abdulloevich. - Dushanbe - 2015. - 414 p.

3. Antonyan E.A. Punishments not related to deprivation of liberty: legal nature, purpose and execution: Textbook. manual. - Ryazan: Academy of Law and Management of the Ministry of Justice of Russia, 2005. - 95 p.

4. Bakhridinov S.E. Fine as an alternative to imprisonment / Measures of criminal liability not associated with isolation from society. - Dushanbe, 2005. - P. 93-102.

5. Belyaev N.A. Goals of punishment and means of achieving them in correctional labor institutions / N.A. Belyaev. - L .: Publishing house of Leningrad State University, 1963. - 186 p.

6. Buriev I.B. History of the state and law of Tajikistan. T. 1, parts 1-2 (from ancient times to the beginning of the 20th century). - Dushanbe: Irfon, 2007. - 244 p.

7. Vasilyeva T.V. Appointment and execution of criminal punishment in the form of a fine: dis. ... Cand. of Law. - Ryazan 2004. - 211 p.

8. Dikaeva M.S. Criminal punishment in Russia and foreign countries / M.S. Dikaeva. – M.: Yurlitinform, 2017. – 216 p.

9. Duyunov V.K. Problems of criminal punishment in theory, legislation and judicial practice / V.K. Duyunov. - Kursk, 2000. - 277 p.

10. Kamolov Z.A. Correctional labor - an alternative type of criminal punishment / Measures of criminal liability not associated with isolation from society. - Dushanbe, 2005.

11. Kurts A.V. Fine as a type of criminal punishment under the legislation of Russia and foreign countries: dis. ... candidate of legal sciences / A.V. Kurts. - Yoshkar-Ola, 2001. - 203 p.

12. Mikhlin A.S. Execution of punishments not associated with imprisonment / A.S. Mikhlin // Russian Justice. - 2001. - No. 6. - P. 41-43.

13. Perikhanyan A.G. Society and Law of Iran in the Parthian and Sassanid Periods. - M.: Nauka, 1983. - 382 p.
14. Sinitskaya M.E. Restriction of Personal Property Rights as an Element of Criminal Punishment / M.E. Sinitskaya, A.L. Tsvetinovich // Problems of Improving Legislation on the Protection of Citizens' Rights in the Sphere of Combating Crime. - Yaroslavl: Publishing House of Yaroslavl University, 1984. - P. 110-129.
15. Starkov O.V., Milyukov SV. Punishment: Criminal-Law and Criminological Analysis. St. Petersburg: Legal Center Press, 2001. - 459 p.
16. Tadevosyan Z.A. The Essence of a Fine as a Punishment / Z.A. Tadevosyan. – Yerevan: Publishing house of the Academy of Sciences of the ArmSSR, 1978. – 98 p.
17. Utkina S.S. Criminal punishment in the form of a fine: author's abstract. dis. … candidate of legal sciences / S.S. Utkina. – Tomsk, 2004. – 24 p.
18. Khalikov A.G. Legal system of Zoroastrianism (ancient law). - Dushanbe: Maorif va farhang, 2005. – 482 p.

## ТАБИАТИ ҲУҚУҚИИ ҶАРИМА АЗ НИГОҲИ НАЗАРИЯИ УМУМИИ ҶАВОБГАРИИ ҲУҚУҚӢ ВА СИЁСАТИ ҲУҚУҚ ҶИНОЯТӢ

Дар мақолаи мазкур масъалаи табиати ҳуқуқии ҷарима аз нигоҳи назарияи умумии ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф, зимни таҳқиқи масъалаи мазкур андешаҳои олимони ватанию хориҷӣ ва муқаррароти қонунгузории давраи амали низоми ҳуқуқии Тоҷикистони муосирро дар ҳамбастагӣ бо сиёсати ҳуқуқӣ ва махсусан, сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ баррасӣ намудааст. Дар ин замина масъалаи ташаккул ва инкишофи ҷарима ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз ҷониби муаллиф таҳқиқ карда шудааст. Муаллиф, зимни таҳқиқот ба хулосае омадааст, ки дар давраи баррасишаванда дар баробари хусусияти инсондӯстонаро касб намудани сиёсати ҳуқуқӣ, махсусан сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ хосияти васеъшавии доираи танзими муносибатҳои ҷамъиятиро гирифта истодааст. Яъне, дар заминаи васеъ гардидани доираи муносибатҳои ҷамъиятӣ ва пайдо гардидани шаклҳои нави зоҳиршавии кирдорҳои зиддиҳуқуқӣ, қонунгузории танзимкунандаи ин муносибатҳои ҷамъиятӣ васеъ гардида истодаанд. Шакли таъсиррасонии иқтисодии ҷавобгарии ҷиноятӣ, аз он ҷумла, ҷавобгарии ҷиноятӣ дар шакли ҷарима низ усулҳои нави татбиқсозӣ ва истифодаро касб намудааст, ки дар таҳқиқоти мазкур аз ҷиҳати назариявӣ-ҳуқуқӣ баррасӣ гардидаанд.

**Калидвожаҳо:** ҷавобгарӣ, ҷарима, ҷавобгарии ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, низоми ҳуқуқӣ, сиёсати ҳуқуқӣ, сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ, низоми ҳуқуқи миллӣ, қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ.

## ПРАВОВАЯ ПРИРОДА ШТРАФА С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ ОБЩЕЙ ТЕОРИИ ЮРИДИЧЕСКОЙ ОТВЕТСТВЕННОСТИ И УГОЛОВНО-ПРАВОВОЙ ПОЛИТИКИ

В статье рассматривается вопрос о правовой природе штрафов с точки зрения общей теории юридической ответственности и уголовно-правовой политики. Автор при исследовании данного вопроса учел мнения отечественных и зарубежных ученых и законодательные положения периода функционирования правовой системы дореволюционного Таджикистана, определил формирование и развитие штрафов. Автор в ходе исследования пришел к выводу, что в рассматриваемый период на территории Таджикистана действовало имперское право, но нормы мусульманского права еще не исчезли, наоборот, они

действовали в сочетании с имперским законом и регулируемыми уголовно-правовыми отношениями, в том числе штрафами. Поэтому в этот период на территории Таджикистана действовало и большинство новых актов, принятых царской Россией о право-уголовных отношениях.

**Ключевые слова:** ответственность, штраф, уголовно-правовая ответственность, правовая система, правовая политика, уголовно-правовая политика, национальная правовая система, законность, правопорядок.

## THE LEGAL NATURE OF THE FINE IN TERMS OF THE GENERAL THEORY OF LEGAL LIABILITY AND CRIMINAL LAW POLICY

The article examines the issue of the legal nature of fines from the point of view of the general theory of legal liability and criminal law policy. When studying this issue, the author took into account the opinions of domestic and foreign scientists and the legislative provisions of the period of functioning of the legal system of pre-revolutionary Tajikistan, determined the formation and development of fines. In the course of the study, the author concluded that during the period under review, imperial law was in force on the territory of Tajikistan, but the norms of Muslim law had not yet disappeared, on the contrary, they acted in combination with imperial law and regulated criminal legal relations, including fines. Therefore, during this period, most of the new acts adopted by tsarist Russia on legal and criminal relations were in force on the territory of Tajikistan.

**Key words:** liability, fine, criminal law liability, legal system, legal policy, criminal law policy, national legal system, legality, law and order.

**Маълумот дар бораи муаллифон: Азиззода Убайдулло Абдулло** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносӣ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: (+992) 907811285. E-mail: ubaydullo_azizov@mail.ru

**Аҳадзода Аслиддин** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.

**Сведения об авторах: Азиззода Убайдулло Абдулло** – Таджикский национальный университет, доктор юридических наук, профессор, заведующий кафедрой теории и истории государства и права юридического факультета. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: (+992) 907811285. E-mail: ubaydullo_azizov@mail.ru

**Ахадзода Аслиддин** – Таджикский национальный университет, юридический факультет, соискатель кафедры прав человека и сравнительного правоведения. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17.

**Information about authors: Azizzoda Ubaydullo Abdullo** – Tajik national university, doctor of law, professor, head of the department of theory and history of state and law, faculty of law. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: (+992) 907811285. E-mail: ubaydullo_azizov@mail.ru

**Ahadzoda Asliddin –** Tajik national university, faculty of law, applicant of the department of human rights and comparative law. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue, 17.

ТДУ: 34.03

# ҶАВОБГАРИИ ҲУҚУҚӢ: МАФҲУМ, ФУНКСИЯ ВА НАМУДҲОИ ОН

**Шодизода Н.М.**
**Донишкадаи омӯзгори Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт**

Аз байн рафтани робитаҳои тарафайн миёни давлатҳои пасошуравӣ, дар солҳои барқарорсозии Ҳокимияти шӯравӣ шакл гирифта буданд, саросемагӣ ва пухтаву санҷида набудани ислоҳоте, дар ин давра гузаронида шуданд, ба таври қобили мулоҳиза боиси латма хӯрдани бунёду асосҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ дар давлатҳои пасошуравӣ гардиданд. Чунин вазъ ба таври равшан дар афзоиши ҷинояткорӣ (махсусан ҷинояткории муташаккил), нотавонии мақомоти дахлдори ҳифзи ҳуқуқ дар пешгирӣ аз раванди болоравии ҷинояту ҷинояткорӣ ва фазои номусоиди ҳуқуқии ғайримасъулонаи ҳоким дар бархе аз давлатҳои аъзои ИДМ инъикос ёфт. Дар ин робита аз ҳар замони дигар дида масъалаҳои вобаста ба таҳияву коркарди консепсияи асосноки ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва пешбинӣ гардидани он дар қонунгузорӣ ва амалисозии ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар фаъолиятҳои ҳуқуқтатбиқкунӣ ва таъмини баргаштнопазирии ҷазо барои содир намудани ҳуқуқвайронкунӣ аҳаммияти бештари актуалӣ касб мекунанд. Масъалаҳои дар боло ёдшуда на фақат дар самти фаъолиятҳои марбут ба эҷоди ҳуқуқ ва ҳуқуқтатбиқкунӣ, балки дар кори омодасозии мутахассисони оянда дар муассисаҳои таълимии ҳуқуқӣ ҳам аз лиҳози омӯзиши назарияи умумии давлат ва ҳуқуқ ва ҳам аз нигоҳи зарурати ба ҳам наздик овардани мавқеъҳои илмӣ ва равишҳои методологии таълими фанҳои соҳавии ҳуқуқӣ, нақши бисёр муҳим ва калидӣ хоҳанд дошт. Дар айни замон мақсади мо аз матраҳ намудани мавзуъи мавриди назар аз он иборат нест,ки танҳо як нуқтаи назар ва ё як мавқеъи мушаххаси илмиро дурусту дақиқ бишуморем ва нуқтаи назари шахсони дигарро нодида бигирем. Мо тарафдор ва алоқаманди он ҳастем, ки ба сифати асосу бунёд дар муқоиса бо консепсияҳои дигари алтернативии мавҷуд консепсияи ҳуқуқии  аз ҷиҳати илмӣ бештар асоснокро қабул намоем ва бо ин имкони онро фароҳам оварем, ки ин консепсияи мукаммалу дорои асосҳои комилтари ҳуқуқӣ аз назари консепсияҳои дигари монанд ба он мавриди интиқоду баррасӣ қарор бигирад. Фақат бо истифода аз чунин равиш метавон ба ташаккули самтёбии мушаххас дар кори таҳияву омодасозии мутаххасисон ноил шуд ва ин дар навбати худ имкон медиҳад тассаввури нодурусти илмӣ, ки боиси пеш омадани ноҳамоҳангӣ миёни назария ва таҷриба мегардад, рафъ гардад.

Аз нигоҳи мо таҳқиқу мутолиаи раванди дарку пазириши назариявии ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳамчун мафҳуми ҳуқуқӣ (категория) муносибати бевосита ба консепсияи аз назари илмӣ асоснок ва амалишавии он дар таҷрибаи ҳуқуқтатбиқкунӣ дорад.

Ҳамин тавр, дар таърихи адабиёти ҳуқуқӣ ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳам дар қонунгузорӣ ва ҳам дар корҳои илмӣ таҳқиқии олимону мутахассисони ҳуқуқшинос, файласуфон, мутафаккирон ба маънои васеъ ва гуногун истифода гардид. То миёнаҳои асри XX он бо сазо барои содир намудани ҳуқуқвайронкунӣ айният дода мешуд. Дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳамеша ба ҷазо баробар дониста мешуд,  аммо дар ҳуқуқи маданӣ он ба маънои ҷуброни зарар

[5; 14; 15] ва ё маҷбурсозии давлатӣ барои иҷрои уҳдадориҳо фаҳмида мешавад [18; 26]. Аз нигоҳи ҳуқуқи маъмурӣ ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба маънои пардохти ҷарима ва ғайра дониста мешавад [22, с. 115]. Ба андешаи У.А. Азиззода, ҷарима яке аз намудҳои серистифодаи ҷазо дар ҳуқуқи зардуштӣ ба ҳисоб мерафт, ки қариб барои тамоми ҳуқуқвайронкуниҳо ва ҷиноятҳо татбиқ карда мешуд [2, с. 102]. Чунин дидгоҳ ва нуктаи назар дар соҳаи назарияи ҳуқуқ дар айният ёфтани ҷавобгарӣ бо санксияҳои ҳуқуқӣ инъикос ёфтааст [21; 23]. Дар бархе аз ҳолатҳо ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба сифати маҷбурсозии давлатӣ ҷиҳати иҷрои талаботи ҳуқуқ ҳамчун на уҳдадории алоқаманд ба ҳодисаи ҳуқуқвайронкунӣ, балки ба муносибати қабули санади ҳуқуқтатбиққкунӣ муайян мегардид [16].

Дар асоси таҳқиқотҳои илмии анҷомшуда метавон гуфт, ки бо вуҷуди пажуҳишҳои суратгирифта ҳоло ҳам баҳсбарангезии як қатор масъалаҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ боқӣ мондаанд, ба таври лозим масъалаи марбут ба мазмуну муҳтавои он роҳи ҳал пайдо накардааст, принсип ва марҳалаҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба таври бояду шояд таҳқиқу баррасӣ нашудаанд. Дар оянда бояд махсусиятҳои хоси муносибатҳои ҳуқуқии марбут ба ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар соҳаҳои мухталифи ҳуқуқ, махсусан, дар робита ба мақсадҳои воҳиди ба танзим даровардани қонунгузорӣ мавриди таҳқиқу таҳлил қарор бигиранд. Дар интиҳо лозим ба таъкид аст, ки тамоми ҷанбаҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳамеша бо талаботи амалӣ алоқаманд мебошанд ва ин ҳама ниёзу талабот бояд тавассути назария пеш аз ҳама дар робита ба масъалаҳои такмилдиҳии қонунгузорӣ ва истифодаи амалӣ қонеъ гардонида шаванд. Мутаассифона, илми муосир то ҳанӯз тасвиру роҳи ҳалҳои бодалелу асоснок аз рӯи бисёр масъалаҳои вобаста ба ҷавобгарии ҳуқуқӣ пешниҳод накардааст. Бештари корҳои анҷомшуда доир ба мавзуи мавриди назари муаллиф хусусияти фрагментарӣ доранд ва наметавонанд ҳамчун таҳқиқи комилу ҳамаҷонибаи масъалаҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ муаррифӣ шаванд [30, с. 62]. Ба назар чунин мерасад, ки вуҷуди масъалаҳои назариявии дарки ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз бисёр ҷиҳат ба вуҷуд надоштан ва аз ҷиҳати меъёрӣ пешбинӣ нашудани мафҳуми умумии ҷавобгарӣ, равишҳои гуногуни қонунгузор нисбат ба муайян намудани мазмун, мақсад ва намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ вобаста мебошад. Ин дар навбати худ, гузаронидани пажуҳишҳои тозаро бо мақсади таъмини систематизатсия (мураттабгардонӣ) ва унификатсиякунонии қонунгузории соҳавӣ оид ба ҷавобгариро тақозо менамояд. Ҳалли дурусти мушкилоти марбут ба ҷавобгарии ҳуқуқӣ имкон медиҳад, ки моҳияти он ба таври амиқтар мавриди арзёбӣ қарор гирифта, дар ин самт пешниҳоду тавсияҳои бодалелу асоснок доир ба такмил додани қонунгузории соҳавӣ муайян ва мушаххас карда шаванд ва ин дар навбати худ, бидуни шубҳа ба вазъи қонуният ва ҳифзи тартиботи ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар давлатҳои аъзои ИДМ таъсири мусбати худро мегузорад.

Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ яке аз мавзуъҳои мубрам ба ҳисоб меравад. Ҷавобгарии ҳуқуқӣ функсияҳоеро дар бар мегирад, ки моҳият ва таъйиноти иҷтимоии онро ифода ва баён месозанд. Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ тавассути он мақсаде, ки ин ниҳоди ҳуқуқӣ дорад муайян ва идора карда мешаванд. Агар зери мафҳуми мақсад ояндаву ҳозира, эҳсоси қаноатмандиву ризоят аз натиҷаҳои дахлдор дар назар гирифта шавад, зери мафҳуми ҷавобгарии ҳуқуқӣ бояд он самтҳои асосие мадди назар гирифта шаванд, ки тавассути онҳо мақсадҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба даст оварда мешаванд. Ҳамчунин, тавассути ин мақсадҳо, таъйиноти ҷавобгарии ҳуқуқӣ зоҳир мегардад

[25, с. 96-124]. Мақсади ҷавобгарии ҳуқуқӣ унсури пешбарандаи ташаккули назарияи ҷавобгарии ҳуқуқӣ мебошад. Ба андешаи У.А. Азиззода мувофиқи мақсад будан ба маънои мутобиқ будани чораҳои таъсиррасонӣ бо мақсади ҷавобгарии ҳуқуқие мебошад, ки нисбат ба шахси ҳуқуқвайронкунанда ба кор бурда мешаванд [3, с. 29].

Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ самтҳои асосии таъсиргузории ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба раванди муносибатҳои ҷамъиятӣ, рафтор, маърифат ва фарҳанги ҳуқуқии шахсро ташкил медиҳанд ва тавассути ин категорияҳо моҳият, таъйинот ва мақсадҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ инъикос меёбанд. Мавзуи мавриди назар бояд гуфт, ки дар адабиёти ҳуқуқии дахлдор тавассути олимони ҷудогона ба таври мухталиф баррасиву арзёбӣ мегардад. Ва ин дар навбати худ боиси ба миён омадани дарку фаҳмишҳои мухталиф нисбат ба ниҳоди ҷавобгарии ҳуқуқӣ мегардад. Бояд қайд шавад, ки дар заминаи таҳлили масъалаҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ бештар аз ҳар чизи дигар таваҷҷуҳи моро функсияи ба истилоҳ ҳуқуқбарқароркунии ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз дидгоҳи эътироф ва ё рад намудани он ба худ ҷалб месозад. Чунин эҳтимол медиҳем, ки дидгоҳ ва нуқтаи назари олимонро дар мавриди эътироф намудан ва ё (эътироф накардани) функсияи ҳуқуқбарқароркунии ҷавобгарии ҳуқуқӣ метавон ба гурӯҳҳои зерин ҷудо намуд. Ба гурӯҳи аввал дидгоҳи он идда аз муҳаққиқонеро метавон дохил намуд, ки ба таври қатъӣ, бидуни ҳеҷ гуна шарту шароит функсияи мазкури ҷавобгарии ҳуқуқиро эътироф менамоянд. Барои мисол, Д.А. Липинский мутмаин аст, ки ҷавобгарии ҳуқуқӣ дорои нақшу функсияи танзимӣ, пешгирӣ, сазодиҳӣ, ҳуқуқбарқароркунӣ ва тарбиявӣ мебошад [19, с. 146]. Ба андешаи Д.А. Липинский ҷавобгарии ҳуқуқӣ дорои функсияи ҳуқуқбарқароркунӣ ва сазодиҳӣ мебошад [20, с. 15]. Ба андешаи Р.Ш. Шарофзода функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба функсияи сазодиҳӣ, ҳуқуқбарқароркунӣ, огоҳсозӣ, тарбиявӣ, муҳофизатӣ ва танзимӣ ҷудо мешавад [29, с. 689-690]. Н.Л. Соломеник ба ин назар аст, ки нақши ҳуқуқбарқароркунии ҷавобгарии манфӣ бо роҳи пешбинӣ гардидани меъёрҳои ҳуқуқии уҳдадории шахси ҳуқуқвайронкунанда доир ба барқарорсозии муносибатҳои ҷамъиятӣ ва муқаррар гардидани ҳуқуқу уҳдадориҳои мақомоти дахлдор оид ба маҷбурсозии шахси ҳуқуқвайронкунанда барои барқарор намудани муносибатҳои ҷамъиятӣ ва маҷбурсозии воқеии шахси ҳуқуқвайронкунанда бо мақсади барқарорсозии муносибатҳои ҷамъиятӣ амалӣ ва татбиқ мегардад [28, с. 7]. И.А. Кузмин бо дар назар гирифтани хусусияти таъсиргузорӣ ва равишҳои амалисозии ҷавобгарии ҳуқуқӣ, ба сифати функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба функсияҳои сазодиҳӣ, пешгирӣ, тарбиявӣ, ҷубронсозӣ ва ҳуқуқбарқароркунии ҷавобгарии ҳуқуқӣ ишора мекунад. Дар робита ба мавриди охир, муҳаққиқ эҳтимол медиҳад, ки он дорои хусусияти регенератсионӣ мебошад: агар содир шудани кирдори зиддиқонунӣ боиси ворид гардидани зарар ба ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии давлат, ҷомеа, шахс гардад, дар чунин ҳолат комилан мантиқист, ки барқарор намудани ҳуқуқҳои поймолшуда бояд тавассути шахси ҳуқуқвайронкунанда барқарор гардад [17, с. 90-92]. Ба назар ҷолиб аст, ки таҳлили минбаъдаи таснифоти ҷавобгарии ҳуқуқӣ, ки тавассути муаллиф пешниҳод шудааст, ба таври возеҳ нишон медиҳад, ки нақши ҳуқуқбарқароркунӣ на барои ҳамаи намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ, балки барои баъзе аз намудҳои он, аз ҷумла ҷавобгарии ҳуқуқии конститутсионӣ (бекор кардани қарор дар бораи қабул кардан ба шаҳрвандӣ), ҷавобгарии моддӣ (уҳдадории корфармо барои ҷуброни зарари расонидашуда ба молумулки корманд), ҷавобгарии маданӣ

(ҷуброни зарари расонидашудаи моддӣ), ҷавобгарии ҳуқуқӣ байналмилалӣ (реститутсия, яъне ҷуброни зарари расонидашудаи моддӣ дар шакли молумулк: воситаҳои пулӣ, маҳсулот, иҷрои корҳо, расонидани хизмат) хос аст [17, с. 108-151]. Хусусияти ҷубронсозӣ доштани ҷавобгарӣ дар он хулоса мешавад, ки имкони коҳиш додани ҷаримаи аз дараҷаи воқеии зарари расонидашуда хеле боло вуҷуд дорад [13, с. 67-68]. Ба андешаи У.А. Азиззода ва Ф.А. Бобохонов яке аз масъалаҳои баҳсталаб ин истилоҳи ҳуқуқии (ҷуброн, товон) вобаста ба масъалаи ҷавобгарӣ мебошад. Дар забони тоҷикӣ мафҳуми "компенсация" ҳамчун ҷуброн, подош, товон тарҷума шудааст [4, с. 223]. Ниҳоди ҷуброни зарари маънавӣ бошад, амалӣ гардонидани функсияҳои ахлоқию иҷтимоӣ – дахлнопазирии шахсият, яъне функсияи ҳифзи иҷтимоӣ ба шумор меравад [9, с. 55].

Ҳамин тавр, функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ самтҳои асосии таъсиргузории ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба раванди муносибатҳои ҷамъиятӣ, рафтор, маърифат ва фарҳанги ҳуқуқии шахсро ташкил медиҳанд ва тавассути ин категорияҳо моҳият, таъйинот ва мақсадҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ инъикосу ифода меёбанд. Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ тавассути он мақсаде, ин ниҳоди ҳуқуқӣ дорад муайян ва идора карда мешаванд. Агар зери мафҳуми мақсад ояндаву ҳозира, эҳсоси қаноатмандиву ризоят аз натиҷаҳои дахлдор дар назар гирифта шавад, зери мафҳуми ҷавобгарии ҳуқуқӣ бояд он самтҳои асосие мадди назар гирифта шаванд, ки тавассути онҳо мақсадҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба даст оварда мешаванд. Ҷавобгарии ҳуқуқӣ дорои функсияҳои сазодиҳӣ, пешгирӣ ва тарбиявӣ мебошад. Иштибоҳи асосии методологии тарафдорони мавҷудияти барқарорсозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз он иборат аст, ки онҳо дар аксари мавридҳо чораҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва чораҳои ҳуқуқиро яксон дониста, онҳоро бо ҳам айният медиҳанд. Ба назари мо, функсияи ҳуқуқбарқароркунии ҷавобгарии ҳуқуқӣ хосси чораҳои ҳимоятӣ маҳсуб мешавад.

Дар илми назарияи давлат ва ҳуқуқ намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ яке аз масъалаҳои баҳснок маҳсуб ёфта, чунин баҳснокӣ дар илмҳои соҳавӣ ба монанди ҳуқуқи ҷиноятӣ, маданӣ, меҳнатӣ, конститутсионӣ, молиявӣ, экологӣ, маъмурӣ ва монанди инҳо низ ба назар мерасанд. Албатта, ба ҳайси намуди мустақил эътироф намудани баъзе аз намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ хеле баҳснок ва душвор буда, тадқиқоти алоҳидаро талаб менамояд. Маврид ба тазаккур аст, ки ба таври анъанавӣ дар қонунгузорӣ ва илми ҳуқуқшиносии Ҷумҳурии Тоҷикистон, намудҳои мухталифи ҷавобгарии ҳуқуқӣ, аз ҷумла, ҷавобгарии маданӣ, ҷавобгарии ҷиноятӣ, ҷавобгарии маъмурӣ ва ҷавобгарии интизомӣ пешбинӣ мешаванд: ҳамчунин, ҷавобгарии конститутсионӣ асосу далели назариявӣ касб намудааст. Дар баробари ин, дар назария намудҳои мухталифи ҷавобгарӣ, аз ҷумла ҷавобгарии молиявӣ, экологӣ, оилавӣ ва ғайра мушоҳида мегардад. Табиист, ки дар ин робита суоле ба миён меояд ва он ин аст, ки оё барои ин ҳеҷ гуна далелу асосе вуҷуд дорад?

Бояд қайд намуд, ки омӯзиши намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои ҷомеаи муосир аҳамияти калон дорад, зеро, аввалан, он ба мо имкон медиҳад, ки моҳияти ҳар як намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳамчун институти ҳуқуқӣ ошкор карда шавад, дуюм, он вазнинии чораҳои маҷбурии давлатиро, ки барои он ҳуқуқвайронкунӣ муқаррар карда шудаанд, нишон медиҳад, сеюм, бо мақсади барқарор намудани волоияти қонун, таъмини тартиботи ҳуқуқӣ, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон дар тартиботи давлатӣ чораҳои қонунии таъсиррасониро

нисбати шахсони дорои дараҷаҳои вазнини гуногун татбиқ кардан лозим аст [27, с. 56].

Дар доираи таҳқиқоти мазкур мушкилоти намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва паҳлуҳои баҳсноки он мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода мешавад. Барои аз ҷиҳати илмӣ исбот кардани ин ё он намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳамчун унсури сохтории низоми ҷавобгарии ҳуқуқӣ на танҳо мустақилияти сифатии соҳа, балки муносибати ҳар як намуди ҷавобгарии ҳуқуқиро бо хусусиятҳои махсуси ҷавобгари ҳуқуқӣ, дар маҷмӯъ сохтори низоми ҷавобгарии ҳуқуқӣ, аз ҷумла, низоми функсионалиро нишон додан лозим аст.

Ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба сифати мафҳуми умуминазариявӣ натиҷа ва ҳосили раванди дарку маърифати илмӣ маҳсуб мешавад. Ҳуқуқи позитивӣ ҳамчун воқеияти объективӣ бо намудҳои ҷудогонаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ иртибот дорад. Дар ин хусус Н.В. Витрук қайд менамояд, ки дифференсиатсия (фардикунонӣ) раванде мебошад, ки мафҳуми баръакси интегратсияро доро буда, бо тафриқасозии ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба намудҳои ҷудогонае, ки барои онҳо қонунгузор асосҳои гуногуни пайдоиш, амал, оқибатҳои ҳуқуқии мухталифро пешбинӣ мекунад ифода меёбад ва он ба хусусияти ҳуқуқвайронкуниҳои дахлдор вобаста мебошад. Тафриқасозии гурӯҳии ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои қонунгузор ва татбиққунандагони ҳуқуқ дорои аҳаммияти илмӣ ва амалӣ мебошад [7, с. 155]. Ю.И. Абдурашитова зимни таҳқиқоти худ оид ба масъалаи мазкур чунин хулосабарорӣ намудааст: Якум, бо назардошти меъёрҳои соҳавӣ ҷавобгарии конститутсионӣ, маъмурӣ, меҳнатӣ, ҷиноятӣ, маданӣ, иҷроияи ҷиноятӣ, молиявӣ, мурофиаи граждан̄ӣ ва мурофиавии ҷиноятиро муайян намуда, онҳоро метавон намудҳои мустақили ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳисоб кард. Сониян, ҳар кадоми онҳо имкон доранд, ки ба натиҷаи мусбати мутамаркази низоми ҷавобгарии ҳуқуқӣ - таъмини сатҳи ҳуқуқвайронкуниҳо, ки ба фаъолияти беҳтарини давлати демократию ҳуқуқбунёд ва иҷтимоӣ мувофиқанд, тобеъ шаванд [1]. Аз андешаҳои мазкур бармеояд, ки намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз доираи чаҳор намудани анъанавӣ васеътар нишон дода шудааст. Аммо, мо фикр мекунем, ки ин андешаи ниҳоӣ шуда наметавонад ва андешаи дигар муҳаққиқонро дар ин хусус баррасӣ кардан лозим мебошад.

Анъана аст, ки панҷ намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҷудо карда мешавад: ҷиноятӣ, маъмурӣ, маданӣ, интизомӣ ва моддӣ. Аммо имрӯз коршиносон барои асоснок кардани дигар навъҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ: конститутсионӣ, мурофиавии ҷиноятӣ ва ғайра кӯшиш мекунанд. Дар адабиётҳои ватанӣ низ бештар дар хусуси чаҳор ва баъзан панҷ намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ: ҷиноятӣ, маданӣ, маъмурӣ, интизомӣ, конститутсионӣ меравад. Чунин намудҳо дар андешаҳои олимони ватанӣ У.А. Азиззода [2; 4; 5], Р.Ш. Шарофзода [29] ва дигарон бештар мушоҳида карда мешавад. З.Х. Зокирзода ва Ф.А. Бобохонов низ баъзе паҳлуҳои ҷавобгарии ҷиноятию маданиро мавриди таҳлил қарор додаанд [10; 11; 12; 14]. Масъалаи ҷавобгарии ҳуқуқиро оид ба зарари маънавӣ ҳамчун институти комплексӣ-ҳуқуқӣ С.М. Воробёв ва Ф.А. Бобохонов таҳлил намудаанд [8; 15]. Аз ҷумла, Р.Ш. Шарофзода ва Ш.М. Исмоилов дар назарияи давлат ва ҳуқуқ аз чаҳор намуди (ҷиноятӣ, маъмурӣ, маданӣ, интизомӣ) ёдовар шуда, аммо дар саҳифаҳои минбаъда аз ҷавобгарии молиявӣ ишора менамояд [24, с. 264, 273]. Бояд ёдовар шуд, ки чунин таснифбандӣ дар андешаҳои муҳаққиқони зиёд ба назар мерасад. Ба андешаи Е.В. Боровая, дар назарияи ҳуқуқ якчанд намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҷудо карда мешавад: ҷиноятӣ, маданӣ,

маъмурӣ, моддӣ ва интизомӣ. Масъалаҳои муайян намудани дигар намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ низ мавриди баҳс қарор доранд: мурофиавии ҷиноятӣ, конститутсионӣ ва ғайра. Дар баробари ин бояд қайд кард, ки вобаста ба худи мафҳуми ҷавобгарии ҳуқуқӣ, дарки моҳияти он то ҳол муносибати ягона таҳия карда нашудааст, ки дар иҷрои он душвориҳо ба амал меоварад [6, с. 171]. Тавре Р.Ш. Шарофзода қайд намудааст ҷавобгарии ҳуқуқӣ як намуди ҷавобгарии (масъулияти) иҷтимоӣ буда, аз ҷавобгарии (масъулияти) ахлоқӣ ва ғайра бо як қатор аломатҳояш фарқ мекунад: ҷавобгарии ҳуқуқӣ бо меъёрҳои ҳуқуқ (дар санксияҳои меъёрҳо) пешбинӣ мешавад; асоси ҷавобгарии ҳуқуқӣ – ҳуқуқвайронкунӣ мебошад; ҷавобгарии ҳуқуқиро танҳо мақомоти давлатӣ ва ашхоси мансабдори босалоҳият бо тартиби махсуси пешбиникардаи қонун истифода мебарад (суд, прокурор, роҳбари корхона ва ғайра); дар натиҷаи татбиқи чораҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳуқуқвайронкунанда ба як қатор маҳдудиятҳо дучор мешавад [24, с. 263-264].

Ҳамин тавр, аз андешаҳои боло чунин хулоса кардан мумкин аст, ки аксари олимон чаҳор намуди ҷавобгарии ҳуқуқиро (ҷиноятӣ, маданӣ, маъмурӣ ва интизомӣ) ҷудо намуда, онҳо ҳамчун намудҳои умумиэътирофшуда мавқеи худро дар илм пайдо намудаанд. Аммо, чунин андеша далели он нест, ки намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ бо ин чаҳор намуд ба анҷом мерасад. Зеро дар замони муосир муносибатҳои ҷамъиятӣ бо суръат тарақӣ карда, намудҳо ва шаклҳои нави муносибатҳои ҷамъиятию ҳуқуқӣ пайдо шуда истодаанд, ки тадқиқотҳои илмии ҷудогонаро тақозо менамоянд. Яке аз чунин гурӯҳи муносибатҳо ин намудҳои нави ҷавобгарии ҳуқуқӣ мебошанд, ки дар илм ва қонунгузории кишварҳои хориҷӣ мақоми худро дарёфтаанд.

Дар илми назарияи давлат ва ҳуқуқ намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ яке аз масъалаҳои баҳснок маҳсуб ёфта, чунин баҳснокӣ дар илмҳои соҳавӣ ба монанди ҳуқуқи ҷиноятӣ, маданӣ, меҳнатӣ, конститутсионӣ, молиявӣ, экологӣ, маъмурӣ ва монанди инҳо низ ба назар мерасанд. Албатта, ба ҳайси намуди мустақил эътироф намудани баъзе аз намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ хеле баҳснок ва душвор буда, тадқиқоти алоҳидаро талаб менамояд. Маврид ба тазаккур аст, ки ба таври анъанавӣ дар қонунгузорӣ ва илми ҳуқуқшиносии Ҷумҳурии Тоҷикистон, намудҳои мухталифи ҷавобгарии ҳуқуқӣ, аз ҷумла, ҷавобгарии маданӣ, ҷавобгарии ҷиноятӣ, ҷавобгарии маъмурӣ ва ҷавобгарии интизомӣ пешбинӣ мешаванд: ҳамчунин, ҷавобгарии конститутсионӣ асосу далели назариявӣ касб намудааст. Дар баробари ин, дар назария намудҳои мухталифи ҷавобгарӣ, аз ҷумла ҷавобгарии молиявӣ, экологӣ, оилавӣ ва ғайра мушоҳида мегардад.

**Муқарриз: Бобохонов Ф.А. – н.и.ҳ., дотсенти ДОТ дар н. Рашт**

**Адабиёт:**

1. Абдрашитова Ю.И. Виды юридической ответственности // Научно-практический электронный журнал Аллея Науки. 2018. №7(23). Alley-science.ru

2. Азизов, У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование: дис. … д-ра юрид. наук: 12.00.01 / Азизов Убайдулло Абдуллоевич. – Душанбе, 2015. – 414 с.

3. Азиззода У.А. Шодизода, Н.М. Принсипҳои умумӣ-ҳуқуқии ҷазои ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2022. – №1 (37). – С. 22-34.

4. Азиззода У.А., Бобохонов Ф.А. Тарзҳои ҳифзи ҳуқуқи инсон аз зарари маънавӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. – №2. – С. 223.

5. Азиззода У.А., Бобохонов Ф.А. Ҳифзи ҳуқуқи инсон аз зарари маънавӣ дар низоми ҳуқуқи зардуштӣ // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2021. – № 1. – С. 21–37.

6. Боровая Е.В. Дисциплинарная ответственность как особый вид юридической ответственности / Е. В. Боровая // Вестник Академии МВД Республики Беларусь. – 2018. – № 2(36). – С. 171-174.

7. Витрук Н.В. Общая теория юридической ответственности. 2-е изд., испр. и доп. – М.: Норма: ИНФРА-М, 2017. – 432 с.

8. Воробёв С.М., Бобохонов Ф.А. Ҳифзи ҳуқуқи инсон аз зарари маънавӣ ҳамчун институти комплексӣ-ҳуқуқӣ (байнисоҳавӣ) // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. – № 6. – С. 209-213.

9. Дурнаикин Д.Г. Теоретико-правовые основы защиты личных неимущественных прав Российских граждан: дис. ...канд. юрид. наук: 12.00.03 / Д.Г. Дурнаикин – М., 2008. – 218 с.

10. Зокирзода З.Х. Криминализация и декриминализация клеветы в уголовном законодательстве Республики Таджикистан / З.Х. Зокирзода, Ф.А. Бобохонов // Правовая позиция. – 2021. – № 9(21). – С. 15-25.

11. Зокирзода З.Х., Бобохонов Ф.А. Проблемаҳои мубрами ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: монография: нашри аввал. – Душанбе, 2022. – 185 с.

12. Зокирзода З.Х., Бобохонов Ф.А. Ҳифзи ҳуқуқи инсон аз зарари маънавӣ дар муносибатҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. – № 4. – С. 220-228.

13. Зокирзода З.Х., Ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми якум. Воситаи таълимӣ: нашри аввал. – Душанбе, 2022. – 152 с.

14. Зокирзода З.Х. Защита прав человека от морального вреда в уголовном законодательстве Таджикской ССР / З.Х. Зокирзода, Ф. А. Бобохонов // консолидация интеллектуальных ресурсов как фактор развития современных исследований: сборник статей II Международной научно-практической конференции, Петрозаводск, 24 февраля 2022 года. – Петрозаводск: Международный центр научного партнерства «Новая Наука» (ИП Ивановская И.И.), 2022. – С. 36-42.

15. Инновационное развитие науки: фундаментальные и прикладные проблемы: монография. – Петрозаводск: МЦНП «Новая наука», 2022. – 488 с.

16. Колосова И.М. Конституционная ответственность в Российской Федерации: Ответственность органов государственной власти и иных субъектов права за нарушение конституционного законодательства Российской Федерации. – М.: Городец, 2000. – 192 с.

17. Кузьмин И.А. Юридическая ответственность и ее реализация / И.А. Кузьмин. – Иркутск, 2013. – С. 90-92.

18. Куканов А.З. Мафҳум ва таснифи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2019. – №3(27). – С. 44–48.

19. Липинский Д.А. Функции права и функции юридической ответственности // Правоведение. – 2004. – №3. – С. 146.

20. Липинский Д.А., Бессолицын А.Г. О разграничении мер защиты и мер юридической ответственности // Современное право. – 2013. – №4. – С. 15.

21. Липинский Д.А., Мусаткина А.А. Лекция: юридическая ответственность, санкции и меры защиты // Вестник Орловского государственного университета. Серия: Новые гуманитарные исследования. – 2010. – № 4. – С. 55–62.

22. Максимов И.В. Административная наказания: дис. ... канд. юрид. наук. – Саратов, 1995. – С. 115.

23. Мусаткина А.А. Признаки финансово-правовых санкций // Финансовое право. – 2004. – № 1. – С. 25–28.

24. Назарияи ҳуқуқ ва давлат: Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни соҳаи ҳуқуқ ва иқтисод / Исмоилов Ш.М., Сотиволдиев Р.Ш. – Душанбе: Деваштич, 2008. – 295 с.

25. Самощенко И.С., Фарукшин М.Х. Ответственность по советскому законодательству. – М., 1971. – С. 96-124.

26. Сативалдыев Р.Ш. Актуализация проблемы функций государства на современном этапе // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2016. – № 2/7(213). – С. 213–223.

27. Серков П.П. О понятии юридической ответственности // Журнал российского права. – 2014. – № 16. – С. 56.

28. Соломенник Н.Л. Восстановительная функция юридической ответственности / Н.Л. Соломенник. – Казань, 2007. – С. 7.

29. Сотиволдиев, Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ: китоби дарсӣ барои макотиби олӣ / Р.Ш. Сотиволдиев. – Душанбе: Сино, 2018. – 784 с.

30. Шарипов Т.Ш., Азимов Н.Б, Камолов З.А, Насриддинов М.Н. Ҳуқуқи ҷиноятӣ. Қисми умумӣ: курси лексияҳо. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2011. – С. 62.

**Literature:**

1. Abdrashitova Yu.I. Types of legal liability // Scientific and practical electronic journal Alley of Science. 2018. No. 7 (23). Alley-science.ru

2. Azizov, U.A. Evolution of the institutions of crime and punishment on the territory of historical and modern Tajikistan: historical and legal research: dis. ... Doctor of Law: 12.00.01 / Azizov Ubaidullo Abdulloevich. - Dushanbe, 2015. - 414 p.

3. Azizzoda U.A. Shodizoda, N.M. General legal principles of criminal punishment as a type of legal liability // Legal life. – 2022. – №1 (37). – P. 22-34.

4. Azizzoda U.A., Bobokhonov F.A. Ways to protect human rights from moral harm // Message of the National University of Tajikistan / Department of Socio-Economic and Public Sciences. – 2021. – №2. – P. 223.

5. Azizzoda U.A., Bobokhonov F.A. Protection of human rights from moral harm in the Zoroastrian legal system // State Studies and Human Rights. – 2021. – № 1. – P. 21–37.

6. Borovaya E.V. Disciplinary liability as a special type of legal liability / E.V. Borovaya // Bulletin of the Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Belarus. - 2018. - No. 2 (36). - P. 171-174.

7. Vitruk N.V. General theory of legal liability. 2nd ed., corrected. and add. - M .: Norma: INFRA-M, 2017 .-- 432 p.

8. Vorobyov S.M., Bobokhonov F.A. Protection of human rights from moral harm as a complex-legal (interdisciplinary) institution // Bulletin of the Tajik National

University / Department of Socio-Economic and Social Sciences. – 2022. – No. 6. – P. 209-213.
9. Durnaikin D.G. Theoretical and legal foundations for the protection of personal non-property rights of Russian citizens: dis. ... candidate of legal sciences: 12.00.03 / D.G. Durnaikin - M., 2008. - 218 p.
10. Zokirzoda Z.Kh. Criminalization and decriminalization of slander in the criminal legislation of the Republic of Tajikistan / Z.Kh. Zokirzoda, F.A. Bobokhonov // Legal position. - 2021. - No. 9 (21). - P. 15-25.
11. Zokirzoda Z.Kh., Bobokhonov F.A. Current problems of criminal law of the Republic of Tajikistan: monograph: first edition. – Dushanbe, 2022. – 185 p.
12. Zokirzoda Z.Kh., Bobokhonov F.A. Protection of human rights from moral harm in criminal law relations // Bulletin of the Tajik National University / Department of Socio-Economic and Social Sciences. – 2021. – No. 4. – P. 220-228.
13. Zokirzoda Z.Kh., Civil Law of the Republic of Tajikistan. Part one. Educational tool: first edition. – Dushanbe, 2022. – 152 p.
14. Zokirzoda Z.Kh. Protection of human rights from moral harm in the criminal legislation of the Tajik SSR / Z.Kh. Zokirzoda, F.A. Bobokhonov // consolidation of intellectual resources as a factor in the development of modern research: collection of articles of the II International Scientific and Practical Conference, Petrozavodsk, February 24, 2022. - Petrozavodsk: International Center for Scientific Partnership "New Science" (IP Ivanovskaya I.I.), 2022. - P. 36-42.
15. Innovative development of science: fundamental and applied problems: monograph. - Petrozavodsk: MCNP "New Science", 2022. - 488 p.
16. Kolosova I.M. Constitutional responsibility in the Russian Federation: Responsibility of government bodies and other legal entities for violation of the constitutional legislation of the Russian Federation. – M.: Gorodets, 2000. – 192 p.
17. Kuzmin I.A. Legal liability and its implementation / I.A. Kuzmin. – Irkutsk, 2013. – P. 90-92.
18. Kukanov A.Z. The concept and classification of functions of legal responsibility // Legal Life. – 2019. – No. 3(27). – P. 44–48.
19. Lipinsky D.A. Functions of law and functions of legal liability // Jurisprudence. - 2004. - №3. - P. 146.
20. Lipinsky D.A., Bessolitsyn A.G. On the distinction between protective measures and legal liability measures // Modern law. - 2013. - №4. - P. 15.
21. Lipinsky D.A., Musatkina A.A. Lecture: legal liability, sanctions and protective measures // Bulletin of the Oryol State University. Series: New humanitarian studies. - 2010. - № 4. - P. 55-62.
22. Maksimov I.V. Administrative punishment: dis. ... Cand. of Law. Sciences. - Saratov, 1995. - P. 115.
23. Musatkina A.A. Signs of financial and legal sanctions // Financial law. - 2004. - No. 1. - P. 25-28.
24. Theory of Law and State: Textbook for Students of Law and Economics / Ismoilov Sh.M., Sotivoldiev R.Sh. – Dushanbe: Devashtich, 2008. – 295 p.
25. Samoshchenko I.S., Farukshin M.Kh. Responsibility under Soviet legislation. - M., 1971. - P. 96-124.
26. Sativaldyev R.Sh. Actualization of the problem of state functions at the present stage // Bulletin of the Tajik National University. Series of socio-economic and social sciences. - 2016. - No. 2/7 (213). - P. 213-223.
27. Serkov P.P. On the concept of legal liability // Journal of Russian Law. - 2014. - No. 16. - P. 56.

28. Solomennik N.L. Restorative function of legal liability / N.L. Solomennik. - Kazan, 2007. - P. 7.

29. Sotivoldiev, R.Sh. Theory of state and law: a textbook for higher education institutions / R.Sh. Sotivoldiev. – Dushanbe: Sino, 2018. – 784 p.

30. Sharipov T.Sh., Azimov N.B., Kamolov Z.A., Nasriddinov M.N. Criminal law. General part: course of lectures. – Dushanbe: Education and Culture, 2011. – P. 62.

## ҶАВОБГАРИИ ҲУҚУҚӢ: МАФҲУМ, ФУНКСИЯ ВА НАМУДҲОИ ОН

Дар мақолаи мазкур мафҳум, функсия ва намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф, андешаҳои олимони ватанию хориҷиро баррасӣ намуда, оид ба мафҳум, функсия ва намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ хулосаҳои асоснок пешниҳод намудааст. Зимни таҳқиқот муаллиф хулоса намудааст, ки дар илми назарияи давлат ва ҳуқуқ намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ яке аз масъалаҳои баҳснок маҳсуб ёфта, чунин баҳснокӣ дар илмҳои соҳавӣ ба монанди ҳуқуқи ҷиноятӣ, маданӣ, меҳнатӣ, конститутсионӣ, молиявӣ, экологӣ, маъмурӣ ва монанди инҳо низ ба назар мерасанд. Албатта, ба ҳайси намуди мустақил эътироф намудани баъзе аз намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ хеле баҳснок ва душвор буда, тадқиқоти алоҳидаро талаб менамояд. Маврид ба тазаккур аст, ки ба таври анъанавӣ дар қонунгузорӣ ва илми ҳуқуқшиносии Ҷумҳурии Тоҷикистон, намудҳои мухталифи ҷавобгарии ҳуқуқӣ, аз ҷумла, ҷавобгарии маданӣ, ҷавобгарии ҷиноятӣ, ҷавобгарии маъмурӣ ва ҷавобгарии интизомӣ пешбинӣ мешаванд: ҳамчунин, ҷавобгарии конститутсионӣ асосу далели назариявӣ касб намудааст. Дар баробари ин, дар назария намудҳои мухталифи ҷавобгарӣ, аз ҷумла ҷавобгарии молиявӣ, экологӣ, оилавӣ ва ғайра мушоҳида мегардад.

**Калидвожаҳо:** ҷавобгарӣ, ҳуқуқӣ, мафҳум, функсия, намудҳо, ҷавобгарии ҷиноятӣ, ҷавобгарии маданӣ, ҷавобгарии маъмурӣ, ҷавобгарии интизомӣ.

## ЮРИДИЧЕСКАЯ ОТВЕТСТВЕННОСТЬ: ЕЕ ПОНЯТИЕ, ФУНКЦИЯ И ВИДЫ

В статье анализируются и рассматриваются понятие, функции и виды юридической ответственности. Автор проанализировал мнения отечественных и зарубежных ученых и представил обоснованные выводы относительно понятия, функций и видов юридической ответственности. В ходе исследования автор пришел к выводу, что в науке теории государства и права виды юридической ответственности считаются одним из дискуссионных вопросов, причем подобные споры наблюдаются и в таких отраслевых науках, как уголовное, гражданское, трудовое, конституционное, финансовое, экологическое, административное право и тому подобное. Конечно, признание некоторых видов юридической ответственности в качестве самостоятельных видов весьма спорно и сложно и требует отдельного исследования. Следует отметить, что традиционно в законодательстве и судебной практике Республики Таджикистан предусмотрены различные виды юридической ответственности, в том числе гражданско-правовая ответственность, уголовная ответственность, административная ответственность, дисциплинарная ответственность; конституционная ответственность также приобрела теоретическую основу и обоснование. При

этом в теории рассматриваются различные виды ответственности, в том числе финансовая, экологическая, семейная и другие.

**Ключевые слова:** ответственность, правовая, понятие, функция, виды, уголовная ответственность, гражданско-правовая ответственность, административная ответственность, дисциплинарная ответственность.

## LEGAL LIABILITY: ITS CONCEPT, FUNCTION AND TYPES

The article analyzes and considers the concept, functions and types of legal liability. The author analyzed the opinions of domestic and foreign scientists and presented substantiated conclusions regarding the concept, functions and types of legal liability. During the study, the author came to the conclusion that in the science of the theory of state and law, types of legal liability are considered one of the debatable issues, and similar disputes are observed in such industry sciences as criminal, civil, labor, constitutional, financial, environmental, administrative law and the like. Of course, the recognition of some types of legal liability as independent types is very controversial and difficult and requires a separate study. It should be noted that traditionally, the legislation and judicial practice of the Republic of Tajikistan provides for various types of legal liability, including civil liability, criminal liability, administrative liability, disciplinary liability; constitutional liability has also acquired a theoretical basis and justification. In this case, the theory considers various types of responsibility, including financial, environmental, family and others.

**Key words:** responsibility, legal, concept, function, types, criminal liability, civil liability, administrative liability, disciplinary liability.

**Маълумот дар бораи муаллиф: Шодизода Наҷибулло Маҳмадризо** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, факултети таърих ва ҳуқуқ, муаллими калони кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатӣ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к. Э. Муҳиддин-63. Телефон: (+992) 988479647. E-mail: shodizoda9595@mail.ru

**Сведения об автор: Шодизода Наджибулло Махмадризо** – Таджикский педагогический институт в Раштском районе, факультет истории и права, старший преподаватель кафедры права и государственного управления. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Гарм, ул. Э. Мухиддин-63. Телефон: (+992) 988479647. E-mail: shodizoda9595@mail.ru

**Information about author: Shodizoda Najibullo Mahmadrizo** – Tajik pedagogical institute in Rasht district, Faculty of History and Law, Senior Lecturer of the Department of Law and Public Administration. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Garm, E. Mukhiddin-63 Street. Phone: (+992) 988479647. E-mail: shodizoda9595@mail.ru

ТДУ: 340.147

# МАФҲУМИ АҲДИ ИҚТИСОДИ ХОРИҶӢ

**Давлатзода Н.М.**
**Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт**

Дар қонунгузории давлатҳои хориҷӣ истилоҳи аҳди иқтисоди хориҷӣ истифода нашуда, ба ҷои он истилоҳи гуногун ба монанди «фаъолияти иқтисоди хориҷӣ», «фаъолияти савдои хориҷӣ» «муомилоти иқтисоди хориҷӣ» ва «муомилоти савдои хориҷӣ» истифода шудааст.

Мафҳуми аҳди иқтисоди хориҷӣ то имрӯз дар қонунгузории ҶТ низ танзими ҳуқуқии хешро наёфтааст. Танҳо дар КМ ҶТ моддаи 1325 оварда шудааст, ки «аҳди иқтисоди хориҷӣ, ки яке аз иштирокдорони он шахси ҳуқуқии ҶТ ё шаҳрванди ҶТ мебошад, сарфи назар аз маҳалли бастани аҳд, дар шакли хаттӣ ба анҷом расонда мешавад» [12]. Ин меъёрои қонунгузорӣ мафҳуми аҳди иқтисоди хориҷиро ифода намекунад. Аз нигоҳи мазмун тафовут байни категорияи шартномаи хариду фурӯши байналмилалии мол ва аҳди иқтисоди хориҷӣ чунин аст:

А) Фаҳмиши аҳди иқтисоди хориҷӣ аз нигоми мазмун васеътар аст;

Б) Шартномаи хариду фурӯши байналмилалии мол танҳо яке аз намудҳои аҳди иқтисоди хориҷӣ ба ҳисоб меравад;

В) Аҳди иқтисоди хориҷӣ ба намудҳои гуногун ҷудо мешавад;

Г) Истилои аҳди иқтисоди хориҷӣ дар қонунгузории давлатҳои хориҷӣ фаъолияти савдои хориҷӣ, фаъолияти иқтисоди хориҷӣ низ оварда шудааст. Гарчанде фаҳмиши аҳди иқтисоди хориҷӣ васеъ бошад ҳам, мафҳуми он дар қонунгузории давлатҳои хориҷӣ ва санадҳои байналмилалӣ якранг нест.

Дар давлатҳои хориҷӣ фаҳмиши истилоҳи «аҳди иқтисоди хориҷӣ» гуногун аст. Дар қонунгузории Ҷумҳурии Қазоқистон савдои хориҷӣ (фаъолият) бо содирот аз Ҷумҳурии Қазоқистон ва ё воридоти мол ба Ҷумҳурии Қазоқистон алоқаманд аст. Дар Қонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар бораи фаъолияти иқтисоди хориҷӣ» ба ҷуз аз истилоҳи «фаъолияти иқтисоди хориҷӣ» истилоҳи «фаъолияти савдои хориҷӣ» низ истифода шудааст ва дар Кодекси граждании Ҷумҳурии Ӯзбекистон танҳо амалиёти иқтисоди хориҷӣ қайд шудааст. Дар ин ҷо фаъолияти иқтисоди хориҷӣ фаъолияти шахсони ҳуқуқӣ ва воқеиро дар назар дорад, ки ба муқаррар намудан ва инкишоф додани муносибатҳои иқтисодии ба ҳамдигар фоиданок бо шахсони ҳуқуқӣ ва воқеии давлатҳои хориҷӣ, инчунин ташкилотҳои байналмилалӣ нигаронида шудааст. Дар қонуни Ӯзбекистон фаъолияти тиҷорати хориҷӣ ҳамчун фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи мубодилаи байналмилалии мол фаҳмида мешавад. Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон истилоҳи «фаъолияти савдои хориҷӣ», Ҷумҳурии Беларус истилои «танзими давлатии фаъолияти савдои хориҷӣ», Федератсияи Россия «асосҳои танзими давлатии фаъолияти савдои хориҷӣ» истифода шудааст. Аммо мазмуни меъёрҳои қонунгузории давлатҳои мазкур танҳо муносибатҳои ҳуқуқии марбут ба савдои молро танзим мекунанд.

Зимнан, таҳлили баъзе санадҳои қонунгузории ин кишварҳо имкон медиҳад, ки хусусиятҳоеро, ки қонунгузор бо чунин муомила алоқаманд аст, муайян намуда, хулоса баровард, ки инҳо муомилоте мебошанд, ки фаъолияти

иқтисоди хориҷӣ ва (ё) савдои хориҷиро миёнаравӣ мекунанд. Тавассути мафҳуми фаъолияти иқтисодӣ ва савдои берунӣ қонунгузор кушиш менамояд, ки мафҳуми амалиёти иқтисодӣ ва савдои беруниро ошкор намояд, зеро ҳар як фаъолият тавассути қонунҳо ба расмият даровaрда мешавад.

Фаъолияти иқтисодӣ аз солаҳи 80-уми асри 20 пайдоишаш дар қонунгузории миллӣ ба таври васеъ роҳандозӣ нашуда, танҳо баъд аз соҳиб шудан ба истиқлолияти давлатӣ ҶТ тавонист қонунгузори хешро дар ин самт такмил диҳад. Дар қонунгузории миллӣ истилоҳи фаъолияти савдои хориҷӣ дар шакли зайл оварда шудааст - ҳама намуди фаъолияти марбут ба интиқоли мол, дигар молу мулки моддӣ, ҳуқуқҳо ё хизматрасонӣ, ки байни ҶТ ва кишварҳои дигар ё дар қаламрави берун аз ҳудуди ҶТ сурат мегирад [15] фаҳмида мешавад. Аз ин хулоса баровардан мумкин аст, ки фаъолияти савдои хориҷӣ муомилотест, ки ба фаъолияти соҳибкорие, ки аз ҳудуди як давлат берун мебароянд, миёнарав буда, пеш аз ҳама зарурати мол, хизматрасонӣ ва корҳоро барои убури сарҳади давлатӣ дар назар дорад. Фаъолияти савдои хориҷӣ соҳаи ниҳоят муҳимми иқтисодиёти ҳар як давлат ба ҳисоб рафта, инкишофи он бо ҳалли бисёр проблемаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ алоқаманд аст, ки зарурати такмили минбаъдаи қонунгузории миллиро дар ин самт тақозо мекунад.

Сарфи назар аз он, ки муомилоти иқтисоди хориҷӣ ва муомилоти савдои хориҷӣ асосан мафҳумҳои якхелаанд, бо вуҷуди ин, онҳоро бояд фарқ кард, зеро на ҳар як муомилоти иқтисоди хориҷӣ муомилоти тиҷоратӣ мебошад. Т.Н. Нешатаева қайд мекнуад, ки «таъмини мол ба давлати дигар ва аз нав фурӯши он дар ин кишвар ба шахсони сеюм ҳамчун муомилоти байналмилалӣ эътироф карда намешавад [20, с. 24-34]. Аз ин хулоса баровардан мумкин аст, ки на хар як муомилоти савдои берунӣ мақсади ба даст овардани фоидаро пеш мегирад. Равшан аст, ки дар ин бобат на дар бораи муомилоти савдои берунӣ, балки дар бораи муомилоти иқтисоди берунӣ сухан рондан дурусттар аст. Зеро ҳама гуна фаъолияти тиҷоратӣ синоними мафҳуми фаъолияти соҳибкорӣ мебошад. Алоқамандии байни фаъолият ва муомилот боз ҳам аёнтар аст, вале дар айни замон, мисли пештара, ифшо нашудааст, ки мафҳуми «амалиёти соҳаи савдои хориҷӣ» чӣ бояд дарк шавад [3, с. 3]. Бо дарназардошти он, ки истилоҳи муомилоти иқтисодии хориҷӣ бештар дар муносибатҳои байни давлатҳо вомехӯрад (Созишнома дар бораи тартиби ягонаи назорати содиротии кишварҳои узви ЕврАзЭС аз 28 октябри соли 2003, Созишномаи байниҳукуматӣ дар бораи транзити молҳои интиқолшаванда байни гумруки Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Беларус аз 29.06.2007, Созишнома байни Ҷумҳурии Қазоқистон ва Федератсияи Россия транзити нафт аз 7 июни соли 2002 ва ғайра), чунин мафҳумро додан мумкин аст: муомилоти иқтисоди хориҷӣ муомилоти соҳаи муносибатҳои байналхалқии иқтисодиест, ки дар он унсури хориҷӣ мавҷуд буда, мақсадаш ба даст овардани фоида нест.

Дар қонунгузории кишварҳои узви ЕврАзЭС ба ҷои «тиҷорати хориҷӣ» истифода шудани калимаи «иқтисоди хориҷӣ» аз он шаҳодат медиҳад, ки дар шароити муосир муносибатҳои иқтисодии байналмилалиро танҳо ба савдои хориҷӣ маҳдуд кардан мумкин нест.

Дар илми ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, сарфи назар аз таърихи чандинасраи худ, таърифи ягонаи мафҳуми «шартномаи тиҷорати байналмилалӣ» ё «муомилоти иқтисоди хориҷӣ» ташаккул наёфтааст. Дар ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ масъалаи мазкур дар асоси санадҳои ҳуқуқии зерин

танзим шудааст [7, с. 139-147]. Қадами аввалин дар самти фаҳмиши якхелаи муомилоти иқтисоди хориҷӣ Конвенсияи Гаага аз соли 1955 «Дар бораи ҳуқуқе, ки ба фурӯши байналхалқии мол дахл дорад» буд. Дар конвенсияи мазкур мафҳуми ягонаи муомилоти иқтисоди хориҷӣ пешниҳод нашудааст. Аҳаммияти он дар сатҳи байнидавлатӣ эътирофи факти мавҷудияти хариду фурӯши байналмилалии мол мебошад. (моддаи 1).

Қадами дуюмро дар ин самт метавон қабули ду Конвенсияи Гаагаи UNIDROIT аз соли 1964 арзёбӣ кард: Дар бораи қонуни ягона дар бораи фурӯши байналмилалии мол ва Қонуни ягона дар бораи бастани шартномаҳо оид ба фурӯши байналмилалии мол. Конвенсияҳои Гаагаи соли 1964 ба таври васеъ истифода намешаванд. Зеро, таърифи муомилоти байналмилалӣ дар ин конвенсияҳо ба таври хеле маҳдуд дода шудааст.

Муҳимтарин қадамҳоро дар самти ягонакунии танзими ҳуқуқии шартномаҳои тиҷоратии байналмилалӣ Конвенсия дар бораи муҳлати маҳдуд кардани фурӯши байналмилалии мол аз соли 1974 (бо Протоколи соли 1980) ва Конвенсияи Вена аз соли 1980 дар бораи шартномаи хариду фурӯши байналмилалии мол донистан мумкин аст. Ҳамин тариқ, банди «а»-и моддаи 2 Конвенсияи соли 1974 (бо Протоколи соли 1980) гуфта мешавад: «Шартномаи фурӯши байналмилалӣ мол ҳисобида мешавад, ки дар вақти бастани шартнома корхонаҳои тиҷоратии харидор ва фурӯшанда дар давлатҳои гуногун ҷойгиранд...» [24, с. 20]. Аломати ҷойгиршавии корхонаҳои тиҷоратӣ дар давлатҳои гуногун барои муайян кардани муомилоти тиҷоратӣ ҳамчун байналмилалӣ ҳам дар қонунгузории миллӣ ва ҳам дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ҳатмист. Дар ин маврид қонуни шахсии тарафҳои муомила – шаҳрвандӣ ё миллати онҳо аҳаммият надорад.

Соли 1991 дар қонунгузории ИҶШС ба ҷои истилоҳи «муомилоти савдои берунӣ» истилоҳи «муомилоти иқтисоди хориҷӣ» пайдо шуд. Худи факти пайдо шудани истилоҳи «муомилоти иқтисоди хориҷӣ» табиист. Ба васеъ гардидани доираи муносибатҳои байналмилалӣ намудҳои нави алоқаҳои байналмилалӣ ба вуҷуд омадаанд, ки бо муомилоти гуногун на танҳо бо тиҷорат миёнаравӣ мекунанд. Дар баробари ин, худи мафҳуми «муомилоти иқтисоди хориҷӣ» асоснок дақиқ карда нашудааст.

Инкишофи минбаъдаи институти ҳуқуқии муомилоти иқтисоди хориҷӣ бо қабули санадҳои махсуси қонунгузорӣ, ки қоидаҳои муносибатҳои иқтисоди хориҷиро танзим мекунанд, алоқаманд аст. Ба мисоли Қонуни федералии Федератсияи Россия «Дар бораи танзими давлатии фаъолияти савдои хориҷӣ» аз 13 октябри соли 1995 № 164-ФЗ, Қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон «Дар бораи танзими давлатии фаъолияти савдои хориҷӣ» аз 13 октябри соли 1995, № 164-ФЗ, Қонуни Ҷумҳурии Қирғизистон «Дар бораи танзими давлатии фаъолияти савдои хориҷӣ» 2 июли соли 1997 № 41, Қонуни Ҷумҳурии Беларус «Дар бораи танзими давлатии фаъолияти савдои хориҷӣ» аз 29 декабри соли 1998. № 223, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 сентябри соли 1999 «Дар бораи танзими давлатии фаъолияти тиҷоратии хориҷӣ», ки аз 16.04.2017 қонуни мазкур чунин номро гирифт Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти савдои хориҷӣ» ва ғ. Аммо сарфи назар аз ин, метавон гуфт, ки то охири асри 20 санади муҳим оид ба мавзуҳои мавриди омӯзиш асосҳои қонунгузории граждании соли 1991 боқӣ мондааст.

Фаъолияти савдои хориҷӣ ҷузъи фаъолияти иқтисоди хориҷӣ мебошад, аммо қонунгузорӣ ва доктринаи ҳуқуқии аксари кишварҳои болозикр фаъолияти

иқтисоди хориҷиро бо савдои хориҷӣ баробар мекунанд. Дар баробари ин, чунин ба назар мерасад, ки фаъолияти иқтисоди хориҷӣ падидаи васеътар аст, ки онро танҳо ба савдои хориҷӣ маҳдуд кардан мумкин нест. Мафҳуми «муомилоти иқтисоди хориҷӣ», ба монанди муомилоти умумӣ, коллективӣ аст. Ба ин категория на танҳо навъҳои муайяни шартномаҳо, аз қабили хариду фурӯши байналмилалӣ, боркашонии байналмилалӣ ва ғайра, балки муомилоти яктарафа, масалан, ваколатнома низ дохил мешавад. Дар баробари ин, тафовути байни муомила ва созишнома дар фаҳмиши қонунгузории давлатҳои Авруосиё мавҷуд аст: муомила, пеш аз ҳама, ҳамчун амал эътироф карда мешавад ва созишнома ҳамчун созиши ду ё зиёда аз шахсон фаҳмида мешавад. Мутобиқи Кодекси граждании давлатҳои ЕврАзЭС, «муомила метавонанд дуҷониба ё бисёрҷониба ва (созишнома) якҷониба бошанд». Азбаски муомилоти савдои хориҷӣ одатан дуҷониба аст, дар савдои хориҷӣ баробарӣ аксар вақт байни муомила ва созишнома сурат мегирад.  Аммо, чунон ки И. Зикин, дар амал ҳангоми истифодаи истилоҳи «муомилот» нисбат ба муносибатҳои соҳаи иқтисоди хориҷӣ, пеш аз ҳама, аҳднома, шартномаро дар назар дорад [11, с. 5].

Аз соли 1991 дар қонунгузории ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ ба ҷои истилоҳи «муомилоти савдои хориҷӣ» истилоҳи «муомилоти иқтисоди хориҷӣ» оварда шуд. Ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки олимон ба истилоҳи муомилоти иқтисоди хориҷӣ хеле пеш аз пайдо шудани он дар санадҳои ҳуқуқӣ ишора кардаанд.

Муомилоти савдои хориҷӣ як намуди муомилоти иқтисоди хориҷӣ мебошад. Онҳо ҳамчун амалиёти тиҷорати хориҷӣ тасниф мешаванд, ки мундариҷаи онҳо амалиёт оид ба содирот ва воридоти мол, хизматрасонӣ ва натиҷаи фаъолияти эҷодӣ мебошанд.

Дар солҳои 80-ум Б. Поздняков муомилоти тиҷорати хориҷии шарикони ИҶШС ва намояндагони хориҷии онҳоро ҳамчун амале муайян кард, ки мақсад аз он муқаррар кардан, тағйир додан ё қатъ намудани ҳуқуқу уҳдадориҳои содирот ё воридоти мол, хизмат ва натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ, инчунин ҳуқуқҳои гражданӣ бо ҳуқуқу уҳдадориҳои характери ташкилӣ доштани савдои хориҷӣ зич алоқаманд мебошад» [22, с. 62].

Аз солҳои 90-ум то имрӯз И. Зикин [10, с. 72], В.П. Звеков [9, с. 278], Г. Дмитриева [18, с. 341-342], Л.П. Ануфриева [1, с.188-192] ва як қатор муаллифон ҷойгиршавии корхонаҳои тиҷоратии тарафҳоро дар давлатҳои гуногун барои тасниф кардани муомилот ҳамчун муомилоти иқтисоди хориҷӣ асос мегиранд. Пас, ба гуфтаи И. Зикин, ба шартномаҳои иқтисодии хориҷӣ «шартномаҳое дохил мешаванд, ки дар рафти фаъолияти соҳибкорӣ байни шахсоне баста мешаванд, ки корхонаҳои тиҷоратиашон дар давлатҳои гуногун воқеъ гардидаанд» [10, с. 72]. Ба андешаи М.Г. Розенберг, барои муайян кардани хусусияти байналхалқии (тиҷорати хориҷӣ) шартнома, меъёри ҳатмӣ ин ҷойгиршавии корхонаҳои тиҷоратии тарафҳои шартнома дар давлатҳои гуногун аст [17, с. 33-35].  Ҳақ ба ҷониби М.Г. Розенберг аст, ки маҳз ҷойгиршавии корхонаҳои тиҷоратии тарафҳои шартнома дар давлатҳои алоҳида хусусияти байналмилалиро ба ин шакли шартнома медиҳад.

О.Н. Содиқов ду хусусияти умумии муомилоти савдои беруниро муайян мекунад. «Аввал, яке аз тарафҳои он дар давлати дигар воқеъ аст ва аз ин рӯ, дар аксар мавридҳо хориҷӣ мебошад... Сонияи, предмети чунин муомилот амалиёти савдои хориҷӣ мебошад...» [16, с. 131].  Аз ин хулоса баровардан мумкин аст, ки миллатҳои гуногуни шарикон хусусияти ҳатмӣ ҳисобида намешаванд. Кифоя аст,

ки тарафҳои муомила танҳо дар давлатҳои гуногун ҷойгир бошанд. Муҳиммияти дигар ин интиқоли мол аз сарҳади давлатӣ аст. Маҳз ин хусусият аҳаммияти байналмилалӣ доштани шартномаро ифода мекунад.

Баръакс, В. Мусин, И.В. Елисеев ва як қатор муаллифони дигар муомилоти савдои хориҷиро бо нишон додани миллатҳои гуногуни тарафҳои шартнома маънидод мекунанд. В.А. Мусин пешниҳод мекунад, ки мафҳуми муомилоти савдои хориҷӣ бо мақсадҳои тиҷоратӣ аз ҷониби ашхоси миллатҳои гуногун сурат гирифта, боиси пайдоиш, тағйир ё қатъ гардидани ҳуқуқу ухдадориҳои шаҳрвандӣ, ки бо офаридан, истифода бурдан ё фурӯши неъматҳои моддӣ ё дигар натиҷаҳои фаъолияти инсон алоқаманданд» [6, с. 15]. Дар ин ҷо, чунон ки мебинем, ба гуногунии миллатҳои (мансубияти давлатии) тарафҳо диққати махсус дода шудааст. Мавҷудияти ин меъёр муомилоти тиҷоратиро тиҷорати хориҷӣ месозад. Ба ҳамин муносибат И.В. Елисеев ду хусусияти шартномаҳои савдои хориҷиро - мансубияти гуногуни миллӣ ва характери тиҷоратӣ доштани муносибатро муайян намудааст [8, с. 81-93].

В. Бублик маънои «корхонаи тиҷорати»-ро ба маънои моддаи 1 Конвенсияи Вена ва бо истилоҳи «ҳуқуқи байналхалқии хусусӣ» шартномаҳои байналмилалӣ, ки муомилотро танзим мекунанд, ифода кардааст [5, с. 46].

Т.Н. Нешатаева истилоҳи муомилоти тиҷорати байналмилалиро истифода бурда, онро ҳамчун «муомилот шакли фаъолияти соҳибкорие мебошанд, ки корхонаҳои тиҷоратӣ (соҳибкорон) дар қаламрави давлатҳои гуногун воқеъ гардида, ба анҷом додани мубодилаи байнисарҳадии маҳсулот (ашё, объектҳо) дар фаъолияти соҳибкорӣ нигаронида шудааст тасниф мекунад» [20, с. 24-34]. Эътирофи муомилоти иқтисоди хориҷиро бо мубодилаи байнисарҳадӣ Т.Н. Нешатаева муҳим арзёбӣ намудааст.  Ба андешаи мо низ яке аз хусусиятҳои асосии муомилоти иқтисоди хориҷиро ин омили убури мол аз сарҳади давлатӣ ташкил медиҳад. Зеро гузаштани мол аз сарҳади давлатӣ дар муомилоти тиҷорати байналмилалӣ маҳаки асосӣ буда, ба хусусияти байналмилалии шартнома асоси ҳуқуқӣ мебахшад.

Н.В. Петкевич муомилоти иқтисоди хориҷиро «муомилоте дарк мекунад, ки дар соҳаи фаъолияти иқтисоди хориҷӣ бо иштироки унсури хориҷӣ анҷом дода мешавад ва ҳадди аққал бо ду системаи ҳуқуқии миллӣ алоқаманд аст» [21, с. 7-8].

Дар доктринаи ҳуқуқии Авруосиё ба масъалаи муайян кардани муомилоти иқтисоди хориҷӣ то ҳол чандон эътибор дода нашудааст [25, с. 26].  Танҳо якчанд асару мақолаҳои илмие, ки имрӯз дастрасанд, ба танзими ҳуқуқии фаъолияти иқтисоди хориҷӣ [4, с. 22], равандҳои ҳамгирои [2, с. 142]; [14]; [19]; [26] ва арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ [23, с. 243] бахшида шудаанд.

Маълум аст, ки марҳилаи кунунии рушди доктринаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар ҶТ мавҷуд набудани таърифи ягонаи муомилоти иқтисоди хориҷӣ мебошад. Аммо фарқ кардани чунин аҳд аз ҳамаи аҳдҳои ҳуқуқи маданӣ аҳаммияти муҳимми амалӣ дорад, зеро он бевосита ба хусусиятҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳои аз чунин аҳдҳо ба миён омада алоқаманд аст.

Муомилоти иқтисоди хориҷӣ амалиёти ҳуқуқии маданӣ мебошад. Аммо эътирофи муомилоти иқтисоди хориҷӣ маънои онро дорад, ки он таҳти низоми махсуси ҳуқуқии танзим қарор дорад. Ин ба таври зерин ифода карда мешавад:

- аввал, бар хилофи «муомилоти дохилӣ» муомилоти иқтисоди хориҷӣ дар доираи ҳуқуқи мадании якчанд давлатҳо мебошад. Аз ин рӯ, масъалаи интихоби қонуни миллии амалкунанда барои танзими чунин муомилот ба миён меояд.

- дуюм, давлатҳо бо мақсади ба тартиб даровардан ва ба якхела овардани раванди бастан, иҷро ва қатъи муомилоти иқтисоди хориҷӣ шартномаи байналмилалӣ мебанданд. Мисоли равшани ин Конвенсияи Вена дар бораи шартномаи хариду фурӯши байналмилалии мол аз соли 1980 мебошад.

- сеюм, мазмуни чунин муомилотро асосан расму оинҳои тиҷоратии байналмилалие, ки ба ин муомилот татбиқ мешаванд, инчунин санадҳои ваколатдори ташкилотҳои ғайридавлатие, ки хусусияти урфу одатҳои байналмилалии тиҷоратӣ доранд, пешакӣ муайян мекунанд.

Субъектҳои муомилоти тиҷоратии байналмилалӣ метавонанд санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва миллӣ, аз ҷумла санадҳои ҳуқуқии ягонаи байналмилалиро дар шакли шартномаҳои байналмилалӣ, расму оинҳои байналмилалӣ, қарорҳо ва тавсияҳои ташкилотҳои байналмилалӣ татбиқ намоянд.

Хусусиятҳои номбаршуда якҷоя тасвири ҳамаҷонибаи фаҳмиш ва моҳияти муосири ҳам муомилоти иқтисоди хориҷӣ ва ҳам муомилоти тиҷорати хориҷиро ташкил медиҳанд.

Дар баробари ин, хусусияти асосӣ, чунон ки аз ҳамаи таърифҳои баррасишуда дида мешавад, иштироки контрагенти хориҷӣ мебошад. Аммо Конвенсияҳои Гаага дар соли 1964 аз истифодаи он даст кашиданд, зеро муайян кардани шаҳрвандии корпоратсияҳои трансмиллӣ ва филиалҳои онҳо душвор аст (онҳо метавонанд дар як давлат ба қайд гирифта шаванд, дар давлати дигар фаъолияти истеҳсолӣ дошта бошанд ва муассисони онҳо милатҳои гуногун бошанд) [6, с. 15]. Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид оид ба Шартномаи хариду фурӯши байналмилалии мол аз соли 1980 низ ин хусусиятро истифода намебарад. Дар банди 3 моддаи 1 Конвенсияи СММ оварда шудааст, ки бо мақсади муайян кардани татбиқи Конвенсия шаҳрвандии тарафҳо муҳим нест, танҳо корхонаҳои тиҷоратии тарафҳо дар давлатҳои гуногун ҷойгир бошад [13]. Агар тарафҳои шартнома миллатҳои гуногун бошанд, марказҳои тиҷоратии онҳо дар як кишвар ҷойгир бошад, чунин шартномаи хариду фурӯш аз нуқтаи назари Конвенсия байналмилалӣ нест ва муқаррароти он ба чунин шартнома дахл надорад. Баръакс, вақте ки корхонаҳо дар давлатҳои гуногун ҷойгиранд тарафҳои шартнома шаҳрванди як давлатанд хариду фурӯш ба маънои Конвенсия байналмилалӣ мебошад. Ҳамзамон муомилоти шахсоне, ки шаҳрванди давлатҳои гуногунанд, марказҳои тиҷоратии хешро дар давлати худ доранд, ба доираи ин Конвенсия дохил шуда метавонанд.

Дар баъзе кишварҳо истилоҳи муомилоти тиҷорати хориҷӣ ва дар дигар кишварҳо муомилоти иқтисоди хориҷӣ истифода мешавад. Номуайянии ҳуқуқии мафҳумҳои савдои хориҷӣ ва муомилоти иқтисодии хориҷӣ, иваз кардани ин мафҳумҳо, ки дар амалия аксар вақт рух медиҳанд, боиси хатогиҳои назаррас дар кори шартномавӣ ва ҳалли категорияҳои дахлдори парвандаҳо аз ҷониби судҳо мегардад, зеро хусусиятҳои бастан ва иҷрои онҳо танҳо ба муомилоти тиҷоратӣ хос аст ё умуман ба назар гирифта намешавад ё ба аҳдҳои тиҷоратӣ беасос татбиқ карда мешаванд. Зеро на ҳама муомилоти иқтисоди хориҷӣ амалиёти тиҷоратӣ мебошанд. Баъзе муҳаққиқон муомилоти иқтисодии хориҷӣ ва савдои хориҷиро фарқ мекунанд. Масалан, Светков И.В. чунин мешуморад, ки «агар

ҳангоми мубодилаи байналхалқии донишҳои илмӣ-техникӣ бегона кардани онҳо аз соҳибмулк бо роҳи хариду фурӯш ба амал бароварда шавад, пас ин муомила савдои хориҷӣ ба ҳисоб меравад. Агар бегонакунӣ ҳамчун хидмат ба расмият дароварда шавад, пас муомила бояд на тиҷорати хориҷӣ, балки иқтисоди хориҷӣ номида шавад» [27, с. 11].

Далели дигари номуайянии ҳуқуқии мафҳумҳои тиҷорати хориҷӣ ва муомилоти иқтисоди хориҷӣ ин аст, ки дар Кодекси мадании ҶТ истилоҳи муомилоти иқтисоди хориҷӣ оварда нашудааст. Танҳо дар Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти савдои хориҷӣ» мафҳуми фаъолияти савдои хориҷӣ пешбинӣ шудааст. Ин муқаррарот дар қонунгузории Ҷумҳурии Белорус, Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон низ ҳамин тавр пешбинӣ шудааст.

Ҳамин тариқ, бешубҳа, зарурати додани таърифи ҳуқуқӣ ба ин мафҳумҳо ба миён меояд. Воқеъан ҳам ин мафҳумҳоро чудо кардан лозим аст. Мафҳуми зерини муомилоти савдои хориҷӣ пешниҳод карда мешавад.

Муомилоти савдои хориҷӣ ин муомилоти байни тарафҳое мебошад, ки корхонаҳои тиҷоратиашон дар давлатҳои гуногун ҷойгир буда, мазмуни он амалиёт оид ба воридот ва содироти мол, расонидани хизмат, маълумот ва натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ бо мақсади ба даст овардани фоида аз хориҷа мебошад.

**Муқарриз: Раҷабзода М.Н. – н.и.ҳ., дотсенти ДОТ дар ноҳияи Рашт**

**Адабиёт:**

1. Ануфриева Л.П. Международное частное право. Учебник. - Т. 2. Особенная часть. – М.: БЕК, 2000. – С. 188-192.

2. Асламов А.И. Рыночное реформирование и интеграция Республики Таджикистан в мировой хозяйство. – М., 2003. – 184 с.

3. Бардина М.П. Государственное регулирование внешнеторговой деятельности и внешнеторговые контракты // Международное публичное и частное право. – 2005. – №6 (27) – С. 2-7.

4. Бейшембиев Э.Д. Новый международно-правовой механизм внешнеэкономической деятельности суверенных республик (государств). Кыргызстан. 1992г., Он же. Внешнеэкономическая деятельность суверенных республик и современное международное право. Кыргызстан. 1992г., Он же. Государственно-правовые проблемы внешнеэкономической деятельности Кыргызстан. Алма-Ата. 1993г. Автореферат – 62 с.

5. Бублик В.А. Гражданско-правовое регулирование внешне-экономической деятельности в Российской Федерации: проблемы теории, законотворчества и правоприменения: монография. Екатеринбург, – 1999. – 228 с.

6. В.А. Мусин. Международные торговые контракты. – Л.: – 1986. – 149 с.

7. Вилкова Н.Г. Исторические аспекты унификации права международных контрактов. // Хозяйство и право, 1997г. № 6 с. 139-147.

8. Елисеев И.В. Гражданско-правовое регулирование международной купли-продажи товаров. – СПб.: Юридический центр Пресс, – 2002. – С. 81-93.

9. Звеков В.П. Международное частное право. Курс лекций. – М.: Норма ИНФРА-М, – 1999. – 667 с.

10. Зыкин И.С. Внешнеэкономические операции: право и практика. – М.: Международные отношения, –1994. – 304 с.

11. Зыкин И.С. Договор во внешнеэкономической деятельности. – М.: Международные отношения, –1990 – 224 с.

12. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июли соли 2023 [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj (Санаи муроҷиат: 22.11.2024).

13. Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид оид ба Шартномаи хариду фурӯши байналмилалии мол аз соли 1980.

14. Куценко В.Н. Экономическая интеграция Республики Беларусь и Российской Федерации. дис. канд. экон. наук. – М., 2000. – 149 с.

15. Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти савдои хориҷӣ» 16.04.2017 majmilli (АМОҶТ с.2012, №7, м. 696; с.2015, №7-9, мод.703).

16. Лунц Л.А., Марышева Н.И., Садиков О.Н. Международное частное право. – М.: – 1984. – 336 с.

17. М.Г. Розенберг. Международная купля-продажа товаров. – М.: – 1995. – 288 с.

18. Международное частное право. Учебник / Ануфриева Л.П., Бякишев К.А., Дмитриева Г.К., Кутузов И.М., и др.; Отв. ред.: Дмитриева Г.К. – М.: Проспект, 2000. – 656 с.

19. Мухамбетов М.Б. Совершенствование таможенного регулирования внешней торговли Казахстана в условиях интеграции в мировое хозяйство. дис. канд. экон. наук. – М., 2002. – 173 с.

20. Нешатаева Т.Н. Международные коммерческие сделки: правовое регулирование и судебная практика // Арбитражный и гражданский процесс. - М.: Юрист, 2002, № 6. – С. 24-34.

21. Петкевич Н.В. Внешнеэкономические сделки (правовые аспекты). Автореферат. Минск, 1998 – 32 с.

22. Поздняков В.С., Садиков О.Н. Правовое регулирование отношений по внешней торговле СССР. Ч.1. М., – 1985 – 192 с.

23. Самарходжаев Б.Б. Проблемы разрешения споров во внешнеэкономических отношениях Республики Узбекистан// Московский журнал международного права № 1 2005г. – С. 239-246.

24. Сеитова С.А. Правовое регулирование внешнеэкономических сделок в странах ЕВРАЗЭ: дис. ... канд. юрид. наук. – Москва, – 2008. –184 с.

25. Текебаев О.Ч. Об опыте Жогорку Кунеша Кыргызской Республики в области гармонизации национального законодательства с учетом норм и правил ВТО и других международных организаций// Евразийский международный научно-практический журнал. Проблемы современной экономики. – №3 – (15) – 2005г. – С. 26-30.

26. Уметова А.Д. Киргизия в процессах экономической интеграции на постсоветском пространстве. – М., 2004. – 32 с.

27. Цветков И.В. Внешнеторговые сделки. Правоприменительная практика. – М.: – 2002. – 144 с.

**Literature:**

1. Anufrieva L.P. International private law. Textbook. – T. 2. Special part. – M.: BEK, 2000. – P. 188-192.

2. Aslamov A.I. Market reform and integration of the Republic of Tajikistan in the global economy. Moscow. 2003 – 184 p.

3. Bardina M.P. State regulation of foreign trade activity and foreign trade contracts // Mezhdunarodnoe publicnoe i private pravo. – 2005. – №. 6 (27) – P. 2-7.

4. Beyshembiev E.D. New international legal mechanism of foreign economic activity of sovereign republics (states). Kyrgyzstan. 1992, On je. Foreign economic activity of sovereign republics and modern international law. Kyrgyzstan. 1992, On je. State-legal problems of foreign economic activity in Kyrgyzstan. Alma-Ata. 1993 Abstract – 62 p.

5. Bublik V.A. Civil-law regulation of foreign economic activity in the Russian Federation: problems of theory, legislation and law enforcement: monograph. Yekaterinburg, – 1999. – 228 p.

6. V.A. Musin. International trade contracts. – L.: – 1986. – 149 p.

7. Vilkova N.G. Historical aspects of the unification of the law of international contracts. // Economy and Law, 1997. №.6 p. 139-147.

8. Eliseev I.V. Civil-law regulation of the international purchase and sale of goods. - SPb.: Legal Center Press, – 2002. – P. 81-93.

9. Zvekov V.P. International private law. The course is a lecture. – M.: Norma INFRA–M, – 1999. – 667 p.

10. Zykin I.S. Foreign economic operations: law and practice. – M.: International relations, – 1994. – 304 p.

11. Zykin I.S. Agreement on foreign economic activity. – M.: International relations, – 1990 – 224 p.

12. The Civil Code of the Republic of Tajikistan from July 1, 2023 [Electronic resource]. Source of access: URL: http://mmk.tj (Date of access: 22.11.2024).

13. United Nations Convention on Contracts for the International Sale of Goods since 1980.

14. Kutsenko V.N. Economic integration of the Republic of Belarus and the Russian Federation. dis. sugar economy science – M. 2000. – 149 p.

15. Law of the Republic of Tajikistan "On foreign trade activities" 16.04.2017 majmilli (Amojt p. 2012, №. 7, art. 696; p. 2015, №. 7-9, art. 703).

16. Lunts L.A., Marysheva N.I., Sadikov O.N. International private law. – M.: – 1984. – 336 p.

17. M.G. Rosenberg. International purchase and sale of goods. – M.: – 1995. – 288 p.

18. International private law. Textbook / Anufrieva L.P., Byakishev K.A., Dmitrieva G.K., Kutuzov I.M., etc.; Otv. ed.: Dmitrieva G.K. – M.: Prospect, 2000. – 656 c.

19. Mukhambetov M.B. Improvement of the customs regulation of the foreign trade of Kazakhstan in the conditions of integration in the world economy. dis. sugar economy science – M. 2002. – 173 p.

20. Neshataeva T.N. International commercial transactions: legal regulation and judicial practice // Arbitration and civil process. - M.: Jurist, 2002, №. 6. – P. 24-34.

21. Petkevich N.V. Foreign economic transactions (legal aspects). Abstract. Minsk, 1998 – 32 p.

22. Pozdnyakov V.S., Sadikov O.N. Legal regulation of foreign trade relations of the USSR. Chapter 1. M., – 1985 – 192 p.

23. Samarkhodzhaev B.B. Problems of resolution of disputes in foreign economic relations of the Republic of Uzbekistan// Moskovsky journal of international law №. 1 2005. – P. 239-246.

24. Seitova S.A. Legal regulation of foreign economic transactions in the countries of Eurasia: thesis. ... sugar. walked science – Moscow, – 2008. –184 p.

25. Tekebaev O.Ch. Ob opyte Jogorku Kunesha Kyrgyzskoy Respubliki v oblasti harmonizacije natsionalno¬go legislation taking into account the norms and

rules of the WTO and other international organizations// Evrazijskyi mezhdunarodnyi nauchno-prakticheskii zhurnal. Problems of modern economy. – №. 3 – (15) – 2005. – P. 26-30.

26. Umetova A.D. Kyrgyzstan in the process of economic integration in the post-Soviet space. Moscow. 2004 Abstract – 32 p.

27. Tsvetkov I.V. Foreign trade. Law enforcement practice. – M.: – 2002. – 144 p.

## МАФҲУМИ АҲДИ ИҚТИСОДИ ХОРИҶӢ

Дар давлатҳои хориҷӣ фаҳмиши истилоҳи «аҳди иқтисоди хориҷӣ» гуногун аст. Дар қонунгузории Ҷумҳурии Қазоқистон савдои хориҷӣ (фаъолият) бо содирот аз Ҷумҳурии Қазоқистон ва ё воридоти мол ба Ҷумҳурии Қазоқистон алоқаманд аст. Дар Қонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар бораи фаъолияти иқтисоди хориҷӣ» ба ҷуз аз истилоҳи «фаъолияти иқтисоди хориҷӣ» истилоҳи «фаъолияти савдои хориҷӣ» низ истифода шудааст ва дар Кодекси граждании Ҷумҳурии Ӯзбекистон танҳо амалиёти иқтисоди хориҷӣ қайд гардидааст. Дар ин ҷо фаъолияти иқтисоди хориҷӣ фаъолияти шахсони ҳуқуқӣ ва воқеиро дар назар дорад, ки ба муқаррар намудан ва инкишоф додани муносибатҳои иқтисодии ба ҳамдигар фоиданок бо шахсони ҳуқуқӣ ва воқеии давлатҳои хориҷӣ, инчунин ташкилотҳои байналмилалӣ нигаронида шудааст. Дар қонуни Ӯзбекистон фаъолияти тиҷорати хориҷӣ ҳамчун фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи мубодилаи байналмилалии мол фаҳмида мешавад. Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон истилоҳи «фаъолияти савдои хориҷӣ», Ҷумҳурии Беларус истилои «танзими давлатии фаъолияти савдои хориҷӣ», Федератсияи Россия «асосҳои танзими давлатии фаъолияти савдои хориҷӣ» истифода шудааст. Аммо мазмуни меъёрҳои қонунгузории давлатҳои мазкур танҳо муносибатҳои ҳуқуқии марбут ба савдои молро танзим мекунанд.

Зимнан, таҳлили баъзе санадҳои қонунгузории ин кишварҳо имкон медиҳад, ки хусусиятҳоеро, ки қонунгузор бо чунин муомила алоқаманд аст, муайян намуда, хулоса баровард, ки инҳо муомилоте мебошанд, ки фаъолияти иқтисоди хориҷӣ (ё) савдои хориҷиро миёнаравӣ мекунанд. Тавассути мафҳуми фаъолияти иқтисодӣ ва савдои берунӣ қонунгузор кушиш менамояд, ки мафҳуми амалиёти иқтисодӣ ва савдои беруниро ошкор намояд, зеро ҳар як фаъолият тавассути қонунҳо ба расмият даровардa мешавад.

**Калидвожаҳо:** қонунгузорӣ, иқтисоди хориҷӣ, савдои хориҷӣ, шахсони ҳуқуқӣ, аҳд, амалиёти иқтисодӣ, қонун, давлат.

## ПОНЯТИЕ ВНЕШНЕЭКОНОМИЧЕСКОГО ДОГОВОРА

Понимание термина «внешнеэкономический договор» в зарубежных странах различается. В законодательстве Республики Казахстан внешнеторговая деятельность (деятельность) связана с экспортом из Республики Казахстан или импортом товаров в Республику Казахстан. В Законе Республики Узбекистан «О внешнеэкономической деятельности» помимо термина «внешнеэкономическая деятельность» употребляется также термин «внешнеторговая деятельность», а в Гражданском кодексе Республики Узбекистан упоминаются только внешнеэкономические операции. Под внешнеэкономической деятельностью здесь понимается деятельность юридических и физических лиц, направленная на установление и развитие взаимовыгодных экономических отношений с

юридическими и физическими лицами иностранных государств, а также международными организациями. В законодательстве Узбекистана под внешнеторговой деятельностью понимается предпринимательская деятельность в сфере международного товарообмена. В законодательстве Республики Таджикистан используется термин «внешнеторговая деятельность», в Республике Беларусь — термин «государственное регулирование внешнеторговой деятельности», в Российской Федерации — термин «основы государственного регулирования внешнеторговой деятельности». Однако содержание законодательных норм этих стран регулирует только правоотношения, связанные с торговлей товарами.

В то же время анализ некоторых законодательных актов этих стран позволяет выявить признаки, которые законодатель связывает с такими сделками, и сделать вывод о том, что речь идет о сделках, опосредующих внешнеэкономическую деятельность и (или) внешнюю торговлю. Посредством понятия «хозяйственная деятельность» и «внешняя торговля» законодатель пытается уточнить понятия «хозяйственные операции» и «внешняя торговля», поскольку каждый вид деятельности оформляется посредством законов.

**Ключевые слова:** законодательство, внешняя экономика, внешняя торговля, юридические лица, сделка, хозяйственные операции, право, государство.

## THE CONCEPT OF FOREIGN ECONOMIC AGREEMENT

In foreign countries, the understanding of the term “foreign economic transaction” varies. In the legislation of the Republic of Kazakhstan, foreign trade (activity) is associated with exports from the Republic of Kazakhstan or imports of goods to the Republic of Kazakhstan. In the law of the Republic of Uzbekistan “On foreign economic activity”, in addition to the term “foreign economic activity”, the term “foreign trade activity” is also used, and in the civil Code of Republic of Uzbekistan only foreign economic operations are mentioned. Here foreign economic activity means the activity of legal entities and individuals aimed at establishing and developing mutually beneficial economic relations with legal entities and individuals of foreign states, as well as international organizations. In the law of Uzbekistan, foreign trade activity is understood as entrepreneurial activity in the field of international commodity exchange. In the legislation of the Republic of Tajikistan, the term “foreign trade activity” is used, in the Republic of Belarus, the term “state regulation of foreign trade activity”, in the Russia Federation, the term “fundamentals of state regulation of foreign trade activity”. However, the content of the norms of legislation of these states regulates only legal relations related to commodity trade.

At the same time, the analysis of some legislative acts of these countries allows us to identify the features that the legislator associates with such transactions and to conclude that these are transactions that mediate foreign economic activity (or) foreign trade. Through the concept of economic activity and foreign trade, the legislator tries to reveal the concept of economic operations and foreign trade, since each activity is formalized by laws.

**Key words:** legislation, foreign economy, foreign trade, legal entities, concept, economic operations, law, state.

**Маълумот дар бораи муаллиф: Давлатзода Насимҷон Маҳмадҷон** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, мудири шуъбаи илм.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к. Э.Муҳиддин – 63. Телефон: (+992) 933-888-844. E-mail: nasimjon.19941994@mail.ru

**Сведения об автор: Давлатзода Насимджон Маҳмадджон** – Таджикский педагогический институт в Раштском районе, начальник научного отдела. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Гарм, ул. Э. Мухиддин – 63. Телефон: (+992) 933-888-844. E-mail: nasimjon.19941994@mail.ru

**Information about author: Davlatzoda Nasimjon Mahmadjon** – Tajik pedagogical institute in Rasht district, head of the science department. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Garm, st. E. Mukhiddin – 63. Phone: (+992) 933-888-844. E-mail: nasimjon.19941994@mail.ru

**ТДУ: 342.514**

## ТАЪРИХИ ТАШАККУЛИ СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Нозимов А.Ш.**
**Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт**

Волотарин дастоварди сиёсӣ дар таърихи Тоҷикистони навин соҳиб шудан ба истиқлолияти давлатӣ мебошад. Дар давараи муқовиматҳои шадиди сиёсӣ Иҷлосияи дувуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (даъвати дувоздаҳум) 24 августи соли 1990 Эъломияи истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистонро қабул намуд [3, с.152]. Соҳибистиқлолие, ки дар ин санади таърихӣ эълон шуда буд, ҳанӯз “соҳибистиқлолӣ дар доираи салоҳияти Иттиҳоди Шӯравӣ” маҳсуб мешуд, зеро Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қаламрави худ ҳамаи масъалаҳои сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангиро, ба истисноии масъалаҳое, ки ихтиёран ба салоҳияти Иттифоқи Республикаҳои Советии Сотсиалистӣ дода мешуданд, мустақилона ҳал мекард.

Ибтидои солҳои 90-уми асри XX барои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ва ҷумҳуриҳои иттифоқии он як давраи инкишофи ғайричашмдошти таърихӣ буд. Воқеан, падида ва ҳодисаҳои сиёсӣ ончунон босуръат тағйир меёфтанд, ки ҳатто баъзе роҳбарони мақоми аввали ин ҷумҳуриҳо аз дарки маънии ин раванд оҷиз мемонданд [3, с.153]. Ҳодисаҳои моҳи августи соли 1991 аз огози рӯзҳои вопасини ин давлати абарқудрат дарак медод. Акнун ҷумҳуриҳо мӯҳтавои истиқлолияти сиёсиро дар ин марҳала дарк намуда, барои ба даст овардани истиқлолияти комил саъй ва талош менамуданд. Чун ин таҳаввулоти сиёсӣ ва раванди сиёсӣ Тоҷикистонро, низ бидуни истисно, метавонист фаро гирад, аз ин рӯ зарурати ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Эъломияи соли 1990 равшан эҳсос карда мешуд. Ин вазъ дар изҳороти Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки дар Иҷлосияи ғайринавбатии Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (даъвати дувоздаҳум) аз 9 сентябри соли 1991 қабул шуда буд, чунин баён гардидааст: “Тағйироти инқилобиро дар Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравии Сотсиалистӣ ба назар гирифта, кӯшиши ҷумҳуриҳои соҳибихтиёри ба он дохилшавандаро оиди аз нав барқарор намудани муносибатҳои байниҳамдигарӣ эҳтиром намуда... мувофиқи Эъломияи

Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 24 августи соли 1990 қабул шуда буд, Шӯрои Олӣ Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро эълон мекунад” [4, с. 54]. Изҳороти қабулшуда боис шуд, ки Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарори махсуси худро “Дар бораи эълон шудани Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” қабул намуда, матни Изҳороти Шӯрои Олиро дар бораи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маъқул донад [1, с.65]. Дар ин рӯзи таърихи, яъне 9 сентябри соли 1991 тағйиру иловаҳо ба Қонуни асосии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид гардиданд ва дар натиҷа воқеияти истиқлолияти Тоҷикистон ба сатҳи меъёри конститутсионӣ расонида шуд, ки аз нигоҳи ҳуқуқӣ ин меъёр хусусияти баргаштнопазир дорад. Иҷлосияи ғайринавбатии Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таърихи 9 сентябри соли 1991 чанд санади тақдирсозро қабул намуд, аз ҷумла “Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Эъломия дар бораи истиқлоли ҶСС Тоҷикистон”, Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи эълони истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Изҳорот дар бораи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва “Изҳорот дар бораи амнияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ки он асоси ҳуқуқии истиқлолияти комили Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян намуда дар соҳаи сиёсати хориҷӣ дигаргуниҳои кулли ба бор овард. Чунончӣ, дар банди 15-уми Эъломия дар бораи истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон (9 сентябри соли 1991) омадааст, ки “Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун субъекти мустақили ҳуқуқи байналхалқӣ бо давлатҳои хориҷӣ алоқаҳои дипломатӣ, консулӣ, тиҷоратӣ ва дигар алоқаҳо барқарор менамояд, бо онҳо мубодилаи намояндагони салоҳиятдорро анҷом медиҳад ва шартномаҳои байналхалқӣ мебандад” [7, с.122]. Ҷумҳурии Тоҷикистон худро дар муносибатҳои байналмилалӣ ба сифати субъекти мустақили ҳуқуқи байналмилалӣ муаррифӣ намуда, эълон дошт, ки фаъолияти он ҳамчун давлати комилҳуқуқ барои ноил шудан ба сулҳи пойдор, барҳам додани силоҳи ядроӣ ва дигар аслиҳаи қатли ом, роҳ надодан ба истифодаи қувва дар ҳалли баҳсҳо ва ихтилофоти байни давлатҳои соҳибистиқлол равона карда мешавад.

Ба шарофати ба таври расмӣ эълон гардидани истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷӯҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба кишвари мо меафзояд. Ва дар як муддати нисбатан кӯтоҳ аз сентябри 1991 то то ноябри соли 1992 – аз эълони истиқлолият то баргузории Иҷлосияи Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон сафари ҳайатҳои ҳукуматҳои кишварҳои хориҷа ба Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирифт ва дар ин муддат сафоратхонаҳои Ҷумҳурии исломии Эрон (8 январи 1992), Ҷумҳурии мардумии Чин (13 марти 1992), Иёлоти Муттаҳидаи Амрико (16 марти 1992), Ҷумҳурии Туркия (22 марти 1992) ва Ҷумҳурии исломии Покистон (6 июни 1992) ба фаъолият шурӯъ намуданд [1, с.76].

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси кишвари соҳибистиқлол ва соҳибихтиёр ба Протоколи Созишномаи таъсиси Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил “Дар бораи шомил шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Иттиҳод” (декабри 1991, Маскав) имзо гузошта, ба Созмони байналмилалии Машварат оид ба амният ва ҳамкори дар Аврупо (СБСЕ) (26 феврали 1992), Созмони байналмилалии тандурустӣ (ВОЗ) (апрели 1992), Ассотсиатсияи байналмилалии байторӣ (МАВ) (октябри 1992), Созмони Милали Муттаҳид (2 марти 1992) аъзо шуд. Танҳо дар зарфи як соли 1992 Ҷумҳурии Тоҷикистон бо 48 кишвари хориҷӣ робитаҳои дипломатӣ

барқарор намуд [6, с. 35]. Чунончӣ: Чин (4 январ), Эрон (9 январ), Мексика (14 январ), Дания (21 январ), Туркия (29 январ), Ҷопон (2 феврал), Ҷумҳурии мардумй-демократии Корея (5 феврал), Лаҳистон (11 феврал), ИМА (14 феврал), Арабистони Саудӣ (22 феврал), Финляндия (26 феврал), Олмон (28 феврал), Кипр ( феврал), Бангладеш (1 март), Фаронса (3 март), Фаластин (6 март), Малайзия (11 март), Утриш (25 март), Куба (25 март), Филиппин (25 март), Исроил (26 март), Сурия (29 март), Русия (8 апрел), Муғулистон (24 апрел), Украина (24 апрел), Ҷумхурии Корея (27 апрел), Белгия (29 апрел), Ҷумхурии Африқои Ҷанубӣ (5 май), Италия (15 май), Люксембург (22 май), Озарбойҷон (29 май), Словакия ( 5 июн), Чехия (5 июн), Покистон (6 июн), Маҷористон (2 июл), Ветнам (14 июл), Руминия (20 июл), Нидерландия (27 июл), Испания (4 август), Португалия (4 август), Таиланд (5 август), Ҳиндустон (28 август), Зеландияи Нав (август), Юнон (сентябр), Узбекистон (22 октябр), Шветсия (9 декабр), Арманистон ва Латвия [7].

Вале афсӯс, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ин имкониятҳои нав ва шароити мусоиде, ки баъд аз дарёфти истиқлолияти давлатӣ дар соҳаи сиёсати хориҷӣ фароҳам омада буд, натавонист, ки ба таври бояду шояд истифода намояд. Зеро, бо истифода аз ҳарҷу марҷи сиёсие, ки дар қаламрави Иттиҳоди Шӯравии собиқ пас аз эълони марҳилаи Бозсозӣ ва Ошкорбаёнӣ дар огози солҳои 90-ум ба вуҷуд омада буд, нерӯҳои манфиатдори дохилию хориҷӣ дар Тоҷикистон ҷанги шаҳрвандиро созмон доданд. Ва табиист, ки ин муқовимати сиёсию низомие, ки панҷ сол идома кард, ба сиёсати хориҷии ҷумҳурӣ ва фаъолияти муассисаҳои он, ба робитаҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи мо бо кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалию минтақавӣ таъсири манфи расонда, сатҳи онҳоро паст кард. Бар асари шиддат гирифтани ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон дар нимаи дуюми соли 1992 сафоратхона ва намояндагиҳои баъзе аз кишварҳои хориҷӣ, ки дар Душанбе амал мекарданд, миқдори ходимони худро коҳиш дода, фаъолияташонро маҳдуд намуда, баъзеи дигар қатъи фаъолият карда, ҷумҳуриро тарк гуфтанд. Ва ин ҳама ба робитаҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири манфӣ расонда, суръат ва манфиати онро ба маротиб коҳиш дод [8, с.140].

Марҳилаи нав дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз Иҷлосияи таърихии XVI дар ш.Хуҷанд сар шуд. Усули асосии сиёсати нави хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибихтиёр ва соҳибистиқлол 19 ноябри соли 1992 аз тарафи Раиси нави Шӯрои Олии ҷумҳури Эмомалӣ Раҳмон дар “Муроҷиатнома ба халқи шарифи Тоҷикистон” эълон гардида буд, ки аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ ба хуши пазируфта шуд ва дастгири ёфт. Роҳбари давлат ва ҳукумат дар нахустин муроҷиатномааш ба мардуми ҷумҳурӣ ҳангоми баршумурдани масъалаҳои ҳаётии муҳиме, ки дар назди ҳар як давлати соҳибистиқлол меистад, баъд аз зикри он, ки бояд “асоси Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро нав карда, онро бо назардошти нормаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ таъсис дода, барои бунёди давлати нав - давлати демократии ҳуқуқбунёд замина гузоштан лозим аст, ҳамчунин пас аз таъкиди зарурати таъсис додани артиши миллӣ, пурзӯр кардани дифоъи сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, аз чанд масъалаи муҳиме ёд овардааст, ки ҳама ба соҳаи сиёсати хориҷӣ дахл доранд. Он масъалаҳо аз рӯи тартибе, ки дар Муроҷиатномаи номбурда омадаанд, чунинанд:

1.Ворид шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷомеаи ҷаҳонӣ;

2.Барқарор кардани муносибатҳои дипломатӣ бо ҳамаи мамлакатҳое, ки мехоҳанд бо Тоҷикистон дар асоси баробарҳуқуқӣ ва муносибатҳои фоидаовари тарафайн ҳамкори кунанд;

3.Аъзо шудан ба созмонҳои байналмилалӣ;

4.Мустаҳкам кардан ва боз ҳам инкишоф додани алоқаҳои неки ҳамсоягӣ ва ҳамкории ҳамаҷониба бо давлатҳои ИДМ, пеш аз ҳама бо Федератсияи Россия, Ӯзбекистон, Қазоқистон, Қиргизистон ва Туркманистон;

5.Дар асоси усули баробар, ҳамкории дутарафаи судманд, ки кишварҳои хориҷӣ интихоб намудаанд, дахолат накардан ба корҳои дохилии якдигар, барқарор намудани муносибат бо ҳамаи мамлакатҳои ҷаҳон, аз ҷумла бо Афғонистон, Покистон, Чин, Эрон, давлатҳои дигари Осиёву Африқо ва Аврупову Амрико;

6.Ёфтани ҷойгоҳи муносиби худ дар ҷомеаи ҷаҳонӣ.

Имрӯз истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро 150 кишвари ҷаҳон ба расмият шинохтаанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо эътироф кардани асноди робитаҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид, Санади хотимавии Ҳелсинки, Баёнияи Париж ва дигар санадҳо зербинои сиёсати дохили ва хориҷии худро бунёд намуда, инсон ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои онро, сарфи назар аз мансубияти миллӣ, мазҳабӣ, нажодӣ ва ҷинсӣ арзиши олӣ мешуморад [2, с.98]. Тоҷикистон, сарфи назар аз вазъи мураккаби дохилӣ умдатарин манфиатҳои миллии худ ва самтҳои асосии сиёсати хориҷиашро дуруст муайян намуд. Тавре ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид карда буд, “Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи маҳалли ҷуғрофи, мавқеи геополитикӣ ва манофеи иқтисодиаш ба панҷ ҳавзаи сиёсӣ дохил мешавад. Ҳавзаи якум Иттиҳоди  Давлатҳои Мустақил буда, бо вуҷуди душвориҳои солҳои аввали ташаккулаш ба сӯи таҳкими равобити ҳамаҷониба тамоюли ботинӣ дорад. Ҳавзаи дувум Осиёи Марказист, ки рушди ҳамкории минтақавӣ ва муттаҳидсозии имконоти иқтисодии кишварҳои қаламрави он ба манфиати кулли давлатҳо ва мардумони ин минтақа аст. Ҳавзаи сеюм аз фазои зисти давлатҳои ҳамсояи форсизабон иборат буда, ҳавза бо вуҷуди он ки ҳанӯз ба ягон иттиҳоди муштараки сиёсӣ ё иқтисодӣ нарасидааст, аммо онро ҳамбастагии таърихӣ, динию фарҳангӣ ва дурнамои воқеии рушди миллӣ ба ҳам ҷазб мекунад. Ҳавзаи чаҳорум доираи нуфузи давлатҳои мусулмоннишини Шарқ аст, ки онҳоро нафақат ягонагии дину ойин ва суннатҳои динӣ, балки имконият ва эҳтиёҷоти рушди миллӣ низ ба ҳам мепайвандад. Ниҳоят, ҳавзаи панҷум ҷомеаи байналмилалист, ки ҳамбастагии зоҳирию ботиниаш беш аз пеш қувват мегирад ва ҳам оҳиставу пайваста ба сӯи тамаддуни умумибашарӣ роҳ мепаймояд”. Дарки амиқи мавқеи геополитикӣ ва ба таври дақиқ муайян намудани самтҳои асосии сиёсати хориҷи имкон дод, ки Тоҷикистон мавқеи худро дар ҷаҳони муосир дарёбад, онро зина ба зина мустаҳкам созад ва имкониятҳои ғании байналмилалиро барои ҳалли масъалаҳои дохилӣ равона намояд. Тавре ки Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон таъкид фармуда буд: “....ҳар гуна сиёсати давлат дар ниҳояти кор дифоъ аз манофеи миллист, ҳунари сиёсатмадорӣ дар арсаи ҷаҳон дарёфтани таваозуни оқилона ва одилонаи манофеи мухталифи давлатҳо мебошад”. Ҳамкориҳои судманд бо созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ – Созмони Милали Муттаҳид, Созмони Амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, Созмони конфронси Исломӣ, Иттиҳоди Аврупо, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Иттиҳоди Иқтисодии Авруосиё, Созмони ҳамкории Шанхай ва дигарҳо дар

сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи муҳимро ишгол менамоянд. Қобили зикр аст, ки робитаҳои манфиатбахш Тоҷикистонро ба ҷаҳониён ошно сохта, онҳоро аз сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар ҳамчун давлати демокративу ҳуқуқбунёд огоҳ намуд. Созмонҳои зикршуда бо Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкории судманд барқарор намуда, мусоидату пуштибонии худро натанҳо барои ба даст овардани сулҳ ва имзои Созишномаи сулҳ, ҳамчунин барои таҳияи лоиҳаҳои барқарорсозии баъдиҷангӣ ва дастгирии инкишофи иқтисодиёти кишвар равона карданд.

Ҳангоми муайян намудани самтҳои асосии сиёсати хориҷӣ ва афзалиятхои он Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳадафҳо ва манфиатҳои миллии худ такя мекунад. Манфиатхои миллии ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи сиёсати хориҷӣ дар марҳилаи ҳозира ва дар дурнамои наздик ба қарори зайл аст:

1. Ҳифз ва таҳкими истиқлолияти давлатӣ, тамомияти арзӣ, таъмини амнияти миллӣ, истиқлоли сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии кишвар;

2. Таҳкими суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ;

3. Таъмини шароити мусоид барои рушди устувори иқтисодӣ ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум, амнияти иктисодӣ ва экологии мамлакат;

4. Бунёди ҷомеаи демократӣ дар асоси усули иқтисодӣ бозорӣ;

5. Ҳифзи ҳуқуқ, озодӣ, ҳайсият ва манфиати шаҳрвандон дар дохили кишвар ва хориҷ аз он;

6. Эҷоди камарбанди ҳусни ҳамсоягии нек дар марзҳои кишвар;

7. Инкишофи муносибатҳои боэътимод, дӯстӣ ва ҳамкории мутақобилан судманд бо ҳамаи мамлакатҳои дунё;

8. Таҳкими чеҳраи матлуб ва мусбати ҷумҳурӣ дар олам;

9. Мусоидат ба тоҷиконе, ки дар кишварҳои дигар иқомат менамоянд.

Афзалиятҳо дар сиёсати хориҷӣ доими ва бетағйир буда наметавонанд, онҳо ба сатҳ ва муҳтавои муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ин ва ё он кишвар, фазои умумии сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангии минтақа ва ҷаҳон айният доранд [5, с.120].

**Муқарриз: Зокирзода З.Х. – н.и.ҳ., дотсенти ДОТ дар н. Рашт**

**Адабиёт:**


1. Назаров Т.Н, Сатторзода А. Дипломатияи муосири тоҷик. – Душанбе, 2006. – С. 65.

2. Раҳмонов Э. Тоҷикистон дар роҳи демократия ва ҷомеаи мутамаддин. – Душанбе, 1996. – С. 98.

3. Салимов Н., Шарифзода А.А., Тоҷики оламшумул. – Душанбе, 2011. – С.152.

4. Саидзода З., Саидов Ф. Сиёсати давлатии Президент Эмомалӣ Раҳмон ва рушди устувори Тоҷикистон. – Душанбе, 2012.

5. Сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар масири истиқлолият // Зери назари Ҳамрохон Зарифӣ. – Дшанбе, 2011. – 319 с.

6. Талбак Н., Сатторзода А. Дипломатияи муосири тоҷик. – Душанбе, 2006.

7. Таърихи муносибатҳои байналхалқӣ: китоби дарсӣ. – Душанбе, 2010.

8. Шарифзода А., Асадов А. “Тоҷикистон 20” (Бахшида ба 20-умин солагарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон). – Душанбе, 2011. – С.140.

**Literature:**

1. Nazarov T.N., Sattorzoda A. Modern Tajik Diplomacy. – Dushanbe, 2006. – P. 65.
2. Rahmonov E. Tajikistan on the path of democracy and civilized society. – Dushanbe, 1996. – P. 98.
3. Salimov N., Sharifzoda A.A., Tajik World. – Dushanbe, 2011. – P. 152.
4. Saidzoda Z., Saidov F. State policy of President Emomali Rahmon and sustainable development of Tajikistan. – Dushanbe, 2012.
5. Foreign policy of Tajikistan on the path to independence // Under the view of Hamrokhon Zarifi. – Dshanbe, 2011. – 319 p.
6. Talbak N., Sattorzoda A. Modern Tajik Diplomacy. – Dushanbe, 2006.
7. History of international relations: textbook. – Dushanbe, 2010.
8. Sharifzoda A., Asadov A. “Tajikistan 20” (Dedicated to the 20th anniversary of the state independence of the Republic of Tajikistan). – Dushanbe, 2011. – P.140.

## ТАЪРИХИ ТАШАККУЛИ СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақола масъалаи таърихи ташаккули сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф, андешаҳои олимони ватаниро ба инобат гирифта, таърихи ташаккули сиёсати хориҷии кишварро таҳлил кардааст. Зимни таҳқиқи худ муаллиф хулоса кардааст, ки манфиатхои миллии ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи сиёсати хориҷӣ дар марҳилаи ҳозира ва дар дурнамои наздик ба қарори зайл аст: ҳифз ва таҳкими истиқлолияти давлатӣ, тамомияти арзӣ, таъмини амнияти миллӣ, истиқлоли сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии кишвар; таҳкими суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ; таъмини шароити мусоид барои рушди устувори иқтисодӣ ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум, амнияти иктисодӣ ва экологии мамлакат; бунёди ҷомеаи демократӣ дар асоси усули иқтисодӣ бозорӣ; ҳифзи ҳуқуқ, озодӣ, ҳайсият ва манфиати шаҳрвандон дар дохили кишвар ва хориҷ аз он; эҷоди камарбанди ҳусни ҳамсоягии нек дар марзҳои кишвар; инкишофи муносибатҳои боэътимод, дӯстӣ ва ҳамкории мутақобилан судманд бо ҳамаи мамлакатҳои дунё; таҳкими чеҳраи матлуб ва мусбати ҷумҳурӣ дар олам; мусоидат ба тоҷиконе, ки дар кишварҳои дигар иқомат менамоянд.

**Калидвожаҳо:** таърих, ташаккул, сиёсат, хориҷӣ, самтҳо сиёсат, манфиатҳои миллӣ, робитаҳои беруна.

## ИСТОРИЯ СТАНОВЛЕНИЯ ВНЕШНЕЙ ПОЛИТИКИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В статье рассматривается и обсуждается история становления внешней политики Республики Таджикистан. Автор, принимая во внимание мнения отечественных ученых, проанализировал историю становления внешней политики страны. В ходе своего исследования автор пришел к выводу, что национальными интересами Республики Таджикистан в области внешней политики на современном этапе и в ближайшей перспективе являются: защита и укрепление государственной независимости, территориальной целостности, обеспечение национальной безопасности, политической, экономической и культурной независимости страны; укрепление политической стабильности и

национального единства; обеспечение благоприятных условий для устойчивого развития экономики и повышения уровня благосостояния народа, экономической и экологической безопасности страны; построение демократического общества, основанного на рыночной экономической системе; защита прав, свобод, достоинства и интересов граждан внутри страны и за ее пределами; создание пояса добрососедства вдоль границ страны; развитие доверительных, дружественных и взаимовыгодных отношений со всеми странами мира; укрепление желаемого и положительного имиджа республики в мире; помощь таджикам, проживающим в других странах.

**Ключевые слова:** история, становление, политика, внешняя политика, направления политики, национальные интересы, внешние связи.

## HISTORY OF FORMATION OF FOREIGN POLICY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The article examines and discusses the history of formation of foreign policy of the Republic of Tajikistan. The author, taking into account the opinions of domestic scientists, analyzed the history of formation of foreign policy of the country. In the course of his research, the author came to the conclusion that the national interests of the Republic of Tajikistan in the field of foreign policy at the present stage and in the near future are: protection and strengthening of state independence, territorial integrity, ensuring national security, political, economic and cultural independence of the country; strengthening political stability and national unity; ensuring favorable conditions for sustainable development of the economy and increasing the level of well-being of the people, economic and environmental security of the country; building a democratic society based on a market economic system; protection of the rights, freedoms, dignity and interests of citizens within the country and abroad; creation of a belt of good neighborliness along the borders of the country; development of trusting, friendly and mutually beneficial relations with all countries of the world; strengthening the desired and positive image of the republic in the world; assistance to Tajiks living in other countries.

**Key words:** history, formation, politics, foreign policy, policy directions, national interests, external relations.

**Маълумот дар бораи муаллиф: Нозимов Айниддин Шамсуддинович** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, мудири шуъбаи таҷрибаомӯзӣ ва кор бо мутахассисони ҷавон. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к. Э. Муҳиддин – 63. Телефон: (+992) 918372569.

**Сведения об авторе: Нозимов Айниддин Шамсуддинович** – Таджикский педагогический институт в Раштском районе, начальник отдела стажировки и работы с молодыми специалистами. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Гарм, ул. Э. Мухиддин – 63. Телефон: (+992) 918372569.

**About the author: Nozimov Ainiddin Shamsuddinovich** – Tajik pedagogical institute in Rasht district, head of the department of internship and work with young specialists. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Garm city, E. Mukhiddin street – 63. Phone: (+992) 918372569.

ТДУ: 340.5

# ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВӢ-ҲУҚУҚИИ АВЕСТО БО ҚОНУНГУЗОРИИ АМАЛКУНАНДАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Азимзода Ф.А.**
**Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт**

Ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ ду падидаи муҳими ҳуқуқие мебошанд, ки дар ҳама давру замон мубраммияти худро нигоҳ доштаанд. Омӯзиши ҷанбаҳои таърихӣ, муайян кардани нақши инстутҳои мазкур дар давраҳои таърихӣ, гузаронидани таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии сарчашмаҳои ҳуқуқии таърихӣ бо меъёрҳои қонунгузории замони муосир мубраммияти масъалаи таҳқиқшавандаро боз ҳам меафзояд.

Яке аз низомҳои таърихӣ-ҳуқуқие, ки пайдоишу ташаккули ҳуқуқи миллӣ аз он ибтидо гирифтааст ин низоми ҳуқуқии зардуштӣ ба ҳисоб меравад. Ҳуқуқи зардуштӣ дорои сарчашмаҳои расмию хаттие мебошад, ки бори нахуст ҷанбаҳои муҳими ҳуқуқӣ, аз ҷумла институтҳои ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқиро дар шакли навишташуда муқаррар ва танзим намудааст, навиштаҳои хаттии он то ба имрӯз омада расидаанд. Масъалаҳои ҷиноят ҳамчун падидаи хатарноки ҷамъиятӣ, ки ҳуқуқи инсонро поймол мекунад ва ҷазо барои он дар ҳамаи сарчашмаҳои зикршуда баррасӣ шудааст, махсусан дар «Авесто» ҳамчун сарчашмаи асосии қадимаи ҳуқуқ, аз ҷумла ҳуқуқи ҷиноятӣ. Ба муайян кардани кирдор ҳамчун ҷиноят, таъин ва татбиқи ҷазоҳо, ҳалли баҳсҳои дорои хусусияти ҷиноятӣ, ба амал баровардани адолати судӣ ва адолати иҷтимоӣ диққати калон дода мешавад [3, с. 40].

Дар низоми сарчашмаҳои ҳуқуқи зардуштӣ Авесто мавқеи марказиро ишғол менамояд. Зеро чун "Маҷмуаи қонунҳо" тамоми ҷанбаҳои муҳми ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятиро муқаррар кардааст. Заминаи таърихию ҳуқуқии бисёре аз меъёрҳои қонунгузории соҳавии амалкунандаи кишвар дар Авесто ба назар мерасанд.  Меъёрҳои ҳуқуқии «Авесто» дар «Вандидод» – «Қонун бар зидди девҳо» каму беш ба низом даровард шудаанд. Хусусиятҳои «Авесто»-ро ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқӣ ба ғайр аз дигар меъёрҳои ҳуқуқии қисмҳои он ҳамин қисм муайян мекунад. Аввалан, он хусусияти сирф ҳуқуқӣ дорад. Аз 22 фаргари Вандидод 16 фаргард (фаргардҳои 3-18) сирф ҳуқуқӣ буда, 6-тои боқимонда тақрибан нисфи талаботи ҳуқуқиро дар бар мегирад. Сонияи, «Авесто» ҳамчун сарчашмаи мукаммали ҳуқуқ меъёрҳои ҳуқуқии соҳаҳои ҷиноятӣ, обӣ, судӣ ва ғайраро дар бар мегирад. Ҷолиб он аст, ки дар бисёр мавридҳо ҳангоми танзими объекти мушаххас пайдарпайии муайяни меъёрҳои ҳуқуқиро пай бурдан мумкин аст. Масалан, ҳангоми аз зарар муҳофизат намудани саломатии одамон, ҳангоми муҳофизати ҳаёт ва саломатии сагҳо, ҳангоми муайян кардани навъҳои шартнома ва ғайра [19, с. 13].

Баъзе олимон Вандидодро ҳамчун як кодекси ҷиноятии қадим эътироф мекунанд, қисман дуруст мебошад. Вале бояд гуфт, ки дар ин сарчашма ба ғайр аз меъёрҳои ҷиноятӣ бисёр меъёрҳои ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи судӣ, ҳуқуқи обӣ, ҳуқуқи экологӣ мавҷуданд, ки онро на танҳо ҳамчун кодекси ҷиноятии қадим, балки, илова бар ин, ҳамчун «Қонунномаи қадим» тавсиф мекунанд. Чунин муназзам ва мутамаркази қонун дар Вандидод, бешубҳа, ҳатто дар он замонҳо

онро ба «Қонуномаи бостонии» форсизабонони Осиёи Миёна ва Эрон табдил дода, сарчашмаи ҳуқуқе чун «Қонунҳои Ману» дар Ҳиндустон ва «Қонунҳои Ҳаммурапӣ» дар Бобул кардааст. Тафовути Авесто дар он аст, ки он ба ҳокимон ва қонунгузорони алоҳида тааллуқ надорад. Мазмун ва предмети танзими ҳуқуқии Вандидод, сарфи назар аз замони пайдоиши он аз он гувоҳӣ медиҳад, ки усулҳо ва талаботи ҳуқуқии он нисбат ба давраи Ҳахоманишиён хеле пештар ташаккул ёфта, то замони пас аз Сосониён татбиқ мешуданд [19, с. 13]. Бо ин назардошт, гузаронидани таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии Авесто бо қонунгузории соҳавии амалкунандаи кишвар аз ҷумлаи масъалаҳои мубрам арзёбӣ гардида, метавонад дорои аҳаммияти баланди илмию амалӣ бошад.

Дар Авесто меъёрҳои ҳуқуқӣ оид ба муносибатҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, ҳуқуқӣ-маданӣ, ҳуқуқӣ-оилавӣ, ҳуқуқӣ-экологӣ ва амсоли инҳо ба назар мерасад. Бинобар ин, мо тасмим гирифтем, ки меъёрҳои Авесторо бо меъёрҳои қонунгузории амалкунандаи кишвар дар самти муносибатҳои ҷиноятӣ, маданӣ ва оилавӣ мавриди таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ қарор диҳем.

**Муносибатҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ.** Дар бахши муносибатҳо ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ бисёр меъёрҳоро вохӯрдан мумкин аст, ки ҳам дар қонунунгузрии ҷиноятӣ ва ҳам дар Авесто ба мушоҳида мерасанд. Низоми ҳуқуқии зардуштӣ ба масъалаи ҷинояту ҷиноятгорӣ таваҷҷуҳи махсус додааст. Дар ин хусус, Вандидод бахши меъёрҳои хусусияти ҷиноятии ҳуқуқидоштаро муттаҳид намудааст.

Як қатор принсипҳои ҳуқуқӣ ҳангоми таъин ва татбиқи ҷавобгариҳои ҳуқуқӣ риоя мегардиданд. Аксарияти онҳо дар сарчашмаҳои ҳуқуқӣ низ мустаҳкам гардида буданд, чунончи, принсипи ҷавобгарии фардӣ. Мувофиқи принсипи мазкур ҳар як шахс барои кирдори содиркардааш танҳо худаш ҷавобгар дониста мешуд. Мутобиқи моддаи 7 Кодекси ҷиноятии ҶТ «Ҳеҷ кас тахти ҷавобгарии ҷиноятӣ қарор гирифта наметавонад ба ҷуз аз кирдори (ҳаракат ё беҳаракатӣ) шахсии худ» [11]. Принсипи мазкур на танҳо дар Авесто,балки дар дигар сарчашмаҳои ҳуқуқи зардуштӣ низ муқаррар шудааст. Аз ҷумла, дар Куруши Кабир дар Эъломияи худ чунин эълон дошта буд: «... ҳар кас посухгӯи аъмоли худ мебошад, ҳеҷ касеро набояд ба ангезаи ин, ки яке аз бастагонаш хилоф кардааст, муҷозот кард ва агар аз дудмон ё хонаводае, хилоф кард, танҳо ҳамон кас ба кайфар бирасад ва ба дигар мардумон ва хонавода коре нест» [16, с. 117-118]. Аз андешаҳои мазкур бармеояд, ки дар татбиқи ҷавобгарии ҳуқуқӣ нақши принсипи ҷавобгарии фардӣ хеле калон арзёбӣ мегардад.

Низоми ҳуқуқи зардуштӣ дар муборизаи некӣ ва бадӣ дар ниҳоят адолатро авлотар медонад ва онро гарави хушбахтии инсон меҳисобад. Авесто ва зардуштӣ риоя ва иҷрои қонунҳо, таъмини тартиботи ҳуқуқӣ ва иҷрои аъмоли шаръиро муқаддас медонистанд. Риояи қонун асоси қонуну тартибот дар ҷамъият ва беҳбудии одамон ҳисоб мешуд [3, с. 40]. Тавре маълум мегардад, риояи қонун ва иҷроиши онҳо дар ҳуқуқи зардуштӣ яке аз уҳдадориҳои шахс дониста мешуд, ки ин меъёр дар моддаи 42 Конститутсияи ҶТ [12] низ муқаррар гардидааст.

Ҳарчанд дар қонунгузории ҷиноятии амалкунанда масъалаи тухмат ва таҳқиқри шахс муқаррар нашудабошад ҳам, вале аксари олимони ватанӣ дар низоми ҳуқуқи зардуштӣ онҳоро ҳамчун кирдори ҷиноятӣ донистаанд. Аз ҷумла, У.А. Азиззода [2], И.Б. Буризода [7], А.Г. Холиқзода [17], Ф.А. Бобохонов [5] ва дигарон.

Аз омузиши меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятии «Авесто» бармеояд, ки дар он замон институти шарики дар ҷиноят низ вуҷуд дошт. Сатрҳои 13-14-и фаргарди 15 ҷиноятҳоеро қайд мекунанд, ки тарафи объективии онҳо исқоти ғайриқонунӣ аст: «Агар зан аз шахси бегона, яъне берун аз никоҳ ҳомиладор шуда, исқоти ҳамл карданӣ шавад, пиразанеро меҷӯянд, ки ин корро мекунад ва пиразанро ёфта бо ёрии растаниҳои махсус анҷом дода шуд, он гоҳ гуноҳ барои ҳар се баробар тақсим карда мешавад» [1]. Дар ин маврид, тибқи банди 12-и ин фаргард, онҳо ба куштори барқасдона ҷавобгар мешаванд. Дар «Авесто» шарик будан дар содир намудани ҷиноят эътироф шудааст, аммо ҳатто ҳангоми муайян кардани нақши ҳар як шарик дар кирдори содиршуда барои ҳама як ҷазо пешбинӣ шудааст. Тавре мебинем, дар «Авесто» таснифи шарикон аз рӯи нақшҳо: ташкилкунанда, иҷрокунанда, таҳриккунанда ва ёрдамчӣ дида нашудааст [18, с. 54-55]. Хеле ҷолиб он аст, ки ҳуқуқи авестоӣ бар хилофи қонуни ҷиноятии муосир омодагӣ ва суиқасд ба содир кардани ҷиноятро вобаста ба таҳдиди воқеии ҷинояткор, аниқтараш бо назардошти навъҳои мушаххаси ҷиноятҳо гурӯҳбандӣ мекунад. Вандидод ҳангоми тасниф кардани кирдор дараҷаи воқеияти содир кардани ҷиноятро ҳамчун аломатҳои бандубастшаванда ба назар мегирад. Хусусияти дигари «Авесто» дар он аст, ки ҳангоми муайян кардани суиқасд ё тайёрӣ ба ҷиноят такрори ин кирдор ҳамчун кирдори махсусан хавфнок ба назар гирифта мешавад. Ҳар дафъае, ки ин кушишҳо такрор мешуданд, дараҷаи гуноҳи ҷинояткор зиёд ва ҷазои он сахттар мешуд. Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки дар «Авесто» тадбирҳои пешгирӣ кардани ҷиноят ва бетартибиҳо пешбинӣ шудааст. Дар ин ҷо таваҷҷӯҳи асосӣ ба пешгирӣ ва рафъи ҷиноят дар марҳилаи омодагӣ ё сӯиқасд ба ҷиноят зоҳир гардидааст.

Дар Авесто ба масъалаи ҳаёт ва саломатӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир гардидааст, ки ба меъёрҳои Кодекси ҷиноятии ҶТ мувофиқати зиёд доранд. Аз ҷумла, масъалаи саломатӣ дар Авесто бо намудҳои гуноҳашон баён шудааст: «Касе, ки ба оҳанги задани дигаре бархезад, гуноҳаш Огерепта аст. Касе, ки бар сари дигаре фуруд ояд, то ӯро бизанад, гуноҳаш Авауиришта аст. Касе, ки ба бадхоҳона оғоз ба задани дигаре кунад, гуноҳаш Аредуш аст. Ҳар гоҳ панҷ бори дигар ба-д-ин кор даст занад, Пешутану шавад» [1]. Бе шубҳа гуфта метавон, ки қисмати Вандидод ҳамчун қонунгузории ҷиноятӣ баромад мекард. Зеро ба мисли Кодекси ҷиноятии амалкунанда на танҳо намудҳои ҷиноят ва ҷазо барои онҳо, балки дараҷаи ҷиноят ва ҷазоро низ муқаррар кардааст. Яъне, ҳадди поёнии ҷазо ва ҳадди ниҳоии ҷазо. Дар Кодекси ҷиноятӣ дар моддаҳои 110-119 [11] вобаста ба дараҷаи зарари расонидашуда ба саломатӣ ва андозаи ҷазои таъиншаванда ҷиноят ва ҷазо дар самти саломатӣ муқаррар шудааст. Чунин масъала дар қисмати Вандидоди Авесто низ ба назар мерасад. Масалан, шахсе, ки гуноҳи Огерептаро содир мекунад, дар ҳадди поёнӣ, панҷ тозиёна бо аспаҳе-аштра, панҷ тозиёна бо сраушо-чарана ҷазо муқаррар карда шудааст [1]. Ҳамчун ҳолати вазнин бошад, барои ҳашт маротиба содир кардани гуноҳи Огерепта, ки ҳанӯз товони гуноҳи пешинро надодааст, кирдораш ҳамчун гуноҳи Пешутану дониста шуда, бо задани дувист тозиёна бо аспаҳе-аштра, дувист тозиёна бо сраушо-чарана ҷазо муқаррар карда шудааст [1]. Аз меъёрҳои зикршуда бармеояд, ки заминаи таърихӣ-ҳуқуқии худро меъёрҳои моддаҳои 110-119 Кодекси ҷиноятии ҶТ маҳз аз қисмати Вандидоди Авесто мегиранд.

Масъалаи ҳифзи саломатӣ дар муносибатҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ таваҷҷуҳи дигар муҳаққиқонро низ ба худ ҷалб намудааст. Дар адабиёт қайд мегардад, ки

дар Авесто ба масъалаи ҳифзи саломатии инсон низ таваҷҷуҳи бештар зоҳир гардидааст. Вобаста ба ин, дар Вандидод ҳифзи саломатӣ вобаста аз намуди кирдор, шакл ва дараҷаи зарари расонидашуда ба саломатӣ ва субъекти ҳуқуқвайронкунӣ ба намудҳо ҷудо гардида, ҷазоҳои гуногун муқаррар карда шудаанд [6, с. 28]. Дар адабиёт ҷиноятҳо ба муқобили саломатӣ вобаста ба сатҳу дараҷаи хавфнокиашон ба чунин навъҳо тасниф карда шудаанд: 1) ба даст силоҳ гирифтан (бо мақсади задан); 2) зарба задан; 3) маҷруҳ кардан; 4) хун резондан; 5) устухон шикастан; 6) расонидани зарари ҷисмонӣ ва ақлӣ ба саломатии инсон [15, с. 74]. Дар Авесто бошад, чор намуди ҷиноятҳо дараҷабандӣ гардидаанд: 1) огерепта; 2) авауиришта; 3) аредуш; 4) пешутану [1, с. 486].

Дар Кодекси ҷиноятии ҶТ се намуди зарар ба саломатӣ муқаррар шудааст. Низоми ҳуқуқии зардуштӣ низ аз ин масъала истисно набуда, ҳарсе намудаи зарар, яъне зарари сабук, миёна ва вазинро ба саломатӣ пешбинӣ кардааст. Вобаста ба зарари сабук Авесто муқаррар намудааст, ки «касе, ки дигареро бизанад ва осеби сахте ба-д-ӯ бирасонад, барои бори аввал сӣ тозиёна бо аспаҳе-аштра, сӣ тозиёна бо сраушо-чарана. Дувумин бор панҷоҳ тозиёна бо аспаҳе-аштра, панҷоҳ тозиёна бо сраушо-чарана. Севумин бор ҳафтод тозиёна бо аспаҳе-аштра, ҳафтод тозиёна бо сраушо-чарана. Чаҳорумин бор навад тозиёна бо аспаҳе-аштра, навад тозиёна бо сраушо-чарана ҷазо дода мешавад» [1, сатр. 30-31]. Вобаста ба зарари миёна расонидан ба саломатӣ Авесто муқаррар менамояд, ки «касе, ки дигареро чунон бизанад, ки хуни вайро бирезад, подафраи гуноҳаш барои бори аввал панҷоҳ тозиёна бо аспаҳе-аштра, панҷоҳ тозиёна бо сраушо-чарана. Дувумин бор ҳафтод тозиёна бо аспаҳе-аштра, ҳафтод тозиёна бо сраушо-чарана. Севумин бор навад тозиёна бо аспаҳе-аштра, навад тозиёна бо сраушо-чарана мебошад» [1, сатр. 34]. Дар хусуси зарари вазин Авесто пешбинӣ кардааст, ки «касе, ки дигареро чунон бизанад, ки устухоне аз вайро бишканад, подафраи гуноҳаш барои бори аввал ҳафтод тозиёна бо аспаҳе-аштра, ҳафтод тозиёна бо сраушо-чарана. Дувумин бор навад тозиёна бо аспаҳе-аштра, навад тозиёна бо сраушо-чарана мебошад» [1, сатр. 37]. Меъёрҳои мазкур ба моддаҳои 110-112 Кодекси ҷиноятии ҶТ мувофиқати калон доранд. Аммо, фарқият дар он аст, ки Вандидод аз дараҷаи сабук ба дараҷаи вазнин меъёрҳоро пайдарҳам муқаррар намудааст. Вале дар Кодекси ҷиноятии ҶТ бошад, аввал зарари вазнин, баъдан миёна, сониян сабук муқаррар шудааст [11]. Ҳол он ки санксияҳои ҳар як моддаи он аз дараҷаи сабук ба миёна ва баъдан ба вазнин муайян гардидааст. Бо ин назардошт, пешниҳод менамоем, ки моддаҳои 110-112 Кодекси ҷиноятии ҶТ ҷойҳояшон иваз карда шуда, аз сабук ба вазнин муқаррар гардад.

Барои куштори қасдан низ ҷазои қатл пешбинӣ шуда буд. Барои таҷовуз ба номус, бачабозӣ ва ғайра ҳамчун ҷиноятҳои хавфнок ҷазои сахт дода мешуд. Тайёрӣ ба ҷиноят ва ҷиноятҳое, ки барои зардуштӣ ва низоми қонуну тартиботи он оқибатҳои хатарнок надоштанд, камтар хавфнок дониста мешуданд. Ҷазои ҳадди ақал 5 зарбаи чӯб ё тозиёна ва сахттаринаш 10 ҳазор тозиёна маҳсуб мешуд [18, с. 55]. Чунин намудҳои ҷиноятҳои зикршуда дар Кодекси ҷиноятии ҶТ низ муқаррар гардидаанд.

Яке аз ҷиноятҳое, ки дар амалия зиёдтар содир мешавад ин ҷинояти дуздӣ ба ҳисоб меравад. Ҷинояти мазкур дар Авесто низ муқаррар шудааст. Аз ҷумла, дар савганди ҳар як зардуштӣ баён гардидааст, ки «Аз дуздидану аз ситадани (боздрии) сутурон дурӣ меҷуям. Аз зиён расондан ба висаи (хонадон)

маздояснон, аз хароб гардондани онҳо дурӣ меҷуям» [1]. Дар ҷои дигар Зардушт хитоб кардааст, ки «Об аз они дузд, тороҷгар, роҳзан, порсокуш, ҷоду, Ашмуғи нопорсо, дурӯғгӯи ситамкор ва касе, ки мурдор ба хок супорад, мабод!» [1]. Вобаста ба масъалаи дуздӣ Куруши Кабир дар Эъломияи худ хитоб намудааст, ки «ман то рӯзе, ки подшоҳ ҳастам, нахохам гузошт, ки касе молу амволи дигареро бо зӯр ва ё ҳар равиши нодурусти дигаре аз ӯ бидуни пардохти арзиши воқеии он бигирад» [16, с. 117-118]. Дар яке аз хитобҳои дигари худ Зардушт баён доштааст, ки «Эй Рашни ашаван! Эй ростарин Рашн!...Эй Рашн, ки беҳтар аз ҳама додхоҳро ба фарёд расӣ! Эй Рашн, ки дуздро беҳтар аз ҳама барандозӣ!» [1]. Меъёрҳои мазкур ба меъёрҳои моддаҳои 244-250 Кодекси ҷиноятии ҶТ мувофиқат менамоянд.

Масъалаи ҷиноятҳои коррупсионӣ низ дар сарчашмаҳои ҳуқуқӣ зардуштӣ муқаррар гардидаанд, ки ба меъёрҳои қонунгузории ҷиноятии амалкунанда мувофиқат менамоянд. Аз ҷумла, ба андешаи муҳаққиқи эронӣ А. Ашрофӣ шоҳаншоҳ ҳақ дошт порагирандаро, ки бори нахуст ин гуноҳро содир кардааст ва ё собиқаи дурахшони амал дар гузашта дошта бошад, авф намояд [4, с. 118]. Ба андешаи мо, меъёре, ки дар қисми 1, эзоҳи моддаи 320 КҶ ҶТ оварда шудааст, заминаи худро маҳз аз низоми ҳуқуқи зардуштӣ мегирад. Аз мазмуни меъёри мазкур бармеояд, ки агар таъмаҷуии пора ихтиёран ба мақоме, ки ба оғози парвандаи ҷиноятӣ ҳуқуқ дорад хабар дода шавад, ӯ аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда мешавад. Чунин ҳолат ҳам дар низоми ҳуқуқи зардуштӣ, мусулмонӣ ва ҳам шуравӣ низ ба назар мерасад.

Ҷолиб он аст, ки ҳангоми муайян кардани гуноҳ «Авесто» ба мисли қонунгузории муосир ва қонуни ҷиноятӣ ба дараҷаи зарари расонидашуда диққати аввалиндараҷа медиҳад. Дар ин ҳолат, хусусияти бандубастӣ аз даст додани қобилияти кори саг ё аз даст додани ягон узвҳои саг мебошад. Қонуни ҷиноятии муосири кишварҳои пешрафта меъёри махсусе дорад, ки саломатии инсонро аз чунин зарарҳо муҳофизат мекунад [18, с. 54]. Масалан, дар Вандидод дар мавриди исқоти ҳамл чунин меъёр мавҷуд аст: «Агар зан аз шарм ба исқоти ҳамл даст занад, гуноҳи куштори кӯдак ҳам ба гардани падар ва ҳам ба модар гузошта мешавад ва барои ин кирдор ҷазои қатл баробар аст» [1]. Қисмати Вандидоди Авесто ба масъалаи исқоти ҳамл меъёрҳои зиёди ҳуқуқӣ муқаррар кардааст. Аз ҷумла, Вандидод, фаргарди 15, қисми 2, бандҳои 13 ва 14 ин масъаларо пешбинӣ кардаанд. Масъалаи мазкур дар моддаи 123 Кодекси ҷиноятии ҶТ муқаррар гардидааст.

Омӯзиши меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятии Авесто ва зардуштӣ моро ба хулосае овард, ки ҳатто дар замонҳои қадим бисёр навъҳои ҷиноят ва усулҳои ҷазо барои онҳо дар асоси муқаррароти бештар инкишофёфтаи қонуни ҷиноятии дорои хусусияти давлатӣ пешбинӣ шуда буданд. Дар он давра институтҳои зиёди ҳуқуқи ҷиноятӣ, аз қабили такрори ҷиноятҳо, ретсидив, ҷазо, бахшиш ва авф, ҷарима, суиқасд ба ҷиноят, шартан маҳкум намудан ва бисёр дигар институтҳо таъсис ёфта буданд, ки дар қонуни ҷиноятии муосир диққати махсусро тақозо мекунанд. Ҷиноятҳои такрорӣ тибқи Кодекси ҷиноятии ҶТ (моддаи 19) чунин маънидод карда мешавад: «Ҷиноятҳои такрорӣ дар вақтҳои гуногун содир намудани ду ё зиёда кирдорест, ки дар ҳамон модда ё қисми моддаи ҳамин Кодекс пешбинӣ шудаанд» [11]. Сатри 26, қисми 3-и фаргарди 4-и Вандидод ҷиноятҳои категорияи аредушро муайян мекунад. Дар сатрҳои 27-28-и фаргарди 4 такрори ин ҷиноят то панҷ маротиба дар вақтҳои гуногун пешбинӣ шудааст.

Шахсе, ки бори шашум ин кирдорро такрор мекунад, пешутану мешавад. Тавре мебинем, шахс барои ҷиноятҳои қаблӣ ҷазо нагирифтааст, яъне мафҳумҳои такрор ва маҷмуи ҷиноятҳо аз фаҳмиши ҳозираи онҳо фарқ мекарданд. Дар «Авесто» такроран содир кардани ҷиноят танҳо дар сурати мавҷуд набудани доғи судӣ эътироф шудааст. Дар дигар намуди ҷиноятҳо навъҳои дигари такрорӣ вуҷуд доштанд, ки аз бисёр ҷиҳат ба фаҳмиши муосири ин падида шабоҳат доранд [18, с. 54-55].

Ҳамин тавр, таҳлилҳо нишон медиҳад, ки сарчашмаҳои ҳуқуқи зардуштӣ, ба хусус Авесто масъалаи ҷиноят ва ҷазоро муқаррар кардааст, ки бисёре аз меъёрҳои он ба қонунгузории ҷиноятии муосир мувофиқат менамоянд. Метавон чунин хулоса кард, ки институтҳои зикршуда аз низоми ҳуқуқи зардуштӣ ба мусулмонӣ ва баъдан ба шуравӣ ва сониян ба низоми муосири ҳуқуқ гузариш намудаанд.

**Муносибатҳои ҳуқуқӣ-оилавӣ.** Низоми ҳуқуқи зардуштӣ дар пояи таълимоти зардуштия ташкил шуда, ба арзишҳои инсонӣ, махсусан оилавӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир намудааст. Масъалаҳои бунёди оила, никоҳ, шартҳои никоҳ, аъзоёни оила, бекор кардани никоҳ, фарзандхонӣ аз ҷумлаи масъалаҳои муҳими оилавӣ мебошанд, ки дар меъёрҳои ҳуқуқӣ зардуштӣ танзим шудаанд. Қадимтарин сарчашмаи таърихии меъёрҳои ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои никоҳӣ дар худуди Осиёи Миёна китоби муқаддаси дини зардуштӣ «Авесто» мебошад [8, с. 56-68]. Дар қисмати қадимаи «Авесто» ба қайр аз «Вандидод» 13 меъёри бевоситаи ҳуқуқие мавҷуд аст, ки муносибатҳои никоҳу оилавиро танзим мекунанд. Дар худи Вандидод, ки 90 фоизи меъёрҳои дар он мавҷудбуда ҳуқуқӣ мебошанд, 37 меъёр бевосита ба танзими проблемаҳои муносибатҳои никоҳию оилавӣ ва шаклҳои ҷойгиркунии фарзандон дахл доранд [21, с. 52]. Ба масъалаҳои оилавию никоҳ ва таъмини фарзандон тибқи низоми ҳуқуқи зардуштӣ муҳаққиқ Б.А. Одинаев таваҷҷуҳи хосса зоҳир кардааст. Муаллиф, изҳор медорад, ки дар натиҷаи омӯзиши таълимоти зардуштия маълум гардид, ки дар таълимоти зардуштия масъалаҳое дохил мешуданд, ки дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон мавриди истифода қарор доранд. Аз ҷумла: манъ будани бисёрзанӣ; фарзандхонӣ; шартҳои бастани никоҳ ва ғайра. Тафовути асосӣ дар он буд, ки фарзанддорӣ шарти муҳими оиладорӣ дониста мешуд ва талоқ ихтиёрӣ набуд [14, с. 154-156]. Ба назари мо масъалаҳои мазкур бояд дар қонунгузории амалкунанда мавриди таваҷҷуҳи ҷиддӣ қарор дода шаванд. Зеро яке аз омилҳои пешгирии парокандашавии оилаҳо маҳсуб меёбанд.

Масъалаи обрӯи зан дар Авесто сахт мавриди ҳифз қарор гирифтааст. Барои доғдор намудани он, ҳатто ҷазоҳои вазнин муқаррар шудааст. Масъалаи нигоҳдорӣ аз зан ва таъмини уро низ Авесто яке аз уҳдадориҳои мард донистааст. Дар Авесто гуфта мешавад, ки агар мард бо духтаре ҳамхоба шавад ва ӯ обистан шавад, бояд то ҳангоме ки кӯдак зода шавад, аз он зан нигаҳдорӣ кунад [1, с. 578]. Дар сурати ғайр мард барои вайрон намудани талаботҳои одатию анъанавӣ гунаҳгор дониста мешуд ва ба ҷазо мубтало мегардид. Дар ин хусус А.Ғ. Холиқзода қайд намудааст, ки қатъ намудани никоҳ ва бенигоҳубин гузоштани зан низ гуноҳи вазнин дониста мешуд [20, с. 92]. Оид ба ҷазои чунин амал дар Авесто зикр шудааст, агар мард ончунон ки сазовор аст, аз зан нигаҳдорӣ накунад ва газанде ба кӯдак бирасад, барои сар боз задан аз нигаҳдории шоиста, подафраи гуноҳи куштани огоҳона бар ӯ равост [1]. Бояд гуфт, ки дар меъёри мазкур ҳадафи чунин нигоҳдорӣ асосан некуаҳволии кӯдак

мебошад. Яъне, бахри ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои кӯдак равона гардидааст. Аз гуфтаҳои боло маълум мешавад, ки дар замонҳои қадим дар Осиёи Миёна кӯдаконро дар батни модар ҳифз мекарданд ва ба занони ҳомиладор низ таваҷҷӯҳи хоса зоҳир мешуд. Тибби муосир собит кардааст, ки давраи инкишофи кӯдак дар батни модар дар рушди муътадили кӯдак нақши асосиро мебозад.

Қисми қадимтарини Авесто «Вандидод» мебошад, ки чунин меъёрҳои ҳуқуқиро дарбар мегирифт, ки дар он муносибатҳои ҳуқуқӣ вобаста ба никоҳ, тарбияи аъзоёни ноболиғи оила, маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои марду зан бинобар вазъи оилавӣ ва ғайраро фаро гирифта буд. Аксари ҳуқуқу уҳдадориҳои падару модар ва фарзандон дар сарчашмаҳои гуногуни низоми ҳуқуқи зардуштӣ, аз ҷумла Авесто муқаррар гардидаанд [22, с. 15]. Масалан, дар «Вандидод» омадааст, ки вазифаи волидайн дар зери назорати махсус нигоҳ доштани кӯдакро дар бар мегирад. Хӯрок ва пӯшонидани кӯдакон то синни ҳафтсолагӣ: «Кӯдакони то шашмоҳа ва кӯдакони то ҳафтсола бояд дар васоят қарор дошта бошанд» [17, с. 206]. Барои ҳифзи ҳуқуқ манфиатҳои кӯдакон дар Вандидод муқаррар шудааст, ки «...падари кудак бояд зани бадномро то калон шудани фарзанд дастгирӣ кунад» [1]. Тавре маълу мегардад, Авесто оид ба таъмини манфиатҳои кӯдакон меъёрҳои зёд муқаррар кардааст. Дар ҳуқуқи муосири кишвар бошад, Кодекси оилаи ҶТ [10] ва Қонуни ҶТ "Дар бораи ҳифзи ҳуқуқи кӯдак" [13] ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳо кӯдак ва уҳдадориҳои волидонро нисбати ӯ муқаррар кардаанд.

Хулоса кардан мумкин аст, ки таъминоти моддие, ки қонунгузории оилавӣ дар шакли "алимент" муқаррар кардааст, заминаи таърихии худро маҳз аз сарчашмаҳои ҳуқуқи зардуштӣ (меъёрҳои дар боло зикршуда) мегирад. Фарқият дар он зоҳир мегардад, ки дар Авесто барои нигоҳубини нодурусти модару кӯдак ҷазои вазнин муқаррар кардааст. Агар падар аз чунин уҳдадориҳо даст кашад, оиларо ҳимоя накунад ва аз ҷиҳати моддӣ таъмин нанамояд ва дар натиҷа, кӯдак ба ягон ҷиҳат нотавон гардад, шавҳар дар назди мардум ба қатл расонида мешавад: «Агар ӯро таъмин накунад, ҷазои куштори қасданро бар дӯш гирад» [1]. Меъёри мазкур бори дигар далолат ба он мекунад, ки масъалаи таъмини ҳуқуқу манфиатҳои кӯдакон аз ҷумлаи масъалаи муҳим мебошад. Бо ин назардошт, дар қонунгузори оилавии замони муосир бояд ба масъалаи мазкур боз ҳам таваҷҷуҳи бештар зоҳир карда шавад. Амалия нишон медиҳад, ки дар бисёр ҳолатҳо ҳукми судӣ ҷиҳати таъмини модии кӯдак (алимент) саривақт пардохт карда намешавад. Бинобар ин, барои сари вақт иҷро накардани ҳукми суд дар хусуси пардохти алимент бояд ҷавобгарии ҷиноятӣ пурзур карда шавад.

Ҳамин тавр, таҳқиқот нишон медиҳад, Авесто ҳамчун сарчашмаи нодири таърихӣ-ҳуқуқӣ ба масъалаи муносибатҳои оилавӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир намуда, ҷанбаҳои алоҳидаи масъалаҳои оилавиро танзим намудааст, ки бо қонунгузории амалкунанда мувофиқ мебошанд. Аз ҷумла, шартҳои бастани никоҳ, бекор кардани никоҳ, якканикоҳӣ ва амсоли инҳо.

**Муносибатҳои маданӣ-ҳуқуқӣ.** Дар ҳуқуқи зардуштӣ ба масъалаи муносибатҳои маданӣ низ таваҷҷуҳи хосса зоҳир шудааст. Дар Авесто бисёр меъёрҳоеро мушоҳида кардан мумкин аст, ки муносибатҳои маданиро танзим намуда, ба қонунгузории мадании амалкунандаи кишвар мувофиқат менамоянд.

Дар Авесто ҳамчун сарчашмаи бонуфузи низоми зардуштӣ оид ба масъалаи паймон (аҳд ва шартнома ба фаҳмиши ҳозира) меъёрҳои зиёдро дучор омадан мумкин аст. Аз ҷумла, фаргарди 4, бахши дувум А-Г) бораи намудҳои

алоҳидаи паймонро муқаррар кардааст [1, с. 484-487]. Бахши дувум Д) паймони хизматрасонӣ – шартномаи хизматрасонӣ аз ҷумла, додани таълимро муқаррар кардааст [1, с. 493]. Меъёрҳои зикршуда ба зерфасли 2 (шартнома) ва боби 43 (хизматрасонии музднок) [9] Кодекси мадании ҶТ мувофиқат менамоянд. Дар қисмати Вандидод бошад, ҷазо барои шикастани паймон пешбинӣ карда шудааст. Аз ҷумла гуфта шудааст, ки «Эй додори ҷаҳони астуманд! Эй ашаван! Касе, ки гуфтор - паймонро бишканад, подафраи гуноҳаш чист? Аҳура Маздо посух дод: – Сесад тозиёна бо аспахе-аштра, сесад тозиёна бо сраушо-чарана» [1]. Тавре маълум мегардад, барои шикастани паймон дар ҳуқуқи зардуштӣ ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар гардидааст.

Дар хусуси шартномаи кироя низ меъёрҳо дар Авесто ба назар мерасад. Аз ҷумла, тибқи фаргард 4, сатри 1: «Вақте ки касе шартномаи кироя мебандад ва дар натиҷа, кироягиранда аз баргардонидани он даст кашад, вайронкунандаи шартнома ба дузд баробар карда мешавад ва ҷазо мегирад...» [1]. Меъёри мазкур дар Авесто чунин муқаррар шудааст: «Касе, ки аз бозгардондани супурдае ба дорандааш худдорӣ кунад, кирдораш бад-он монад, ки он супурдаро аз дорандааш дуздида бошад. То ҳангоме ки он супурдаро дар хонаи хеш нигоҳ дорад, ҳар рӯзу ҳар шаб, ки ба-д-он даст занад ва онро аз они хеш бишуморад, бад-он монад, ки дигар бор онро дуздида бошад» [1, с. 484]. Меъёрҳои мазкур ба боби 39 [9] (иҷора) Кодекси мадании ҶТ мувофиқат менамояд.

Ҳамин тавр, аз таҳқиқот бармеояд, ки масъалаҳои алоҳидаи ҳуқуқӣ-маданӣ дар Авесто муқаррар шудаанд, ки ба қонунгузории мадании амалкунандаи ҶТ мувофиқ мебошанд.

Дар натиҷаи таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии Авесто бо қонунгузории амалкунандаи ҶТ хулосаҳои зерин баровардан мумкин аст:

1. Омӯзиши ҷанбаҳои таърихӣ, муайян кардани нақши инстутҳои мазкур дар давраҳои таърихӣ, гузаронидани таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии сарчашмаҳои ҳуқуқии таърихӣ бо меъёрҳои қонунгузории замони муосир мубраммияти масъалаи таҳқиқшавандаро боз ҳам меафзояд. Дар Авесто меъёрҳои ҳуқуқӣ оид ба муносибатҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, ҳуқуқӣ-маданӣ, ҳуқуқӣ-оилавӣ, ҳуқуқӣ-экологӣ ва амсоли инҳо ба назар мерасад. Бо ин назардошт, гузаронидани таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии Авесто бо қонунгузории соҳавии амалкунандаи кишвар аз ҷумлаи масъалаҳои мубрам арзёбӣ гардида, метавонад дорои аҳаммияти баланди илмию амалӣ бошад.

2. Дар бахши муносибатҳо ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ бисёр меъёрҳоро вохӯрдан мумкин аст, ки ҳам дар қонунунгузрии ҷиноятӣ ва ҳам дар Авесто ба мушоҳида мерасанд. Низоми ҳуқуқии зардуштӣ ба масъалаи ҷинояту ҷиноятkорӣ таваҷҷуҳи махсус додааст. Дар ин хусус, Вандидод бахши меъёрҳои хусусияти ҷиноятии ҳуқуқидоштаро муттаҳид намудааст. Метавон чунин хулоса кард, ки институтҳои ҷиноятkорӣ ва ҷазо зикршуда аз низоми ҳуқуқи зардуштӣ ба мусулмонӣ ва баъдан ба шуравӣ ва сонииян ба низоми муосири ҳуқуқ гузариш намудаанд.

3. Яке аз фарқиятҳо дар он аст, ки Вандидод аз дараҷаи сабук ба дараҷаи вазнин меъёрҳоро оид ба расонидани зарар ба саломатӣ пайдарҳам муқаррар намудааст. Вале дар Кодекси ҷиноятии ҶТ бошад, аввал зарари вазнин, баъдан миёна, сонииян сабук муқаррар шудааст. Ҳол он ки санксияҳои ҳар як моддаи он аз дараҷаи сабук ба миёна ва баъдан ба вазнин муайян гардидааст. Бо ин

назардошт, пешниҳод менамоем, ки моддаҳои 110-112 Кодекси ҷиноятии ҶТ ҷойҳояшон иваз карда шуда, аз сабук ба вазнин муқаррар гардад.

4. Низоми ҳуқуқи зардуштӣ дар пояи таълимоти зардуштия ташкил шуда, ба арзишҳои инсонӣ, махсусан оилавӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир намудааст. Масъалаҳои бунёди оила, никоҳ, шартҳои никоҳ, аъзоёни оила, бекор кардани никоҳ, фарзандхонӣ аз ҷумлаи масъалаҳои муҳими оилавӣ мебошанд, ки дар меъёрҳои ҳуқуқӣ зардуштӣ танзим шудаанд. Авесто ҳамчун сарчашмаи нодири таърихӣ-ҳуқуқӣ ба масъалаи муносибатҳои оилавӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир намуда, ҷанбаҳои алоҳидаи масъалаҳои оилавиро танзим намудааст, ки бо қонунгузории амалкунанда мувофиқ мебошанд. Аз ҷумла, шартҳои бастани никоҳ, бекор кардани никоҳ, якканикоҳӣ ва амсоли инҳо.

5. Тафовути асосӣ дар он буд, ки дар ҳуқуқи зардуштӣ фарзанддорӣ шарти муҳими оиладорӣ дониста мешуд ва талоқ ихтиёрӣ набуд. Ба назари мо, масъалаҳои мазкур бояд дар қонунгузории амалкунанда мавриди таваҷҷуҳи ҷиддӣ қарор дода шаванд. Зеро яке аз омилҳои парокандашавии оилаҳо маҳсуб меёбанд.

6. Хулоса кардан мумкин аст, ки таъминоти моддие, ки қонунгузории оилавӣ дар шакли "алимент" муқаррар кардааст, заминаи таърихии худро маҳз аз сарчашмаҳои ҳуқуқи зардуштӣ мегирад. Фарқият дар он зоҳир мегардад, ки дар Авесто барои нигоҳубини нодурусти модару кӯдак ҷазои вазнин муқаррар кардааст. Бо ин назардошт, дар қонунгузори оилавии замони муосир бояд ба масъалаи мазкур боз ҳам таваҷҷуҳи бештар зоҳир карда шавад. Амалия нишон медиҳад, ки дар бисёр ҳолатҳо ҳукми судӣ ҷиҳати таъмини модии кӯдак (алимент) саривақт пардохт карда намешавад. Бинобар ин, барои сари вақт иҷро накардани ҳукми суд дар хусуси пардохти алимент бояд ҷавобгарии ҷиноятӣ пурзур карда шавад.

7. Дар ҳуқуқи зардуштӣ ба масъалаи муносибатҳои маданӣ низ таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда шудааст. Дар Авесто бисёр меъёрҳоеро мушоҳида кардан мумкин аст, ки муносибатҳои маданиро танзим намуда, ба қонунгузории мадании амалкунандаи кишвар мувофиқат менамоянд. Аз ҷумла, масъалаи намудҳои шартнома.

**Муқарриз: Бобохонов Ф.А. – н.и.ҳ., дотсенти ДОТ дар н. Рашт**

## АДАБИЁТ

1. Авасто. Ҷилди I [Матн]. – Душанбе: Бухоро, 2014. – 839 с.

2. Азизов У.А. Современные подходы к классификации преступлений в государствах таджиков в период зороастризма // Российское государствоведение. – 2016. – № 1. – С. 36-38.

3. Азизов У.А. Эволюция понимания преступления и наказания в древних государствах таджиков / У.А. Азизов // Права человека в международном и национальном праве: сборник научных статей, посвященный 10-летию кафедры Международного права и прав человека Юридического института МГПУ. – М.: Издательство "Права человека", 2015. – С. 37-45.

4. Ашрофӣ А. Ришва дар Эрони пеш аз Ислом / А. Ашрафӣ // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2012. – № 3. – С. 115-119.

5. Бобохонов Ф.А. Ҳифзи ҳуқуқи инсон аз зарари маънавӣ: таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ ва назариявӣ-ҳуқуқӣ: дис. ...ном. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2022. – 202 с.

6. Бобохонов Ф.А. Ҳифзи ҳуқуқи инсон аз зарари маънавӣ: таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ ва назариявӣ-ҳуқуқӣ / Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Азиззода У.А. – Душанбе: Ашуриён, 2024. – 216 с.

7. Буриев И.Б. История государства и права Таджикистана. Т.1, ч. 1-2 (от древнейших времен до начала XX века). – Душанбе: Ирфон, 2007. – С. 30.

8. Буризода Э.Б. История государства и права Таджикистан. Часть 1. – Душанбе: Хирадмандон, 2020. – 260 с.

9. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24-уми декабри соли 2022, №1988 [Захираиэлектронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 13.08.2024).

10. Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13-уми ноябри соли1998, №22 [Захираиэлектронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 13.08.2024).

11. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21-уми майи соли1998,№574 [Захираиэлектронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 13.08.2024).

12. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми сентябри соли 1999, 22-юми июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 13.08.2024).

13. Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» аз 18-уми марти соли 2015, №1196 [Захираиэлектронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 13.08.2024).

14. Одинаев Б.А. Институти оила дар зардуштия ва ислом: таҳқиқоти таърихӣ-диншиносӣ: диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020600 – Диншиносӣ (6D020601 – Фалсафаи дин ва диншиносӣ). – Душанбе, 2024. – 180 с.

15. Пирнийа Х. Таърихи Ирони Бостон. Т.1. – Теҳрон, 1362 х/1984. – С. 74.

16. Саъдизода Ҷ., Сафарзода Н.Ф. Ҳуқуқи инсон: аз Зардушт то Куруш. – Душанбе: Бахманрӯд, 2016. – С. 117-118.

17. Халиков А.Г. Правовая система зороастризма (древнее право). – Душанбе: Маориф ва фарханг, 2005. – С. 322–358.

18. Халиков А.Г. Зороастрийкое право и проблема классификации преступлений // Пробелы в российском законодательстве. – 2013. – №6. – С. 52-56.

19. Халиков А.Г. Общая характеристика Авесты как источника зороастрийского права // Бизнес в законе. – 2013. – № 6. – С. 9-14.

20. Холиқов А.Ғ. Таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон. – Душанбе: ЭР-граф, 2014. – С. 92

21. Холинова, М.М. Эволюция института опеки и попечительства в истории таджикского права: дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2018. – 197 с.

22. Шарифзода А. К вопросу о формировании правового статуса ребенка в досоветском Таджикистане // «Законодательство. – 2017. – № 1 (25). – С. 15-18.

**Literature:**

1. Avasta. Volume I [Text]. – Dushanbe: Bukhara, 2014. – 839 p.

2. Azizov U.A. Modern approaches to the classification of crimes in the Tajik states during the Zoroastrian period // Russian state studies. - 2016. - No. 1. - P. 36-38.

3. Azizov U.A. Evolution of understanding of crime and punishment in the ancient Tajik states / U.A. Azizov // Human rights in international and national law: a collection of scientific articles dedicated to the 10th anniversary of the Department of International Law and Human Rights of the Law Institute of Moscow State Pedagogical University. - M .: Publishing House "Human Rights", 2015. - P. 37-45. 4. Ashrafi A. Rishva dar Eroni pesh az Islom / A. Ashrafi // Machallai Academy of Sciences. – 2012. – No. 3. – P. 115-119.

5. Bobokhonov F.A. Ҳifzi ҳққуқӣ inson az zarari ma'navi: tҳқӣҳқoti ta'rikhӣ-ҳukқukӣ va nazariyavi-ҳukukқӣ: dis. ...nom. illm. хуқққ. – Dushanbe, 2022. – 202 p.

6. Bobokhonov F.A. Ҳifzi ҳуқуқи inson az zarari ma'navi: takhikoti tarihi-ҳukқukқi va nazariyavi-ҳukқukӣi / Zeri takhriri doctors ilmҳoi ҳukқukshinosi, professor Azizzoda U.A. – Dushanbe: Ashurien, 2024. – 216 p.

7. Buriev I.B. History of state and law of Tajikistan. T.1, parts 1-2 (from ancient times to the beginning of the 20th century). – Dushanbe: Irfon, 2007. – P. 30.

8. Burizoda E.B. History of state and law of Tajikistan. Part 1. – Dushanbe: Khiradmandon, 2020. – 260 p.

9. Codes of Madania Khumhuriya Tojikiston az 24-umi December salt 2022, No. 1988 [Zakhiraielektroni]. Manbai dastrasi: URL: http://mmk.tj (sanai murohiat: 08/13/2024).

10. Codes of oilai Ҷumhuria Toҷikiston az 13-umi November salt 1998, No. 22 [Zakhiraielektroni]. Manbai dastrasi: URL: http://mmk.tj (sanai murohiat: 08/13/2024).

11. Codes of the Kinoyatiya of Kumhuria Tojikiston az 21-umi mayi salt 1998, No. 574 [Zakhiraielektroni]. Manbai dastrasi: URL: http://mmk.tj (sanai murohiat: 08/13/2024).

12. Constitution of the Republic of Uzbekistan Tojikiston az 6-umi november 1994 bo tagyiru ilovakho az 26-umi september 1999, 22-juni soli 2003 and 22 mayi soli 2016 [Zakhirai electron]. Manbai dastrasi: URL: http://mmk.tj (sanai murohiat: 08/13/2024).

13. Konuni ҶТ "Dar borai khifzi ҳukukқҳoi kudak" Az 18-umi March of salt 2015, No. 1196 [Zakhiraielektroni]. Manbai dastrasi: URL: http://mmk.tj (sanai murohiat: 08/13/2024).

14. Odinaev B.A. Instituti oila dar zardushtiya va islom: takhikoti tarikhi-dinshinosi: dissertation baroi darefti darakhai ilmii doctor falsafa (PhD) – doctor az ruyi ichtisosi 6D020600 – Dinshinosi (6D020601 – Falsafai din wa dinshinosi). – Dushanbe, 2024. – 180 p.

15. Pirnia H. Tarihi Ironi Boston. T.1. – Tehon, 1362 x/1984. – P. 74.

16. Sadizoda J., Safarzoda N.F. Kuyui inson: az Zardusht to Kurush. – Dushanbe: Banjmanrud, 2016. – P. 117-118.

17. Khalikov A.G. Legal system of Zoroastrianism (ancient law). – Dushanbe: Maorif va farhang, 2005. – P. 322–358.

18. Khalikov A.G. Zoroastrian law and the problem of crime classification // Gaps in Russian legislation. – 2013. – No. 6. – P. 52-56.

19. Khalikov A.G. General characteristics of the Avesta as a source of Zoroastrian law // Business in law. – 2013. – No. 6. – P. 9-14.

20. Kholikov A.G. Ta'rihi davlat va huquqi Tojikiston. – Dushanbe: ER-graf, 2014. – P. 92

21. Kholinova, M.M. Evolution of the Institute of Guardianship and Trusteeship in the History of Tajik Law: dis. … Cand. of Law. – Dushanbe, 2018. – 197 p.

22. Sharifzoda A. On the Formation of the Legal Status of a Child in Pre-Soviet Tajikistan // "Legislation. – 2017. – No. 1 (25). – P. 15-18.

## ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВӢ-ҲУҚУҚИИ АВЕСТО БО ҚОНУНГУЗОРИИ АМАЛКУНАНДАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақолаи мазкур таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии Авесто бо қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф, зимни таҳқиқи масъалаи мазкур андешаҳои олимони ватанию хориҷӣ, меъёрҳои ҳуқуқии Авесто ва қонунгузории соҳавии амалкунандаи кишварро ба инобат гирифта, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ гузаронидааст. Зимни таҳқиқоти худ, муаллиф ба хулосае омадааст, ки омӯзиши ҷанбаҳои таърихӣ, муайян кардани нақши инстутҳои мазкур дар давраҳои таърихӣ, гузаронидани таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии сарчашмаҳои ҳуқуқии таърихӣ бо меъёрҳои қонунгузории замони муосир мубраммияти масъалаи таҳқиқшавандаро боз ҳам меафзояд. Дар Авесто меъёрҳои ҳуқуқӣ оид ба муносибатҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, ҳуқуқӣ-маданӣ, ҳуқуқӣ-оилавӣ, ҳуқуқӣ-экологӣ ва амсоли инҳо ба назар мерасад. Бо ин назардошт, гузаронидани таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии Авесто бо қонунгузории соҳавии амалкунандаи кишвар аз ҷумлаи масъалаҳои мубрам арзёбӣ гардида, метавонад дорои аҳаммияти баланди илмию амалӣ бошад.

**Калидвожаҳо:** таҳлил, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, Авесто, Вандидод, меъёрҳои ҳуқуқӣ, ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқӣ оилавӣ, қонунгузории амалкунанда.

## СРАВНИТЕЛЬНО-ПРАВОВОЙ АНАЛИЗ АВЕСТЫ С ДЕЙСТВУЮЩИМ ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВОМ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В статье рассматривается сравнительно-правовой анализ Авесты с действующим законодательством Республики Таджикистан. При исследовании данного вопроса автор провел сравнительно-правовой анализ, приняв во внимание мнения отечественных и зарубежных ученых, правовые нормы Авесты, а также действующее отраслевое законодательство страны. В ходе своего исследования автор пришел к выводу, что изучение исторических аспектов, определение роли данных институтов в исторические периоды, проведение сравнительно-правового анализа исторических правовых источников с современными законодательными нормами еще больше повышает актуальность исследуемой проблемы. Авеста содержит правовые нормы, касающиеся уголовно-правовых, гражданско-правовых, семейно-правовых, экологических и тому подобных отношений. В этой связи проведение сравнительно-правового анализа Авесты с действующим отраслевым законодательством страны считается одной из актуальных проблем и может иметь большое научное и практическое значение.

**Ключевые слова:** анализ, сравнительное право, Авеста, Вандидад, правовые нормы, уголовное право, гражданское право, семейное право, действующее законодательство.

## COMPARATIVE LEGAL ANALYSIS OF THE AVESTA WITH THE CURRENT LEGISLATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The article considers the comparative legal analysis of the Avesta with the current legislation of the Republic of Tajikistan. In studying this issue, the author conducted a comparative legal analysis, taking into account the opinions of domestic

and foreign scientists, the legal norms of the Avesta, as well as the current sectoral legislation of the country. In the course of his research, the author came to the conclusion that the study of historical aspects, determining the role of these institutions in historical periods, conducting a comparative legal analysis of historical legal sources with modern legislative norms further increases the relevance of the problem under study. The Avesta contains legal norms concerning criminal, civil, family, environmental and similar relations. In this regard, conducting a comparative legal analysis of the Avesta with the current sectoral legislation of the country is considered one of the pressing issues and can be of great scientific and practical importance.

**Key words:** analysis, comparative law, Avesta, Vandidad, legal norms, criminal law, civil law, family law, current legislation.

**Маълумот дар бораи муаллиф: Азимзода Фирдавс Акбаралӣ** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, факултети таърих ва ҳуқуқ, ассистенти кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатӣ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к. Э. Муҳиддин-63. Телефон: (+992) 207009996. E-mail: Azimov.Firdavs.84@mail.ru

**Сведения об автор: Азимзода Фирдавс Акбарали** – Таджикский педагогический институт в Раштском районе, факультет истории и права, ассистент кафедры права и государственного управления. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Гарм, ул. Э. Мухиддин-63. Телефон: (+992) 207009996. E-mail: Azimov.Firdavs.84@mail.ru

**Information about author: Azimzoda Firdavs Akbarali** – Tajik pedagogical institute in Rasht district, faculty of history and law, assistants the department of law and public administration. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Garm, E. Mukhiddin-63 Street. Phone: (+992) 207009996. E-mail: Azimov.Firdavs.84@mail.ru

## ИЛМҲОИ ТАЪРИХ – ИСТОРИЧЕСКИЕ НАУКИ

ТДУ: 94

# РАБОТҲОИ МОВАРОУННАҲР ДАР ЗАМОНИ СОМОНИЁН

**Шарифова М.Қ., Идибеков А.А.**
**Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт**

Дар асрҳои миёна бар асари ҷангҳое, ки арабҳо сипас мусулмонони ғайриараб барои густариши ислом ва ҳифзи сарҳадҳои қаламрави ислом роҳандозӣ мекарданд муассисаҳое бо номи работ таъсис ёфтанд, ки дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии давраи сомонӣ нақши бузург иҷро мекарданд. Дар ибтидо работҳо дар баробари туркони ғайримусалмон, ки рақиби асосӣ ва таҳдиде барои сарҳадҳои ҷаҳони ислом шумурда мешуданд, ба кор рафта, ба ҳайси дид богоҳ ё маҳалле барои назорати минтақаи сарҳадӣ хидмат мекарданд. Аммо пас аз он, ки бештари туркон исломро пазируфтанд ва сарҳади хилофат то чин тӯл кашид работҳо ба ҷои истиқомати корвонҳои тиҷоратӣ табдил ёфтанд.

Амирони сомонӣ воқеияти бебаҳси рӯзгори худ, яъне мусулмон будани аҳолиро дарк карда, талош мекарданд, ки сиёсатҳои хуро бо даъватҳои ислом ҳамгун созанд. Аз ҷумла, ҷангҳои худро низ ба унвони «ғазо» ё «ҷиҳод дар роҳи Худо» муаррифӣ мекарданд. Ҳангоми лашкаркашӣ ба Хуросон яке аз сардорони сипоҳ аз Исмоил пурсид, ки лашкаргоҳро бо чӣ силоҳ мустаҳкам созад? Исмоил дар ҷавоб фармуд, ки «ҳеч силоҳе аз дин нигоҳдорандатар ва ҳеч биное аз дод устувортар нест» [6, с. 183].

Работ аз калимаи арабии ( рабт) гирифта шудааст, ки маънои луғавии он собитқадамӣ дар умур ва пойдорӣ дар ҷанг бо душман буда, баъдтар работ ба маънои истгоҳи марзие ба кор мерафт, ки ғозиёни ислом дар он қарор мегирифтанд. Мовароуннаҳр дар асрҳои I X-X марзи шарқии ҷаҳони ислом шумурда мешуд ва табиист, ки бештарин работҳо дар ин минтақа ҷойгир буданд. Баъзе сарчашмаҳо адади работҳои Мовароуннаҳро даҳ ҳазор гуфтаанд. Муҳимтарин минтақаҳои марзие, ки дар асри Сомониён шинохта шуда, работҳо дар он ҷойгоҳи муҳим доштанд, Исфиҷоб, Тароз, Чоч, Уш, Чағониёнва Рошт (Рашт) ба ҳисоб мерафтанд. Ҷуғрофинависони асри сомонӣ, аз ҷумла Ибни Хурдодбеҳ дар ин бора гузориш додаанд [3, с. 49]. Дар робот натанҳо марзбонон, балки донишмандону мубаллиғон ҳам қарор мегирифтанд, то дар марзҳои нав аҳкому аркони исломро барои мардум тавзеҳ дода. Онҳоро ба ин даъват мекарданд. Тавре гуфта шуд, яке аз муҳимтарин нуктаҳои марзи ҷаҳони ислом дар асри Сомониён Исфиҷо башумор меомад, ки бештарин теъдоди работҳо дар он қарор доштанд. Мақдисӣ, ки дар охири асри X ба Мовароуннаҳр омада буд, менависад, ки дар Исфиҷо беш аз 1700 работ фаъолият мекард. Ба навиштаи ин донишманду бузург, сокинони шаҳрҳои марзӣ, аз ҷумлаи Исфиҷо, ки дар баробари туркони мусулмон набуда аз як имтиёз бархурдор буданд, ки он напардохтани хироҷ буд. [1, с. 56] Муаррих Яқубӣ менависад, ки Вашгирд ( Файзободи кунунӣ) низ аз минтақаҳои марзӣ ба шумор омада, беш аз 700 работ доштааст [2, с. 243]. Аз шаҳрҳои наздик ба Бухоро - пойтахти Сомониён Пайканд низ яке аз маконҳое буд, ки работи зиёд дошт. Дар нахустин асари ҷуғрофӣ бо

забони форсии тоҷикӣ навишта шуда " Ҳудуд – ул – олам" гуфта мешавад, ки дар Пайканд ҳазор работ вуҷуд доштааст. Наршахӣ ҳам ин фарзияро тасдиқ мекунад ва менависад, ки дар деҳаи Бухоро дар Пайканд як работе бунёд карда, хароҷоти онро аз ҳисоби худ таъмин мекард. Зеро дар ин работҳо ҳамеша теъдоди муайяни ҷанговарон зиндагӣ карда, аз марзҳо дифоъ мекарданд. Дар замони ҳукмронии Сомониён бештари туркҳое, ки дар ин марзҳои ин кишвар зиндагӣ мекарданд, исломро пазируфтанд ва дигар зарурате намонд, ки работҳо чун ҷойгоҳи муҷоҳидону ғозиён бошад. Аз ин давра бабаъд работ ҷои истироҳат ва макони корвонҳои тиҷоратӣ гардид. Тавре аз навиштаҳои олимон бар меояд, аз нимаи асри X зери мафҳуми работ корвонсаро фаҳмида мешуд. Шарқшиноси америкои Ричард Фрай менависад, ки дар корвонсаройҳои замони Сомониён ба омӯзиши масъалаҳои динӣ ва паҳн кардани ислом аз роҳи донишандӯзӣ аҳамияти калон дода мешуд [9, с. 147]. Дар работҳо барои истироҳат ва буду боши корвониён тамоми имкониятҳо, аз вумла об, гармӣ ва дигар шароити зарурӣ фароҳам оварда мешуд. Амнияти корвониён ҳам таъмин мегашт, ки дар шароити асри миёнагӣ, ки роҳзанӣ як падидаи маъруф буд, хеле муҳим шумурда мешуд. Дар осори таърихиву адабии мо намунаҳои бисёреро метавон пайдо кард, ки ҳикоят аз он дорад, ки дар работҳо барои нигоҳдории чаҳорпоён низ имконияеҳоро муҳаё мекарданд. Аз баски дар работҳо аз мардуми роҳгузар ва ниёзманд пазироӣ мешуд ва тавре гуфта шуд, он дар ибтидо барои посдорӣ аз марзу буми ислом буд, бинобар ин хайрхоҳон кӯшиш мекарданд, ки работҳоро бунёд карда, барои фаъолияти он замину дигар амлокро вақф намоянд. Истахрӣ махсус қайд кардааст, ки мардуми Мовароуннаҳр барои бунёд ва нигоҳдории работҳо кӯшиши зиёд мекунанд ва моли хешро дар роҳи ин кор сарф мекунанд. Аз ҷумла, Ибни Ҳақал навиштааст, ки дар Чағониён, Шумон ва Қубодиён работҳои зиёде амал мекарданд, ки замину дигар амволро шахсони некӯкор ба ин работҳо вақф карда буданд [7, с. 255]. Афшини Истаравшанӣ дар наздикии Дизак, ки ҷузъи Истаравшан ба ҳисоб мерафт, работи бузурге бино карда буд. Наршахӣ дар асараш овардааст, ки асосгузори давлати тоҷикон Исмоили Сомонӣ дар деҳаи Шарағ работе бино карда заминҳоеро вақфи он мекунад [4, с. 66]. Ин суннати неки Исмоил асосгузоштаро дигар давлатмардони сомонӣ, сипоҳиён, тоҷирон ва ҳатто донишмандон идома медиҳанд. Аз ҷумла Насрӣ II ибни Аҳмад дар яке мавзеъҳои Чағониён работе бунёд мекунад, ки солҳои зиёд пас аз гузашта шудани ин амир ҳамчунон ба мардум хидмат мекард ва дар роҳмондагон аз он истифода мекарданд.

Бешак, муҳимтарин аҳмияти работҳои Мовароуннаҳр ин ҷойгоҳи иқтисодии онҳо ба ҳисоб мерафт. Дар работҳо инсонҳои гуногун аз минтақаҳои мухталиф ҷаъм гашта, дар бораи нарху наво, молу коло ва дигар ахбори тиҷоратӣ бо ҳам суҳбат карда, аз ин тариқ ҷуғрофияи тиҷоратии худро густариш мебахшиданд. Мақдисӣ дар китоби арзишманди худ овардааст, ки дар Мовароуннаҳр расм буд, ки мардумони як шаҳр дар шаҳрҳои дигар барои худ работ бунёд карда, ҳангоми сафар маҳз дар он ҷойгир мешуданд. Аз ҷумла дар шаҳри марзии Исфиҷо самарқандиҳо, бухориҳо, нахшабиҳо работҳои махсуси худро доштанд. [5, с. 231] Хидмати Сомониён дар бунёди работҳо пас аз заволи ин сулола ҳам идома ёфт. Машҳуртарин работи Мовароуннаҳр Работи Малик буд, ки дар замони Қарохониён байни солҳои 1075-1077 бунёд карда шуд. Бештари муаррихони ватаниву хориҷӣ дар бораи ин работ гузориш додаанд.

Баъзе работҳо ба мазор табдил меёфтанд. Аз ҷумла оромгоҳи бузургтарин ҷамъоварандаи ҳадисҳо дар ҷаҳони ислом Муҳаммад ибни Исмоили Бухорӣ соҳиби китоби “Саҳеҳи Бухорӣ “ дар работи Хартанг, ки дар наздикии Самарқанд воқеъ буд. Мазори Қутайба ибни Муслим фотеҳи араб низ дар работи Сарҳанги Фарғона ҷойгир шуда буд.

Ҳамин тавр работҳо то асри XV, ки асри кашфиёти бузурги ҷуғрофӣ баҳисоб меравад, аз аҳмияти бузург бархӯрдор буда, барои бунёд, нигоҳдорӣ ва равнақи он давлатҳо ва ашхоси ҷудогона кӯшиши фаровон мекарданд. То ба рӯзгори мо миқдори хеле ночизи биноҳои баъзе работ боқӣ мондааст. Омӯзиши ҳаматарафаи работ имкон медиҳад, ки бисёре аз саҳифаҳои таърихи асри миёнагии тоҷик маълум гардад.

Муҳимтарин дигаргунӣ дар замони Сомониён ин буд, ки амирону вазирони ин хонадон дар нисбати ақалиятҳои мазҳабӣ муносибати ботаҳаммулро пеш гирифтанд. Муаллифи китоби «Ҳудуду-л-олам мина-л машриқи илал мағриб» аз вуҷуди пайравони масеҳият дар наздикии Самарқанд ва ё ақалиятҳои яҳудӣ ва зардуштӣ дар қаламрави Сомониёнро таъкид мекунад [8, с. 123]. Дар муносибат бо пайравони дигар мазҳабу равияҳои ислом низ муносибати давлати сомонӣ хеле таҳаммулгароёна буд. Ин сиёсат иҷозат дод, ки дар Чоч, Хива ва атрофи Самарқанд пайравони шофеия зиндагӣ ва кор дошта бошанд. Дар Хатлону Нишопур пайравони мазҳаби карромия ҳаққи озодона фаъолият карданро доштанд. Пайравони Монӣ низ дар замони Сомониён метавонистанд мувофиқи ақидаву ойини худ зиндагӣ кунанд. На дар замони Сосониён, на дар аҳди хилофат ва на дар давраи баъд аз пошхӯрии Сомониён (хусусан дар аҳди Ғазнавиён) чунин сиёсат пеш гирифта нашуд.

Сиёсати динии Сомониён ба офарида шудани асаре сун “ас-Саводу-л-аъзам” сабабгор шуд. Муаллифи ин китоб дар пешгуфтори худ овардааст, ки ин дастури динӣ бо амри асосгузори давлати Сомониён Исмоил ибни Аҳмад таълиф ёфтааст. Ба навиштаи Абулқосими Самарқандӣ Исмоил фақеҳони кишварро супориш медиҳад, ки “баён кунед мазҳаби рост ва тариқи суннат ва ҷамоат “ [10, с. 120].

**Муқарриз: Махсудов А.М. - н.и.т., дотсенти ДОТ дар ноҳияи Рашт**

**Адабиёт:**

1. Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Аҳмади Муқаддасӣ (Мақдисӣ). Аҳсан- ут-тақосим фӣ маърифати- л ақолим. Тарҷумаи Алинақии Мунзавӣ. - Теҳрон, 1385.
2. Абӯбакр Муҳаммад ибни Ҷаъфари Наршахӣ. Таърихи Бухоро. - Душанбе, 2012.
3. Ибн Хордадбех. Книга путей и стран. Перевод с арабского, комментарии, исследование, указатели и карты Наили Велихановой. - Баку. Элм, 1986.
4. Ибни Ҳавқал. Сафарномаи Ибни Ҳавқал. (Эрон дар “Сурат-ул-арз”). Тарҷума ва тавзеҳи Ҷаъфаришиор. – Теҳрон: Амири Кабир, 1366.
5. Наршахӣ Абубукр Муҳаммад ибни Ҷаъфар. Таърихи Бухоро. Ба чоп омода карданд: Ғ. Ғоибов, К. Олимов, Н. Амиршоҳӣ. - Душанбе: Пайванд, 2012.
6. Нафисӣ Саъид. Муҳити зиндагӣ ва аҳволу ашъори Рӯдакӣ. - С. 183.
7. Фрай Р.Н. Бухоро – Дастоварди қуруни васат. Тарҷумаи Маҳмуди Маҳмудӣ. - Теҳрон, 1371.

8. Ҳудуду-л-олам. – С. 123.
9. Яъқубӣ Ибни Возеҳ. Таърихи Яъқубӣ. Тарҷумаи Муҳаммад Иброҳим Оятӣ. - Теҳрон, Амири Кабир, 1371.
10. Самарқандӣ А. А-Саводу-л-аъзам. Бо таҳрир ва таҳқиқи умумии Ф. Баротзода. - Душанбе, 2016. – С. 120.

**Literture**

1. Abu'abdullah Muhammad ibn Ahmad Muqaddasi (Maqdisi). Ahsan-ut-taqasim fi ma'rifati-l aqalim. Translated by Alinaqi Munzawi. - Tehran, 1385
2. Abu'bakr Muhammad ibn Ja'far Narshahi. History of Bukhara. - Dushanbe, 2012.
3. Ibn Khordadbeh. Book of Roads and Countries. Translated from Arabic, comments, research, indexes and maps by Naili Velikhanova. - Baku. Elm, 1986.
4. Ibn Havqal. Travelogue of Ibn Havqal. (Iran in "Surat-ul-arz"). Translation and commentary by Ja'farishior. - Tehran: Amiri Kabir, 1366.
5. Narshahi Abu'bukr Muhammad ibn Ja'far. History of Bukhara. Prepared for publication by: G. Ghaibov, K. Olimov, N. Amirshahi. - Dushanbe: Paivand, 2012.
6. Nafisi Saeed. The environment of life and the conditions and poems of Rudaki. - P.183.
7. Fry R.N. Bukhara - Achievement of the Middle Ages. Translated by Mahmud Mahmudi. - Tehran, 1371.
8. Hudud-ul-Alam. –P. 123.
9.Yaqubi Ibn Wazeh. History of Yaqubi. Translated by Muhammad Ibrahim Ayati. - Tehran, Amir Kabir, 1371.
10. Samarqandi A. A-Savodu-l-agzam. with new aditioin F. Barotzoda. - Dushanbe, 2016. – P. 120.

## РАБОТҲОИ МОВАРОУННАҲР ДАР ЗАМОНИ СОМОНИЁН

Муаллиф дар мақола оид ба работҳо ё корвонсаройҳое, ки дар замони ҳукмронии Сомониён мавҷуд буданд маълумотҳои ҷолибе овардааст. Дар асрҳои миёна бар асари ҷангҳое, ки арабҳо сипас мусулмонони ғайриараб барои густариши ислом ва ҳифзи сарҳадҳои қаламрави ислом роҳандозӣ мекарданд муассисаҳое бо номи работ таъсис ёфта будаанд, ки дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии давраи сомонӣ нақши бузург иҷро мекарданд. Дар ибтидо работҳо дар баробари туркони ғайримусалмон, ки рақиби асосӣ ва таҳдиде барои сарҳадҳои ҷаҳони ислом шумурда мешуданд, ба кор рафта, ба ҳайси дидбонгоҳ ё маҳалле барои назорати минтақаи сарҳадӣ хидмат мекарданд. Аммо пас аз он, ки бештари туркон исломро пазируфтанд ва сарҳади хилофат то чин тӯл кашид работҳо ба ҷои истиқомати корвонҳои тиҷоратӣ табдил ёфтанд. Ҳамин тавр работҳо то асри XV, ки асри кашфиёти бузурги ҷуғрофӣ баҳисоб меравад, аз аҳмияти бузург бархӯрдор буда, барои бунёд, нигоҳдорӣ ва равнақи он давлатҳо ва ашхоси ҷудогона кӯшиши фаровон мекарданд. То ба рӯзгори мо миқдори хеле ночизи биноҳои баъзе работ боқӣ мондааст. Омӯзиши ҳаматарафаи работ имкон медиҳад, ки бисёре аз саҳифаҳои таърихи асри миёнагии тоҷик маълум гардад.

**Калидвожаҳо:** работ, Мовароунаҳр, сомониён, дидбонгоҳ, сарҳад, фарҳанг, ислом, тиҷорат, густариш.

## РАБОТЫ (ТОРОГВЫЕ ПОСТЫ) МАВЕРАННАХРА ВО ВРЕМЕНА САМАНИДОВ

Автор в статье приводит интересные сведения о работах (торговых постах), которые существовали в период правления Сомонидов. В средние века, в результате войн, которые арабы, а затем неарабские мусульмане проводили для распространения ислама и защиты границ исламских территорий, были созданы учреждения, называемые "работ", которые играли значительную роль в политической, экономической и культурной жизни эпохи Сомонидов. Работы использовались против нехристианских тюрок, которые считались основными соперниками и угрозой для границ исламского мира, и служили как наблюдательные пункты или места для контроля пограничной зоны. Однако после того, как большинство тюрок приняло ислам и границы халифата расширились, работы превратились в места поселения торговых караванах. Таким образом, вплоть до XV века, который считается веком великих географических открытий, племена имели огромное значение, а государства и отдельные лица прилагали большие усилия для их создания, поддержания и развития. До наших дней сохранилось лишь очень небольшое количество построек некоторых эпох. Всестороннее изучение произведения позволяет раскрыть многие страницы средневековой таджикской истории.

**Ключевые слова:** торговый пост, Мавераннахра, саманиды, сторожевая башня, граница, культура, ислам, торговля, развитие.

## THE TRANSOXIANA`S RABBATS DURING THE SAMANID PERIOD

The author provides interesting information in the article about the rabotas or caravanserais that existed during the Samanid rule. In the middle Ages, as a result of the wars waged by Arabs and then non-Arab Muslims to spread Islam and protect the borders of Islamic territory, institutions called rabota were established that played a major role in the political, economic, and cultural life of the Samoan period. Initially, the rabbotas were used to confront the non-muslim Turks, who were considered the main adversary and a threat to the borders of the Islamic world, and served as a lookout or a place to control the border area. But after most of the Turks converted to Islam and the borders of the Caliphate extended to China, the rabbats became a place of residence for trade caravans. Thus, up until the 15th century, which is considered the century of great geographical discoveries, tribes were of great importance, and states and individuals made great efforts to create, maintain and develop them. Only a very small number of buildings from certain eras have survived to this day. A comprehensive study of the work allows us to reveal many pages of medieval Tajik history.

**Key words:** work, Transoxiana, Samanids, watchtower, border, culture, Islam, trade, expansion.

**Маълумот дар бораи муаллифон: Шарифова Макнуна Қарчибековна** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, дотсенти кафедраи таърих ва методикаи таълими он, номзади илмҳои таърих. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ноҳияи Рашт, ш. Ғарм, к. Э. Муҳиддин-63.

**Идибеков Абдулҳамид Амирмусаябович** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, муаллими калони кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатӣ Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ноҳияи Рашт, ш. Ғарм, к. Э. Муҳиддин-63.

**Сведения об авторах: Шарифова Макнуна Карчибековна** – Таджикский педагогический институт в Раштском районе, доцент кафедры истории и методики ее преподавания, кандидат исторических наук. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, Раштский район, Гарм, ул. Э. Мухиддин-63.

**Идибеков Абдулхамид Амирмусаябович** – Таджикский педагогический институт в Раштском районе. Ассистенть кафедры права и государственного управления. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, Раштский район, Гарм, ул. Э. Мухиддин-63.

**Information about authors: Sharifova Maknuna Karchibekovna** – Tajik pedagogical institute in Rasht region, associate professor of the department of history and methods of its teaching, candidate of historical sciences. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Rasht district, Garm, st. E. Mukhiddin-63.

**Idibekov Abdulhamid Amirmusayabovich –** Tajik pedagogical institute in Rasht district, assistant of the Department of Law and State Administration. Adress: 734025, Republic of Tajikistan, Garm, st. E. Mukhiddin-63.

**ТДУ: 93/94**

# САҲМИ НУСРАТУЛЛО МАХСУМ ДАР РУШДИ ҶМШС ТОҶИКИСТОН (СОЛҲОИ 1924-1929)

**Махсудов А.М., Ҳикматов С.М.**
**Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт**

Солҳои 1926-1927 дар тамоми ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна тақсимоти нави маъмурӣ гузаронида шуд. Дар натиҷаи он аз тақсимоти чорзинагии маъмурӣ – вилоят, уезд, волост ва шӯрои маҳаллӣ, ба тақсимоти сезинагӣ – округ, ноҳия ва шӯрои маҳаллӣ гузаштанд. Дар ҶМШС Тоҷикистон 3 ноябри соли 1926 кентҳо барҳам дода шуданд. Минбаъд ҳамаи вилоятҳои ҷумҳуриро ба округҳо табдил доданд. Округҳо ба ноҳияҳо ва ноҳияҳо ба шӯроҳои маҳаллӣ тақсим мешуданд. «То моҳи сентябри соли 1929 ба ҳайати ҶМШС Тоҷикистон, ба ғайр аз Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, боз округҳои Ғарм, Ҳисор, Кӯлоб, Қӯрғонтеппа, Панҷакент ва Ӯротеппа (Истаравшан) дохил мешуданд» [11, с. 395].

Бисёр шудааст, ки инсонҳо дар асари ҷангҳои хонумонсӯз, ҷангҳои қабилавию бародаркушӣ, дар асари тохтутозҳои ғоратгарона, зулму ситамҳои ноҷавонмардона, зӯроварию бедодгариҳо маҷбур шуда, ба хотири нангу номус, ҳифзи зану фарзанд ва хешу табор аз чанголи марг тарки манзили обод ва хонаю кошона карда, дар кӯҳу камар паноҳ ва ё бо ватани азизашон хайрбод гуфта, дар ғурбат умр ба сар бурдаанд. Ингуна воқеаҳо дар давлатҳои Осиёи Марказӣ кам рух надодаанд. Вале ҳадафи мо аз ин нигоришот инъикоси таърихи фирориёни даврони мухталиф ва замонҳои гуногуни давлатҳои ин кишвар набуда, балки ба риштаи сухан кашидани вазъи фишурдаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҳарбӣ-сиёсии солҳои 20-уми асри гузашта, дар Бухорои Шарқӣ (аз соли 1924 Ҷумҳурии худмухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон) мебошад. Дар он замон на танҳо золимону истисморгарон, тавонгарону хоҷагон ва ҷанобону оқоён фирорӣ шуданд, балки бисёр деҳқонони қатории бегуноҳи зери таъсири таблиғоти

заҳрогини соҳибсарватон ва фишору таъқиботи босмачиён қарордошта низ фирорӣ гаштанд.

Масъалаи ба Ватан баргардонидани фирориёни ба Афғонистон муҳоҷират карда, яке аз масъалаҳои доғи рӯз маҳсуб буд. Дар ин марҳилаи сарнавиштсози давлати тозабунёди тоҷик ин рисолати таърихӣ ба дӯши яке аз фарзандони фарзонаи халқ, ташкилотчии фавқулодда фаъол, дардкаши миллат, ҷоннисори Ватан Нусратулло Махсум афтод. Солҳои 20-30-ум ин марди бузург дар сари давлат қарор дошт. Ӯ дар ҳалли ин масъалаи мубрам чӣ нақша дошт ва чӣ саҳме гирифта буд ҳадафи навиштаи моро ташкил хоҳад кард. Омӯзиш ва таҳлили адабиёти таърихӣ, асноди бойгониҳо ва ғайра оид ба муҳоҷирати иддае аз сокинони аҳолии Бухорои Шарқӣ ва баъдтар Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар солҳои 20-уми асри гузашта ба се давра метавон тақсим кард:

**Давраи аввал**: Солҳои 1920-1923 аз вожгуншавии аморoти Бухоро то торумори аввалин ҳаракатҳои зиддиинқлобӣ.

**Давраи дуюм:** Солҳои 1924-1929 ба вуҷуд омадани Ҷумҳурии мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон то ба Ҷумҳурии комилҳуқуқи Иттифоқӣ табдил ёфтани он.

**Давраи сеюм**: Аз солҳои 1929 то ибтидои соҳои 30-юм аз замони ба ҶМТ пайвастани округи Хуҷанд ва оғози ташкили дастҷамъӣ то вусъатёбии он.

Ҳар яке аз ин давраҳо бо вазъи иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсӣ, бо мақсаду вазифаҳои муайяни хеш аз ҳамдигар фарқ мекунад.

Вақте ки дар Бухоро моҳи сентябри соли 1920 бо қувваҳои аскарони сурх тахти амирӣ вожгун карда шуд, амир бо муқаррабонаш ба Бухораи Шарқӣ гурехт. Ӯ муддати то ба Афғонистон фироркарданаш миёни мардуми аз ҳадафҳои Ҳокимияти Шӯравӣ ноогоҳ таблиғоти заҳрогине бурда, онҳоро алайҳи нерӯҳои инқилобӣ шӯронд ва дар зеҳнияти эшон як нобоварие ба вуҷуд овард. Илова бар ҳамаи онҳо аз ҷониби аскарони сурх ҳам баъзе иштибоҳот ва беназокатиҳо нисбати мардуми бенаво содир гардид. Вале зулму ситамгариҳои бераҳмонаи зиддиинқилобиён ҳадду канор надошт, дуздӣ, таҷаввуз, ғоратгарӣ халқи захматкашро ба ҷон расонида буд. «Деҳқонони дар вақташ аз зулми фавқулдода ва ғоратгариҳои босмачиён тарки қаламрави Тоҷикистон карда, - гуфта буд соли 1926-ум Нусратулло Махсум, - ҳоли ҳозир ҳангоми оромиашон эъломияро ба назар гирифта боз ба Тоҷикистон ба заминҳои кӯҳнаашон баргашта, ҷои дар гузашта ободашонро вайрона дармеёбанд» [1, с. 5].

Замоне, ки Нусратулло Махсум Тоҷикистонро ҳамчун ҷумҳурии соҳибихтиёр дар ҳайати ИҶШС таъсис доду роҳбари он таъйин карда шуд, ҷойнишинони ӯ Б. Додобоев, Р. Бобоҷонов, аъзоён – А. Ёрмуҳаммадов, С.М. Солоков, Ш. Шоҳтемур ва дигарон дохил гардиданд [8, с. 43]. Пойтахти кишвари навтаъсис деҳаи Душанбе буд. Бо шуҷоату кордонии Нусратулло Махсум қоил бояд шуд, ки деҳаро дар мӯҳлати ниҳоят кӯтоҳ ба шаҳр мубаддал гардонд [2, с. 82].

То ибтидои солҳои 30-уми дар натиҷаи мунтазам вусъат ёфтани ҳадафҳои умдатарини Ҳокимияти Шӯравӣ ва ба идораи давлатӣ ҷалб кардани табақаҳои заҳматкаши тоҷик ва як силсила корҳои дигар дар меҳнати деҳқон таҳаввулоти бузурге ба амал омад. Онҳо акнун беш аз пешрӯ ба Ҳокимияти Шӯравӣ меоваранд, ки манфиатҳои куллии эшонро ифода мекунад. Деҳқонони дар нофаҳмӣ, фиребу найранг, қарор дошта бо майли тамом ба ватан ва ҷойҳои муқимии хеш баргаштанд.

Барои равшантар шудани ин масъала моро зарур аст, ки ба хусусиятҳои хос ва шароити таърихии се даврае, ки болотар ёдовар шудем, назар андозем.

Хусусияти хоси давраи аввали ба мамолики ҳориҷ муҳоҷиргардӣ ва аз он ҷо ба ватан баргаштани аҳолӣ, ба назари мо, аз он иборат аст, ки ҳоло мардуми Бухорои Шарқӣ ба душманони синфии худтавонгарони амалдорон Бухорову бекҳои маҳаллӣ эҳтирому боварӣ доштанд. Сабаби аслии ин набудани шуури сиёсӣ, дар банди ҷаҳолат, зулмату торикӣ қарор доштани деҳқонони заҳматкаш мебошад.

Ҳусусияти дигари ин давра задухӯрдҳои шадиду хунии тарафайни қувваҳои наву кӯҳна мебошанд. Ҳаминро ҳам бояд тазаккур дод, ки дар ин давра муфризаҳои Артиши Сурх ба баъзе беэътиноиҳо нисбати расму русуми халқ, ба баъзе беназокатиҳо нисбати эшон роҳ дод. Амиру амирзодаҳо, амалдорону бойзодаҳо аз ҷониби дигар ба ҳарчи бештар фирорӣ гардидани деҳқонони бебизоат ҳавасманд буданд.

Яке аз ҳусусиятҳои муҳими давраи дуюм беш аз пеш сусттар ва заифтар гардидани таъсири таблиғоти заҳрогин ва ошкоро фишор овардани қувваҳои зиддиинқилобӣ ба аҳолӣ буд. Дар ин давра рӯ ба гурез ниҳодани аҳолии кишвар торафт камтар мешуд ва минбаъд ин раванд хосияти оммавӣ касб накарда, баръакс бозгашти фирориён аз Афғонистон ба Тоҷикистон беш аз пеш меафзуд.

Тафовути давраи сеюм аз он иборат буд, ки ҷараёни фироршавӣ ва ба ватан баргаштани гурезагони муқаррарӣ ва синни гурезагони муқаррарӣ ва сиёсӣ нисбат ба давраҳои пешин камшумортар буд. Ин раванд ба вазъияти дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Афғонистон иртибот дошт. Ҳамин тавр, дар натиҷаи даргириҳои сиёсӣ, задухӯрдҳои шадиди гурӯҳҳои мухолифон дар қаламрави Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон дар зарфи солҳои 20-ум ҷараёни ба мамолики хориҷӣ фирор кардани қисми аҳолии кишвар ва аз он ҷо ба ватан баргаштани онҳо сурат гирифт. Аз ҳудуди Тоҷикистони имрӯза фарориён асосан аз ноҳияҳои марказӣ ва ҷанубӣ буданд, зеро дар ин ҷо воқеаҳои зиёди ҳарбӣ, шахсӣ ва ҷамъиятӣ зарари калони моддӣ- маънавӣ ба бор овард.

Дар назди Ҳукумати ҶМШС Тоҷикистон, ки яке аз роҳбарони асосии он Нусратулло Махсум буд, дар қатори мубрамтарин масъалаҳо саркӯбии саросари душманони Ҳокимияти Шӯравӣ, мустаҳкам намудани дастгоҳи давлатӣ, ҷоннок кардани иқтисодиёти фартутшуда муҳимтарин вазифа – ба ватан бозовардан ва ҷо ба ҷо кардани фирориён маҳсуб мегардид. Фарзанди бузурги миллат Нусратулло Махсум дар мақоми Раиси Кумитаи Инқилобии ҶМШСТ ва баъд нахустин арбоби (оқсақоли) давлатии тоҷикону тоҷикистониён то охирин нафаси хеш тамоми санъати давлатдориашро дар роҳи татбиқи ин масоил ба харҷ дод.

Амири фирорӣ бо амалдоронаш кӯшишҳо ба харҷ медоданд, ки бо ёрии мамлакатҳои хориҷӣ илоҷе карда, қудрати аз даст рафтаи давлати худро пурра барқарор намоянд. Дар ҳамин вазъият бо хоҳиши Ҷумҳурии халқии Бухоро ва ёрии ҳарбию техникии Туркистону Русия нерӯҳои эҳзомии ҳарбӣ-сиёсии Ҳисор омода гирдид, ки вазифаи он Бухорои Шарқиро аз қувваҳои амири гуреза Олимхон озод намуда, Ҳокимияти халқиро барпо кардан буд. Ин вазифаи ҳам ҳарбӣ ва ҳам сиёсӣ буд. Аз моҳи феврал то моҳи апрели соли 1921 Ҳокимияти Шӯравӣ қариб дар тамоми сарҳади Бухорои Шарқӣ бо Қувваи артиши Сурхи Туркистону Бухоро дар шакли кумитаҳои инқилобӣ барпо гардид. Олимхон пас аз шикасту ноумедиҳо аввали моҳи марти ҳамин сол аз минтақаи Чубек аз дарёи Панҷ гузашта ба Афғонистон фирор кард.

Аввалин фирориёни қаламрави Бухорои Шарқӣ аҳолии чорводор буд, ки кӯчиёна умр ба сар мебурд. Баъдтар дигар табақаҳои аҳолӣ низ гуреза шуданд.

«Фирорӣ гардидани аҳолии вилоятҳои Қурғонтеппа, Кӯлобу Ҳисор хосияти оммавӣ касб намуд, зеро ин вилоятҳо ба майдони ҷанг табдил ёфта бубунд. Масалан, мувофиқи маълумотҳои бойгонӣ танҳо дар зарфи солҳои 1921-1922 наздики 50 ҳазор хоҷагӣ ё худ 200-250 ҳазор одам, ки аз чаҳор як қисми аҳолии Бухорои Шарқиро ташкил мекард аз дарёи Панҷ гузашта, ба Афғонистон рафтанд» [1, с. 6].

Бояд тазаккур дод, ки охири соли 1921 дар натиҷаи ба Бухорои Шарқӣ сар даровардани афсари турки моҷароҷӯи Анварпошшо мубориза ба муқобили қувваҳои мухолифин боз тезу тунд шуда, дар ҳаёти ҳарбӣ-сиёсии Бухорои Шарқӣ давраи вазнин оғоз гардид. Тобистони соли 1922 барои маҳв ва торумори қувваҳои Анварпошшо ва соири нерӯҳои зиддиинқилобӣ ҳуҷуми ниҳоят сахти Артиши Сурх бо сарбозони Ҷумҳурии халқии Бухоро аз ду самт оғоз гардид. Ва дар ин набард қувваҳои Анварпошшо маҳв гардиданд ва худи ӯ ҳалок шуд. Дар давраи амалиётҳои зиддиинқилобии Анварпошшо ва Салимпошшо раванди оммавии ба Афғонистон фироршавии аҳолӣ дида мешуд.

Фирориёни аввали солҳои 20-умро ба ду гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст. Ба гурӯҳи авввал заҳматкашон дохил мешаванд, ки аз тарси ҷангҳои шадиди зиддиинқилобчиён, таҳдиду таъқиби амиру амирпарастон ва мансабдорони маҳаллӣ маҷбуран тарки ватан карда, мусофирати кишвари бегонаро пеш гирифтанд.

Ба гурӯҳи дуюм фирориёни сиёсӣ, яъне худи амиру соҳибмансабонаш бо сарвару саркардаҳои зиддиинқилоб ва унсурҳои дузду ғоратгар шомил буданд.

Ҷанги ҳамватанӣ, вазъи муташанниҷи сиёсӣ, аз баҳри маҳаллӣ зист, аз хонаву кошонаи хеш гузар карда, фирори гардидани як идда деҳқонони заҳматкаш харобии хоҷагии мамлакати бе ин ҳам ақибмондаро ақибмондатар кард.

Нусратулло Махсум дар ибтидо ба ҳайси Раиси Кумитаи Инқилобии Ғарм ва аз моҳи декабри соли 1924 чун Раиси Кумитаи Инқилобии давлати тозабунёди тоҷик ин вазъи ногуворро бо чашмони хеш медид ва руҳан азоб мекашид. Ӯ шабу рӯз дар фикри он буд, ки бо кадом усулу восита ба ҳаракатҳои босмачигӣ, ки кишварро ба дами марг оварда буд, хотима диҳад. «Марди оқилу хирадманд Нусратулло Махсум хуб огоҳӣ дошт, ки дар байни босмачиён бисёр ашхоси фиребхӯрда, пушаймоншуда, бо зӯрӣ ҳамроҳгардида кам нестанд. Аз ин хотир, ӯ чун сарвари ҳукумат тасмим гирифт, ки авфи умуми эълон гардид, ки мувофиқи он гуноҳи босмачиёни пургуноҳи бар зидди ҳукумати ҷумҳурӣ ҷангида ҳам бахшида мешуд, агар ба шарте, ихтиёрӣ омода ба давлат таслим шаванд» [1, с. 7].

Аз баҳори соли 1925 зарбазании навбати аввал бар зидди ҳаракатҳои босмачигарӣ оғоз гардид. То тирамоҳи сол 422 задухӯрди мусаллаҳона сурат гирифт, ки бар асари он 26 қурбошӣ ва 1050 чобуксавор кушта, асир гирифта ва таслим гардиданд. Аз баҳор то 1-уми октябри соли 1926 Артиши Сурх бо ҳамоҳангии муфризаҳои ихтиёрӣ ва милитсия 167 муҳосира кард, ки дар натиҷаи он 12 қурбошӣ ва 136 чобуксавор кушта гардиданд, чанде қурбошӣ ва чабуксавор асир гирифта шуданд. Сарварони ҳаракати босмачигарӣ Иброҳимбек ва Хуррам ба Афғонистон фирор карданд.

Баъди комёб шудан ба масъалаҳои номбурда Нусратулло Махсум пайваста дар фикри ободу шукуфон гардонидани кишвари афгору ғоратзадааш буд. Ӯ беҳтарин тариқи ҳалли ин муаъморо дар амри ба манзили аҷдодӣ бозгардонда овардани оилаҳои фиребхӯрдаи фирорӣ медид.

Раиси Кумитаи Инқилобии Тоҷикистон Нусратулло Махсум аз соли 1925 ба хотири бозгардонидани фирориёни солҳои 20-ум бисёр талошҳо ба ҳарҷ дод. Яке аз вазифаҳои муҳимтарини давлат ва давлатдорони Тоҷикистонро аз сатҳи поин то олӣ ӯ дар пазироиши хуш ва ёрии ҳамаҷонибаи моддию маънавӣ расонидан ба гурезагон маҳсуб донист. Ба ин хотир Кумитаи Инқилобии Тоҷикистон аз 13 апрели соли 1925 дар назди Ҳукумати ҶМШС Тоҷикистон Комиссияи Марказии бонуфузе барпо намуд, ки муҳимтарин вазифаи он бо кор таъмин намудан, замин ҷудо карда додан, тухмӣ тақсим кардан, маскун гардонидан ва пайваста ба фирориён ёрии моддӣ расонидан ба фирориёни умумӣ, сиёсӣ ва босмачиёни ихтиёран таслимшуда буд. Масалан, мувофиқи гузориши комиссияи мазкур ба Раиси Кумитаи Инқилобии  кишвар Нусратулло Махсум, дар бадали моҳҳои сентябри соли 1925, августи соли 1926 аз Афғонистон теъдоди зиёди фирориён, фирориёни сиёсӣ ва босмачиёни ихтиёран таслимшуда баргаштанд, ки ба онҳо дар ҳаҷми зиёда аз 1,5 миллион сӯм ёрии фаврӣ расонида шуд.

Иҷрои бомувоффақияти нақшаҳои бузург ба Ҳукумати навтаъсиси Тоҷикистон дар алоҳидагӣ муяссар шуда наметавонист. Бинобар ин Нусратулло Махсум аз минбари анҷумани III Шӯроҳои Иттиҳоди Шӯравӣ изҳор мекунад, ки «ба кишвари харобгаштаи мо ёрии ҷиддии халқҳои бародари ИҶШС барои барқарорсозии хоҷагиҳо, рушди маориф, тандурустӣ ва хусусан бунёди роҳи оҳан, ки ба пешравии иқтисодиёт такони бузург хоҳад дод, зарур аст…» [4, с. 4].

Ба танзим даровардани дастгоҳи идора дар шакли шӯроҳо ва комиҷроияҳо, ба идоракунии давлат ҷалб намудани омма ва ёрии Марказу ҷумҳуриҳои бародар имкон доданд, ки дар зарфи се сол Тоҷикистон ба комёбиҳои баланд ноил гардад [6].

Аз 5 феврали соли 1925 дар Бухорои Шарқӣ, ки ҷумҳурии мухтории Тоҷикистон маҳз дар худуди он бунёд гардида буд, ба барҳам додани ҳама гуна ташкилотҳои давлатдории аз замони амирии Бухоро боқӣ монда шурӯъ карданд ва ба ҷои онҳо ташкилотҳои нав бунёд намуданд [7, с. 159-164].

Нусратулло Махсум аз минбари баланди Анҷумани Шӯроҳои ИҶШС, ки моҳи майи соли 1925 дар шаҳри Москав баргузор шуда буд, ба вакилони он чунин муроҷат кард: «Халқи тоҷикро, ки садҳо сол таҳти фишору зулм қарор дошт, ҳаракати босмачигарии панҷ соли охир заифу бемадор гардонид. Вай акнун ҳамон лаҳзаеро аз сар гузаронида истодааст, ки ёрии ҷиддии бародаронаи Иттиҳод дар асраи барқарор кардани хоҷагӣ, баланд бардоштани сатҳи фарҳангӣ, беҳбуд бахшидани нақлиёт ва ғайра зарур аст» [1, с. 6]. Ҳокимияти Шӯравӣ ба андешаи Нусратулло Махсум, барои халқи тоҷик эҳёгари давлату миллат аст. Хушбахтона, ин халқ имрӯз ин ҳақиқатро бо тамоми вуҷудаш дарк кардааст. Нусратулло Махсум дар маърӯзаи ҳисоботии худ ба Анҷумани якуми муассисони Шӯроҳои ҶМШСТоҷикистон, кимоҳи декабри соли 1926 баргузор шуда буд, бодарду алам изхор кард, ки «-фирориёни Тоҷикистон аз ду тараф ҳам аз ҷониби марзбонии Афғонистон ва ҳам аз тарафи дастаҳои дузду роҳзани ин сӯи сарҳад бераҳмона ғорат карда мешаванд, ки бештар аз 80% онҳо ниёзманди як пора нону як парча матоъанд» [3]. Воқеан ҳам аксарияти гурезагон ба манзили аҷдодии хеш қашшоқу бенаво бармегаштанд. Ҳол он ки вақти фирор ҳамроҳи худ қариб тамоми асбоби рӯзгор ва молу амволашонро бурда буданд. Мувофиқи базъе маълумотҳо аз 40 ҳазор оилаи ба Афғонистон гузашта 25 ҳазарошонро дороён ташкил медоданд. Вақте ки 1229 хоҷагии фирорӣ ба вилояти Қӯрғонтепа

баргашта омаданд, ҳамроҳи худ 741 сар чорвои корӣ доштанд, 50% онҳо аз ҳайвони корӣ маҳрум буданд. Барои ҳамин ҳам расонидани ёрии моддӣ ба ҳар як хоҷагии бозгашта, таъмини ӯ бо кор, манзили истиқоматӣ, бо олоти кишоварзӣ тухмӣ, озод кардан аз андоз ва ғайра корҳое буданд, ки доираи фаъолияти Комиссияи Марказӣдавлатӣ ва комиссияҳои вилояту ноҳиявиро муайян менамуданд. “Нусратулло Махсум аз минбари баланди Анҷумани якуми Муассисони Шӯроҳои Тоҷикистон ба тамоми фирориёни Тоҷикистон муроҷиат кард ва аз онҳо қотеъона талаб намуд, ки -бе ягон дудилаги бо молу амволашон ҳарчи зудтар ба ватани аҷдодии худ баргарданд” [1, с. 6]. Ин муроҷиат ва вазъи нисбатан мӯътадилгардидаи ҳарбӣ-сиёсӣ раванди ба ватан бозгаштани фирориёнро оммавӣ гардонд. Масалан агар соли 1923 ба навоҳии Ҷанубу маркази кишвар ҳамагӣ 8 хоҷагӣ баргашта бошад, пас соли 1926 6857 хонавода ё ин ки 35 хазор нафар ашхоси тарки ватан карда ба манзили бобоии хеш бозомад.

Раиси Кумитаи Инқилобӣ Нусратулло Махсумро вазъи ногувор як идда фирориёни гуноҳ содир карда, ки аз тарси ҷон намеёрис танд ба ватан баргардонданд, вале хоҳиши фавқулода зиёда омадан доштанд, мушавваш карда буд. Барои ҳалли масъалаи вай минбари Анҷумани якуми Муассисони Шӯроҳои ҶМШС Тоҷикистон оқилона истифода бурд. Ӯ ба вакилони анҷуман рӯ оварда гуфт, ки роҷеъ ба ин масъала изҳори назар намоянд ва аз давлат хоҳиш кунанд, ки расман авфи умумӣ эълон кунад, то фирориёни муҷрим онро дастрас намуда ба сарзамини хеш баргашта тавонанд. Ҳамин хел карда шуд.

Ба ватан бозовардани фирориён аҳамиятибузурги сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ғайраро молик буд. Ба ин васила Нусратулло Махсумро пояи зиддиинқилобиро заифу нотавон гардонида онро аз такягоҳи асосиаш махрум сохт, равобити дипломатӣ, тиҷоратӣ, иқтисодӣ, фарҳангии миёни Тоҷикистону Иттиҳоди Шӯравӣ аз як тараф Афғонистон аз тарафи дигар ёфт ва қавитар гардид.

Нусратулло Махсум ба ҳайси яке аз роҳбарони ҷумҳурӣ бо ҷасорати фавқулодат ва шуҷоати сиёсӣ барои тақсимоти одилонаи ҳудудӣ, муайян намудани шахсияти миллии мардуми тоҷик мубориза бурда, кӯшиш намуда буд, ки тоҷикон ҳамчун яке аз қадимтарин халқҳои Осиёи Марказӣ ва дорои таъриху фарҳанги чандинҳазорсола эътироф ва шинохта шаванд [9].

Фарзанди арҷманди халқи тоҷик Нусратулло Махсум, ки дар ин солҳо дар мақоми Раиси Кумитаи Иҷроияи Марказии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон адои вазифа менамуд, самараи кору фаъолияти худ, ободии кишвари абгоршудаи худро дида, гул-гул мешукуфт ифтихор мекард. Аз ин комёбиҳо ӯ ба ваҷҳ омада, дар рӯзномаи Ҷумҳуриявии “Тоҷикистони Шӯравӣ” таҳти унвони “Панҷ соли мубориза ва бунёдкорӣ” мақолае ба нашр расонд, ки дар он комёбиҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии дар тӯли солҳои 1925-1930 ба дастоварда ҷамъбаст карда шуданд. Яке аз ин дастовардҳо ба ватан овардани даҳҳо ҳазор оилаҳои фирориён буд.

Оиди шумораи фирориёни ба ватан бозгашта дар зарфи нимаи дуюми солҳои 20-ум ва ибтидои солҳои 30-ум дар адабиётҳои таърихӣ ва ҳуҷҷатҳои бойгонӣ то ҳол ягон рақами аниқ дида намешавад. Танҳо рақамҳои гуногунро таҳлилу муқоиса намуда, ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар ин муддат тақрибан 150 ҳазор нафар фирориён баватан баргашта, наздик 100 ҳазори онҳо дар мамлакатҳои хориҷа қабл аз ҳама Афғонистон пош хӯрда рафтанд.

Дар охир ҳаминро бояд изҳор намуд, ки сиёсати ба кишвари аҷдодӣ бозовардани фирориёни солҳои 20-ум, ки мубтакири он Раиси Кумитаи Инқилобии ҶМШС Тоҷикистон Нусратулло Махсум буд ва ӯ то баргаштани охирин фирорӣ роҳбарии ин масъаларо ба дӯш дошт, ягона сиёсати оқилона, одилона ва дуруст буд. Воқеият ва дурустии ин сиёсатро раванди минбаъдаи тараққиёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангии ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон, ки то 28-уми декабри соли 1933 дар мақоми Раиси Кумитаи Иҷроияи он Нусратулло Махсум кору фаъолият мекард,раднопазир аст.

**Муқарриз: Наврӯзов Ғ.Л. – н.и.т., дотсенти ДОТ дар ноҳияи Рашт**

**Адабиёт:**

1. Абдулҳаев Р., Дӯстов Ҳ. Нусратулло Махсум ва ба ватан бозгардондани фирориён // Ҷавонони Тоҷикистон №28 (8679) аз 13 июли 2001, С. 6.
2. Ақназаров Ҳ.М. Захмҳои таърих (Маҷмӯаи мақолаҳо) [Матн] / Ҳ.М. Ақназаров. – Душанбе, «Ашӯриён», 2023. 207 саҳ.
3. Вишневский А.Я., Абулхаев Р.А. Қиссаи марзбандӣ ва нақши Нусратулло Махсум дар таъсиси давлати шӯравии халқи тоҷик // Садои мардум №92 (2764) аз 21 июли 2011.
4. Вишневский А.Я. Қиссаи марзбандӣ ва нақши Нусратулло Махсум дар таъсиси давлати шӯравии халқи тоҷик // Садои мардум №92 (2764) аз 21 июли соли 2011. – С. 4.
5. Ғафуров Б. Тоҷикон. [Матн] / Ғафуров Б. // Ҷ.2. Душанбе, 1983. – 416 с.
6. Қобилова Б. Нусратулло Махсум и культурная революция Таджикистане // Чархи Гардун аз 7 июли соли 2011.
7. Махсудов А.М. Саҳми Нусратулло Махсум дар поягузории давлатдории миллии тоҷикон [Матн] / А.М. Махсудов // Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт. – 2021. – №4(8). – С. 159-164.
8. Набиева Р.А., Файзӣ Б., Зикриёева М.Ф. Таърихи халқи тоҷик. Душанбе: Собириён, 2010. – С. 43.
9. Нусратулло Махсум - ҷонфидои миллат. [манбаи электронӣ] URL: https://www.mfa.tj (санаи истифодабарӣ: 12.01.2025).
10. Одинаев Б. А., Тағдиров А. У. Мафҳуми луғавии таърих / Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт. – 2020. – №2/1. – С. 80.
11. Ҳотамов Н., Давлатхоҷа Д. Таърихи халқи тоҷик (Китоби дарсӣ барои мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон). – Душанбе, «ЭР-граф» 2011. – С. 395.

**Literature:**

1. Abdulkhaev R., Dustov H. Nusratullo Makhsum and the return of fugitives // Youth of Tajikistan No. 28 (8679) of July 13, 2001. – P. 6.
2. Aknazarov H.M. Wounds of history (Collection of articles) [Text] / H.M. Aknazarov. – Dushanbe, «Ashuriyon», 2023. 207 p.
3. Vishnevsky A.Ya., Abulkhaev R.A. The story of the demarcation and the role of Nusratullo Makhsum in the establishment of the Soviet state of the Tajik people // Voice of the people № 92 (2764) of July 21, 2011.
4. Vishnevsky A.Ya. The story of the border demarcation and the role of Nusratullo Makhsum in the establishment of the Tajik people's Soviet state // Sadoi Mard №. 92 (2764) of July 21, 2011. – P. 4.

5. Ghafurov B. Tajiks. [Text] / Ghafurov B. // J.2. Dushanbe, 1983. – 416 p.
6. Qobilova B. Nusratullo Makhsum and the cultural revolution of Tajikistan // Charkhi Gardun of July 7, 2011.
7. Makhsudov A.M. The contribution of Nusratullo Makhsum to the establishment of the national statehood of the Tajiks [Text] / A.M. Makhsudov // Message from the Pedagogical Institute of Tajikistan in the Rasht district. – 2021. – №. 4(8). – P. 159-164.
8. Nabieva R.A., Fayzi B., Zikriyoeva M.F. History of the Tajik people. Dushanbe: Sobiriyon, 2010. – P. 43.
9. Nusratullo Makhsum - the soul of the nation. [electronic resource] URL: https://www.mfa.tj (access date: 12.01.2025).
10. Odinaev B. A., Tagdirov A. U. The lexical meaning of history / Message of the Pedagogical Institute of Tajikistan in the Rasht district. – 2020. – №. 2/1. – P. 80.
11. Hotamov N., Davlatkhodja D. History of the Tajik people (Textbook for higher education institutions of the Republic of Tajikistan). – Dushanbe, «ER-graf» 2011. – P. 395.

## САҲМИ НУСРАТУЛЛО МАХСУМ ДАР РУШДИ ҶМШС ТОҶИКИСТОН (СОЛҲОИ 1924-1929)

Дар мақолаи мазкур дар ба саҳми Нусратулло Махсум дар рушди ҶМШС Тоҷикистон (солҳои 1924-1929) сухан рафатааст. Муаллифон масъалаи мазкурро бо истифода аз сарчашмаҳои илмӣ мавриди баррасӣ қарор дода, иброз намудаанд, ки фарзанди бузурги миллат Нусратулло Махсум дар мақоми Раиси Кумитаи Инқилобии ҶМШСТ ва баъд нахустин арбоби (оқсақоли) давлатии тоҷикону тоҷикистониён то охирин нафаси хеш тамоми санъати давлатдориашро дар роҳи татбиқи ин масоил ба харҷ дод. Яке аз масъалаҳои меҳварии мақола ин муҳоҷирати иддае аз сокинои Бухорои Шарқӣ дар ибтидои асри XX мебошад, ки он тавассути истинод ба се давра тақсимбандӣ гардидааст: давраи аввал, солҳои 1920-1923 аз вожгуншавии амороти Бухоро то торумори аввалин ҳаракатҳои зиддиинқлобӣ; давраи дуюм, солҳои 1924-1929 ба вуҷуд омадани Ҷумҳурии мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон то ба Ҷумҳурии комилҳуқуқи Иттифоқӣ табдил ёфтани он; давраи сеюм, аз солҳои 1929 то ибтидои соҳои 30-юм аз замони ба ҶМТ пайвастани округи Хуҷанд ва оғози ташкили дастҷамъӣ то вусъатёбии он. Сипас, дар қимати хулосавии мақола омадааст, ки бо ибтикори Нусратулло Махсум сиёсати ба кишвари аҷдодӣ бозовардани фирориён пеш гирифта шуд ва роҳбарии раванди мазкурро худи ӯ ба дӯш дошт.

**Калидвожаҳо:** саҳм, Нусратулло Махсум, рушд, ташаккул, Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон, халқи тоҷик, мубориза, ҳизб, Бухорои Шарқӣ.

## ВКЛАД НУСРАТУЛЛА МАХСУМА В РАЗВИТИЕ ТАДЖИКИСТАНСКОЙ ССР (1924-1929)

В статье рассматривается вклад Нусратулло Махсума в развитие Таджикской ССР (1924-1929). Авторы обсудили этот вопрос с использованием научных источников и констатировали, что великий сын нации Нусратулло Махсум, будучи Председателем Революционного Комитета СССР, а затем первым государственным деятелем (старейшиной) таджиков и таджикского народа до последнего вздоха, посвятил всю свою государственную деятельность

реализации этих вопросов. Одним из центральных вопросов статьи является миграция ряда жителей Восточной Бухары в начале XX века, которая делится на три периода: первый период, 1920–1923 годы, от распада Бухарского эмирата до подавления первых контрреволюционных движений; второй период, 1924-1929 годы, возникновение Таджикской АССР до ее преобразования в полноценную союзную республику; Третий период — с 1929 года до начала 1930-х годов, с момента вхождения Ходжентского района в состав Наркомата культуры и начала организации колхоза до его расширения. Затем, в заключительном абзаце статьи, говорится, что политика возвращения беглецов на родину предков была инициирована Нусратулло Махсумом, и он сам руководил этим процессом.

**Ключевые слова:** вклад, Нусратулло Махсум, развитие, формирование, Таджикская АССР, таджикский народ, борьба, партия, Восточная Бухара.

## NUSRATULLAH MAHSUM'S CONTRIBUTION TO THE DEVELOPMENT OF THE TAJIKISTAN SSR (1924-1929)

This article discusses the contribution of Nusratullo Makhsum to the development of the Tajik SSR (1924-1929). The authors, using scientific sources, have discussed this issue and stated that the great son of the nation, Nusratullo Makhsum, in the capacity of Chairman of the Revolutionary Committee of the SSR and then the first state figure (elder) of Tajiks and Tajiks, devoted all his statecraft to the implementation of these issues until his last breath. One of the central issues of the article is the migration of a number of residents of Eastern Bukhara at the beginning of the 20th century, which is divided into three periods by reference: the first period, 1920-1923, from the collapse of the Bukhara Emirate to the suppression of the first counter-revolutionary movements; the second period, 1924-1929, from the formation of the Tajik Autonomous Soviet Socialist Republic to its transformation into a full-fledged Union Republic; the third period, from 1929 to the early 1930s, from the time the Khujand district joined the Tajik Soviet Socialist Republic and the beginning of the organization of the collective farm to its expansion. Then, in the concluding part of the article, it is stated that on the initiative of Nusratullo Makhsum, a policy of returning fugitives to their ancestral homeland was pursued, and he himself was responsible for leading this process.

**Key words:** contribution, Nusratullo Makhsum, development, formation, Tajik Autonomous Soviet Socialist Republic, Tajik people, struggle, party, Eastern Bukhara.

**Маълумот дар бораи муаллифон: Махсудов Аслиддин Муҳабатович** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, муовини декани факултети таърих ва ҳуқуқ оид ба корҳои тарбия, номзади илмҳои таърих, дотсент.Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к. Э. Муҳиддин– 63. Телефон: (+992) 985- 02- 29- 82. E-mail: asliddin.maxsudov.92@mail.ru

**Ҳикматов Саъдулло Маҳмадуллоевич** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, магистранти курси 2-юми ихтисоси таърих, Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к. Э. Муҳиддин – 63. Телефон: (+992) 934-43-43-00.

**Сведения об авторах: Махсудов Аслиддин Мухабатович** – Таджикский педагогический институт в Раштском районе, заместитель декана историко-правового факультета по воспитательной работе, кандидат исторических наук, доцент. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, ш. Гарм, к. Э. Мухиддина-63. Телефон: (+992) 985-02-29-82. E-mail: asliddin.maxsudov.92 @mail.ru.

**Хикматов Садулло Махмадуллоевич** – Таджикский педагогический институт в Раштском районе, магистр 2 курса истории, Адрес: 734025, Республика Таджикистан, ш. Гарм, к. Э. Мухиддин – 63. Телефон: (+992) 934-43-43-00.

**Information about authors: Makhsudov Asliddin Muhabatovich** – Tajik pedagogical institute in Rasht district, deputy dean of the faculty of history and law for educational work, candidate of historical sciences, associate professor. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Garm highway, k. E. Mukhiddin-63. Phone: (+992) 985-02-29-82 E-mail: asliddin.maxsudov.92 @mail.ru.

**Hikmatov Sadullo Mahmadulloevich** – Tajik pedagogical institute in Rasht district, 2nd year master of history, Address: 734025, Republic of Tajikistan, Garm highway, k. E. Mukhiddin-63. Phone: (+992) 934-43-43-00.

**ТДУ: 93/94**

## НАҚШИ ТАЪРИХӢ-МОНДАГОРИ ИҚБОЛИ ЛОҲУРӢ ДАР ЭҲЁИ ЗАБОНИ ФОРСӢ ДАР ҲИНД ВА ПОКИСТОН

**Одинаев Б.А., Неъматов Р.Ҳ.**
**Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт**

Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ (1877-1938) аз зумраи шоирони пешқадами адабиёти оламгири форсӣ аст, ки бо истеъдоди фитрӣ ва эъҷози сухани хеш шеъри Аҷамро нафаси тоза бахшида, забони форсии дариро дар сарзамини Ҳинду Покистон аз сари нав зинда гардонид ва ба василаи ин корнамоии бузург номи хешро дар ҷаридаи олам ҷовидона сабт намуд.

Муҳаммад Иқбол 9-уми ноябри соли 1877 дар шаҳри Сиёлкути музофоти Панҷоб ба дунё омадааст [9]. Гузаштагони файласуф асосан аз бараҳманҳои Кашмири Ҳиндустон мебошанд, ки ба Сиёлкути Панҷоб омада, исломро қабул кардаанд. Дар бораи бараҳманзода будани худ мутаффакир ишораи ҷолибе кардааст:

Маро бингар, ки дар Ҳиндустон дигар намебинӣ,
Бараҳманзодае рамзошнои Руму Табрез аст.
Танам гиле зи хиёбони ҷаннати Кашмир,
Дил аз ҳарими Ҳиҷозу наво зи Шероз аст.

Ҳаёту фаъолияти эҷодӣ ва таълифоти гуногуншаклу мухталифмазмуни Иқболи Лоҳурӣ аз дер боз мавриди таваҷҷуҳу омӯзиш ва таҳқиқи пажӯҳишгарони Шарқу Ғарб, ба вижа аҳли таҳқиқи Ҳинду Покистон, Эрону Афғонистон, Тоҷикистон ва дигар кишварҳои ҷаҳон қарор гирифтааст. Онҳо доир ба Муҳаммад Иқбол ва осору афкори илмӣ-фалсафии ӯ мақола ва рисолаҳои зиёде навишта, нисбат ба вай унвонҳо, таъбирҳои баланд, суханони тавсифомезе, ба мисли: шоири Машриқзамин, ҳакими миллат, лисонулмиллат, тарҷумони ҳақиқат, мутафаккири баландмақом, бузургтарин файласуфи айёми мо ва монанди инҳоро кор мефармоянд, ки ин бесабаб набуда, як навъи хулоса ва ё натиҷагирии он пажӯҳишгарон аз таҳқиқоти доманадорашон мебошад.

«Бо ин ки теъдоди ҳиндуёни порсигӯ бисёр зиёд аст ва дар миёни онон шоирони қодире низ дида мешавад, ҳисоби Иқбол аз ҳамагии онҳо ҷудо аст. Иқбол шоире дар радифи қаҳрамонони ҷовиди шеъри форсӣ аз қабили Мавлоно

Ҷалолиддин ва Ҳофиз аст. Иқбол сабк ва мактаби ҷадиде дар шеъри форсӣ таъсис карда, ки дар воқеъ бояд сабки ӯро сабки Иқбол номид ва қарни адабии ҳозирро бояд ба номи ӯ музайян сохт» [2].

Кай ба омӯхтани забони форсӣ шуғл варзидани Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ, ки забони аслии модариаш панҷобӣ буд, маълум нест. Эҳтимол дорад, ки он аз муҳити хонаводаи ӯ оғоз гардида бошад. Зеро падари шоир аз ҷумлаи муътақидон ва дӯстдорони осори шоирони бузурги порсигӯ, амсоли Шайх Саъдӣ, Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ, Саноии Ғазнавӣ, Шайх Аттори Нишопурӣ, Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ ва дигар суханварони мутасаввиф буда, пайваста дар вақтҳои холигиаш аз кори тиҷорат, ашъори онҳоро мутолиа мекардааст. Пажӯҳишгарони шарҳи ҳоли Муҳаммад Иқбол навиштаанд, ки шоир ҳангоми дар мадрасаи ибтидоӣ таҳсил намуданаш дар баробари забонҳои арабиву урду забони форсиро аз донишманди маъруфи замон Мавлавӣ Мир Ҳасан омӯхта, бо ташвиқу раҳнамоии ӯ ба сурудани шеърҳо бо забони форсию урду шуруъ мекунад. Шояд Муҳаммад Иқбол баъди соли 1895 мелодӣ бо забони форсӣ шеър гуфта бошад, ки аз ин давра аз шоир абёти пароканда ба забони форсии дарӣ боқи мондааст. Ошноӣ ба фаъолият ва омӯзиши осори аллома Иқбол нишон медиҳад, ки бо вуҷуди дар байни солҳои 1904-1914 мелодӣ бештари вақти худро ба омӯзиши тадрис ва таҳқиқи осори файласуфон ва мутафаккирони машҳури Шарқ: Абӯнасри Форобӣ, Абӯали Ибни Сино, Абӯрайҳони Берунӣ, Ибни Рушд, Маҳмуди Шабистарӣ, Носири Хусрави Қубодиёнӣ, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, таърихи адабиёти форсӣ, афкори фалсафии Ғарб ва эҷоди ашъор ба забони урду сарф кардан, ӯ сари ҳар чанд вақт ба забони форсӣ ҳам ашъори диловезу дилнишин сурудааст.

«Омӯзиши паҳлӯҳо мухталифи ҳаёту фаъолият ва ҷаҳонбинии аллома Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ дорои аҳамияти зиёде буда, илова бар ин барои тарсими дақиқтари пешрафти ақоиди фалсафӣ, иҷтимоӣ ва ахлоқии мардумони Шарқ дар охири асри XIX ва авали асри XX мусоидат хоҳад кард» [11, с. 58]. Гарчанде Иқбол зодаи Ҳинд буд, вале зиёда аз нисфи ашъори худро бо забони форсӣ навиштааст. Ӯ бо осори форсии худ дар равнақи адабиёти форсии асри XX саҳми бузург гузоштааст. «Асрори худӣ» аввалин маснавии калонҳаҷми аллома Иқболи Лоҳурӣ буда, дар мавзӯи барои ӯ тоза ва ба забони форсии ғайри забони модарии вай таълиф гаштааст. Бинобар ин шоир дар оғози маснавӣ аз робитаи маънавии худ бо Ҷалолуддини Румиву Аттори Нишопурӣ, баландии ҳиммат ва ҷасорату далерии хеш дар бораи ба забони форсӣ дар чунин як мавзӯи фалсафии мурккаб асар навиштани худ сухан ба миён оварда ба таври бисёр хоксорона ва узрхоҳона изҳор мекунад, ки матлаб ва мақсади ӯ аз таълифи ин маснавӣ на ҷилвагар сохтани маҳорати суханварию ҳунари шоирӣ, балки ба забони гуворои форсии барои ӯ бегона, вале дархӯри баёни афкори баланди вай тасвир намудани андешаю ақидаҳои шоири адолатҷӯю инсонпарвар мебошад.

...Ҳиндиям, аз порсӣ бегонаам,
Моҳи нав бошам, тиҳипаймонаам.
Ҳусни андози баён аз ман маҷӯ,
Хонсору Исфаҳон аз ман маҷӯ.
Гар чи ҳиндӣ дар узубат шакар аст,
Тарзи гуфтори дарӣ ширинтар аст.
Фикри ман аз ҷилвааш масҳур гашт,
Хомаи ман шохи нахли Тур гашт...

...Хурда бар мино магир, эй ҳушманд,
Дил ба завқи хӯрдаи мино бубанд.

Чунон ки мебинем, Муҳаммад Иқбол дар ин ҷо аз хусуси сароидани ашъори порсӣ навмашқ будани худ ва дар ин маснавӣ ба таври хеле кам истифода шудани обу ранги бадеӣ ва ороиши сухан изҳори ақида намуда, таъкид мекунад, ки бо назардошти чунин вазъ аз эрод гирифтан ба назми маснавии ӯ сарфи назар бояд кард.

Забони аслии М. Иқбол ҳарчанд урду бошад ҳам ва ба он низ шеърҳо эҷод кардааст, аммо барояш забони форсӣ-тоҷикӣ барои ифодаи афкори фалсафиаш қулайтар буд:

Одамиро диду чун гул баршукуфт,
Дар забони Тӯсиву Хайём гуфт.
Нутқи идрокаш равон чун оби ҷӯ,
Маҳви ҳайрат будам аз гуфтори ӯ.

Ҳар гуна гуфтори М. Иқбол, чуноне ки аз мисраъҳои боло бармеояд, хусусияти иҷтимоӣ-инфиродӣ дошта, аз фаъолият ва муносибати худи шоир ба соҳаи ҳаёти ҳаррӯза, илм ва фарҳанги мардуми форсу тоҷик сарчашма мегирад [4, с. 113-118].

Яке аз сабабҳои ба забони форсӣ рӯ овардану бо ин забон навиштани муҳимтарин асарҳои шоир, ин ба осори форсӣ дилбастагӣ доштану аз он матолиби дилхоҳи хешро пайдо карда тавонистан ва бо суннату анъанаҳои адабиёти оламгири форсӣ содиқ будани ӯ мебошад.

Муҳаммад Иқбол дар номаи дар таърихи 26 августи соли 1932 ба унвони донишманди маъруфи эронӣ, профессор Саид Нафисӣ навиштааш ба мақоми забони форсӣ чунин баҳои баланд додааст: «Ягона маҳсули зарранамои вуҷудро сухани форсӣ медонам» [10]; [12, с, 106].

Сабаби дигари ба забони форсии дарӣ дар таълифи осори фалсафии худ мурожиат намудани Муҳаммад Иқбол дар он аст, ки имкониятҳои ин забони малакутӣ барои баёни матолиби ривоҷдоштаи он рӯзгор фасеҳтару ширинтар ва барои дар навъҳои гуногуни назм инъикос намудаи ҳар гуна мавзӯъ мувофиқтару муносибтар буд. Сайид Муҳаммадалии Фахрии Гелонӣ, ки нахустин муҳаққиқи осори форсии Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ дар Ҳиндустон буд, роҷеъ ба забони форсӣ бештар таълиф ёфтани асарҳои Муҳаммад Иқбол ва ба ҳамин забон таваҷҷӯҳи махсус зоҳир намудани шоирро чунин ба қалам додааст: «Доктор Иқбол охир эҳсос намуд, ки қолаби урду барои ифодаи афкори васеъи ӯ танг аст ва фақат форсӣ, ки забони оми Осиё ва забони илмии қадимии дунё буда, метавонад хазинаи ганҷи тасаввуроти ӯ бошад. Аз ин ҷиҳат чанд сол аст, ки афкори олияи худро дар қолаби форсӣ мерезад ва тӯтии шакаршикан шуда ё булбули Шероз гаштааст» [6].

Дар ҳақиқат, шоир ва мутафаккири бузурги Шарқ Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ ният ва бовар дошт, ки тавассути асарҳои форсиаш на танҳо ба дили халқҳои Ҳинду Покистон, балки ба дили мардуми дигар кишварҳои Аҷам, аз қабили Афғонистон, Эрон ва Туркия низ роҳ ёфтааст:

Аҷам аз нағмаам оташ ба ҷон аст,
Садои ман даройи корвон аст.
Худоро тезтар хонам чу Урфӣ,
Ки раҳ хобидаю маҳмил гарон аст.

Агар чи Муҳаммад Иқбол дар маснави «Асрори худӣ» ба таври хело хоксорона аз забони форсӣ огоҳии комил надоштан ва воситаҳои тасвири бадеӣ ба таври зарурӣ истифода набурданашро ёдоварӣ мекунад, аммо дар ҳақиқат, дар ашъори диловезу гирои ӯ ягон лафзе ё таркибе ба назар намерасад, ки аз доираи қоидаи сарфу наҳви забони адабии форсии дарӣ каме ҳам берун бошад.

Бо мурури замон бар асари саъю кӯшиш ва омӯзиши пайваста забондонии Иқбол такмил ёфта, мукаммалтар мегардад ва маҳорати суханварии ӯ бештар инкишофу рӯшд меёбад. Адабиётшиноси покистонӣ Манзурулҳақ роҷеъ ба саҳми Муҳаммад Иқбол дар ривоҷу равнақи шеъри форсӣ дар Ҳинду Покистон чунин мегӯяд: «Шеъри порсӣ дар Ҳинду Покистон ба вуҷуди Муҳаммад Иқбол музайян ва ороста шуд. Вай на танҳо яке аз бузургтарин шуарои порсигӯйи Покистон маҳсуб мешавад, балки бояд ӯро беҳтарини шуарои порсигӯйи асри ҳозир шумурд. Вай на танҳо забону адабиёти порсиро дар Ҳинду Покистон зинда нигоҳ дошта ва онро тарвиҷу равнақ дода, балки шеъри порсиро ба мунтаҳои камол расонидааст» [6].

Ӯ дар маснавии қаблан ёдоваршудааш забони форсии дариро мадҳ намуда ҳатто, онро забони осмониву фариштагон ва забони сокинони Миррих шумурда зикр мекунад:

Ин ҳама хоб аст ё афсунгрӣ,
Бар лаби миррихиён ҳарфи дарӣ.

Муҳаммад Иқбол нисбат ба забони форсӣ, ки онро тавассути осори гаронбаҳои худ аз нестӣ ва доираи танг наҷот ва раҳоӣ бахшида, болу пари тоза ато намуд, меҳру муҳаббати фаровон дошт ва бузургтарин дарёфтҳои зеҳнӣ, фикрӣ ва ақлонии худро ба василаи он баён кард ва аҳли илму адаб ва ҳаводорони каломи хешро аз онҳо огоҳ сохт. Бинобар ин, забони форсӣ барои ӯ ба манзалаи забони модарӣ хизмат мекард ва азизу мӯҳтарам буд. Беҳуда нест ки Муҳаммад Иқбол ҳатто ҳангоми ин ҷаҳонро падруд гуфтани хеш (ним соат пеш аз фавташ) бо забони ширини форсӣ ин пораи шеъри ҳасратомез ва пурарзишро сурудааст.

Суруди рафта боз ояд, ки н-ояд,
Насиме аз Ҳиҷоз ояд, ки н-ояд.
Саромад рӯзгори ин фақире,
Дигар донои роз ояд, ки н-ояд.

Муҳаммад Иқбол дар боби эҳё ва ривоҷу равнақи забони форсӣ ва нигоҳдошту густариши адабиёти форсизабони Ҳинду Покистон хизмати бузург ва шоистаи таҳсинеро анҷом додааст. Донишманди маъруфи эронӣ профессор Саид Нафисӣ ба хидматҳои бузурги дар ҳаққи забону адабиёти форсӣ анҷом додаи Муҳаммад Иқбол баҳои баланду сазовор дода, барҳақ фармудааст: «Сухансароёни форсизабон таъбироти чанд, монанди “Масеҳонафас”, “Масеҳодам”, “Исонафас” ва назири онҳо ҳамвора дар бораи пизишкони ҳозиқ, ки мурдаро зинда мекунанд, ба кор бурдаанд. Дар замони мо ин гуна таъбирот дар бораи аллома Муҳаммад Иқбол – сароянда ва ҳакими бузург муносибтар аст. Зеро ки вай адаби форсӣ ва забони форсиро, ки дар Ҳинду Покистон беш аз сад сол мурда буд, бо дами масеҳоии худ зинда кард ва чунон зиндагӣ бахшид, ки аз даврони пеш аз марг ҳам нерӯмантару бурӯмантар шуд» [2].

Ба андешаи муаррих Қаҳҳор Расулиён, «Забони порсии дарӣ ҳанӯз ҳазор сол муқаддам, айёми лашкаркашиҳои султонҳои Ғазнавиён ба сарзамини Покистони кунунӣ қадам ниҳода, баъдтар густариш ёфта ва тӯли садсолаҳо

забони расмии ин марзу бум буд. Султон Маҳмуди Ғазнавӣ ва ворисони ӯ шаҳри Лоҳури иёлати Панҷобро ба ҳайси яке аз пойтахтҳои худ пазируфта, барои равнақи дини Ислом ва забони порсии дарӣ аз тамоми сарзамини паҳноварифорсизабонон, минҷумла Осиёи Миёна адибону ..... оварда буданд» [5].

Оре, Муҳаммад Иқбол эҳёгари забон ва адаби форсии дарӣ дар сарзамини Ҳинду Покистон аст ва бо ин лафзи ширини малакутӣ осори арзишманде сурудааст ва ба таъбири Ҳаким Фирдавсӣ кохи бузургеро аз назм пай афкандааст, ки аз ҳеҷ боду борони ҳаводиси рӯзгор газанде намеёбад ва ҳамеша то оламу одам аст, ҷовидон боқӣ мемонад.

Вале аҷоибияти кор дар ин аст, ки бино бо ақидаи пажӯҳишгарон Муҳаммад Иқбол ба форсӣ асар эҷод мекард, вале ба ин забон равону фасеҳ гуфтугӯ карда наметавонис. Ин нуктаро писари ӯ доктор Ҷовид Иқбол низ ҳангоми ташриф оварданаш ба Тоҷикистон дар яке аз сӯҳбатҳо бо шоири тоҷик шодравон Гулназар тасдиқ намудаву он дар матбуоти кишвар дарҷ гардидааст. Адиб ва донишманди эронӣ Эраҷ Афшор низ дар ёддоштҳои худ таҳти унвони «Иқбол ба форсӣ сухансаро буд, вале сӯҳбат намекард», дар ин бора чунин фармудааст: «Кушёр, фарзандам дар интернет ба хабаре таваҷҷӯҳ кардааст, ки дар Пешовар интишор ёфта буд ва марбут мешуд ба маросими адабӣ дар хонаи фарҳанги Эрон ва суханони Зуҳур Аҳмад дар он ҷо. Матлаб ба ин ибора оғоз мешуд, ки сурудҳои Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ ба форсии саҳеҳ устувор аст ва медонем, ки рисолаи докторияш ҳам дар бораи фалсафа дар Эрон буд. Доктор Зуҳур Аҳмад дар маҷлис (11 июли соли 2002) гуфтааст, ки Иқбол ва Сайид Сулаймон дар октябри соли 1933 ба Афғонистон рафтанд ва бо Нодиршоҳ дидор карданд. Сафари онҳо барои таҳияи барномаи дарсии донишҷӯёни риштаи адаби Донишгоҳи Кобул буд. Дар ин сафар Иқбол дар чандин маҳал суханронӣ кард, вале ҳамвора ба забони инглисӣ ё урду. Сайид Сулаймон суханони ӯро ба форсӣ барои ҳозирон тарҷума мекард. Дар шеъри сеҳромези форсӣ сире нуҳуфтааст, ки ҷавҳарвор дар ҷони одамӣ хона мекунад. Намунаи тавоноии Муҳаммад Иқбол дар офаридани қитъаҳои форсии мондагори ӯст. Ӯ форсӣ ҳарф намезад, вале форсӣ фикр мекард ва сувари хаёли ӯ ба форсӣ нақш мегирифт» [7, с. 86].

Бигзор, ки ӯ ба форсӣ сӯҳбат намекард, вале вақте ки қалам ба даст мегирифт, афкори баландпарвози ӯ дар қолаби забони форсӣ рӯйи сафҳа мерехт. Маҳз каломи диловези форсӣ бо вусъат ва тавоноии худ ба баландӣ ва фитрати андешаву афкори нотакрори вай созгор омада буд. Худи аллома Муҳаммад Иқбол ин нуктаро таъкид карда, фармудааст:

Порсӣ аз рифъати андешаам,
Бар хурад бар фитрати андешаам.

Муҳаққиқ Каримов К.Д. бар он назар аст, ки забони форсӣ барои боло рафтани қобилияти зеҳнии халқҳои гуногун аҳамияти бузург дошт. Ӯ чунин қайд мекунад: «Маълумоти забоншиносии форсӣ-тоҷикӣ барои халқҳои гуногун дар боло рафтани сатҳи қобилияти зеҳнии на танҳо худи тоҷикон, балки намояндагони халқҳои дигар аҳамияти бузург дошт. Маҳз барои ҳамин, мутафаккирону шоирони ғайритоҷик, монанди Форобӣ (гарчанде ки асарҳояшро ба забони арабӣ навишта бошад ҳам, аммо ба фазли таҳсили илм намуданаш дар Самарқанду Бухоро, Бағдод, Исфаҳон, Ҳамадон ва Рай истилоҳот ва калимаҳои зиёди форсӣ-тоҷикиро истифода бурдааст), Низомӣ, Навоӣ, Муҳаммад Иқбол ва дигарон рӯ ба забони форсӣ-тоҷикӣ оварда буданд. Дар асарҳои онҳо ба ғайр аз

масъалаҳои дигари мутааллиқ ба маърифати олам, табиат ва инсон инчунин фалсафаи забон дар доираи таҳлили забони форсӣ баррасӣ мешавад» [3, с. 145-151].

Ба қавли Муҳаммад Иқбол шуури инсон ҳамон рози ниҳонӣ, пӯшидаи ҳастӣ аст, ки бо пайдоишу такомули инсон ба намоиш омад [13, с. 373]. «Иқбол ба тамоми мавҷудоту ходисоти олам аз нуқтаи назари инсони мубориззу пешрав менигарад ва арзиши ҳама чизро аз ҳамин дидгоҳ муайян мекунад. Бояд ҳамаи ашёву мавҷудоти олам ба инсон, баҳри ташаккулу такомули он хидмат намояд. Ӯ ончиро, ки шахсияти инсонро таквият медихад – нек ва ҳар чиро, ки ба шахсияти инсон осеб расонида онро суст мекунад – зишт мешуморад. Ин меъёр хам дар ашъори рангини ӯ ва ҳам дар рисолаву асарҳои фалсафии ӯ мавқеи асосӣ дорад» [1].

Бархез, ки одамро ҳангоми намуд омад,
Ин мушти ғубориро анҷум ба суҷуд омад.
Он роз, ки пӯшида дар синаи ҳастӣ буд,
Аз шӯхии обу гил дар гуфту шунуд омад.

Боиси сарфарозӣ ва хушбахтии мо, тоҷикон аст, ки осори пурарзиши Иқболро ба забони модариамон мехонем ва лаззати маънавӣ мебарем. Аз замоне, ки устоди шодравон Мирсаид Миршакар соли 1958 ба Ҳиндустон сафар кард ва тасодуфан бо осори пурарзишу каломи ҷовидонаи Муҳаммад Иқбол ошно гардид, дар бозгашт китоби ӯро бо худ овард ва намунаи ашъори вайро ба табъ расонида, дастраси хонандагони тоҷик гардонид. Ҳаводорону дӯстдорони шеъри асили форсӣ нахустин бор аз чашмаи софу зулоли ашъори ноби Муҳаммад Иқбол ташнагӣ шикастанд ва минбаъд беш аз пеш иштиёқманду шефтаи суханони малакутӣ ва нағзу пурмағзи Муҳаммад Иқбол гардидаанд. Афроди хештаншинос ва худогоҳи Тоҷикистон бо даъвати ӯ аз хоби ғафлати чандинасра бархостанд ва барои озодиву исниқлолияти кишварамон, ҳимоят аз арзишҳои милливу мазҳабӣ расму ойин ва забони ширини модарӣ талош варзидаанд. Шеъри ҷовидонаи Иқболи Лоҳурӣ чун таронаи худшиносии ватандӯстон ва ҷавонони ҷоннисору фидокори тоҷик садо медод ва имрӯз ҳам чун пайки озодии озодагон танинандоз аст:

Эй ғунчаи хобида, чун наргис нигарон хез,
Кошонаи мо рафт ба тороҷи ғамон хез.
Аз нолаи мурғи чаман, аз бонги азон хез,
Аз гармии ҳангомаи оташнафасон хез,
Аз хоби гарон, хоби гарон, хоби гарон хез,
аз хоби гарон хез!

Аллома Иқболи Лоҳурӣ низ дар мавриди фалсафаи худӣ, шинохти худ, хушбахт шудани миллат аз фарди худшинос афкори баландро баён доштааст. Ин байтҳо намунаи ҳамон мавзӯи худшиносист, набояд ба умеди дигарон шуд:

Нафас дорад, валекн ҷон надорад,
Касе к-ӯ бар муроди дигарон зист [8, с. 5].

Бояд гуфт, ки Муҳаммад Иқбол ба мардуми тоҷик ва диёри адабпарвари Мовароуннаҳр ихлосу самимияти хос ва эҳтироми бузург дошт ва фурӯғи чашми худро аз хоки поки Бухоро дар радифи Кобул (Афғонистон) ва Табрез (Эрон) медонист. Қобили қайд аст, ки аллома Иқболи Лоҳурӣ се кишвари форсизабонро аз ҳам ҷудо накарда, ҳамеша як сарзамини дорои тамаддун ва забони муштарак эътироф мекард, вале диёри Бухороро дар ин росто муқаддам медонист:

Агарчи зодаи Ҳиндам, фурӯғи чашми ман аст,
Зи хоки поки Бухорову Кобулу Табрез.

**Муқарриз: Махсудов А.М. – н.и.т., дотсенти ДОТ дар н. Рашт**

**Адабиёт:**

1. Зиёева З.И. Назарияи тарбиявӣ-ахлоқии Муҳаммад Иқбол. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://farazh.tj (санаи муроҷиат: 17.02.2025).

2. Иршод Сулаймонӣ. Муҳаммад Иқбол ва тамаддуни умумифорсӣ. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://kuhistoni.wordpress.com (санаи муроҷиат: 17.02.2025).

**3.** Каримов К.Д. Масъалаи шинохти забони тоҷикӣ дар доираи фалсафаи он [Матн] / К.Д. Каримов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2020. – №5. – С. 145-151.

4. Каримов К.Д. Рушди анъанаҳои таҳлили илмию адабӣ дар пайи ҷусторҳои забони фалсафии тоҷикӣ [Матн] / К.Д. Каримов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2020. – №6. – С. 113-118.

5. Қаҳҳор Расулиён, Покистон [Матн] / Расулиён Қ. – Душанбе, 1997.

6. Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ. Куллиёти форсӣ [Матн] / И.Л. Муҳаммад. – Душанбе, «Паёми ошно», 2008. – 778 с.

7. Одинаев Б.А. Самараи боғи файласуф [Матн] / Б.А. Одинаев. – Душанбе: - 2021, 152 саҳ.

8. Пирматова Г. Х., Одинаев Б. А. Андешаҳо перомуни масоили гуногуни иҷтимоӣ-тарбиявӣ [Матн] / Г.Х. Пирматова, Б.А. Одинаев. – Душанбе: - 2022, 180 саҳ. – С. 5.

9. Раҳмонов Мирсаид. Аллома Муҳаммад Иқбол пайвандгари адабию забонии мардумони Тоҷикистону Ҳиндустону Покистон ва заминагузори фалсафаи худшиносӣ (Ба муносибати Рӯзи Иқбол, 9-уми ноябр). [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://www.osiyoavrupo.tj (санаи муроҷиат: 18.02.2025).

10. С. Аминиён. Иқбол орзуи беҳбудии тамоми башариятро дошт. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://farazh.tj (санаи муроҷиат: 15.02.2025).

11. Фалсафа: (таърихи фалсафа) (китоби дарсӣ барои мактабҳои олии ҷумҳурӣ). (Ҳайати муаллифон). – Душанбе, «Собириён», 2011. – 605 с.

12. Хоҷа Абдуҳамиди Ирфонӣ. Иқбол аз назари эрониён [Матн] / Х.А. Ирфонӣ. – Карочӣ, 1957. – С. 106.

13. Шерзот Абдуллозода. Муқаддимаи фалсафа: мантиқ, таърихи фалсафа, ҳастишиносӣ, ҳастии моддӣ, ҳастии инсон, маърифатшиносӣ, ҳастии таърихӣ. Нашри дуввум. – Душанбе: «Дониш», 2014. – 505 с.

**Literature:**

1. Ziyoeva Z.I. Educational and moral theory of Muhammad Iqbal. [Electronic resource]. Access source: https://farazh.tj (access date: 17.02.2025).

2. Irshod Sulaymoni. Muhammad Iqbal and the pan-Persian civilization. [Electronic resource]. Access source: https://kuhistoni.wordpress.com (access date: 17.02.2025).

3. Karimov K.D. The problem of recognizing the tajik language within the framework of its philosophy [Text] / K.D. Karimov // Message of the National University of Tajikistan. – 2020. – №. 5. – P. 145-151.

4. Karimov K.D. The development of traditions of scientific and literary analysis in the pursuit of the tajik philosophical language [Text] / K.D. Karimov // Message of the National University of Tajikistan. – 2020. – №. 6. – P. 113-118.

5. Qahhor Rasuliyon, Pakistan [Text] / Rasuliyon Q. – Dushanbe, 1997.

6. Muhammad Iqbal Lahuri. Persian collection [Text] / I.L. Muhammad. – Dushanbe, «Familiar Message», 2008. – 778 p.

7. Odinaev B.A. The Fruits of the philosopher's garden [Text] / B.A. Odinaev. – Dushanbe: - 2021, 152 p.

8. Pirmatova G.Kh., Odinaev B.A. Thoughts on various social and educational issues [Text] / G.Kh. Pirmatova, B.A. Odinaev. – Dushanbe: - 2022, 180 p. – P. 5.

9. Rahmonov Mirsaid. Allama Muhammad Iqbal, the literary and linguistic linker of the peoples of Tajikistan, India and Pakistan and the founder of the philosophy of self-knowledge (On the occasion of Iqbal day, november 9). [Electronic resource]. Access source: https://www.osiyoavrupo.tj (access date: 18.02.2025).

10. S. Aminiyon. Iqbal dreamed of the well-being of all humanity. [Electronic resource]. Access source: https://farazh.tj (access date: 15.02.2025).

11. Philosophy: (history of philosophy) (textbook for higher schools of the republic). (Authors). – Dushanbe, «Sobiriyon», 2011. – 605 p.

12. Khoja Abduhamidi Irfani. Iqbal from the perspective of Iranians [Text] / H.A. Irfani. – Karachi, 1957. – P. 106.

13. Sherzot Abdullozoda. Introduction to philosophy: logic, history of philosophy, ontology, material existence, human existence, cognitive science, historical existence. Second edition. – Dushanbe: «Donish», 2014. – 505 p.

## НАҚШИ ТАЪРИХӢ-МОНДАГОРИ ИҚБОЛИ ЛОҲУРӢ ДАР ЭҲЁИ ЗАБОНИ ФОРСӢ ДАР ҲИНД ВА ПОКИСТОН

Дар мақола доир ба нақши таърихию мондагори Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ дар эҳёи забони форсӣ дар Ҳинд ва Покистон маълумот дода шудааст. Муаллифон бо истифода аз сарчашмаҳои таърихӣ масъалаи мазкурро таҳлилу баррасӣ намуда, қайд кардаанд, ки Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ (1877-1938) аз зумраи шоирони пешқадами адабиёти оламгири форсӣ аст, ки бо истеъдоди фитрӣ ва эъҷози сухани хеш шеъри Аҷамро нафаси тоза бахшида, забони форсии дариро дар сарзамини Ҳинду Покистон аз сари нав зинда гардонид ва ба василаи ин корнамоии бузург номи хешро дар ҷаридаи олам ҷовидона сабт намуд. Дар идома ишора бар ин шуддаст, ки забони форсӣ ҳазор сол пеш вориди сарзамини аҷдодии Иқболи Лоҳурӣ гашта буд. ин сухани худро муаллифон бо ибораҳои муаррихи машҳури тоҷик Қаҳҳор Расулиён овардаанд – забони порсии дарӣ ҳанӯз ҳазор сол муқаддам, айёми лашкаркашиҳои султонҳои Ғазнавиён ба сарзамини Покистони кунунӣ қадам ниҳода, баъдтар густариш ёфта ва тӯли садсолаҳо забони расмии ин марзу бум буд. Султон Маҳмуди Ғазнавӣ ва ворисони ӯ шаҳри Лоҳури иёлати Панҷобро ба ҳайси яке аз пойтахтҳои худ пазируфта, барои равнақи дини Ислом ва забони порсии дарӣ аз тамоми сарзамини паҳновари форсизабонон, минҷумла Осиёи Миёна адибонро оварда буданд. Дар қисмати хулосавии мақолаи мазкур гуфта шудааст, ки Муҳаммад Иқбол ба мардуми тоҷик ва диёри адабпарвари Мовароуннаҳр ихлосу самимияти хос ва эҳтироми бузург дошт.

**Калидвожаҳо:** таърих, Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ, «Асрори худӣ», эҳё, забони форсӣ, Ҳиндустон, Покистон, адабиёт, нақши таърихӣ.

## ИСТОРИКО-ПОСТОЯННАЯ РОЛЬ ИКБАЛА ЛАХОРИ В ВОЗРОЖДЕНИИ ПЕРСИДСКОГО ЯЗЫКА В ИНДИИ И ПАКИСТАНЕ

В статье представлена информация об исторической и непреходящей роли Мухаммада Икбала Лахура в возрождении персидского языка в Индии и Пакистане. Используя исторические источники, авторы проанализировали и обсудили этот вопрос и отметили, что Мухаммад Икбал Лахури (1877-1938) является одним из ведущих поэтов персидской литературы, который своим врожденным талантом и красноречием вдохнул новую жизнь в поэзию аджама, возродил персидский язык дари в Индии и Пакистане и этим великим подвигом увековечил свое имя в мировой истории. Далее отмечается, что персидский язык проник на исконную родину Икбала Лахура тысячу лет назад. Авторы цитируют известного таджикского историка Каххара Расулиёна, который утверждает, что дари-персидский язык проник на территорию современного Пакистана тысячу лет назад во время походов султанов Газневидов, впоследствии распространился и на протяжении столетий был официальным языком этой земли Султан Махмуд Газневи и его преемники сделали город Лахур в провинции Пенджаб одной из своих столиц и привезли писателей со всех обширных персоязычных земель, включая Среднюю Азию, для пропаганды ислама и персидского языка дари. В заключительной части статьи говорится, что Мухаммад Икбал питал особую искренность и огромное уважение к таджикскому народу и литературной земле Мовареуннахри.

**Ключевые слова:** история, Мухаммад Икбал Лахор, «Асрори худи», возрождение, персидский язык, Индия, Пакистан, литература, историческая роль.

## THE HISTORICAL-PERMANENT ROLE OF IQBAL LAHORI IN THE REVIVAL OF THE PERSIAN LANGUAGE IN INDIA AND PAKISTAN

The article provides information on the historical and lasting role of Muhammad Iqbal Lahuri in the revival of the Persian language in India and Pakistan. The authors, using historical sources, analyzed and discussed this issue and noted that Muhammad Iqbal Lahuri (1877-1938) is one of the leading poets of world Persian literature, who, with his innate talent and eloquence, breathed new life into Ajam poetry, revived the Dari Persian language in the lands of India and Pakistan, and through this great feat, immortalized his name in the world's history. It is further noted that the Persian language had entered the ancestral land of Iqbal Lahori a thousand years ago. The authors quote the famous Tajik historian Qahhar Rasuliyan - Dari Persian entered the territory of present-day Pakistan a thousand years ago, during the campaigns of the Ghaznavid sultans, later expanding and for centuries being the official language of this land and empire. Sultan Mahmud Ghaznavi and his successors adopted the city of Lahore in the Punjab province as one of their capitals and brought writers from all over the vast Persian-speaking lands, including Central Asia, to promote Islam and Dari Persian. The concluding part of this article states that Muhammad Iqbal had a special sincerity and great respect for the Tajik people and the literary land of Movarounnahr.

**Key words:** history, Muhammad Iqbal Lahore, «Asrori xudi», revival, persian language, India, Pakistan, literature, historical role.

**Маълумот дар бораи муаллифон: Одинаев Баҳодур Абдуҷаборович** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи фанҳои ҷомеашиносӣ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,

шаҳраки Ғарм, к. Э. Муҳиддинов – 63. Телефон: 988-32-83-88. E-mail: bakhodur.odinayev.87a@mail.ru

**Неъматов Рамазон Ҳуснииддинович** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоӣ ва психологияи факултети педагогика ва варзиш. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳраки Ғарм, к. Э. Муҳиддинов – 63. Телефон: +992 93 591 91 44. E-mail: nematov-ramazon@mail.ru

**Сведение об авторах: Одинаев Баходур Абдуджаборович** – Таджикский педагогический институт в Раштском районе, кандидат философских наук, доцент кафедры социальные науки. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Гарм, ул. Э. Мухиддинов – 63. Телефон: 988-32-83-88. E-mail: bakhodur.odinayev.87a@mail.ru

**Неъматов Рамазон Хуснииддинович –** Таджикский педагогический института в Раштском районе, кандидат педагогических наук, доцент кафедры методики начального образования и психология факультет педагогика и спорт. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Гарм, ул. Э. Мухиддинов – 63. Телефон: +992 93 591 91 44. E-mail: nematov-ramazon@mail.ru

**Information about the authors: Odinaev Bahodur Abdujaborovich** – Tajik pedagogical institute in the Rasht region, candidate of philosophical sciences, associate professor of the department of sociology. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Garm, st. E. Mukhiddinov - 63. Phone: 988-32-83-88. E-mail: bakhodur.odinayev.87a@mail.ru

**Nematov Ramazon Husniddinovich** – Tajik pedagogical institute in the Rasht district, candidate of pedagogical sciences, associate professor of the department of methodology of primare education and psychology, faculty of pedagogy and sports. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Garm city, E. Mukiddinov Street – 63. Phone: +992 93 591 91 44. E-mail: nematov-ramazon@mail.ru

**ТДУ: 93/94**

# МУЛОҲИЗАҲО ДОИР БА ҶАНБАҲОИ ТАЪРИХНИГОРӢ ДАР АСАРҲОИ САДРИДДИН АЙНӢ

**Шарифова М.Қ., Аминов И.Р.**
**Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт**

Қаҳрамони Тоҷикистон, ассосгузори адабиёти муосири тоҷик устод Садриддин Айнӣ дар раванди таҳаввулоти мадании Осиёи Миёна, махсусан кишварҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон нақши муассир гузоштааст. Ташаббусҳои Устод ҳамчун як нафар равшанфикр ва маорифпарвари замонаш ҳанӯз дар ибтидои ташаккулёбии ҳокимияти нави Шӯравӣ дар Туркистон дар самти таҳқиқи таъриху фарҳанг, забону адабиёт ва умуман тамаддуни тоҷикон, инъикоси ҷанбаҳои мухталифи муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва маҷмӯан тасвири вазъи мураккабу соярӯшани таърихи халқи тоҷик ва мардуми Осиёи Миёна ба гузаштаи худ беназир арзёбӣ мешавад.

Садриддин Айнӣ аз ҷумлаи муаррихоне мебошад, ки новобаста аз мушкилоти замон ва имконоти на он қадар мусоид, ба таҳқиқи тамоми соҳаҳои ҷамъияти таърихи ибтидои асри XX-уми халқи тоҷик пардохтааст. Махсусан, ӯ ҳамчун шоҳиди замон, вазъи ҷамъиятию сиёсии ибтидои асри XX-ро дар як қатор асарҳои худ ба монанди «Таърихи амирони манғитияи Бухоро», «Таърихи инқилоби Бухоро», «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро», «Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам» , «Ёддоштҳо» ва дигар асару мақолаҳои худ ба таври барҷаста ва дар айни ҳол, бо ба назар гирифтани усули воқеънигории таърихӣ инъикос намудааст.

С. Айнӣ масаъалаҳои сиёсию ҷамъиятии Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Бухороро дар ибтидои асри XX мавриди баррасӣ ва таҳқиқ қарор дода, сиёсати мустамликадории Русияи подшоҳӣ, таъсири он ба иҳаёти ҷамъиятию сиёсии минтақа, мавқеи аморати Бухоро, сиёсати амирони он, вазъи сиёсӣ–ҷамъиятии Бухороро дар давраи мазкур таҳлил намудааст. Диққати С. Айниро сиёсати пешгирифтаи амир Абдулаҳадхон ва таъсири Русияи подшоҳӣ ба ин сиёсат ҷалб намудааст. С. Айнӣ ба ин воқеаҳо ба ҳайси як таърихнигори варзида баҳои ҳаққонӣ дода, нуқтаи назари хешро иброз доштааст, ки то ҳол аҳаммияти илмии худро аз даст надодааст

Маҳз бо ташаббуси ӯ ташкил ва таъсис ёфтани маҷаллаи «Шуълаи инқилоб», ки солҳои 1919-1921 ба забони тоҷикӣ дар Самарқанд ба нашр расид, ва рӯзномаи «Меҳнаткашлар товуши» намунаи равшани иқдомҳои барҷастаи ин равшанфикри тоҷик мебошад. Тавре Устод Айнӣ дар «Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам» менависад, кисмати муҳими маводи ин нашрия аз ҷониби ӯ бо тахаллусҳои мухталиф ба нашр расида, новобаста аз мушкилиҳои ташкилӣ ва молиявӣ дар фаъолияти муназзам ва пурмаҳсули ҳайати таҳриру эҷодии он Устод Айнӣ фидокорона заҳмат кашидааст.

Шумораи аввалини нашрияи «Шуълаи инқилоб» соли 1919 дар санаи 10 апрел ба нашр расида, фаъолияти ин нашрия дар ташаккули риштаи таъриху таърихнигорӣ ва таҳқику тарғиби забону адабиёти тоҷик ба забони модарӣ дар замони нав таҳкурсии мустаҳкам гузошт.

Дар яке аз навиштаҳои худ С.Айнӣ иброз медорад, ки дар ҳаёти худ бисёр асар таълиф намуд ва ҳамаи онҳо ба як мавзӯи муҳим бахшида шуда, аз як манбаъ сарчашма гирифтаанд. Ҳамаи ин асарҳо дар бораи тоҷикон ва Тоҷикистон, дар бораи ватани кӯҳсори ӯ, ки ба ҷаҳон қуллаҳои Помираш сарфарозӣ бахшидаанд, дар бораи замини муқаддас, ки дар гузашта лашкарҳои бешумори аҷнабиён зери понамудаанд, дар бораи фарзанди ин диёр, ки ҳанӯз дар асри VIII бо номи «тоҷик» ба некӣ ном гузоштаанд, бахшида шудаанд [3, с. 7].

Тӯли ин солҳо дар нашрияи мазкур силсилаи мақолаҳои хусусияти илмӣ ва публитсистӣ доштаи Айнӣ ба табъ расидаанд, ки дар байни онҳо мақолаҳое монанди «Масъалаҳои Шарқ» (№26, 1919), «Ҳокимияти Шӯравии Туркистон ва масъалаҳои Шарқ» (№29, 1920), «Ғалабаи инқилоб дар Шарқ» (№38, 1920), «Инқилоби Бухоро» (№49, 1920), «Ҷанг ва ислом» (№32, 1920), «Дар Туркия» (№46, 1920), «Эрон ва инқилоб дар Шарқ» (№76, 1921) ва ғайраро махсус қайд намудан мумкин аст.

Илова бар ин, байни солҳои 1920-1921 дар нашрияи мазкур (шурӯъ аз №50-53 то 87-90) 27 очерки таърихии устод Айнӣ дар бораи таърихи амирони манғитияи Бухоро қисм - қисм ба нашр расиданд. Ин нахустин асари таърихии Устод Айнӣ буд, ки бунёди устувори илми таърихшиносии шӯравии тоҷикро

гузошт. Баъдан асари мазкур дар намуди китоби алоҳида ба нашр расид [6, с. 287].

Асари дигари таърихии ӯ «Бухоро инқилоби таърихи учун материаллар» (Материалҳо оид ба таърихи инқилоби Бухоро) ба ҳисоб меравад, ки соли 1926 дар Маскав дар нашрияи марказии халқҳои ИҶШС ба нашр расидааст. Дар ин ду асар, ки бо фосилаи начандон зиёд рӯи чопро дидаанд, муаллиф ҳаёти халқи тоҷикро, ки солиёни зиёди хукмронии феодалҳои манғит (1747/1753-1920) дар асорат ва зери тозиёнаи ҷабру зулм қарор дошт, ба таври равшан ба тасвир гирифта, нақш ва мавқеи иродаи оммаи халқро дар раванди инкишофи воқеаҳои таърихии инқилоби халқии демократии Бухоро (соли 1920) нишон медиҳад.

Тавре маълум аст, китоб таърихи ин хонадонро аз ниёнаи асри XVIII то давраи аз ҳокимият дур намудани охирин намояндаи ин хонадон ба риштаи тасвир кашида, фарогири асноди фаровони воқеӣ ва таърихӣ мебошад. Ғояи асосӣ ва ҳадафи муаллиф дар ин асарҳо аз вокунишу фошнамоии воқеияти таърихии истибдоди ин хонадон то ба тарғиби оммаи васеи мардум барои ҷалбшавӣ ба сохтмони ҳаёти нав буд.

Тавре аз сарчашаҳои таърихӣ бамеояд, дар солҳои бистуми асри гузашта фаъолияти равшанфикорони тоҷик торафт бештар тақвият ёфта, масъалаҳои таъриху забон, фарҳангу маданияти миллӣ ва баррасии заминаҳои таърихии рушди маданияти миллӣ торафт бештар ба майдони баҳсу мунозираҳои оммавӣ ва илмӣ кашида мешуданд.

Ба итмом расидани асари пурарзиши илмии «Намунаи адабиёти тоҷик», нашри он ба хатти арабиасоси тоҷикӣ дар шаҳри Москва (1926) ва пас аз нашри он вусъат гирифтани муборизаи шадиди идеологӣ намунаи равшани ин гуфтаҳоянд. Абулқосим Лоҳутӣ, ки моҳи сентябри соли 1925 дар Самарқанд бо Устод дар ҳуҷраи кориаш вохӯрдааст, дар баробари тасвири мухтасари ҳолати кори Айнӣ ҳамзамон ба ҳайси муҳимтарин намунаи адабиёти рушдёбандаи шӯравии тоҷик хизмат намудани ин асари нависандаро таъкид менамояд.

Душманони миллат бо ҳар роҳу баҳона ба мақсади худ ноил гардиданд ва дар натиҷа ин асари бебаҳоро соли 1930 аз муомилот баровարданд. Дар ин айбдоркунии душманони миллат ҳатто аз қасидаи машҳури Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ «Ҷӯйи Мӯлиён» низ ба кор гирифтанд ва чунон шарҳу тавзеҳ бахшиданд, ки гӯё дар замони пешравию навшавӣ Айнӣ бо ин кори худ ба як ҳазорсола ақиб рафтанро ташвиқ мекунад [8, с.27].

Дар баробари душманони миллат тарафдорони Айнӣ низ дар дохил ва хориҷ аз ИҶШС кам набуданд. Масалан, дар рӯзномаи «Шафақи сурх» санаи 3 марти 1927 адабиётшинос ва шарқшиноси маъруфи Эрон Саид Нафисӣ навишта буд, ки китоби мазкурро дар идораи нашрияи зикршуда дида, хеле мутаасир гардидааст ва ин асари арзишманд шомили 220 шоиру нависандаи марду занеро, ки дар ин минтақаи бошарофат ибтидо аз шоирони нахустин – падари назми форсӣ Рӯдакӣ ва интиҳо то охирин муосирони мо тавлид шуда, эҷод намудаанд, фаро мегирад ва доштани китобе чунин барои ҳар як нафар алоқамандони адабиёт муҳим аст.

Ба нашр расидани ду мақолаи дигари Айнӣ «Аз ёддоштҳои Инқилоби Бухоро» ва «Аз хотираи гузашта» дар соли 1930 дар ташаккули жанри ёддоштии таърихнигории ватанӣ дар замони шӯравӣ асоси мустаҳкам гузоштанд. То ин

муддат як силсила мақолаҳои ӯ ба монанди «Китобҳои тоҷикӣ» («Овози тоҷик», 1926), «Адабиёти Сурх» (1926), «Дарсҳои табииёт, қисми аввал»,«Раҳнамои сиёсӣ. Ҳиссаи панҷум ва шашум», «Сарфу наҳви забони тоҷикӣ», «Дунёи нав ва алифбои нав» («Овози тоҷик», 1927), «Дар атрофи забони форсӣ ва тоҷикӣ» (1928), «Масъалаи таърихӣ дар гирди алифбои нави тоҷикӣ» («Раҳбари дониш», 1928), «Забони тоҷикӣ» («Раҳбари дониш» 1928) ба нашр расида, муаллиф тавассути онҳо роҷеъ ба масъалаҳои мубрами ҳифзу гиромидошти асолати миллӣ, яъне забон баҳсу талош намудааст [4, с. 335-385].

Ба ҳамин минвол таълифоти дигари Устод ба монанди очерки таърихии «Тирози ҷаҳон» (маҷаллаи «Барои адабиёти сотсиалистӣ», 1937), «Шайхурраис Абуалӣ Ибни Сино» (1939), «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик» ва «Исёни Муқаннаъ» (1944) ба нашр расиданд. Махсусияти пажӯҳишоти таърихӣ ва таълифоти илмии Устод Айниро ҳамчунон дарёфт ва таҳқиқу омӯзиши сарчашмаҳои умдаи илмию адабӣ ва таърихӣ, махсусан нусхаҳои нодиру муътабари қаламии тазкираҳо ва таърихномаҳо ташкил додаанд, ки ҳоҷат ба тавзеҳоти зиёдатӣ надорад. Масалан, дар таълифи очерки адабию таърихии «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик» Айнӣ сарчашмаҳои мутааддидеро ба монанди «Равзат – ус - сафо», «Қомус-ул-аълом»-и туркӣ, «Маҷмаъ-ул-булдон»-и Ёқути Ҳамавӣ, «Китоб-ул-милали в ан-ниҳал»-и Муҳаммади Шаҳристонӣ, «Зафарнома» фаро гирифта, маълумоти онҳоро таҳлилу ҷамъбаст намудааст.

Дар таълифи очерки таърихии «Исёни Муқаннаъ» сарчашмаҳое назири «Таърихи Наршахӣ», «Равзат-ус-сафо», «Таърихи Табарӣ», луғатномаҳои «Ғиёс-ул-луғот», «Бурҳони қотеъ» ва дигарҳо истифода шудаанд [5, с. 13].

Тавре духтари Устод С. Айнӣ нақл мекунад, баҳори соли 1944 Устод аз бошандагони деҳаҳои ноҳияи Шаҳринав ва атрофи Қаратоғ дар бораи шӯришҳои маҳаллӣ мавод ҷамъ менамуд. Таълифи ин ду асаре, ки ба масъалаи мубрами талошу ҷонбозиҳои халқ баҳри озодӣ бахшида шуда буданд, дар солҳои ҶБВ маҳз ба хотири боло бардоштани руҳияи шикастнопазири халқи тоҷик бар зидди истилогарони фашистӣ равона гардида буд.

Дар маҷмӯъ, маводҳои таърихӣ дар таърихи наср ва ҳатто назми классикии тоҷику форс мақоми махсус дошта, дар осори мондагори барҷастатарин намояндагони адабиёт – Рӯдакиву Фирдавсӣ, Носири Хусраву Ҷомӣ, Зайниддин Маҳмуди Восифӣ, Аҳмади Дониш ва дигарон ин равишро ба хубӣ метавонем ба мушоҳида гирем. Махсусияти равиши мазкур низ дар асоснокӣ, мустанадӣ ва воқеиятнокии тасвиру андешаҳои ироашаванда инъикос меёбад.

Дар намунаи осори Устод Айнӣ, махсусан таълифоти солҳои 20-30 ва минбаъд низ ин равиш равшан ба назар расида, масъалаи таҳқиқи амиқ ва фарогири паҳлуҳои падидаи мазкур дар илми таърихнигории муосир ҳанӯз муҳаққиқони тозакори худро интизор аст.

Зеро шурӯъ аз Устод Айнӣ то ба таълифоти барҷастатарин намояндагони адабиёти тоҷик аз жанри мазкур, яъне рӯҳияи историзм қавӣ бархурдоранд. Устод Айнӣ дар равиши кори худ бо коркарди илмии як силсила масъала ва муаммоҳои хоси пажӯҳиши таърихи куҳан ва пурғановати миллати тоҷик дар илми таърихнигории миллӣ таҳаввулоти хосаро бунёд гузоштааст. Дар таълифоти илмию бадеии Айнӣ, осори публитсистӣ, адабӣ ва дигар намудҳои он масъалаҳои ҳамроҳшавии Осиёи Миёна ба Русия, фарҳангу маданияти моддию маънавии халқи тоҷик, ҷаҳоншиносии миллӣ ва ангезаҳои

таърихии он дар асрҳои миёна бо таҳаввулоти мадании асрҳои XIX ва XX пайванди қавӣ ёфтаанд.

Вобаста ба масъалагузории мазкур осори Айниро ба се даста табақабандӣ намудан мумкин аст:

Ба дастаи аввал осори таърихии муаллиф ба монанди «Таърихи амирони манғитияи Бухоро», «Бухоро инқилоби таърихи учун материаллар» ё «Таърихи инқилоби Бухоро», «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик», «Исёни Муқаннаъ», «Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам»-ро дохил намудан мумкин аст.

Ба дастаи дуюм осори таҳқиқии муаллифро, ки ба масъалаҳои таҳқиқи таърихи адабиёт, ба пажӯҳиши ҳаёту фаъолият ва осору рӯзгори шахсиятҳо ва бузургтарин чеҳраҳои илму адаб ва назму насри оламгири асримиёнагии тоҷику форс ба монанди Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Саъдӣ, Навоӣ, Бедил, Восифӣ ва ғайра бахшида шудаанд, метавон шомил намуд.

Дастаи дигар, ин осори мондагори адабии муаллиф ба монанди «Одина», «Ғуломон», «Дохунда», «Марги судхӯр», «Мактаби кӯҳна» ва дигарон мебошанд. Тазкираи «Намунаи адабиёти тоҷик» ва «Ёддоштҳо» ба дастаи чоруми мероси илмии муаллифро ташкил дода метавонанд. Дар таълифи асари «Таърихи амирони манғитияи Бухоро» ба Айнӣ таъсири «Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития»-и Аҳмад Махдуми Дониш басо амиқ аст. Инчунин нависанда китоби «Таърихи салотини манғития»-и Мирзо Азими Сомиро дар таълифи рисолаи таърихии худ аз назари танқидӣ истифода бурда, ҷанбаҳои мухталифи вазъи ногувори иҷтимоию сиёсии аморати Бухорои асри XIX-ро ба риштаи таҳқиқ ва танқид мегирад ва ҳусну қубҳ ё норасоиҳои ҷиддии асари Сомиро ба қайд мегирад [6, с. 297].

Муаллиф сабабгори асосии забти Бухоро ва минбаъд мағлубияти аморатро дар ҷанги Русияи подшоҳӣ маҳз аз якравию нодуруст баҳодиҳии амир Музаффар ба вазъи сиёсии давр, кӯтоҳназарӣ дар муносибатҳои дипломатӣ, умуман номусоидӣ ва носозгории муносибатҳои дипломатии аморат дар самти ташкилу таҳкими муносибатҳои нав бо Русия, ноустувории иҷтимоии вазъи дарбори амирони манғит ва монанди инҳо маънидод намудааст. Дар баробари истифода аз манобеи мухталиф, махсусан маъхази таърихии дар боло зикршуда Айнӣ таъкид менамояд, ки давраи аморати ду амирони охири манғит – Абдулаҳад ва Олимхон асосан аз мушоҳидаҳои шахсиаш тасвир ва инъикосу баррасӣ шудаанд [6, с. 227].

Дар рафти таҳлилу таҳқиқи осори безаволи Айнӣ аз ҳар ҷиҳат мавқеи равшан ва устувори равшанфикрии ӯро ба қайд гирифтан мумкин аст. Дар осори ӯ дар хусуси табақаҳои мухталифи ҷомеаи тоинқилобӣ, аз раису амлокдор то ба амир, аз табақаҳои миёнаи диндорон то ба тоифаҳои болонишини онҳо, соҳибмансабони вақт, пешхизматону тоҷирон, хидматгору ғулом, косибу деҳқон ва ғайра метавон маълумоти бои таърихӣ ва тасвироти пуробуранги бадеӣ дарёфт намуд. Тасвирҳои бадеии муаллиф низ ба зоти худ нодиру нотакрор буда, бешубҳа аз воқеияти иҷтимоӣ маншаъ ва сарчашма гирифтаанд.

Бояд қайд намуд, ки дар масъалаи тарғибу ташаккули маорифпарварӣ ва равшанфикрӣ ба Айнӣ таъсири бевоситаи равшанфикрони пешин, махсусан маорифпарвари бузурги машриқзамин ва муосири Айнӣ Аҳмади Дониш (1827-1897) басо калон аст. Тавре дар «Ёддоштҳо» зикр менамояд, Айнӣ дар овони ҷавонӣ, ҳанӯз солҳои таҳсили мадрасаҳои Бухоро ба хонаи Аҳмад

Махдуми Дониш иртибот пайдо намудааст. Вобаста ба ин, Айнӣ дар ин асари худ дар бораи шахсиятҳои фарҳангӣ ва аҳли адаби Бухоро ба монанди Гулшанӣ, Савдо, Зӯфунун, Таҳсин, Офарин, Саҳбо, Шоҳин, Ҳайрат ва дигарон ба некӣ ёд намуда, таваҷҷуҳи хосаи худро ба ин тоифа равшанфикрон равшан изҳор медорад. Табиист, ки ин муносибатҳо дар ташаккули ҷаҳонбинии нав ба Айнии ҷавон заминаҳои амиқеро муҳайё намудаанд. Дар байни онҳо шахсияте нотакрор ба монанди Аҳмади Дониш мавқеи хоса дорад. Муаллиф дар «Ёддоштҳо» ҷараёни пас аз марги Дониш воқиф гардидани худро аз «Наводир-ул-вақоеъ» ном асари Дониш, тарзи роҳ ёфтани худ ба ҷараёни хонишу китобати ягона нусхаи ба хатти Дониш таҳриршудаи он аз ҷониби Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим ва шомилшавии Ҳайрат ба ин гурӯҳ нақл намуда, зикр медорад, ки ҷойҳои ба нуҷуму фалсафа оид будаи ин асарро он замон бинобар бетаҷрибагиаш фаҳмида натавонад, ҷойҳои фаҳмидааш ба ӯ таъсири амиқе гузоштаанд. Зимнан пас аз нақли мазмуни бархе аз ҷойҳои мароқангези ин асари Дониш Айнӣ ва мушоҳидаи зиндаи тасвирҳои аллома Дониш зикр менамояд: «Аммо, вақте ки ман он аҳволи фалокатиштимолро дар мундариҷаи «Наводир-ул-вақоеъ» бо тасвири реалӣ – бо тасвире, ки худ дар зиндагӣ дида будам, дидам, ба ман ҳолати дигар рӯй дод. Ман дар дили худгуфтам: «Ин аҳволро ислоҳ кардан лозим аст, модом ки ислоҳ карда наметавонам, аз вай нафрат кардан зарур аст» (инқилоби фикрӣ кам-кам бошад, дар ман ана дар ҳамон вақт рӯй дод)» [1, с. 216].

Айнии ҷавон аз ҳамон солҳои 90-ум ба воқеияти зиндагӣ, истибдоди мардуми бечора ва бенаво, табақаи нодор аз ҷониби дороён ва табақаҳои ҳоким, ихтилофи ақидаю назарҳо дар мавриди баҳогузорӣ ба арзишҳои ҳаётӣ ва амсоли инҳо бо назари дигар, диди амиқтар нигоҳ мекардагӣ ва хулосаҳои дахлдор мебаровардагӣ шуд. Ҷойи дигар Айнӣ қайд менамояд, ки «Шиносоии ман бо «Наводир–ул–вақоеъ» дар ман танҳо инқилоби фикриро бедор карда намонд, балки ба сарам савдои насрнависиро ҳам андохт. Дар ҳамон вақтҳо ман орзу мекардам, ки «бояд кас насрнавис шавад ва агар ин мақсад ба даст дарояд, монанди Аҳмад – махдум насрнавис шавад, ки воқеаҳоро дар пеши хонанда бо забони содда таҷассум кунонда нишон дода тавонад» [2, с. 425].

Маҳз таъсирпазирии амиқ аз маорифпарварии давронаш буд, ки ҳанӯз соли 1908 Айнӣ ба таҳлили вазъи мактабу маориф ва таҷдиди ислоҳотии он даст зада, мактаби тоҷикии худро таъсис дод ва аввалин китоби таълимиро ба забони тоҷикӣ таҳия намуд. Ин рисолаи таълимӣ ва тарбиявии ӯ соли 1909 бо номи «Таҳзиб – ус - сибён» ба нашр расид.

Боиси қайд аст, ки роҷеъ ба таърихи Бухорои асримиёнагӣ то ин ду асари зикршуда рисолаҳои таърихии дигар низ таълиф гардида, аҳли маърифат аз онҳо воқиф буданд. Ба ин гурӯҳи сарчашмаҳо «Туҳфаи хонӣ»-и Муҳаммадвафои Карминагӣ, «Гулшан – ул - мулук»-и Муҳаммад Яъқуб ва дигаронро метавон намуна овард. Рисолаҳои таърихии зикршуда ё дигар сарчашмаҳои қаламии то ин давр таълифшудаи таърихи аморати Бухорои асрҳои XVIII-XIX–ро фарогиранда бештар хусусияти воқеаномаҳои дарбориро касб намуда буданд.

Таълифоти таърихии Устод Айнӣ бо назари хоси таҳқиқию таҳлилӣ ва инъикосу фарогирии воқеияти замони худ ва давраи мавриди назараш аз дигар сарчашмаҳои таърихии мавҷуда ва дастрас имтиёзи муҳим дорад. Дар

ҳар сурат роҳу усулҳои пешгирифтаи таҳқиқии Устод Айнӣ бо ҷанбаи қавӣ ва муътамадии аснод, фарогирии густурдаи маълумоти манбаъҳо ва сарчашмаҳои илмию соҳавии тарози аввал, таҳлилу қиёси амиқи маълумоти дар манбаъҳои таърихию адабӣ ва дигар риштаҳои улум сабтшуда, назари фарохи танқидиаш аз дигар осори таърихии то замонаш таълифшуда бартарии куллӣ зоҳир мекунад.

Дар илми таърихшиносии ватанӣ дуруст таъкид медоранд, ки асарҳои таърихии дар ибтидои фаъолияти эҷодӣ, яъне солҳои нахустини инқилоб таълифнамудаи Устод Айнӣ минбаъд дар таълифи осори мондагори илмӣ ва адабии ӯ заминаи устувор гузоштаанд ва дар таълифоти дигари нависанда ба ҳайси манбаъ ва сарчашмаи тарози аввал хидмат намудаанд. Ба ибораи дигар, маълумоти доманадор ва энсиклопедии Устод Айнӣ дар бораи таърихи Осиёи Миёнаи асрҳои XIX-XX аз арзиши муҳими маъхазшиносии таърихӣ бархурдор мебошанд.

Таърихнигори варзида ва нависандаи соҳибзавқи тоҷик Устод Садриддин Айнӣ минбаъд доираи ҷуғрофии пажӯҳишоти хешро тавсеа бахшида, онро берун аз худуди аморати Бухоро баровард. Дар навиштаҳои мӯшикофонаи таҳқиқии ӯ дар бораи Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Ибни Сино, Саъдии Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ, Навоӣ, Восифӣ, Бедил (9,124) ва дигарон мо иртиботи густурдаи маданият ва фарҳанги Хуросону Мовароуннаҳр, Ҳиндустон ва дигар манотиқи тоҷикнишини шарқро метавонем равшан мушоҳида намоем.

Тавре дар айнишиносии муосир маълум аст, паҳлуҳои умдаи ҳаёт ва фаъолияти пурсамар ва серсоҳаи Устод Айнӣ дар таҳқиқоти З.Ш.Раҷабов, И.С. Брагинский, А.А. Семёнов, С. Табаров, Ю. Бобоев, А. Маниёзов, Ҳ. Пирумшоев, А. Ёрмаҳмадов, Қ. Расулиён, А. Сайфуллоев ва дигарон инъикоси густурдаи худро пайдо намудаанд.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ хидматҳои шоёни академик, нахустпрезиденти АФ (АМИТ) Тоҷикистон Садриддин Айнӣ шоиста арҷгузорӣ шуда, бо Фармони Ассосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон унвони олии Қаҳрамони Тоҷикистон дода шуд.

**Муқарриз: Садиров Ш.А. - н.и.т., дотсенти ДОТ дар н. Рашт**

**Адабиёт:**

1. Айнӣ С. Ёддоштҳо, қ 4. // Куллиёт, ҷ. 7. [Матн] / С. Айнӣ. – Душанбе: Нашрдавтоҷик, 1962. – С. 7-390.
2. Айнӣ С. Ёддоштҳо, қ 3. // Куллиёт, ҷ. 7. [Матн] / С. Айнӣ. – Душанбе: Нашрдавтоҷик, 1962. – С. 7-390.
3. Айнӣ С. Куллиёт. Ҷилди 2 [Матн] / С. Айнӣ. – Сталинобод, 1960.– 482 с.
4. Айнӣ С. Осори баргузида. Ҷ.1. [Матн] / С. Айнӣ. Душанбе: Ирфон, 1958.
5. Айнӣ С. Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик. Исёни Муқаннаъ [Матн] / С. Айнӣ. – Душанбе: Маориф, 1978. – 168 с.
6. Айнӣ С. Ёддоштҳо, қ 1.2. // Куллиёт, ҷ. 6. [Матн] / С. Айнӣ. – Душанбе: Нашрдавтоҷик, 1962. – С. 7-405.
7. Каримов О.К. Историческая наука Таджикистана [Текст] / Каримов О.К. – Худжанд, 2002.- 485 с.
8. Мухтаров А. Садриддин Айни – историк [Текст] / Мухтаров А. // Ҷашнномаи Айнӣ, ҷузъи 7. - Душанбе, 1991.

9. Ҷашнномаи Айнӣ. Маҷмӯаи мақолаҳо [Матн]. – Душанбе, 1991. - 295 с.
10. Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. Ҷилди 1 [Матн]. - Душанбе, 1988. - 544 с.

**Literature:**

1. Aini S. Memoirs, vol. 4. // Collection, vol. 7. [Text] / S. Aini. – Dushanbe: Nashrdavtojik, 1962. – P. 7-390.
2. Aini S. Memoirs, vol. 3. // Collection, vol. 7. [Text] / S. Aini. – Dushanbe: Nashrdavtojik, 1962. – P. 7-390.
3. Aini S. Collection. Volume 2 [Text] / S. Aini. – Stalinabad, 1960.– 482 p.
4. Aini S. Selected Works. Vol. 1. [Text] / S. Aini. Dushanbe: Irfon, 1958.
5. Aini S. The Hero of the Tajik People Temurmalik. The Revolt of Mukanna [Text] / S. Aini. – Dushanbe: Maarif, 1978. – 168 p.
6. Aini S. Memoirs, vol. 1.2. // Collection, vol. 6. [Text] / S. Aini. – Dushanbe: Nashrdavtojik, 1962. – P. 7-405.
7. Karimov O.K. Historical science of Tajikistan. [Text] / Karimov O.K. – Khujand, 2002. - 485 p.
8. Mukhtarov A. Sadriddin Aini – historian [Text] / Mukhtarov A. // Aini's anniversary, part 7. - Dushanbe, 1991.
9. Aini's anniversary. Collection of articles [Text]. –Dushanbe, 1991. - 295 p.
10. Encyclopedia of Tajik literature and art. Volume 1. [Text]. - Dushanbe, 1988. - 544 p.

## МУЛОҲИЗАҲО ДОИР БА ҶАНБАҲОИ ТАЪРИХНИГОРӢ ДАР АСАРҲОИ САДРИДДИН АЙНӢ

Дар мақола масъалаҳои таърихияти насри тоҷик дар мисоли рисолаҳои таърихӣ ва дигар асарҳои илмию адабии саромади адабиёти муосири тоҷик, таърихнигор, Қаҳрамони Тоҷикистон, академик Садриддин Айнӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Таҳқиқи ҷанбаҳои таърихият дар наср ва проблемаи сарчашмашиносии таърихӣ аз унсурҳои мубрами таърихнигорӣ ва илми таърихшиносӣ ба ҳисоб рафта, махсусиятҳои худро дорост. Бахусус, Садриддин Айнӣ дар тамоми асарҳои хеш масоили таърихи сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии замони манғития ва шӯравиро бараъло инъикос намуда, хонандаро то андозае ба рафти ҳаёти амиқи он давраҳо шинос месозад. Дар мақола ҷанбаи сарчашмашиносии таҳқиқоти таърихии Садриддин Айнӣ аз нигоҳи ташаккули илми таърихнигории шӯравӣ ва замони истиқлолияи баррасӣ ва таҳқиқ шудааст. Таҳқиқи таърихи пурғановати халқи тоҷик дар асрҳои XIX ва ибтидои асри XX барои таълифи осори дигари илмию адабии Садриддин Айнӣ заминаи устувор муҳайё намуда, омӯзиши махсусиятҳои рисолаҳои таърихии ӯ дар илми таърихнигории навини тоҷик саҳифаҳои тозаро боз менамояд.

**Калидвожаҳо:** Садриддин Айнӣ, таърихият, таърихнигорӣ, сарчашмашиносии таърихӣ, аморати Бухоро, амирони манғития, Аҳмади Дониш, «Ёддоштҳо», айнишиносӣ.

## ЗАМЕЧАНИЯ ОБ ИСТОРИЧЕСКИХ АСПЕКТАХ В ТВОРЧЕСТВЕ САДРИДДИНА АЙНИ

В статье рассматриваются вопросы историчности таджикской прозы на примере исторических трактатов и других научных и литературных

произведений основоположника современной таджикской литературы, историка, Героя Таджикистана, академика Садриддина Айни. Изучение аспектов историчности в художественной прозе и проблемы исторического источниковедения считаются важными элементами историографии и исторической науки и имеют свою специфику. В частности, Садриддин Айни во всех своих произведениях блестяще отражает политическую, социальную, экономическую и культурную историю мангитской и советской эпох, знакомя читателя с глубоким ходом жизни тех периодов. В статье рассматривается и исследуется источниковедческий аспект исторических исследований Садриддина Айни с точки зрения формирования советской и независимой историографии. Изучение богатой истории таджикского народа XIX - начала XX вв. дает прочную основу для написания других научных и литературных произведений Садриддина Айни, а изучение специфики его исторических трактатов открывает новые страницы в современной таджикской историографии.

**Ключевые слова:** Садриддин Айни, историзм, историография, историческое источниковедение, Бухарский эмират, мангитские эмиры, Ахмад Дониш, «Воспоминания» С. Айни, айниведение.

## NOTES ON HISTORICAL ASPECTS IN THE WORKS OF SADRIDDIN AINI

The article examines the issues of historicity of Tajik prose using the example of historical treatises and other scientific and literary works of the founder of modern Tajik literature, historian, Hero of Tajikistan, academician Sadriddin Aini. The study of aspects of historicity in fiction and the problems of historical source studies are considered important elements of historiography and historical science and have their own specifics. In particular, Sadriddin Aini in all his works brilliantly reflects the political, social, economic and cultural history of the Manghit and Soviet eras, introducing the reader to the deep course of life of those periods. The article examines and examines the source study aspect of Sadriddin Aini's historical research from the point of view of the formation of Soviet and independent historiography. Studying the rich history of the Tajik people of the 19th - early 20th centuries. provides a solid basis for writing other scientific and literary works by Sadriddin Aini, and the study of the specifics of his historical treatises opens new pages in modern Tajik historiography.

**Key words:** Sadriddin Aini, historicism, historiography, historical source studies, Bukhara Emirate, Manghit emirs, Ahmad Donish, “Memories” by S. Aini, Aini studies.

**Маълумот дар бораи муаллифон: Шарифова Макнуна Қарчибековна –** Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, муовини ректор оид ба корҳои тарбия, номзади илмҳои таърих, дотсент. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к. Э. Муҳиддин-63. Телефон: (+992) 905-18-00-33.

**Аминов Исмоил Рашидҷонович –** Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, магистранти курси 2-юми ихтисоси таърих. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к. Э.Муҳиддин-63. Телефон: (+992) 000-88-58-21.

**Сведения об авторах: Шарифова Макнуна Карчибековна** – Таджикский педагогический институт в Раштском районе, заместитель ректора по воспитательной работе, кандидат исторических наук, доцент. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, ш. Гарм, к. Э. Мухиддина-63. Телефон: (+992) 905-18-00-33.

**Аминов Исмоил Рашиджонович** – Таджикский педагогический институт в Раштском районе, магистрант 2-го курса специальность «История». Адрес:

734025, Республика Таджикистан, г. Гарм, ул. Э.Мухиддин-63. Телефон: (+992) 000-88-58-21.

**About the authors: Sharifova Maknuna Karchibekovna** – Tajik pedagogical institute in Rasht district, deputy rector for educational work, candidate of historical sciences, associate professor. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Garm highway, E. Mukhiddin-63. Phone: (+992) 905-18-00-33.

**Aminov Ismoil Rashidjonovich** – Tajik pedagogical institute in Rasht district, 2nd year master's student, specialty "History", Address: 734025, Republic of Tajikistan, Garm city, E. Mukhiddin street-63. Phone: (+992) 000-88-58-21.

**ТДУ: 93/94**

# НИЗОМИ АРТИШ ВА СОХТОРИ ҲАРБИИ ВОДИИ РАШТ (ҚАРОТЕГИН) (асри XIX ва ибтидои асри XX)

**Саидов С.Ҷ.**
**Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт**

То замони ба аморати Бухоро ҳамроҳ намудан, шоҳигарии Қаротегин, агар лаҳзаҳои тобеъияти зоҳирӣ ва муваққатии онро ба давлатҳои муқтадири ҳамсоя сарфи назар намоем, қариб дар ҳама ҳолат мустақилияти сиёсии худро нигоҳ медошт. Ин шоҳигариро монанди дигар мулкҳои Дарвоз, Рӯшон, Шуғнон ва Вахон шоҳон (ё ша) идора мекарданд, ки аз намояндагони хонадонҳои маҳаллӣ буда, (онҳо ва ҳокимони Бадахшон худро аз авлоди Искандари Зулқарнайн ё Искандари Румӣ медонистанд) ва ҳокимияти мутлақ доштанд.

Сохтори давлатии ин кишварҳо асосан феодалӣ буда, дар низоми онҳо муносибатҳои авлодию патриархалӣ низ равшан ба назар мерасиданд. Қариб ҳамаи мансабҳои давлатӣ дар дасти хешу ақрабои шоҳ ва заминдорони калон нигоҳ дошта мешуданд [16, с. 97].

Қаротегин ба маънои таърихию ҷуғрофӣ ҳудуди собиқ Шоҳигарии Қаротегин (дар замонҳои қадим – Рашт) ва пас аз пайвастан ба аморати Бухоро дар ибтидои солҳои 70-уми садаи 19 бекигарии Қаротегинро дорад. Ин минтақаи кӯҳистонӣ яке аз маконҳои қадимии тоҷикони кӯҳистонист. Қаротегин дар водиҳои дарёҳои Оби-Хингоб, Сурхоб ва Вахш воқеъ буда, хусусиятҳои ҷуғрофию табиии худро дорад. Ҳам муҳаққиқони пеш аз инқилобӣ ва ҳам таҳқиқотчиёни шӯравӣ дар бораи мавқеи географии он ба таври дастаҷамъи маълумот додаанд [16, с. 97]. Сайёҳи Бухорои Муҳаммад Гулшанӣ менависад, ки дарозии Қаротегин аз кӯҳҳои Боми Ҷаҳон (Помир) то Оби Гарм 32 фарсах (224 километр), бараш 10 фарсах (70 километр), дар маҷмӯъ 15680 метри мураббаъ аст [12, с. 150].

Н.А. Кисляков менависад, ки дарозии Қаротегин аз ғарб ба шарқ тақрибан 200 километр, бараш аз шимол ба ҷануб қариб 50 километр ва масоҳати умумии он 10 ҳазор километр мебошад. Барои муқоиса афсари рус капитан Васильев ба ин рақам маълумоти наздик оварда, нишон медиҳад, ки 4/5 қисми ин майдон кӯҳҳо, боқимондааш водии дарёи Сурхоб ва шохобҳои он мебошад [9, с. 6]. Муаррихи тоҷик О.Майлисов масоҳати умумии водиро 10456,6 метри мураббаъ гуфтааст [14, с. 4].

Ба назари мо маълумоти М.Гулшанӣ ва О.Маҷлисов дурусттар аст, зеро аз рӯи меъёрҳои муосир дарозии водӣ масофаи хеле калонтар аст. Сарҳади шимолии Қаротегин аз қисмати шарқии қаторкӯҳҳои Зарафшон ва минбаъд дар қаторкуҳҳои Олой, сарҳади ғарбӣ қад-қади ҳавзаи пасти дашти Дашти будана ва минбаъд дар қад-қади куҳҳо ба шимол, ба қаторкуҳи Зарафшон, дар ҷануб мегузарад. — ба воситаи ноҳияҳои Вахиё ва Балҷувон, дар ғарб — дар водии Ҳисор [15, с. 7].

Ҳамроҳ намудан чун воҳиди маъмурӣ ба қаламрави аморати Бухоро пайвастани мулкҳои Бухорои Шарқӣ сохтори идоракунии маъмурии онҳоро куллан тағйир надод. Ин тағйирот фақат аз иваз намудани ҳокимони пештара ба бекҳо иборат буд [16, с. 98].

Баъди амир қушбегӣ шахси дуюм ё ноиби амир ба ҳисоб рафта тамоми корҳои дарборо назорат менамуд. Мувофиқи маълумоти мавҷуда аз давраи ба ҳайати Бухоро ҳамроҳ кардани Қаротегин дар аморат вазифаи қӯшбегиро шахсони зерин ба ӯҳда доштаанд: Соли 1882 мулло Муҳаммад баъди Муҳаммадшо қӯшбегӣ, ба ин вазифа таъйин гардида, то соли 1885 хизматгузорӣ намудааст. Сипас ин амали олиро Ҷонмирзо (1885-1901), Остонақул (1901-1911), мирзо Насрулло (1911-1918), мирзои Урганҷӣ (ҳамагӣ се моҳ – 1918) ва Усмонбек (1918-1920) [16, с. 98].ба зима доштаанд.

Ба ҳайси сарвари олирутбаи сохтори иҷроияи давлатӣ – қӯшбегӣ чунин амалдорони идораҳои марказии аморатро зери итоати бевоситаи худ нигоҳ медошт:

1) Тӯпчибошӣ бо дастгоҳи худ иборат аз 50 амалдор, таъмини бехатарии арк ва истиқоматгоҳи амирро ба ӯҳда дошт;

2) Лашкарбошӣ – бо 20 амалдор. То давраи ба Русия ҳамроҳ намудани Осиёи Миёна ин вазифа аз бонуфузтарин амалҳои давлатдории аморат ҳисоб меёфт. Ба ин ҷангу ҷидолҳои беисти давраи парокандагии феодалӣ мусоидат мекард. Акнун, ки ҳамаи ин муноқишаҳо аз байн рафта буданд, фақат ягона майдони корнамоии қушунҳои амир пахши шӯришҳои халқии зидди феодалӣ ва режими амирӣ боқӣ монда буд;

3) Миршаб – бо 70 амалдораш муборизаи зидди ҳаннотон, дуздону ғоратгарон, риояи бечунучарои қоидаҳои шабгардӣ, нигаҳдошти маҳбасҳо ва дигар иншоотҳои шаҳри Бухороро таъмин мекард;

4) Қӯшбегии поён (закотчӣ) ё девонбегӣ – бо 100 амалдори дар ихтиёраш буда ҷамъ овардани андозу ба хазина ворид намудани маблағи лозимаро ба ӯҳда дошт;

5) Мироб – бо 20 амалдораш аз болои таъминоти об дар шаҳри Бухоро ва атрофи он назорат мебурд. Сохтмони иншоотҳои обёрӣ ва истифодаи оқилонаю одилонаи онҳо ба фаъолияти ин амалдори соҳибнуфуз вобастагӣ дошт;

6) Қозикалон – бо 150 мансабдори динии дар ихтиёраш буда, бояд риояи бечунучарои талаботи шариатро дар системаи додрасӣ ва судӣ таъмин мекард. Аз рӯи фаҳмиши кунунӣ ин амали диниву давлатӣ бештар ба вазири адлия шабоҳат дорад. Ба ин вазифа соҳибони унвонҳои баланди динӣ, монанди «аълам» ё «садр» таъйин мешуданд;

7) Раис – бо 100 амалдори шариатшиносаш вазифаи политсия, назорат аз болои талаботи шариатии корҳои савдо дар бозор, нигаҳдошту фаъолияти мазору масҷид ва мадрасаю мактабҳоро ба ӯҳда дошт. Дар ин вазифа амир мувофиқи анъана бояд беҳтарин донандаи нозукиҳои шариат, монанди садр,

файз, муҳтасиб ё дигар соҳибони унвони эътирофу эътибори расмӣ доштаро таъйин мекард [16, с. 98].

Сохтори идоракунии маъмурии бекигариҳо низ ба ҳамин сохтори марказии ҳокимияти давлатӣ ва маъмурии аморат мувофиқат мекард. Дар охири асри XIX – ибтидои асри XX аз йиҳати тақсимоти ҳудудӣ-маъмурӣ аморати Бухоро 28 бекигарӣ ва 9 тумонро дар бар мегирифт. Бояд қайд кард, ки баъзан ҳудуди бекигарӣ, вобаста ба нуфузи беку хоҳиши амир, тағъйир меёфт. Бекигариҳоро бек, ки бевосита бо фармони амир таъйин мешуд, идора менамуданд. Бек дар қаламрави зери итоаташ ҳокими қариб мутлақ буд. Бо хамроҳ намудани мулкҳои Бухорои Шарқӣ ва таъсиси низоми бекигарӣ дар ин минтақа амир вазифаи ноибро йорӣ намуда, вобаста ба дараӣаи хизмату эътибори шахсияти бекҳо дар давраҳои гуногун ин мансабро ба беки Ҳисор Яъқуббек (1868-1878), сипас ба беки Қаротегин Худойназар оталиқ (1878-1886) ва ахиран ба беки Ҳисор Остонақул қӯшбегӣ (1886-1906) раво дид.

Ҳ. Пирумшоев доир ба шахсияти бекҳо (ҳокимони бекигариҳо) чунин қайд менамояд: « Бекро амир бо салоҳдиди худ таъйин мекард. Мувофиқи қоидаи табдили бекҳо, ки дар аморат ба ҳукми анъана даромада буд, беки собиқро бидуни ҳисобот ё расман супоридани ҳуҷҷатҳои (ба ҷуз «китоби закот») ба дафтари кориаш муносибат дошта, амир сабукдӯш карда, ба йояш беки навро таъйин менамуд. Чун қоида бек бо аҳли оилаву наздикони сершумораш ба ҷои таъйиноти нав – маркази бекигарӣ кӯчида, оғозу идомаи фаъолият мекард. Дар итоати бек амалдорону хизматгузорони зиёде карор доштанд. Шумораи шогирдпешагон (амалдорони супоришҳои бекро ийрокунанда) аз 50 то ба 200 нафар мерасид, ки мартабаи мирохӯрӣ (рутбаи миёна – пеш аз тӯқсабо) доштанд. Ба замми ин аз 200 то 300 ва аз ин ҳам ба маротиб зиёд навкар дар наздашон омодаи хизмат буданд» [16, с. 100].

Дар аморати Бухоро низоми лашкардорӣ аз давраи оғози ҳукумронии сулолаи манғитиҳо ба роҳмонда шуда буд. Асосан лашкари аморат ба шакли парокандагӣ фаъолият намуда, дар натиҷаи сарзадани шурӯ ошӯбҳо ва ҷангҳои байни давлатӣ онҳо ҷамъоварӣ карда мешуданд. Дар даврони ҳукмронии амир Музаффархон сарбозон ба ду гурӯҳ тақсим мешуданд:

1. Сарбозони шанбегӣ –ин гурӯҳ рӯзҳои шанбе, якшанбе ва душанбе дар машғулиятҳои ҳарбии сарбозон иштирок мекарданд.

2. Сарбозони сешанбегӣ – ин гурӯҳ рӯзҳои сешанбе, чоршанбе ва панҷшанбе дар машғулиятҳои ҳарбии сарбозон иштирок мекарданд [22, с. 125].

Аз 12 ҳазор сарбоз 6 ҳазор нафар «сешанбегӣ», 6 ҳазори боқӣ «шанбегӣ» ном доштанд. Ҳар ҳазор нафар ба дастаҳои ҳарбӣ тақсим шуда ба онҳо саркардагон таъин шуда буданд.

Ҳар як даста дар навбати худ ба 5 «байдоқ» тақсим шуда ҳар як байдоқ аз 200 сарбоз иборат буд. Байдоқҳо ба 2 сада (ба онҳо юзбошӣ саркарда буд), 4 гурӯҳи 50 нафарӣ (онҳоро панҷоҳбошӣ идора мекард), ин гурӯҳ ба даҳа (зери фармони даҳбошӣ ) ва даҳа ба гурӯҳи 5 нафараи номаш «барра» тақсим мешуд [22, с. 125].

Қоидаи қабул ба сафи артиш дар тамоми давраи ҳукуматдории ин сулола ба таври анъанавӣ боқӣ монда буд. Дар аввали асри XX, аниқтараш дар миёни солҳои 1905-1920 дар натиҷаи ташкили қисмҳои ҳарбии усули нав ин анъана каме тағйир ёфт.

Қоидаи қабул ва сафарбар кардан ба сарбозӣ чунин ҷараён дошт: ба сафи сарбозон аввалан, ҷинояткорон, дузду қароқчӣ, гурезагон, фарзандони аз болои онҳо падару модарашон шикоят карда ҷалб мешуданд.

Сарбозони аморат аз 28 бекигарӣ ташкил ёфта, хизмати махсуси худро иҷро карда мерафтанд [22, с. 147]. Чунин сарбозон гурӯҳи «илғор» ном дошта, ба таври зерин тақсим шуда буданд:

Дар бекигарии Чорҷӯй 100 думболапур, 10 нафар тӯпчӣ (бо 2 тӯпи кӯҳна), муддати хизмат 6 моҳ.

Дар Шаҳрисабз 800 сарбози сешанбегӣ, 10 нафар тӯпчӣ (бо 3 тӯпи кӯҳна). Ин гурӯҳи ҳарбӣ дар бекигарии Китоб ҳам назорати худро ҷорӣ карда як сол хизмат мекарданд.

Дар Каркӣ 100 думболапур, 10 нафар тӯпчӣ (бо 2 тӯп), 6 моҳ хизмат мекарданд.

Дар Кармина 200 думболапур, 10 нафар тӯпчӣ (бо 2 тӯп). Муддати хизмат ду сол сол.

Дар Дарвоз - 200 сарбози сешанбегӣ, 10 нафар тӯпчӣ (бо 2 тӯп). Муддати хизмат як солу 2 моҳ.

Дар Балҷувон - 600 сарбози сешанбегӣ, 10 нафар тӯпчӣ (бо 4 тӯп). Муддати хизмат 2 сол ва ҳоказо [22, с. 125].

Дар муддати мазкур сарбозони қисми «илғор» ба Элнавкарони ин ҳудуд ёрдам медоданд. Вақти ба охир расидани муддати таъиншуда қисми илғор ба дигар ҳудуд кӯчонида мешуд [22, с. 148].

Барои идораи маъмурӣ Қаротегин ба 8 –қисм (амлокдорӣ) тақсим мешуд. Бар ҳар кадоми ин амлокдориҳо «амлокдор» ё «девонбегиҳо» сарварӣ мекарданд. Вазифаи асосии онҳо ҷамъоварии андозҳо ба ҳисоб мерафтанд.

Капитан, Васильев низоми андозситонии бекигарии Қаротегинро ба тавсиф қайд намуда, доир ба навкарони бек чунин менависад: « Андозҳо дар маҳалҳои гуногун як хел нест. Андозҳо бештар ба таври молӣ ва пулӣ ҷамъоварӣ карда мешаванд, вале бештар ба пул» [6, с. 17].

Васильев илова менамояд, ки аз ҳар як ҳавлӣ 4-5 тин барои нигаҳбонони (ҷигитҳо ё навкарҳо С.С.) бек меситониданд [6, с. 17]. Амлокдорҳо ва навкарҳои бек вазифадоранд, ки бар ивази насупоридани андозу хироҷ бо аспҳои хеш ба беку дарбориён хизмат намоянд.

Г.А. Арандаренко таҳқиқотчии ҳарбии рус сохтори ҳарбии бекигарии Қаротегинро чунин тасвир намудааст: « Аз мардуми қирғиз барои ҳайати қушунҳои бек навкар ҷамъовари карда намешавад. Онҳо ( яъне қирғизҳо С.С.) танҳо дар минтақаҳои куҳистон фаъолият менамоянд. Шахсоне, ки барои ҳизмати ҳарбӣ даъват карда мешаванд, дар дарбори бек рӯйхати махсус тартиб дода шуда, дар давоми сол ба қалъаи бек барои машқгузаронӣ меоянд. Қушунҳо ё навкарҳои қалъа дар давоми машқҳои ҳарбӣ доир ба қароулӣ, тирпаронӣ ва ғайра машқ дода мешаванд» [3, с. 129-130].

Ба нишондоди Г.А. Арандаренко шумораи навкарон дар бекигарии Қаротегин солҳои 1876-уми асри XIX то ба 4 000 нафар навкар мерасид [3, с. 129-130], ки ба 2 қисм чудо мешуданд:

1. Аспагӣ (Аспсаворон)- бо навъҳои гуногуни силоҳ, аз туфангча то шамшер;

2. Пиёдагард (Қара-аламон)- бо туфангҳаҳои гугирдӣ (пилтакамон С.С.).

Намуди милтиқҳо ва туфангчаҳои навкарони бекигарии Қаротегин аз пораи тахтаи чӯб ва милаи дарози оҳанин иборат буданд.

Н.А. Кисляков доир ба ду давра: давраи шоҳӣ ва давраи бекигарии Қаротегин вобаста ба лашкардории мардуми маҳал чунин навишта буд: « Дар ҳарду давра қисми асосии табақаи маҳалҳоро деҳқонони меҳнаткаш «фуқаро» (фақирону дарвешон) ва «деҳқонони феодал» (ашрофони маҳалӣ) ташкил медоданд. Дар давраи шоҳигарӣ намояндагони ашрофони маҳалӣ аз ҳисоби деҳқонони фақир сафҳои отриядҳои пуштибони худро пурра мекарданд. Ҳатто ба чунин дастаҳои ҳарби унвонҳои «саркарда» (фармондеҳи қушунҳо) ва «навкари охирон» (хизматчии ҳарбӣ)-ро медоданд» [8, с. 125].

Аз навиштаҳои Н.Кисляков маълум мегардад, ки дар маҳалҳо ва қишлоқҳо барои пуштибонии амлокдорони маҳалӣ қушун ё якчанд нафар навкарон фаъолият менамудаанд, ки дар вақти ҷамъоварии андозу хироҷ ва ҳатто закот ва дигар корҳое, ки ба зиммаи амлокдорон ва ашрофони маҳалӣ вогузор буда, ёрӣ мерасониданд. Таҳқиқотчиёни дигари рус низ аз чунин навкарҳо ёдовар гардида, онҳоро «навкарони қишлоқ ё деҳа» номидаанд.

Дар маркази бекигарӣ ва амлокдории он якчанд гурӯҳи хизматчиёни ҳарбӣ фаъолият менамуданд, ки онҳо аз рӯи хизматҳои ҳарбӣ ва сиёсии хеш назар ба «навкарони деҳа» инъом ва мавқеи баландро соҳиб буданд. Масалан, онҳо аз ҳоким хоҷагиҳои деҳқонӣ, озод будан аз пардохти андозу хироҷ, инчунин гирифтани лақабҳои ҳарбӣ ба монандӣ «Ҷилду» (барои шуҷоати ҷангӣ), «богатир» (саркарда ё фармондеҳи ҷангӣ), «бобои шоҳ» ( барои нафароне, ки дари хизмати шоҳ буданд) ва ғайра мегирифтанд.

Ҳамин тариқ, мо такя ба маълумотҳои дарҷ намудаи Н.А. Кисляков ва дигар таҳқиқотчиён сохтори ҳарбии бекигарии Қаротегинро чунин муайян карда метавонем:

1. «Аламон»- дастаҳои саворӣ;

2. «Навкарони деҳа»- асосан ба чунин гурӯҳи навкарон ғайр аз накароне, ки дар боло ишора намудем, инчунин «навкарони беамал» низ дохил мешуданд. Ин қабил навкарон танҳо аз андозу хироҷ озод буда, дигар танҳо ба амалдорону ашрофон дар ҳолатҳои зарурӣ хизмат мекарданд. Дар тамоми амлокдорҳо ва қишлоқҳо чунин навкарон фаъолият менамуданд. Дар ҳолатҳое, ки дар қишлоқҳо чунин навкар лозим набуд, навкари қишлоқи мазкур ба дигар ҷой фиристонида шуда вазифаҳои хизматии хешро иҷро мекард:

1. Қаровулбегӣ – сардори қаровулон ва посбон, ҷондорони амир ва аҳли оилаи ӯ. Қаровулбегӣ дар мавриди осоиштагӣ ба амният ва бехавфии давлат шахси ҷавобгар ҳисоб шуда, дар вақти ҳаракатҳои ҳарбӣ амнияти лашкар, муҳофизати он, таъини посбонҳо дар атрофи қӯш (лагери ҳарбӣ)-ро таъмин менамуд.

2. Мирохур – соҳиби ин мансаб дар аввал ба саисхонаи амир, аспҳои ӯ нигоҳбонӣ карда, баъдтар роҳбари он гардид. Дар вақти амалиётҳои ҳарбӣ мақоми ӯ хеле баланд мерафт. Мақоми ӯ ба унвони капитани артиши рус баробар меомад.

3. Тӯқсабо – фармондеҳи дастаи ҳарбии соҳиби туғ (ливо, парчам). Унвони тӯқсабо ба роҳбарони дастаи ҳарбии аз сарбозони қавми муайян ташкилшуда дода мешуд.

4. Эшикоғобошӣ – сардори посбонони дарвозаҳои дарбори олӣ. Табарзин аломати мансаби эшикоғобошӣ буд. Дар дарбор (арк) ба

муҳофизати амир машғул шуда, ашхоси ба арзу дод омадаро бо назардошти масъала ва дархосташон назди амалдорон равона мекард. Танҳо шахсони бо хабарҳои фавқуллода омада мустақиман ба ҳузури амир медаромаданд. Дараҷаи мансаби ӯ ба унвони полковник баробар буд.

5. Би(й)–дар асл ин унвони пешвоёни қавм ва қабилаҳои туркзабон буд, ки шӯрои оқсақолон ба шахси интихобкардаашон медоданд. Дертар он амали дарбор маҳсуб шуда бошад ҳам, соҳибони он якҷоя бо додхоҳ дар вайти юришҳои ҳарбӣ ба мақоми баланд сазовор мешуданд. Дар ин ҳолатҳо онҳоро мири даста, амири навкария ё саркарда (вобаста ба шумораи лашкари роҳбарӣ мекардаашон) меномиданд.

5. Додхоҳ– генерал-майор, аз калимаи «дод» гирифта шудааст. Дар асри XIX соҳиби ин унвони ҳарбӣ то ба дараҷаи вазири ҳарб бардошта шуда, дар армия мансаби олӣ маҳсуб мешуд. Дорандаи ин унвон ба мансаби тӯпчибошии аскарӣ ноил мегашт. Ӯ фармондеҳи тӯпчиён ва роҳбари гарнизони Бухоро буд. Аммо дар охири асри XIX аввали XX вазифаи вазири ҳарбиро бештар қӯшбегии поён иҷро мекард.

6. Иноқ – ин амал аз ду дараҷа: иноқи калон ва иноқи хурд иборат буда, иноқаи калон умаро, шогирдпеша ва дигар ашхоси ба сӯҳбати амир мушаррафшудагонро (ё нашуда) ифода мекард. Иноқи хурд бошад, сандуқчаи хурди мӯҳрдорро посбонӣ мекард. Ариза ва мактубҳои сафирон аввал ба дасти иноқи хурд мерасид.

7. Парвоначӣ – ариза ва дархости умаро ва асилзодагонро ба ҳузури амир дароварда, аз он ҷо чун парвона тез-тез амру фармоиши амирро гирифта мебаромад [22, с. 147].

Сару либоси низомиёни ҳарбии бекигарии Қаротегин яксон набуда, аз ҷомаи нимабрешимӣ, шерст (шоҳӣ), калапӯш, музаҳои ҳарбӣ ва поҷома иборат буданд.

Г.А. Арандаренко қайд менамояд, ки аз навкарони бекигарии Қаротегин либоси ягонаи ҳарбӣ пӯшидан талаб карда намешуд, дар ҳолатҳои зарурӣ бо либосҳои ҳарбӣ онҳо ҳозир мешуданд [3, с. 129-130].

Капитан Васильев, ки баъди ҳамроҳ гардидани бекигарии Қаротегин ба аморати Бухоро ба он ҷо сафар намуда буд, доир ба низоми лашкардории он чунин ишора менамояд, ки « Ҳоло дар Қаротегин лашкари амири Бухоро нест. То соли 1877 дар шаҳри (қалъаи С.С.) Ғарм дар қатори ҳазорон нфар аскарони пиёда нигаҳ дошта мешуд, вале имсол бо сабаби сарзадани шуриш дар Дарвоз фиристода шуда, то ҳол барнагаштаанд. Аҳолии мамлакат ба хизмати ҳарбӣ майл надошта, танҳо ҷанговарон ба хизмат ҷалб карда мешаванд. Ин ҳам бошад аз ҳисоби амлокдорҳо ва аспсаворони бек мебошанд» [5, с. 20].

Васильев, менависад, ки навкарон аз ҳисоби бек ва амлокдорон либосҳои расмии якхела ( ҷома) ва расми сурхдошта мегирифтанд. Шумораи ҷигитҳо (навкарон С.С.) дар қалъаи Ғарм 2000 нафар асп савор буданд [5, с. 20].

Капитан Васильев низ ба навиштаҳои Г.А. Арандаренко ҳамсон буда, илова менамояд, ки «Онҳо (навкарон С.С.) аз андоз озоданд. Дар як сол як ҷома ва як сарпӯш мегиранд. Навкарон дар хонаи худ истиқомат мекунанд, дар ҳолатҳои зурурӣ танҳо бояд ба хизмат ҳозир шаванд» [5, с. 20].

Аз шумораи 4000 нафар навкарон 300 нафари онҳо барои нигоҳдории дарбори бек муайян гардида, ки гарнизони бекро ташкил мекарданд. Навкарони

бек дар як сол ду ҷома аз шерст (матоъи шоҳӣ С.С.), 8 то 16 пуд гандум мегирифтанд, инчунин барои ҷамъоварии хироҷ низ истифода мешуданд.

Чӣ тавре дар боло ишора намудем Г.Арандаренко шумораи навкарони бекро 4000 нафар гуфта, капитан Васильев, бошад онҳоро 2000 нафар меномад. Ин аз он маълум аст, ки капитан Васильев, ба бекигарии Қаротегин 10 сол пас аз Г. Арандаренко сафар намуда, эҳтимол аст бо дуруст шудани вазъият дар бекигарӣ шумораи навкарон кам гардидаанд.

В.И.Липскый солҳои 1896-1897-1898 ба Бухорои Шарқӣ сафар намуда, дар 3 ҷилд асари калонҳаҷме бо номи “Горная Бухара” (Бухорои куҳӣ) ба нашр расонида, доир ба тамоми паҳлуҳои ҳаёти мардуми минтақаҳои Бухорои Шарқӣ ва сохтори маъмурию-идории бекигариҳо маълумоти мухталиф додааст.

Муҳаққиқ мулки Қаротегинро ба монанди дигар таҳқиқотчиёни русу бухороӣ авлодони ҳокимони ин мулкро ба Искандари Зулқарнайн (Искандари Мақдунӣ) дониста, доир ба низоми ҳарбии бекигарии Қаротегин чунин менависад: “Дар Ғарм зиёда 800 хона мавҷуд аст. Беки Ғарм Музаффархон буда, то 2000 нафар сарбоз дорад. Аммо дар вақти ҷанг то 15-20 000 нафар ҷамъ намудани сарбоз мумкин аст” [9, с. 439-440].

Навиштаҳои В.И.Липскый ба навиштаҳои генерал К.А. Абрамовымь, ки соли 1870 доир ба мулки Қаротегин дар Известия Русского географического общества. – Т. 61. – Выпуск 3. – СПб., 1870., [1] мақола нашр намуда буд, як ранг буда, маълум мегардад, ки муҳаққиқ доир ба мулки Қаротегин аз таҳқиқотчиёни пеш аз ӯ ба Қаротегин омада, махсусан генерал К.А. Абрамовымь васеъ истифода намудааст.

Бештари навкарҳои бекигарии Қаротегин аз хазинаи амир моҳона намегирифтанд. Пас маълум мегардад, ки онҳо тамоми таъминоти зинадгиашонро аз ҷамъоварии андоз, назорати бозор, вайронкунандагони тартиботи ҷамъятӣ ва ғайра пайдо менамуданд [3, с. 130].

Навкарҳои расмие, ки бо хоҳиши амири Бухоро чор сол пеш дар бекигарии Қаротегин таъсис ёфта буданд каме зиёдтар ёрдампулӣ мегирифтанд:

1. Чурагасӣ (дараҷаи якум)- ду ҷомаи нимабрешимӣ ва 40 пуд ғалла;
2. Мирохур (дараҷаи панҷум) – се ҷомаи абрешимӣ ва 108 адад пуд ғалла;
3. Туқсабо (дараҷаи шашум) –се куртаю ҷома, 380 пуд ғалла ва 40 рамаи гӯсфанд.

Тақсими ёрдампӯлӣ ва йомаҳоро хазинадори ҳоким девонбегӣ назорат намуда, аз рӯйи қайди махсус соҳибони чунин унвонҳоро қонеъ мегардонад. Инчунин тамоми харойоти хазинаи ҳокимро дар ихтиёр дорад [3, с. 130].

А. Шишов доир ба аслиҳа ва яроқҳои ҷангии куҳистониён чунин менависад: « Аслиҳаи қадимаи кӯҳистониҳо аз камонғулак ва тирҳои он, табарзин ва сипари гирди чармӣ иборат буд. Онҳое, ки васоити молӣ доранд, ҳамчунин, зиреҳ ва кулаҳхӯд (тоскулоҳ)-и оҳанӣ мепӯшанд. Камонғулак ва табарзин дар ҳоли ҳозир ба милтиқи чақмоқӣ ва шамшер, ки ҳоло гоҳ-гоҳ вомехӯрад, иваз карда шудаанд. Ҳарчанд омода кардани доруи камон он қадар кори мушкил нест, аммо мили милтиқ аз Кашмир ва Бадахшон оварда мешаванд, аз ин рӯ, ҳангоми шикор аз камонғулак ва тирҳои он истифода мебаранд. Камонғулак аз як рахи шох, ки дар об мулоим карда ва бо ҳам пайванду алоқаманд карда шудааст ва як аслиҳаи бақуввату мустаҳкам ва томеро ба вуҷуд овардааст, сохта мешавад» [23, с. 146].

«Табарзин дар ҷойҳои мухталиф ҳар гуна намуд дорад; баъзеи онҳо бо нуйра андуда шудааст, дар дигарҳояш хатҳои ороишӣ кандакорӣ шудааст. Аслиҳаҳои қадима хуб нигоҳдорӣ карда мешаванд, дар вақти тӯйҳои арусӣ бе он гӯё чизе намерасад. Домодшавандае, ки ба назди хусури худ бе табарзин ҳозир мешавад, пас гардонда, барои овардани он фиристода мешавад; агар онҳо имкону қудрати пайдо кардани табарзинро надошта бошанд, бояд барои ин махсус пул диҳанд. Камонҳои пилтагӣ, ки аз Бухоро оварда мешаванд, дар Вахон номи «камуни фаранг»-ро доранд, ки ин маънои камони фаронсавӣ ё аврупоиро дорад» [23, с. 146].

««Камуни сияҳ»-и истеҳсоли маҳаллиро, асосан, дар Ҳисор, Кӯлоб ва Дарвоз месозанд. Камуни сиёҳ (сияҳкамон) бо калонии ҳаҷми тир (яккатир) фарӣ мекунад, хеле бад тир мепаронад ва сахт пошна мезанад. «Фарангиҳо» бо дарозии мил, майдагии тир ва вазни зиёдашон аз сиёҳкамон фарӣ доранд, вале нисбат ба «камуни сияҳ» беҳтар мепаронанд» [23, с. 146].

Намудҳои аслиҳаро А.Шишов дар рафти ҷангҳо дар байни бекигарии Мастчоҳ чунин тавсиф намудааст: «Бекигарии Мастчоҳ бо бекигариҳои Яғнобу Урметан душманӣ меварзид, охириҳо бо бекигарии Киштуд. Муҳофизон ва такягоҳи ҳокимони ҳар яки ин сарзаминҳоро тахминан даҳ нафар йигит ва чанд нафар тирандозон ташкил медоданд. Дар сурати рух додани ҳуҷум, ҳамаи сокинони бекигарӣ ба по мехестанд ва омода буданд молу мулки бегонаро низ соҳибӣ кунанд. Аслиҳаи ин ҷанговарон аз якчанд пилтакамон, шамшер, найза, миқдори зиёди калтаку таёқи ирғай иборат буд» [23, с. 146].

Доир ба намуди аслиҳаҳои бекигарии Қаротегин капитан Васильев баъд аз тавсифи қалъаи Ғарм ва манораи мудофиавии қалъа чунин ишора намудааст, ки « Дар кунҷи шимолу шарқӣ (қалъа С.С.) манораи мушоҳидавӣ мавҷуд аст, ки баландии он 25 метр, диаметраш 2 метр аст. Дар қалъа 100 туп, милтиқҳо ҷойгир ҳастанд. Аз ¾ қисми онҳо аслиҳаи вазнин мебошанд. Дар байни онҳо як навъ милтиқҳои крепостнойи низ мавҷуд аст. Силоҳҳо аслӣ ва умуман ба шакли осиёӣ мебошанд. Дар қалъа калибрҳои хело калон ҳастанд, ҳатто то даҳ. Ҳамаи аслиҳаи қалъа кухна ва зангхӯрда буда, вале коршоям ҳастанд [5, с. 23].

Дар тамоми амлокдории бекигарии Қаротегин чунин навкарон фаъолият намуда, аммо шумораи онҳо хело кам мебошанд. Тамоми лавозимоти ҷангиро аз Бухоро мегиранд.

Капитан Васильев доир ба муносибатҳои ҳарбии бекигарии Қаротегин чунин хулоса намудааст: «Қаротегин барои мо на дар муносибатҳои сиёсӣ, на тиҷоратӣ ва на муносибатҳои ҳарбӣ ягон аҳамият дошта наметавонад. Он як қисми хеле ночизи моликияти амири Бухороро ташкил медиҳад. Гарчанде пеш аз тобеи аморати Бухоро чанде бархурдор буд, ҳоло шояд абадан онро аз даст додааст…» [5, с. 23].

Муаллиф чанде поёнтар доир ба низоми ҳарбии бекигарии Қаротегин чунин илова менамояд: « Дар мавриди ҳарбӣ Қаротегин барои мо шояд муҳим бошад, ки шароити аз Фарғона ба Бухорои Шарқӣ фиристонидани аскаронро тақозо мекунад…» [5, с. 23].

Ҳамин тариқ, капитан Васильев дар давоми ҳисоботи хеш доир ба самти ҳаракати аскарҳои рус, ҷойи истироҳат ва зисти онҳо, мавқеи ҷойгиршавии маҳалҳо, захираи хурока аз маҳалҳои куҳистон ва ғайра маълумот додааст. Инчунин аз навиштаҷоти худи ӯ маълум мегардад, ки маълумотҳои зикрнамудааш хело мухтассар ва аз пурсидаву дидаҳояш ҷамъоварӣ шудаанд.

Яке аз фозилон, ҷуғрофиянависи ибтидои асри XX-уми аморати Бухоро Муҳаммад Содиқхоҷаи Гулшанӣ ба ҳисоб меравад, ки дар асари хеш “Таърихи ҳумоюн” доир ба тамоми манотиқҳои тобеъи аморати Бухоро маълумоти даққиқи арзишмандро дарҷ намудааст. Водии Қаротегин дар асари “Таърихи ҳумоюн”- и Гулшанӣ ба сифати иёлати ҳаштуми Бухоро ёд мешавад [20, с.98-107]; [21, с.102].

Муҳаммад Гулшанӣ доир ба низоми ҳарбии бекигарии Қаротегин чунин ёдовар мешавад: “Ва аз аҳолии ин вилоят миқдори се ҳазор нафар сипоҳи савори навкария дорад, ки ҳама ба мансабҳои бий ва тӯқсобагӣ ва ба мирохурӣ ва қаровулбекӣ сарфарозанд аз тарафи давлати Бухорои Шариф ва мобақияи онҳо аламонанд, ки онҳоро баҳодур меноманд. Ҳамаи онҳо аз тарафи давлат ва ҳукумат танхоҳ, доранд. Мувофиқи мансаби худ, ки ба истилоҳи худҳошон танхоҳро буна меноманд, ҳар рӯз мансабдорони атрофу акнофи қалъаи Ғарм ба саломи ҳокими он йо меоянд ва ба назди ҳоким даромада, таоми наҳорро хурда, баъда-т-таом мунташир мешаванд ба маол ва мазмуни ояи каримаи «Фа изо таъамтум фанташиру» ба масокину автони худҳо мераванд ҳаррӯза ало хоза-л-киёс [12, с. 154].

Аморати Бухоро, Бухорои Шарқиро чун мустамликаи худ қарор дода, дар ин ҷо назар ба қисми ғарбии аморат тартиботи сахтаре ҷорӣ намуд. Ашрофону навкарҳо, заминдорони калону рӯҳониён ва бойҳо ба такягоҳи аморат табдил ёфта буданд. Ба ин гурӯҳҳои истисморкунанда аз мирохур то додхоҳ ҳар гуна рутба ва мансабҳо дода мешуд. Мансабҳои олитар фақат ба сипоҳиёни дарбори амир бахшиш мегардид. Амир ба ивазимаош ба ин сипоҳиён андози тамоми як деҳаро мебахшид. Сипоҳиёне, ки дорои чунин мукофот мегардиданд, «танхоҳ» -дор меномиданд. Деҳқонони чунин деҳаҳо ба фоидаи танхоҳ кор мекарданд. Танхоҳхӯр метавонист духтарони ин деҳаҳоро фурӯшад, ба занӣ гирад, ҳавлиҳои деҳқононро кашида гирад ва ҳар чихоҳад мекард.

Б. Искандаров муҳаққиқи Бухорои Шарқӣ доир ба азхудкунии мансабҳои ҳарбӣ дар аморати Бухоро ва бекигариҳои он чунин қайд намудааст: “Хариду фурӯши мансабҳо ба тарзи рӯйрост авҷ гирифта буданд. Чунин хариду фурӯши мансабҳо боз ҳам аҳволи халқи камбағалро бад мегардонид. Хариду фурӯши мансабу вазифа ва унвону рутба қариб ки ба расмият даромада буд. Барои навкари оддӣ шудан 1200-3000 танга ришва додан лозим буд. Агар ин гуна навкар дар шаҳр ё қалъае ба хизмати ҳарбӣ таъин мешуд, аз ҳар гуна андоз озод карда шуда, ғайр аз ин барои таъмини маош ба ихтиёраш ду «буна» - хоҷагии деҳқонӣ дода мешуд. Агар навкар худаш замину боғу ҳавлӣ дошта бошад, дар ин сурат ба вай «буна» дода намешуд, вале ягон андоз аз ӯ ситонида намешуд”[6, с. 58-59].

Мансаби қаровулбегӣ хеле қиммат 2-4 ҳазор танга меистод. Ба ихтиёри қаровулбегӣ 4 «буна» дода мешуд. Қаровулбегие, ки дар хизмати амир бошаду дар айни ҳол молу мулку замин дошта бошад, уҳдадор буд, ки ба фоидаи хазинаи амир ушр (дахяки ҳосил) ва «амал», яъне 21 танга хирочи заминро диҳад» [13, с. 71].

Ҳамин тавр, тамоми мансабҳо, аз ҷумла, мансаби мирохур 3-5 ҳазор танга, ба ихтиёраш 4-10 «буна», туқсабош 5-10 ҳазор танга, ба ихтиёраш 100 «буна», мансаби эликбошӣ 6-15 ҳазор танга, ба ихтиёраш 150-200 «буна» фурӯхта мешуд [6, с.102].

Ниҳоят, мансаби «бий», ки онро худи амир медод (дигар мансабҳои аз ин поинро худи беки Қаротегин мефурӯхт ва аз ин хариду фурӯш ҳатто амирро хабардор намекард. – С.С.) то 300 «буна» мегирифтанд, ки онҳоро истисмор карда, қусури хароҷоташонро мебароварданд [6, с.102].

Аз ин ҷо бармеояд, ки дар Бухорои Шарқӣ ягон амалдор ба таври интихобӣ озод ба сари мансаб намеомад. Ҳамаи мақсаду мароми амалдорону худи бек, танҳо бо роҳи истисмори деҳқонону камбағалон ба даст овардани фоидаи зиёд буд.

Муаррихи варзида Пирумшоев Ҳ. доир ба идоракунии бекигариро таъмин намудан, қайд менамояд, ки дар назди бек чунин амалдорони расмӣ фаъолият доштанд:

1. Девонбегӣ ё закотчӣ, ки ҷамъоварии андоз ва дигар маҷбуриятҳои феодалиро ба ӯҳда дошта, иҷрои онҳоро бо ёрии зердастонаш, яъне арбобу ясавулҳо таъмин мекард.

2. Мирзои мunшӣ – коргузори саводноку хаттоте, ки ба навиштани мактубу дигар ҳуҷҷатҳои хусусию расмии бек машғул буд.

3. Миршаб ё қӯрбошӣ – бо чанд ясавулу навкари дар ихтиёраш буда бехатарии қалъаву истикоматгоҳи бек, маҳбасу анбори яроқ ва умуман низоми пойтахтро шабу рӯз бояд таъмин мекард.

4. Мироб – масъулини таъминоту тақсимоти об, нигаҳдошти иншооти обёрӣ ва таъмиру сохтмони онҳо. Зери итоаташ тақсимотчии об, чанд арбобу оқсақол ва мирзо хизматгузорӣ доштанд.

5. Амин (сардор) – корҳои сохтмон, хоҷагии қалъаву шаҳр, сафарбар намудани аҳолӣ барои ийрои маҷбуриятҳои меҳнатие, ки аз тарафи бек муаян карда мешуданд, ба йо меовард. Дар итоаташ чанд арбоб фаъолият мекарданд.

6. Пойгирчӣ – амалдори ҷамъоварии закоти савдо ва чорвои барои фурӯш ба бозор воридшударо ба ӯҳда дошт [16, с.102]..

Ҳамин тариқ, аз таҳлил ва навиштаҳои таҳқиқотчиёни пеш азинқилобӣ ва баъд аз Инқилоби Октябр, ки ба минтақаи Қаротегину Дарвоз сафарҳо намуда буданд, чунин қаноатмандӣ намудан дурурст аст:

1. Дар танзими лашкардорӣ ва таъминоти ҳарбӣ ҳам, аморати Бухоро ва бекигариҳои Бухорои Шарқӣ аз доираи таъсири Россия набаромада, ба анъанаҳои собиқ содиқ буд;

2. Бекигарии Қаротегин низоми ягонаи ҳарбиро ба тартиби муайян надароварда буд;

3. Шахсони низомӣ дар Қаротегин бештар баробар ба намояндагони динӣ ҳисоб мешуданд;

4. Дар вақти эътирозҳои оммаи мардум ва шӯру ошӯбҳо манфиати ашрофиён боло гузошта шуда, синфи деҳқон пурра зери тозиёна қарор мегирифт.

**Муқарриз: Махсудов А.М. – н.и.т., дотсенти ДОТ дар н. Рашт**

**Адабиёт:**


1. Абрамов, К. А. Записка о Каратегинском владении, составленная по расспросам. [Текст] / К. А. Абрамов // Известия Русского гео-графического общества. – Т. 61. –. Выпуск 3. – СПб. , 1870. – 106 – 110.

2. Арандаренко, Г. А. Дарваз и Каратегин (Этнографический очерк) [Текст] / Г. А. Арандаренко // Военный сборник. – 1883. – Т. 154 – № – 156 с.

3. Арандаренко, Г. А. Каратегин (По распростним сведениям) [Текст] / Г. А. Арандаренко // Военный сборник. – 1878. – Т. 121. – № 5. – С. 129 – 130.

4. Б.Ғафуров. “Тоҷикон” .Таърихи қадимтарин,қадим,асрҳои миёна ва давраи нав.(ҷилди 1 ва 2). [Матн] / Б.Ғафуров. // Душанбе.; “Дониш”, 2008.-870 с.

5. Васильев, капитан. Краткое статистическое описание Каратегина. [Текст] / Васильев, капитан. // Сборник географических, топографических и статистических материалов по Средней Азии». – Т. XXXIII. – СПб., 1888. – С. 17.

6. Искандаров, Б. И. Восточная Бухара и Памир во второй половине XIX века. Часть 1. [Текст] / Б. И. Искандаров. //– Душанбе, 1962.

7. Искандаров Б. И. Восточная Бухара и Помир во второй половине XIX в. [Текст] / Искандаров Б. И. – Душанбе: Андалеб, 2015. – 664 с.

8. Кисляков, Н.А. Очерки по истории Каратегина [Текст] / Н. А. Кисляков. – Изд. 2-е, доп. – Сталинабад, 1954. – 256 с.

9. Липский, В. И. Горная Бухара. Т. 2 [Текст] / В.И. Липский. – СПб., 1902. - 735 с.

10. Логофет Д.Н. В горах и на рвнинах Бухары. [Текст] / Логофет Д.Н. – СПб., 1913. – С.219.

11. Логофет Д.Н. Бухарское ханство под русским протекторатом. – Т. 1. [Текст] / Логофет Д.Н. – СПб., 1911, – С.273 – 274.

12. Мухамад Содиқхоҷаи Гулшанӣ. Таърихи Ҳумоюн / ба чоп тайёркунанда, мураттиб ва муаллифи сарсухан Ҷурабек Назриев [Матн] / Мухамад Содиқхоҷаи Гулшанӣ. – Душанбе, 2006. – С. 150.

13. Маджлисов А. Аграрные отношения в Восточной Бухаре в XIX начале XX века, [Текст] / Маджлисов А. - Душанбе-Алма-Ата, 1967. - С.71.

14. Маджлисов А. Каратегин накануне установления Советской власти. [Текст] / Маджлисов А. – Сталинабад, 1959. – С. 4.

15. Наврузов Г.Л. История образования и развития Гармского области Таджикской ССР (1921-1956 гг.) [Текст] / Наврузов Г.Л. - Душанбе, 2017. - 182 с.

16. Пирумшоев, Х. Таърихи Дарвоз (аз кадим то замони муосир) / [Матн] Х. Пирумшоев. // – Душанбе: Ирфон, 2008. – 704 с.

17. Пирумшоев, Х. Ванч. (Научно-популярный очерк) / Х. Пирумшоев. [Текст] / Пирумшоев, Х. – М. , 2004. – 610 с.

18. Семенов А.А. Этнографические очерки Зерафшанских гор, Каратегина и Дарваза. [Текст] / Семенов А.А. - М, 1903. - 112 с.

19. Саидов С.Ҷ. Нақши А.А. Семёнов дар таҳқиқоти анъанаҳои мардумии тоҷикони Қаротегину Дарвоз [Матн] /Пирумшоев Ҳ., Саидов С.Ҷ., Мудабиров З.Б // Паёми Донишгоҳи Давлатии Омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ. - 2022.-№ 2 (97). С.302-306.

20. Саидов С.Ҷ. Тавсифи водии Қаротегин дар асари “Таърихи ҳумоюн”-и Муҳаммад Содиқхоҷаи Гулшанӣ [Матн] / Саидов С.Ҷ., Мудабиров З.Б. // Маҷаллаи “Муаррих”-и Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониши АМИТ – 2022. – №1 (29). С.98-107.

21. Саидов С.Ҷ. Рашти куҳандиёр (маҷмӯаи мақолаҳо), қисми 1 бо тайғиру иловаҳо [Матн] / Саидов С.Ҷ. – Рашт, 2024. - 260 с.

22. Султонзода Беҳзод Султонӣ. Лашкардории аморати Бухоро дар замони тобеияти вассалӣ ба Россияи подшоҳӣ (солҳои 60-уми асри xix-ибтидои асри xx) [Матн] / Султонзода Беҳзод Султонӣ // диссертатсия барои дарёфти

дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик). – Душанбе, 2022. - С. 189.
23. Шишов А. Таджики (Этнографическое исследование) [Текст] / Шишов А. – Алматы, 2006. – С.106

**Literature:**

1. Abramov, K. A. Zapiska o Karateginsky estate, compiled by inquiry. [Text] / K. A. Abramov. - T. 61. -. Issue 3. – St. Petersburg. , 1870. – 106 – 110.
2. Arandarenko, G. A. Darvaz and Karategin (Ethnographic essay) [Text] / G. A. Arandarenko // Military collection. - 1883. - T. 154 - No. - 156 p.
3. Arandarenko, G. A. Karategin (Po rasprostnim savidyam) [Text] / G. A. Arandarenko // Military collection. - 1878. - T. 121. - No. 5. - S. 129-130.
4. B. Gafurov. "Tajikon". The history of the oldest, ancient, middle ages and the new era. (volumes 1 and 2). [Text] / B. Gafurov. // Dushanbe.; "Knowledge", 2008.-870 p.
5. Vasiliev, captain. Short statistical description of Karategina. [Text] / Vasiliev, captain. // Collection of geographical, topographical and statistical materials for Central Asia". - T. XXXIII. - St. Petersburg, 1888. - S. 17.
6. Iskandarov, B. I. Eastern Bukhara and Pamir in the second half of the XIX century. Part 1. [Text] / B. I. Iskandarov. //– Dushanbe, 1962.
7. Iskandarov B. I. Eastern Bukhara and Pamir in the second half of the 19th century. . [Text] / Iskandarov B. I. // – Dushanbe: Andaleb, 2015. – 664 p.
8. Kislyakov, N. A. Essay on the history of Karategina [Text] / N. A. Kislyakov. // – Izd. 2, dop. - Stalinabad, 1954. - 256 p.
9. Lipsky, V. I. Gornaya Bukhara. T. 2 [Text] / V. I. Lipsky. // – SPb. , 1902. 735 p.
10. Logofet D.N. V gorah i na rivninah Bukhari. [Text] / Logofet D.N. // – SPb., 1913. – P.219.
11. Logofet D.N. Bukharan khanate under Russian protectorate. - T. 1. [Text] / Logofet D.N. // – SPb., 1911, – P. 273 – 274.
12. Muhammad Sadiqhoja Gulshani. History of Humayun / prepared for publication, compiled and author of the foreword by Jurabek Nazriev. [Text] / Muhamad Sadiqhojai Gulshani // – Dushanbe, 2006. – S. 150.
13. Madjlisov A. Agrarian relations in Eastern Bukhara in the 19th and early 20th centuries, [Text] / Madzhlisov A. // - Dushanbe-Alma-Ata, 1967.-P.71.
14. Madjlisov A. Karategin illegal establishment of Soviet power. [Text] / Madzhlisov A. // – Stalinabad, 1959. – S. 4.
15. Navruzov G.L. History of education and development of the Garmsky region of the Tajik SSR (1921-1956) [Text] / Navruzov G.L. // - Monday, 2017, 182 p. S.7.
16. Pirumshoev, Kh. History of Darvaz (from ancient times to modern times) / [Text] Kh. Pirumshoev. // – Dushanbe: Irfan, 2008. – 704 p.
17. Pirumshoev, Kh. Vanch. (Scientific and popular essay) / Kh. Pirumshoev. [Text] / Pirumshoev, Kh. // – M. , 2004. – 610 p.
18. Semenov A.A. Ethnographic essays of the Zerafshan Mountains, Karategina and Darvaza. [Text] / Semenov A.A. // -M, 1903. -112 p. Ill. 11 tables and maps.
18. Saidov S.J. The role of A.A. Semyonov in the study of folk traditions of the Tajiks of Karotegin and Darvoz [Text] / Pirumshoev H., Saidov S.J., Mudabirov Z.B. // Message of the Tajik State Pedagogical University named after S.Aini. -2022.-№ 2 (97). P.302-306.

19. Saidov S.J. Description of the Karotegin Valley in the work "History of Humayun" by Muhammad Sodiqhoja Gulshani [Text] / Saidov S.J., Mudabirov Z.B. // Journal "History" of the Institute of History, Archaeology and Ethnology named after A.Donishi of the National Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan – 2022. – №1 (29). P.98-107.

20. Saidov S.J. Rashti kuhandiyor (collection of articles), part 1 with changes and additions. [Text] / Saidov S.J. // "Ashuriyon",-Rasht-2024;, 260-p.

21. Sultonzoda Behzod Sultani. Military service of the Bukhara Emirate during the period of vassal subordination to Tsarist Russia (60s of the 19th century - early 20th century) [Text] / Sultonzoda Behzod Sultani. // dissertation for the degree of candidate of historical sciences in the specialty 07.00.02 - National history (history of the Tajik people) Dushanbe-2022. P. 189.

22. Shishov A. Tajiki (Ethnographic research). [Text] / Shishov A. // – Almaty, 2006. – P. 106.

23. Shishov A. Tajiks (Ethnographic research). [Text] / Shishov A. - Almaty, 2006. - P.106

## НИЗОМИ АРТИШ ВА СОХТОРИ ҲАРБИИ ВОДИИ РАШТ (ҚАРОТЕГИН) (асри XIX ва ибтидои асри XX)

То замони ба аморати Бухоро ҳамроҳ намудан, шоҳигарии Қаротегин, агар лаҳзаҳои тобеъияти зоҳирӣ ва муваққатии онро ба давлатҳои муқтадири ҳамсоя сарфи назар намоем, қариб дар ҳама ҳолат мустақилияти сиёсии худро нигоҳ медошт. Ин шоҳигариро монанди дигар мулкҳои Дарвоз, Рӯшон, Шуғнон ва Вахон шоҳон (ё ша) идора мекарданд, ки аз намояндагони хонадонҳои маҳаллӣ буда, (онҳо ва ҳокимони Бадахшон худро аз авлоди Искандари Зулқарнайн ё Искандари Румӣ медонистанд) ва ҳокимияти мутлақ доштанд.

Сохтори давлатии ин кишварҳо асосан феодалӣ буда, дар низоми онҳо муносибатҳои авлодию патриархалӣ низ равшан ба назар мерасиданд. Қариб ҳамаи мансабҳои давлатӣ дар дасти хешу ақрабои шоҳ ва заминдорони калон нигоҳ дошта мешуданд.

Муаллиф дар мақолаи хеш дар асоси маълумотҳои таҳқиқотчиёни русу бухороӣ вазъи лашкардории Қаротегинро дар асрҳои XIX ва ибтидои асри XX мавриди омӯзишқ таҳқиқи қарор додааст.

**Калидвожаҳо:** Артиш; аморати Бухоро; бекигарии Қаротегин; додхоҳ; туқсабо; навкар; қалъа; миршаб; девонбегӣ.

## СИСТЕМА АРМИИ И ВОЕННОЕ УСТРОЙСТВО РАШТСКОЙ (КАРАТЕГИНСКОЙ) ДОЛИНЫ (XIX ВЕК И НАЧАЛО XX ВЕКА)

До присоединения к Бухарскому эмирату Каратегинское царство сохраняло свою политическую самостоятельность почти во всех случаях, если не принимать во внимание моменты его кажущегося и временного подчинения соседним могущественным государствам. Это царство, как и другие царства Дарваз, Рушан, Шугнан и Вахан, управлялось царями (или ша), которые были представителями местных родов (они и правители Бадахшана считали себя потомками Александра Зулькарнайна или Александра Римского) и обладали абсолютной властью.

Государственная структура этих стран была в основном феодальной, и в их системе также четко прослеживались родоплеменные и патриархальные

отношения. Почти все государственные должности находились в руках родственников царя и крупных землевладельцев.

Автор в своей статье на основе данных русских и бухарских исследователей исследовал положение Каратегинской армии в XIX и начале XX веков.

**Ключевые слова:** Армия; Бухарский эмират; каратегинское бекство; истец; туксабо; слуга; крепость; миршаб; девонбеги.

## THE ARMY SYSTEM AND MILITARY ORGANIZATION OF THE RASHT (KARATEGIN) VALLEY (19 TH CENTURY AND BEGINNING OF THE 20 TH CENTURY)

Before joining the Bukhara Emirate, the Karategin kingdom retained its political independence in almost all cases, if we do not take into account moments of its apparent and temporary subordination to neighboring powerful states. This kingdom, like other kingdoms of Darvaz, Rushan, Shugnan and Wakhan, was ruled by kings (or sha), who were representatives of local clans (they and the rulers of Badakhshan considered themselves descendants of Alexander Zulkarnain or Alexander the Roman) and had absolute power.

The state structure of these countries was mainly feudal, and their system also clearly showed tribal and patriarchal relations. Almost all government positions were in the hands of the king's relatives and large landowners. The author in his article, based on data from Russian and Bukharan researchers, examined the position of the Karategin army in the 19th and early 20th centuries.

**Key words:** Army; Bukhara Emirate; Karategin beyship; plaintiff; tuksab; servant; fortress; mirshab; devonbegi.

**Маълумот дар бораи муаллифон: Саидов Саймурод Ҷамолиддинович** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, муаллими калони кафедраи таърих ва методикаи таълими он. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к. Э. Муҳиддин–63. Телефон: (+992) 078-36-93-93. E-mail: saidmurod.saidov@inbox.ru

**Сведения об авторах: Саидов Саймурод Джамолиддинович** – Таджикский педагогический институт в Раштском районе, старший преподаватель кафедры истории и методики преподавания. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Гарм, ул. Э. Мухиддин – 63. Телефон: (+992) 078-36-93-93. E-mail: saidmurod.saidov@inbox.ru

**About the authors: Saidov Saimurod Jamoliddinovich** – Tajik pedagogical institute in Rasht district, senior lecturer of the department of history and teaching methods. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Garm highway, k. E. Mukhiddin - 63. Phone: (+992) 078-36-93-93. E-mail: saidmurod.saidov@inbox.ru

ТДУ: 93/94

# АНЪАНАҲОИ ХОСИ КИШОВАРЗӢ ДАР ҚАРОТЕГИН ВА БАДАХШОН (ОХИРИ АСРИ Х1Х ВА АВВАЛИ АСРИ ХХ)

**Саймуҳиддинов Ҷ.М., Ақназаров Ҳ.М.**
**Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт**

Дар ҳаёти тамоми кӯҳистониён соҳаи кишоварзӣ низ дар қатори чорводорӣ нақши басо муҳим мебозад. Камзаминии кӯҳистониён, хусусан тоҷикони Помир ва Қаротегин диққати бисёре аз олимони хориҷиро ҷалб намудааст. Тоҷикони кӯҳистон, ба заминдорӣ вобастагии зич доранд. Ин ҳолатро табиби рус А. Шишов низ мушоҳида карда, рушониёнро меҳнатдӯст муаррифӣ кардааст. Номбурда афзудааст, ки дар кӯҳсорони баландтар дар бисёр ҷойҳое, ки хоки региву санглох ҳукмфармост, замини ҳосилхез хеле кам аст, вале бо туфайли меҳнати деҳқонон аз ин заминҳои беҳосил киштзор ба вуҷуд меояд ва кас ҳайрон мемонад, ки "тоҷикон ба замин чӣ қадар муҳаббат доранд" [18, с. 166]. Аслан, он заминҳое, ки А. А. Бобринской ва дигар олимону таҳқиқотчиён дар минтақаи Помири Ғарбӣ мушоҳида карданд, санглохзоре буд, ки бо меҳнати зиёди сокинон ба замини корам табдил меёфт. Дар чунин заминҳо руёнидани ҳосили фаровон аз имкон берун буд ва аз ҳамин сабаб зиндагии мардум қашшоқона ва бо азобу машаққат мегузашт [3, с. 95].

Дар Бартанг, чун дар дигар манотиқи кӯҳистон тоҷикон аз замонҳои хеле қадим ҳар як кори хайру некро, махсусан он корҳое, ки бевосита ба кишоварзӣ алоқаманд будаанд, тибқи рӯзу соати мувофиқ сар мекарданд. Мардум барои фаҳмидани чунин рӯзу соат аз рӯи мушоҳидаҳои тӯлонӣ аз таҷрибаи зиндагӣ, пеш аз ҳама, ҳисоби рӯзҳои солро аз рӯи тулӯъ ва ғуруби офтоб, сояи санге ё теғаи қуллаи кӯҳҳо, аз равзанаи боми хонаҳои аҷдодӣ ба ҷоҳои гуногуни дохили он расидани нури офтоб, ҳаракат ва мавқеи ситораҳо ва ғайраҳо маълум мекарданд [16, с.11]. Дар ҳар деҳу маҳал ва ҳатто, дар рӯи сутунҳои хонаҳои алоҳидаи аҷдодӣ "нишонаҳо" вуҷуд доштанд, ки аз рӯи онҳо нури офтобе, ки аз равзан ба даруни хона дохил мешуд ва ба воситаи ҳаракату мавқеи он кадом фаслу моҳ ва рӯз буданро муайян мекарданд.

Дар деҳаи Савноб дар тарафи Шарқ теғаи кӯҳе аст, ба мисли хами пушти чорво ва дар тарафи ғарб дар баландии теппа шахсе сангҳои калон-калонро болои ҳам гузошта мондааст. Мардуми деҳа вақте мебинанд, офтоб аз байни "хамии пушти чорво" тулӯъ ва аз паси он девори сангҳо ғуруб мекунанд, ба баробаршавии шабу рӯз ё ба оғози моҳи ҳамал эътимод пайдо мекунанд. Дар он ҷо чени қади одам чоҳ канданд, аз даруни он равиши офтобро низ ба мушоҳида мегирифтанд [16, с.11]. Бо мурури замон, вобаста ба инкишофу такомули тафаккури одамон тақвими дигари маҳаллии нисбатан мукаммалу мушаххастар ба вуҷуд омада, ҳар яке аз корҳои деҳқонӣ ва иду маросимҳои мавсимӣ аз рӯи он ба ҷо меоварданд. Дар ин тақвим ҳисоби рӯзҳои сол аз рӯи узвҳои андоми одам (мард) сурат гирифтааст. Дар ин бора Дарвозиева Ҳ.Ш. дар диссертатсияаш маълумоти ҷолиб додааст [4, с.185]. Новобаста аз ин имрӯзҳо ҳам баъзе аз калонсолони болооби Бартанг ба тақвимҳои гузашта такя мекунанд.

Кӯҳистониёни Бартанги боло ба мисли дигар манотиқи кӯҳӣ ба обу оташ муносибати махсус доранд. Масалан, об пошидан ба оташ ё туф кардан ба оташ

қаҳру ғазаби мусафедонро мехезонад. Об низ бузургтарин такягоҳи зиндагии онҳо ба шумор мерафт, аз ин рӯ муқаддас мешумориданд. Дар деҳаи Нисур, ки дар тарафи соярӯй воқеъ аст ва оби софи шафати деҳа аз сабаби сардии ҳаво баъзан пас аз як моҳи кишт ҷорӣ мешавад, барои ҳамин як ҳафта пеш мардуми деҳ дар пеши саргаҳи деҳа дар назди "остон" ҷамъ мешаванд ва гусфандеро забҳ мекунанд, ки онро ниёзӣ (худоӣ) ё ба истиллоҳ *"buyat bakh"* меномиданд. Дар пеши ҷӯйбор шустани дасту рӯ ва либос то фасли тобистон манъ будааст. Ҳамин тавр, одами таҳҷоӣ (ҷойдорӣ) обро назорат мекард, ки ӯро *вожe* мегуфтанд. Дар деҳаи Сипонҷ низ то солҳои 20-30 асри сипаришуда мардҳои деҳа ҳар сол дар оғози кишту кор- маросими гъимун (ҷуфтбаророн) дар даҳани рӯдхона, ки он ҷо саргаҳи ҷӯйҳост, ҷамъ меомаданд ва расми *"vojhe" -ро* ба ҷо меоварданд. Ҳар сол мувофиқи теъдоди буна аз рӯи навбат чанд сари ҳайвон дар он мавзеъ қурбон - назр мекарданд. Дар деҳаи Басид низ дар мавриди оғози маросими гъимун (ҷуфтбаророн) дар сарҷӯйҳо ситрахм дуд андохта, ҳайвоне қурбон мекунанд ва ба ҷӯйҳо об сар дода, ба он гарди орд мепошанд. Қурбон кардани ҳайвон дар фасли баҳор сари чашма дар Вознавд, Шидз, Вамд ва дигар деҳаҳои ноҳияи Рушон низ ба гуфти сокинони ин деҳаҳо расм будааст [17, с. 38]. Мавсими кишту кор яке аз анъанаҳои неки ин диёр ба шумор меравад. Омодагиҳо ба он ҳатто аз моҳи феврал шурӯъ мешавад, яъне аз таҷлили иди боҷаём.

*Боҷаём ё «боҷзивест»* аз оинҳои наврӯзии мардуми ориётабор, ки рӯзи чаҳоршанбеи ҳафтаи дуюми моҳи феврал дар Бартанги боло таҷлил мешавад. Боҷаёмро баъзан "Пир Шоҳ Носир касаба" мегӯянд. *(Аз сӯҳбати муаллиф бо сокини деҳаи Нисури ноҳияи Рушон Ғуломшоева Марҷон. Соли таваллуд 1942. Санаи сабти сӯҳбат 29.07.2021.)* Оғози ид аз хонатаконӣ сар мешавад. Дар соати саъд, бо иҷозати халифаи деҳа бонувон ҷиҳози хонаро берун бароварда, дар рӯйи барф метаконанду тоза мекунанд. Хонаро ҷоруб зада, тамоми ғубори зимистонро аз дару девор, болопӯши хона мерӯбанд. Рамзи ин кор аз деву ҷин, балоҳои зимистон тоза намудани ҷойи зист аст. Ҳамзамон, хамир мекунанд ва хамирро дар оташдон, пас аз хомӯш шудани оташ болои тахтасанге гузошта, болояшро бо ахгари оташдон мепӯшонанд. Нони пухтаро «*қумоч*» мегӯянд. Баъзан хокро аз макони махсусе меоваранд, ки рангаш сафед бошад. Бо ин сафедхок занон девору сутунҳои хонаро оро медиҳанд. Сурати офтоб, моҳтоб, ситораҳо, бузу гусфанд, кабк, булбул ва ғайраро дар девори хона ва сутунҳои он наққошӣ мекунанд [2, с. 7].

Дар Рошорв дар мавриди ба ҷо овардани Боҷайём, одатан, чун дар дигар мавзеъҳои водӣ рӯзи чоршанбеи охири даҳаи дуюми моҳи феврал то фаро расидани шом қумоч аз ҷониби кампирон ва мӯйсафедон пухта мешавад. Баъди пешин кампири хона то панҷ-ҳафт кг. орди гандум оварда хамир мекунад. Мӯйсафед пешакӣ ҳезуми хушкро оварда, дар назди аловхона мемонад. Дар баъзе ҷойҳо бо хамири қумоч равғани (чарбуи) ҳайвони барои ид забҳшуда ҳамроҳ мекунанд. Қарибии расидани хамир мӯйсафед оташи аловхонаро дар мегиронад. Баъде, ки девори аловхона аз тафси оташ сурх мешавад, яқин медонад, ки таги он ҳам тафсон гаштааст ва ӯ хокистару лахчаҳои сӯзону оташро як тараф ва рӯи тахтасангро пок карда, хамирро бо кӯмаки ҳамдигар рӯи тахтасанг гузошта, кампир онро ҳамвор мекунад ва ӯ бо хокистару лахчаҳои сӯзон онро мепӯшонад. Наздикии шом қумоч ҳам мепазад. Баъди паст шудани тафсаш онро чун дар дигар ҷойҳо бо пораҳои якхела тақсим мекунанд. Дар ин миён халифаи деҳа даъват мешавад, ӯ дуо мехонад ва кампир, агар дар пораи

қумоч чарбу набошад, онро дар равған омехта карда, наздаш мегузорад. Халифа андаке аз он хӯрда, фотиҳаи онро ба ҷо оварда меравад. Пас аз ин аҳли хонавода қабл аз ба пӯхтани боҷ шурӯъ карданашон қумочро якҷоя ё бо шир, ширруған ва ё қумочтарит (нони майда - майда бо равған омехташуда) мехӯранд [16, с. 65]. Дар замони Сомониён низ навъи нони тунуки ширини маъруф бо номи *камоҷ/камоч/кумоч* маъруфият дошт ва онро аз орди биринҷ ва ғайри он бо шакар мепухтанд [5, с. 27].

Дар деҳаи Пасор бошад, дар мавриди ба ҷо овардани маросими Боҷайём як моҳ пеш аз Наврӯз дар ҳар хонадон юғу сипорча сохта, онҳоро дар рӯбарӯи дари даромад ё дар қабати поёнии чорхона ва ё дар мобайни тирчӯби дуюми хонаи бобоӣ овезон карда мемонанд. Ин амали мардум нишона ё рамзи огоҳӣ аст, ки фасли баҳор фасли кишту кор наздик меояд ва ба он бояд ҳар рӯзу соат омодагӣ бинанд [16, с. 58]. Ба ин монанд дар Вахиё, "дар деҳаи Сафедорон ҳангоми боридани борони аввали баҳор аз даруни хона ба болои бом тавассути «рӯзон» қошуқҳои чӯбин мепартоянд. Агар қошуқ ба бом баромада афтад, ҳосили онсола бад мешавад ва агар қошуқ аз тирезаи бомии хона набаромада, ба поён ба дохили хона афтад, он гоҳ ҳосили ҳамон сол хуб хоҳад шуд" [9, с. 47]. Тарзи обёрӣ дар ҳама ҷои кӯҳистон тақрибан як хел мебошанд, анъанаҳои гузашта ҳанӯз нигоҳ дошта мешаванд. Обёрии якумро дар Қаротегину Дарвоз якоба, хокоба, банбурӣ, овкашак, дуюм - дуоба, лахомоб, обгардон, сеюм – сеоба, чорум – чороба ва ғайра. Меъёри обёрии зироатҳои ғалладона ба мавҷуд будани об вобаста аст. Деҳаҳое, ҳастанд, ки дар онҳо фақат ду-се бор замини киштро обёрӣ мекунанд, зеро дар заминҳо серғизо кам об медиҳанд, дар заминҳои санглох бошад, бештар об дода мешавад [13, с. 112].

Аз рӯи мушоҳидаи А. Шишов дар водии Бартанг тоҷикон бо саброна кори аҷоибе анҷом медоданд: аз қаъри дарё рег гирифта, ҳамворӣ ва холигие, ки байни сангҳои калон вуҷуд доштанд, пур мекарданд; кор кашол меёбад ва меҳнати зиёдро талаб мекунад, агар тоҷик аз панҷ - шаш қадами замини корамаш танҳо ним мушт ҷав ҳосил бигирад, аз он фахр мекард [18, с. 172]. Дар ин маврид, мардумшинос М. А. Андреев дар мисоли бошандагони деҳаи Хуф рушониҳоро кишоварзони асил меномад [1, с. 21]. Он заминҳое, ки нисбатан калон ҳастанд, онҳоро "*зимц*" ва заминҳои кӯчакро "чакал" меноманд. Ба ҳамин монанд дар Хуф низ дучор омадан мумкин аст: "Агар майдон хеле кам бошад ва барои тухмпошӣ дар он 8 кг дона зиёдатӣ мекунад, он алакай "*зимц*" нест, балки "чака:л" аст. "Чака:л" – вожаи аҷиби қадимӣ буда, ба калимаи санскритии "cakla" рафта мерасад" [1, с. 27].

Аз ҳамсӯҳбате шунидем, ки аввалин кишоварзи замин бобои Одам ба ҳисоб меравад. Байни мардум ҳам чунин гуфтор вуҷуд дорад: *"Bob Odam cherezgarat, mom havo pukhtangar"* - яъне, бобо Одам шудгор мекунад, момо Ҳаво пухтупаз. (*Аз сӯҳбати муаллиф бо сокини деҳаи Рухч Пасораков Мирзобек. Соли таваллуд 1966. Санаи сабти сӯҳбат 25.07.2024.)* М.С. Андреев низ дар ин маврид қайд мекунад, ки ҳазрати "Пайғамбар Иброҳим аввалин кишоварз" дониста мешавад[1, с. 94]. Дар байни тоҷикони Вахону Ишкошим низ чунин ақида вуҷуд дорад, ки бобои Одам аввалин деҳқон дар ҷаҳон буд ва фаришта Ҷабраил ба ӯ инро таълим дод. Ӯ ба Одам таълим дод асбобҳои хоҷагиро чӣ тавр бояд сохт ва ҳангоми иҷрои кори муайяни хочагии деҳа бояд истифода бурд [7, с. 90]. Шудгори баҳорӣ воқеан дар ҳаёти деҳқон кори бузург ба шумор меравад. Аз ин рӯ, дар гузашта ин корро бо қурбонӣ (гӯсфанд ё қӯчқор) кардан шурӯъ

мекарданд. Дар он деҳаҳое, ки аз об танқисӣ мекашанд, (дар мисоли Нисур) дар он ҷо пеши остонҳо худоӣ мекарданд. Сарпарасти кишоварзону деҳқонон бобои деҳқон ба ҳисоб мерафт, ки бояд яке аз деҳқонони ботаҷриба ва донандаҳои деҳа бошад. Мувофиқи анъанаи муқарраршуда ба шудгору кӯфтан аввалин шуда, бобои деҳқон шурӯъ мекард. Рӯзе, ки киштукориҳои замин оғоз меёфт, ҳамчун иди фархунда, бо зиёфат қайд карда мешуд. Дар ин рӯз соҳиби хона аввал бо розигии халифаи деҳа “соат”-ро аниқ мекунад, баъдан агар рӯзи “наҳс” дар китоби халифа *(соатнома-соати садд,соати наҳс)* набошад, тамоми хешу табори соҳибхона ҷамъ шуда юғу сипори говҳоро омода мекунанд. Дар Рушон дар давраҳои пеш ягон кори кишоварзӣ бе муайян намудани «рӯзи хуб» оғоз намешуд. Рӯзҳои хубро барои шудгори аввал, корҳои ирригатсионӣ ва кишоварзӣ, ҷашни Наврӯз, ҷойгиршавии бурҷҳо дар осмон, махсусан ситораи «наҳс» - Ақраб шахсони рӯҳонӣ (пир, сайид, халифа) аз рӯйи рисолаҳои қадима, ба монанди «Соатнома», «Нуҷум» ва ғайра муайян менамуданд. Аз рӯйи тасаввуроти одамони таҳҷоӣ ҳолати муайяни манзили бурҷи Ақраб дар осмон оғози корҳои кишоварзӣ нек ё бад буд. Дар рӯзҳои наҳс корҳои кишоварзиро оғоз намекарданд [4, с. 78]. Ҳар як деҳа канали обёрии алоҳидаи худро дошт. Хандақҳо вобаста ба шароити топографии маҳал ба таври гуногун гузаронда мешуд. Дар деҳа об ҳар қадар зиёд бошад, ҳамон қадар осонтар ва қулайтар буд. Таъмир ва тоза кардани каналҳо, ҷӯйборҳо ва обанборҳо ҳар сол ҳатман ба ҷо оварда мешаванд, хусусан баъди ҷашни Навруз [7, с. 25]. Барои танзими давраҳои кишоварзӣ тоҷикони Помир аз тақвими кишоварзии халқӣ истифода мебурданд. Барои тамоми тоҷикони Помир - деҳқонони асил дар амалияи зироаткорӣ тақвими халқӣ мавқеи махсусан муҳимро ишғол карда, тамоми давраҳои кори хоҷагии қишлокро қатъиян танзим мекард [8, с. 40].

Аввалан заминҳои санглохро об медоданд, инро *firevn* мегӯянд. Баъд аз он дар замини мазкур аз оғил пору кашонда мепошиданд. Давраҳои пеш шудгорро ба таври ҳашар ё дар якҷоягӣ бо хешу табор анҷом медоданд. Дар ҳамин рӯз, дар шох ва суми говҳо равған молида, дар табақча ё болои санг *“Йоб” (Гиёҳи хушбӯест, ки дар маросимҳои Бадахшон бисёр истифода бурда мешавад)* дуд мекунанд. Халифа ё марди бузургсолтар дуо хонда кори шудгор оғоз мегардад: “Фатҳи кор футуҳоти рӯзгор, муборакии шогуни баҳор, як дона ҳазор, ҳазор дона бешумор, ба дами гарми Ҳайдари карор, омин Алоҳу акбар!” *(Аз сӯҳбати муаллиф бо сокини Япшорви ноҳияи Рушон, омӯзгори мактаб Гулмамадов Ризошоҳ. Соли таваллуд 1976. Санаи сабти сӯҳбат 12.07.2024)*. [8, с. 40]. Сипас дар пешонӣ ва китфи *(kub)* барзаговон орд *(bun)* пошида, юғу сипор *(siporn)* - ро ба барзаговҳо баста, заминро шудгор мекунанд, ки чунин асбобҳои хоҷагии қишлоқ бо тамоми хусусиятҳояш имрӯз ҳам дида мешавад. Ин расм то кунун дар Бартанги боло вуҷуд дорад ва иҷро мегардад.

Дар Қаротегин барои давраҳои нашъунамо ва инкишофи зироатҳои ғалладона чунин номҳо истифода мешаванд. Вақте ки дон дар замин сабзида пас аз чанд вақт ба болои хок мебарояд, сабза мешавад, дар заминҳои обӣ дар ҳамин давра обьёрии якум гузаронда мешавад. Хишовакунӣ низ дар ҳамин вақт сар мешавад. Аз барг пайдо шудани хӯшаҳои донро сар кашидан - хӯша меноманд. Одатан, на ҳама растаниҳо дар як вақт хӯша мебароранд. Ин давраро сивору пиёда «савору пиёда» меноманд. Марҳилаи гулкунӣ ва ғалладона давраи муҳимтарин ҳисобида мешавад. Дар ин вақт ба киштзор об дода мешавад. Барои

иҷрои расму оинхои дахлдор кӯшиш мекарданд, ки борон боранд. Баъд донаҳо сахт мешаванд ва ниҳоят зард шуда мепазад. Дар вақти обёрии якум ҷуйборҳоро ба бандҳо (ҷӯйборча) тақсим мекунанд ва баъд аз чандметр банди дуюмиро низ тақсим мекунанд. Ин ҳолат ба ҳаҷми замин вобастагӣ дорад, агар замин калон бошад, бандҳо низ зиёдтар ҷудо карда мешаванд. Дар Ҷиргатол (ҳоло Лахш - А.Ҳ.) он банчак, варг ва даҳона ном дорад [13, с. 71]. Ҳоло бошад дар соҳаи кишоварзии минтақа дигаргуниҳои куллие ба вуҷуд омадааст, ки дар борои хусусиятҳои пешини заминкорӣ кам аҳамият дода мешавад.

Сипас, то баровардани хӯша киштгоҳҳоро дар Бадахшон саҳаргоҳон ва бегоҳ кӯдакон бо навбат аз парандагон муҳофизат мекарданд. Пеш аз ҳосилгундорӣ ҳам зироатро аз ҳуҷуми парандаҳо муҳофизат мекунанд. Зеро аз даст додани як донаи хӯшаи гандум барои кӯҳистониёни онвақта талафоти бузург ба ҳисоб мерафт. Дар рӯзҳои гарм фақат пагоҳии барвақт то гарм шудан ва аз бегоҳӣ то торик шудан заминро обёрӣ мекарданд. Дар Қаротегин ва ҳавзаи Хингоб низ зироатҳои зағир, арзан, ҷав ва ғалларо гоҳ- гоҳ аз парандаҳо муҳофизат мекарданд. Барои дарвозиҳои камзамин ҳифзи растаниҳо хело муҳим буд ва онҳо маҷбур буданд, ки аз субҳ то шом то як моҳи пурра заминҳояшонро аз гунҷишкон посбонӣ кунанд. [13, с. 193]. Барои эмин нигоҳ доштани ҳосили фаровон аз “чашми бад” дар сар ё охири заминҳо *zash* (хори даштӣ) мемонданд. “Дар Шуғнон ва Бартанги боло агар ҳосил бисёр бошад, дар майдон ё хирмангоҳ “x:in -shuth” мемонанд, то ки намоён бошад ва “чашми бад”-ро ба худ бигирад” [1, с. 296].

Аслан дар Бартанги боло аз сабаби он ки дар баъзе деҳаҳо ба монанди деҳаҳои Рошорв, Кӯҳдара, Пасор ва Бопасор нисбатан хунуктар аст, ҳосилгундорӣ дертар анҷом дода мешавад. Дар деҳаҳои Нисур, Барчӯдиф, Савноб, Рухч, Вринҷавн бошад, одатан аз охири моҳи июл аллакай ба ҷамъоварии ҳосилоташон шурӯъ мекунанд. Агар гандум якбора пазад, барои даравидани он ҳашар ташкил мекунанд, дар суръати пайи ҳам пӯхта расидани гандум онро аъзои хонавода дарав мекунанд. Раҳгузарон бо мардуме, ки дар заминҳо дарав мекунанд “Қуввати кор” гуфта, салом мегӯянд. Дар ҷавоб бошад “Ҳиммати ёр” мешунаванд. Дар сурати кишт кардани ғалла ва ҷав, ҳосили ҳар дуи онҳоро ба таври ҷудогона дар хирмангоҳ ҷамъ мекунанд. Ҳар сол пеш аз даравидани гандум макони махсусе, ки маҳз барои гандум омода шудааст, азнавсозӣ мекунанд. Чунин макон бо забони маҳаллӣ - рошорвӣ “*шурум*” (гумно) номгузорӣ карда шудааст. Дар Бартанги боло ҳар як хонавода дар назди ҳавлиаш хирманҷо - *“shurum”* дорад, “дар Хуф бошад як хирмангоҳро метавонанд чанд хонавода истифода баранд” [1, с. 79].

Вақти ҷамъоварии ҳосил, инчунин шудгор ба шароити иқлим ва географии макон вобаста аст. Агар борон кам меборид, пас дар бисёр деҳаҳои Қаротегин ва Дарвози Ҷанубӣ 25—26 июнь ҷав, то 1 июл гандум мепазад; дар соли сербориш мӯҳлати пӯхтани нон 10—15 рӯз дароз мешавад. Дар деҳаҳои баландкӯҳи водии Хингоб (Гурхам, Ёзганд, Чилдара, Хамдара, Ҳафтчироғ) ва Дарвоз гандум дар аввали моҳи август, нимаи дуюми август ва ҳатто дар аввали моҳи сентябр (Сағирдашт, Сафедорон, Қароқутон, Чавчӣ) мепазад. Девлохи-Калон) ва ҷав — 10—15 рӯз баъд. Ҳамин тавр, дар ҳар макон мувофиқи шароити географии худ ҷамъоварии ғалла дар вақтҳои гуногун сар мешавад [13, с. 196].

Ҷамъоварии ҳосил дар Помир вақти меҳнати шадид мебошад. Ҷамъоварии ҳосил тибқи анъана дар якҷоягӣ бо ҳамсоягон, хешу табор ва тамоми хонавода

мувофиқи расме бо номи *“kiryar”* иҷро мегардид. Барои даравидани гандум, аввал мӯсафедон ва ё дигар одами корозмударо пурсон мешуданд. Ҳосили даравкардаро мебананд ва дар майдони хирмангоҳ *“shurum”* мемонанд, то хушк шаванд ва барои ҷудо шудани дона аз тана ва коҳреза осонтар гардад. Бо вуҷуди вазнинии кор, он инчунин замони ҷашн аст ва нафаре, ки гандумдаравиро ба анҷом расонид, барои дигарон зиёфат медиҳад. Вақте ки гандумро медараванд дарзаҳоро барои хушк шудан дар ҷои алоҳида қатор *“rasor” (бех дар боло ва хӯша дар дарун)* монда, то даравидани тамоми заминҳо мемонанд. Агар гандум дер даравида шудааст, яъне ҳоҷат ба хушк кардани он нест ва якбора онро аз замин ба *“shurum”* мебаранд. Дар он ҷо гандумҳои даравидашударо бо якдигар ҷафс монда, сипас бо ҷуфти гов аз болояш меронанд. Дар майдони хирмангоҳ ду барзаговро баста, давоми рӯз бо навбат давр мезанонанд ва инро мардум *“khoj”* (хирманкӯбӣ) меноманд. Дар гузашта барои нахӯрдани гандум даҳони барзаговҳоро мебастанд. Барои он ки гов дар гандум қазои ҳоҷат накунад, як нафар бо зарфе аз ақиби барзаговҳо тоб мехӯрд. Дар вақти дамгирӣ кӯдакон дар рӯи зироат меҷаҳанд, медаванд ва бо гузашти вақт бозӣ мекунанд. Дар натиҷа гандум аз хӯшааш ҷудо мешавад, ду рӯзи дигар онро ба воситаи шамол тоза карда, ҷамъ аз болояш бо *fai* (бели чубӣ) “ороиш” медиҳанд ва онро “*savj*” - меноманд. Сипас, *fai* - ро дар болои гандум монда, барои эмин будан аз “чашми бад” аз болояш пору мемонанд. Бели чӯбии қадимӣ барои бод додани ғалла, тоза кардани барф, об додан ба замини кишт ва дигар корҳои рӯзгордорӣ истифода бурда мешуд [10, с. 29]. Белҳои аз чӯби мустаҳкам — зардолу, ангат ё арча омода карда мешуд, ки дар Вахон бо номи «типчпӣ» машҳур аст, дар Ишкошим «варгфай», «хобфай», ҳангоми обёрӣ, тоза кардани хандақҳо, ҳангоми гузоштани таҳкурсии хонаҳо ва пошидани пору дар заминҳои кишт истифода мешавад [7, с. 71].Дар Қаротегин ҳангоми кишту кор ба ҷуз аз белҳои оҳанин боз белҳои чӯбин бо номҳои *кахбел, хумбикаш* мавҷуд буданд, ки на танҳо барои обёрии замин, балки барои дигар корҳои хоҷагии қишлоқ низ истифода мешуданд. Дар замони пеш бели оҳанин хеле кам буд, аз ин рӯ бели чӯбинро васеъ истифода мебурданд [13, с. 180].

Агар мабодо нон барои хӯрданӣ надошта бошанд, худи ҳамон рӯз дар Бартанг ғалларо бо чӯб зада аз хӯшаҳои гандум ҷудо мекунанд ва бо санги махсус, майда карда орд тайёр мекунанд. Инчунин, дар ҳамин рӯз соҳибхона таъоми *нонравған* омода карда ба *“shurum”* (хирмангоҳ) меорад, ки онро бартангиён “*sorpukhta*” ном мебаранд ва гандуми ҷамъшударо *sor* (баландии гандуми ҷамъшуда” меноманд. Қисмати дуввуми ин маросимро *“sorzekht” (гирифтани гандум дар халта)* ном гузоштанд. То рӯзе, ки *sor* ҳанӯз дар хирмангоҳ *“shurum”* бошад, яке аз хешовандон шаб ҳам навбатдорӣ намуда, пеши гандум мехобад. Ҳатто дар он ҷо ибодат мекарданд. Бояд илова кард, ки тибқи эътиқоди мардуми Вахон ва Ишкошим низ, тӯдаи ҷамъшудаи ғалла муқаддас customarily дониста мешуд, ва ба вай махсусан бодиққат муносибат мекарданд [7, с. 103]. Маросими *“sorzekht”* ба ҳангоми шом баргузор мегардад. Мегӯянд, пештар барои гирифтани гандум низ аввал соатро медидаанд, рӯзона ва дар рӯзи чаҳоршанбе ин корро анҷом додан мумкин набудааст. Соҳибхона таҳорат карда дасту рӯ мешӯяд ва ба хирмангоҳ меояд. Сипас, “бисмиллоҳ” гуфта, ба зону мешинад ва бо кафчаи чӯбӣ гандумро ба халтачаҳо бор мекунад. Дар ин вақт аз пеши гандуми ҷамъшуда (сор) истодан мумкин нест, зеро он ҷо фариштагон мешинанд, бо овози баланд гап задан манъ аст. Агар нохост касе нафаҳмида аз

пеши хонааш гузарад, ба соҳибихона "бараккато" гуфта мегузарад. Дар ҷавоб бошад "Баракат аз Худо"- гӯён ҷавоб медиҳад. Ҳамин тавр, маросими *сорзехът* ба поён мерасад, ва соҳиби хона ҳамаи халтаҳои гандумро ба хона мебарад. Имрӯзҳо аз ин русум қисмати ниҳоят кам боқӣ мондааст [1, с. 79]. Дар гузашта дар Қаротегин ҳангоми ғалладаравӣ сурудхонӣ ҳам мекарданд, вале дар замони ташкилшавии колхозҳо аз ин сурудҳо сатрҳои алоҳида боқӣ мондаанд [13, с. 198]. Маросим ва расму оинҳои кишоварзӣ аз қадимулайём ба таври шифоҳӣ аз насл ба насл интиқол ёфтаанд. Дар Вахон ва Ишкошим баъд аз ба охир расидани ҷамъоварии ғалла дар хирмангоҳ, расми "овардани кампири пурмеҳнат" анҷом дода мешавад. Ҷоруберо, ки аз хона барои тоза кардани гандум ба хирмангоҳ оварда буданд, либос пӯшонида ва ба ин муносибат зиёфат ташкил медиҳанд [7, с. 89].

Ҳамин тавр, бо гузашти як аср баъзе аз ин анъанаҳои мардумӣ вобаста ба кишоварзӣ дар Қаротегин қариб, ки аз байн рафтаанд. Бо баъзе сабабҳо дар ин ҷо, иҷрои он анъанаҳои пешина манъ карда шудааст. Аз рӯи таҳлили муҳаққиқон дар Қаротегин ҳанӯз дар солҳои аввали Шӯравӣ ин урфу одатҳо ба канори фаромӯшӣ рафтанд ва касе онҳоро риоя намекунад. Ҳоло аҳолӣ мефаҳмад, ки риояи ин гуна расму оинҳо ҳосилро каму зиёд намекунад. Фақат баъзе одамони кӯҳансол ин расму оинҳоро ҳанӯз дар хотир доранд, вале барои риоя кардани онҳо кӯшиш намекунанд [13, с. 200]. Аммо дар аксари деҳаҳои дурдасти Бадахшон, асосан дар Бартанги боло ҳанӯз ҳам оинҳои кишту кори деҳқонон роиҷ ҳастанд ва чизе ё касе боиси иҷро нагардидани онҳо нашудааст. Гарчанде, чанд соли охир бо пайдо шудани трактор ва комбайн баъзе аз расму русумҳои пешини мардуми Бартанги боло ба таври пурра риоя намегарданд, вале мардум ҳоло ҳам иҷрои онҳоро ҳатмӣ медонанд.

**Муқарриз: Шарифова М.Қ. - н.и.т., дотсенти ДОТ дар ноҳияи Рашт**

**Адабиёт:**

1. Андреев. М.С. Таджики долины Хуф. (Верховья Аму дарьи) выпуск 2. / М.С. Андреев. - Сталинабад: 1958. – 324 с.

2. Ақназаров Ҳ.М. "Шогун баҳор муборак" (Анъанаҳои қадимаи ҷашнгирии Наврӯз дар Рушони Бадахшон ) / Ақназаров Ҳ.М. // Рӯзномаи "Субҳ Рашт" №6 (52), марти соли 2022. -7 с.

3. Ақризоев М.М. Алексей Алексеевич Бобринской – муҳаққиқи таърих ва этнографияи кӯҳистони Бадахшон [Текст] / Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D020303 – Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ. Душанбе, 2022. - С. 215.

4. Дарвозиева Ҳ.Ш. Ҷашну маросимҳои анъанавӣ - тақвимии тоҷикони Рушон. Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи номзадии илмҳои таърих. / Дарвозиева Ҳ.Ш . - Душанбе., 2024. -185 с.

5. Донишномаи Сомониён. Дар ду муҷалла. Ҷилди дувум. - Хуҷанд: Нури маърифат, 2009. – С. 345.

6. Зарубин И.И. Материалы и заметки по этнографии горных таджиков. Долина Бартанга, Петроград. / И.И.Зарубин. -Типография Российской Академии наук. -№12. -1917.- С.145.

7. Мухиддинов И. Земледелие памирских таджиков Вахана и Ишкашима в X1X - начале XX в. (историко-этнографический очерк). / Мухиддинов И. – Москва: Наука, 1976. – С.271.

8. Мухиддинов И. Этнографические аспекты высокогорного земледелия Западного Памира и сопредельных областей (XIX - начало XX веков). Диссертация на соискание ученой степени доктора исторических наук. Москва 1984 г. – С. 140.

9. Кисляков Н.А. Жилище горных таджиков бассейна реки Хингоу. // Советская Этнография. в. l. 1938. - С. 147.

10. Кисляков. Н.А. Некоторые материалыпо сельскохозяйственной терминологии у таджиков. // Советская Этнография. / Кисляков. Н.А. -Москва: Наука. 1969. –С. 229.

11. Кисляков Н.А. “Материалы по древним верованиям горных таджиков”. Страны и народа востока. / Кисляков Н.А. Главного редакции восточной литературы. – Москва, 1989. – С. 23.

12. Кисляков Н.А. История Каратегина, Дарваза и Бадахшана. // Материалы по истории таджиков и Таджикистана. / Кисляков Н.А.– Сталинабад: Госиздат при СНК Таджикиской ССР, 1945. – С.128.

13. Таджики Каратегина и Дарваза. Выпуск 1. – Душанбе: Издателство - “Дониш”. 1966 – С.383.

14. Таджики Каратегина и Дарваза. Выпуск 2. – Душанбе: Издателство - “Дониш”. 1970 – С.315.

15. Таджики Каратегина и Дарваза. Выпуск 3. – Душанбе: Издателство - “Дониш”. 1976 – С.238.

16. Шакармамадов Н. Оинҳои наврӯзӣ дар Бадахшон. / Шакармамадов Н. - Душанбе, 2012. – С.118.

17. Шакармамадов Н., Шакармамадов О. Наврӯзи Бадахшон (Расму оинҳо). / Шакармамадов Н.–Хоруғ: Маърифат. 2003. – С. 238.

18. Шишов А. Таджики. Этнографические и антропологические иследование, / А.Шишов. Туркистанского Т-на печатнаго дело: Тошканд. - 1910. – С. 172.

**Literature:**

1. Andreev. M.S. Tajiks of the Khuf Valley. (Upper reaches of the Amu Darya) issue 2. / M.S. Andreev. - Stalinabad: 1958. – 324 p.

2. Aknazarov H.M. “Shogun Bahor Mubarak” (Ancient traditions of celebrating Navruz in Rushan, Badakhshan) / Aknazarov H.M. // Newspaper “Subh Rasht” No. 6 (52), March 2022. -7 p.

3. Akrizoev M.M. Alexey Alekseevich Bobrinskoy – researcher of history and ethnography of mountainous Badakhshan [Text] / Dissertation for the degree of Doctor of Philosophy (PhD) in the specialty 6D020303 – Historiography, source studies and methods of historical research. Dushanbe, 2022. - P. 215.

4. Darvozieva H.Sh. Traditional celebrations and rituals - calendar of the Tajiks of Rushan. Dissertation for the degree of Candidate of Historical Sciences. / Darvozieva H.Sh. - Dushanbe., 2024. -185 p.

5. Encyclopedia of the Somoniyan. In two volumes. Volume two. - Khujand: Nuri Ma'rifat, 2009. - P. 345.

6. Zarubin I.I. Materials and notes on the ethnography of the mountain Tajiks. Bartanga Valley, Petrograd. / I.I.Zarubin. - Printing House of the Russian Academy of Sciences. - No. 12. - 1917. - P. 145.

7. Mukhiddinov I. Agriculture of the Pamir Tajiks of Wakhan and Ishkashim in the 19th - early 20th centuries (historical and ethnographic essay). / Mukhiddinov I. - Moscow: Nauka, 1976. - P. 271.

8. Mukhiddinov I. Ethnographic aspects of high-mountain agriculture in the Western Pamirs and adjacent regions (19th - early 20th centuries). Dissertation for the degree of Doctor of Historical Sciences. Moscow, 1984. - P. 140.

9. Kislyakov N.A. Dwellings of the mountain Tajiks of the Khingou River basin. // Soviet Ethnography. v. l. 1938. - P. 147.

10. Kislyakov. N.A. Some materials on agricultural terminology among the Tajiks. // Soviet Ethnography. / Kislyakov. N.A. -Moscow: Nauka. 1969. -P. 229.

11. Kislyakov N.A. “Materials on the ancient beliefs of the mountain Tajiks”. Countries and peoples of the East. / Kislyakov N.A. Chief editor of oriental literature. - Moscow, 1989. - P. 23.

12. Kislyakov N.A. History of Karategin, Darvaz and Badakhshan. // Materials on the history of the Tajiks and Tajikistan. / Kislyakov N.A. – Stalinabad: State Publishing House under the Council of People's Commissars of the Tajik SSR, 1945. – P.128.

13. Tajiks of Karategin and Darvaz. Issue 1. – Dushanbe: Publishing House - “Donish”. 1966 – P.383.

14. Tajiks of Karategin and Darvaz. Issue 2. – Dushanbe: Publishing House - “Donish”. 1970 – P.315.

15. Tajiks of Karategin and Darvaz. Issue 3. – Dushanbe: Publishing House - “Donish”. 1976 – P.238.

16. Shakarmamadov N. Navruz rituals in Badakhshan. / Shakarmamadov N. - Dushanbe, 2012. – P.118.

17. Shakarmamadov N., Shakarmamadov O. Navruz of Badakhshan (Rites and Rituals). / Shakarmamadov N.–Khorugh: Marifat. 2003. – P. 238.

18. Shishov A. Tajiks. Ethnographic and anthropological research, /A.Shishov. Turkistan T-na printing business: Toshkand.-1910. – P. 172.

## АНЪАНАҲОИ ХОСИ КИШОВАРЗӢ ДАР ҚАРОТЕГИН ВА БАДАХШОН (ОХИРИ АСРИ Х1Х ВА АВВАЛИ АСРИ ХХ)

Анъанаҳои хоси мавсими киштукори деҳқонони тоҷикони Қаротегин ва Бадахшон аз ҷониби олимони хориҷию ватании соҳаи этнография ва таърих мавриди таҳқиқ қарор гирифта будаанд. Вале дар мавриди тақдири минбаъдаи расму русумҳои мардумӣ ҳангоми кишту кор ва ҳосилғундории деҳқонон тақрибан коре анҷом дода нашудааст. Аз ин рӯ, дар мақолаи мазкур муаллиф талош ба харҷ додааст, ки анъанаҳои хоси як асри пеши мардумро, хусусан тоҷикони Қаротегин ва Бадахшонро бо оинҳои имрӯзаи кишоварзӣ муқоиса намояд. Инчунин, мутобиқат ва дигаргуниҳои байни анъанаҳои хоси кишту кори деҳқонони Қаротегин ва Бадахшонро таҳқиқ карда, мавриди омӯзиш қарор диҳад. Муаллиф дар хулосаронихояш овардааст, ки бо гузашти як аср баъзе аз ин анъанаҳои мардумӣ вобаста ба кишоварзӣ дар Қаротегин қариб, ки аз байн рафтаанд. Бо баъзе сабабҳо дар ин ҷо, иҷрои он анъанаҳои пешина манъ карда шудааст. Аммо дар аксари деҳаҳои дурдасти Бадахшон ҳанӯз ҳам оинҳои кишту кори деҳқонон роиҷ ҳастанд ва чизе ё касе боиси иҷро нагардидани онҳо нашудааст.

**Калидвожаҳо:** Қаротегин, Бадахшон, кӯҳистон, деҳқонон, кишту кор, заминдорӣ, тухмпошӣ, шудгор, дуо, обёрӣ, ҳосилғундорӣ, осиёб, анъанаҳои мардумӣ.

## ОСОБЕННОСТИ СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННЫХ ТРАДИЦИЙ В КАРОТЕГИНЕ И БАДАХШАНЕ (КОНЕЦ XIX - НАЧАЛО XX ВЕКА)

Особые традиции земледелия таджикских земледельцев Каротегина и Бадахшана исследованы зарубежными и отечественными учеными в области этнографии и истории. Однако почти ничего не было сделано в отношении дальнейшей судьбы народных обычаев при посадке и сборе урожая земледельцами. Поэтому в данной статье автор попытался сравнить особые традиции народов прошлого века, особенно таджиков Каротегина и Бадахшана, с сегодняшними земледельческими обычаями. А также исследовать и изучить совместимость и изменения между специфическими традициями земледелия земледельцев Каротегина и Бадахшана. В своих выводах автор констатирует, что за столетие некоторые из этих народных традиций, связанных с земледелием, в Каротегине практически исчезли. Почему-то здесь запрещено исполнение тех древних традиций. Однако в большинстве отдаленных сел Бадахшана по-прежнему распространены земледельческие ритуалы, и ничто и никто не препятствует их совершению.

**Ключевые слова:** Каротегин, Бадахшан, горы, крестьяне, земледелие, земледелие, посев, пахота, молитва, орошение, сбор урожая, мельница, народные традиции.

## FEATURES OF AGRICULTURAL TRADITIONS IN KAROTEGIN AND BADAKHSHAN (END OF THE 19TH - BEGINNING OF THE 20TH CENTURY)

Special agricultural traditions of the Tajik farmers of Karotegin and Badakhshan have been studied by foreign and domestic scientists in the field of ethnography and history. However, almost nothing has been done regarding the further fate of folk customs during planting and harvesting by farmers. Therefore, in this article, the author tried to compare the special traditions of the peoples of the last century, especially the Tajiks of Karotegin and Badakhshan, with today's agricultural customs. And also to explore and study the compatibility and changes between the specific agricultural traditions of the farmers of Karotegin and Badakhshan. In his conclusions, the author states that over the course of a century, some of these folk traditions associated with agriculture have practically disappeared in Karotegin. For some reason, the performance of those ancient traditions is prohibited here. However, in most remote villages of Badakhshan, agricultural rituals are still widespread, and nothing and no one interferes with their performance.

**Keywords:** Karotegin, Badakhshan, mountains, peasants, agriculture, farming, sowing, plowing, prayer, irrigation, harvesting, mill, folk traditions.

**Маълумот дар бораи муаллифон: Ақназаров Ҳамзаалӣ Мубораккадамович** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, ассистент кафедраи таърих ва методикаи таълими он. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикитстон, Рашт, ш. Ғарм, кӯчаи Э. Муҳиддинов, 63. Телефон: (+992) 900042566. E-mail: hamza.kurush90@mail.ru

**Саймуҳиддинов Ҷамшед Муҳаммадсолеҳович** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, ассистент кафедраи таърих ва методикаи таълими

он. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикитстон, Рашт, ш. Ғарм, кӯчаи Э. Муҳиддинов, 63. Телефон: (+992) 988444144. E-mail: saimuhiddinov J.@mail.ru

**Сведения об авторах: Акназаров Хамзаали Мубараккадамович** – Таджикский педагогический институт в Раштском районе, ассистент кафедри истории и методики ее преподавания. Адрес: 734025 гРеспублика Таджикистан, Рашт, г. Гарм, ул. Э. Мухиддинова, 63. Телефон: (+992) 900042566. E-mail: hamza.kurush90@mail.ru

**Саймухиддинов Джамшед Мухаммадсолехович –** Таджикский педагогический институт в Раштском районе, ассистент кафедри истории и методики ее преподавания. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, Рашт, г. Гарм, ул. Э. Мухиддинова, 63. Телефон: (+992) 988444144. E-mail: saimuhiddinov J.@mail.ru

**Information about the author: Aqnazarov Hamzaali Muborakqadamovich** – Tajik pedagogical institute in Rasht district, assistant of the department of history and methods of its teaching. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Rasht, Garm city, E. Mukhiddinov street, 63. Phone: (+992) 900042566. E-mail: hamza.kurush90@mail.ru

**Saimuhiddinov Jamshed Muhammadsolehovich** – Tajik pedagogical institute in Rasht district, assistant of the department of history and methods of its teaching. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Rasht, Garm city, E. Mukhiddinov street, 63. Phone: (+992) 988444144. E-mail: saimuhiddinov J90@mail.ru

**ТДУ: 93/94**

# “ТОҶИКОН” ШОҲАСАРИ БЕЗАВОЛИ БОБОҶОН ҒАФУРОВ

**Шарифова М.Қ., Шарифова Г.А.**
**Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт**

Ними олам фахр дорад бо Ғафуров Бобоҷон,
Мушикофӣ карда ӯ дар арсаи илми ҷаҳон.
“Тоҷикон” бинвишту дар таърих аҷаб эъҷоз кард,
Дидаи олам ба рӯи тоҷик аз нав боз кард.

**Ҳикмат Раҳмат**

Китоби машҳури «Тоҷикон» шӯҳрати ҷаҳонии олимро ба маротиб афзуда, номашро дар радифи муаррихон ва ховаршиносони номии ҷаҳон ҷойгузин намуд.

Аҳамияти асари ҷамъбастии Бобоҷон Ғафуров танҳо бо он, ки вай яке аз тадқиқотҳои бунёдӣ ва муҳташам доир ба таърихи халқҳои Осиёи Миёна аст, маҳдуд намегардад. Асар дар таҳқиқу баррасии таърихи иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии тамоми Шарқ, саҳми арзандае гардид. Далели аз тарафи аҳли илм арзёбӣ ва ва эътироф шудани маҳсули заҳмати олими тоҷик он аст, ки ба китоби «Тоҷикон» таърихшиносон, бостоншиносон ва ховаршиносони номии рус аз қабили академикхо А.П. Окладников, Б.Б. Питровский, А.А. Коростовсев, С.А.

Утченко ва А.Л. Нарочнитский ва дигарон тақриз навиштаанд ва баҳои баланд додаанд [8].

Китоби «Тоҷикон» дар кишварҳои хориҷ низ шӯҳрат ёфта, дар байни шарқшиносони маъруф гарм пазируфта шуд. ба ин китоб дар Амрико, Чехословакия тақризҳо ба чоп расидаанд.

Ховаршиноси машҳури Амрико, муҳаққиқи маъруфи таърихи қадимаи Эрон, Осиёи Миёна, устоди донишгоҳи Гарвард, профессор Ричард Фрай дар тақризи худ ба номи «Академик Б.Ғафуров ва «Тоҷикон», ки дар шумораи дуюми маҷаллаи илмии муаррихони Амрико «American Historical Review» (соли 1975) ба «Тоҷикон» чунин баҳо додааст: «Беназирии академик Б.Ғафуров дар таҳқиқи масъалаҳои илмии марбут ба Осиё натанҳо дар он аст, ки ӯ фарзанди миллати тоҷик аст. Ӯ раиси Пажӯҳишгоҳи ховаршиносии ҷаҳонӣ низ мебошад, ки таҳти раёсаташ дар кӯтоҳтарин муддат комёбиҳои гушношунидро ноил гашт. Агар зарурияти тарҷумаи англисии ягон асари русии марбут ба Осиёи Миёна пеш ояд, бешак, он «Тоҷикон» аст» [7].

Ба ин асар, ховаршиноси маъруфи чех Иржи Бечка, устоди риштаи таърихи донишгоҳи Кобул профессор Ҷалолиддин Сиддиқӣ (ӯ ин китобро ба забони дарӣ ва ҳуруфи арабӣ баргардонида дар Кобул нашр намуд) низ тақриз навишта, арзиши илмии онро басо баланд арзёбӣ намудаанд. Китоби «Тоҷикон» соли 1977 дар Токио ба забони японӣ, соли 1987 дар Варшава ба забони лаҳистонӣ, соли 1984 дар Кобул ба забони дарӣ, соли 2006 ба забони англисӣ дар ду ҷилд дар Ҳиндустон ба чоп расидааст.

Ҳаминро ҳам гуфтан бамаврид аст, ки соли 1985 дар Пекин китоби Б. Ғафуров «Таърихи халқи тоҷик» аз рӯи нашри русии соли 1955 (чопи Москав) ба забони чинӣ аз чоп баромад ва сипас он бори дуюм дар Чин, дар нашриёти Кошғар соли 1988 бо забони ӯйғурӣ бо ҳуруфоти арабӣ бо номи «Таърихи тоҷикон» дар ду ҷилд нашр гардид.

Ба нақши оламшумули аллома дар инкишофи илми тоҷик Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон баҳои баланд дода, аз чумла зикр кардаанд: «Устод Бобоҷон Ғафуров дар радифи бузургтарин фарзандони Ватани мо қарор дорад. Агар Абулқосим Фирдавсӣ гузаштаҳои пурифтихори Ватанашро дар «Шоҳнома»-и безаволи худ пеши назари наслҳои нав ба нави инсонҳо ба ҷилва оварда бошад, айни ҳамин корро устод Бобоҷон Ғафуров дар китоби безаволи худ «Тоҷикон» бо санадҳои илми анҷом додааст» [12].

Шоҳасари оламшумули «Тоҷикон», ки тамоми таърихи бисёрҳазорсолаи ҳалқи моро дар оинаи ростгу нишон медиҳад. Дар ин маврид мухтасар қайд намудани ҳидматхои аллома Бобоҷон Ғафуров ҷиҳати масъалагузори ба як қатор муаммоҳои ҳалталаби тадқиқи таърихи тамаддунҳо, махсусан маданият, фарҳанг, илм ва ҳаллу фасли асосноки онхо зарури меҳисобем.

Маҳз аллома Бобоҷон Ғафуров пас аз устод Садриддин Айни дар давраи Шурави ба таври мукаммал ба тадқиқи таъриху тамаддуни тоҷикон даст заданд. Устод дар марҳилаи нави рушди илму фарҳанги тоҷик риштаи тоҷикшиносиро густариш бахшиданд. Аввалин падидаи неку дурахшони ин раванд эҷоди асари арзишманди устод Бобоҷон Ғафуров «Таърихи мухтасари халки тоҷик» мебошад, ки соли 1947 дар шахри Сталинобод ба забони тоҷики нашр гардид. Дар илми таърихшиносии тоҷик арзиши баланди илмии китоби мазкур дар он ифода мегардад, ки «Таърихи мухтасари халқи тоҷик» дар Маскав 3 маротиба - солхои 1949, 1952, 1955 ба нашр расид, асар ба дарёфти Ҷоизаи давлатии собиқ Иттиходи Шурави пешбари гардид. Вале олими тавоною инсони нотакрор

хоксориро пеша карда, иброз доштанд, ки асар ҳануз номукаммал асту он ба ҷоиза арзанда нест. Орзуи Бобоҷон Ғафуров офаридани як асаре буд, ки он илман асосноку фундаментали бошад [2, с. 18]. Бо ҳамин орзуи наҷиб Бобоҷон Ғафуров ҷустуҷуи илмиро идома бахшида, ба сарчашмаҳои мухталифи илмию таърихи – дастнависҳо, бозёфтҳои бостоншиноси, катибаҳо, дастовардҳои тозаи лингвистика ва нумизматика, этнография ва ғайраҳо ру оварданд. Корҳои тадқиқотиро дар китобхонаю осорхонаҳои шаҳрҳои Деҳлию Париж, Мюнхену Мехико, Риму Афина, Пекину Ҳайдаробод, Тошканду, Самарканду Душанбе идома доданд. Устод заҳмати пурмашаккати сисолаи худро бо ба нашр расонидани асари дуҷилдаи «Тоҷикон» ҷамъбаст намуданд. «Точикон» соли 1972 аз ҷониби нашриёти «Наука»-и Маскав чоп гардид. Асари мазкур аввалин тадқиқоти мукаммал оиди таъриху фарҳанги тоҷикон мебошад. Ин асар шуълае буд, ки ба саҳифаҳои торику фаромушгаштаи таърихи миллати тоҷик равшани андохта, падидаҳои худшиносию ифтихори миллиро такмил дод ва ба фарзандони бедордилу фидои руҳ бахшид [6, с. 21].

Бо як сухан устод Бобоҷон Ғафуров дар нимаи дуюми асри бистум туфайли асари арзишманди «Тоҷикон» ба тадқиқи таърихи бисёрсоҳаи халқи тоҷик роҳи васеъ кушоданд. Барои таърихчи ин асар қомусу раҳнамо, барои шахси аз соҳаи илм дур китоби рузгори халқи қадимтарин, барои тоҷик, хоҳ олим бошаду хоҳ деҳқон, мояи ифтихору сарфарози аст. Дар ин радиф, дар илми таърихшиносии мо шохаи наве ба вуҷуд омадааст, ки он Ғафуров шиносист.

Устод Бобоҷон Ғафуров дар ҳарду қисми асар ба ғайр аз асарҳои классикони марксизм-ленинизм, ки хоси талаботи ҳамон замон буд, 1139 китобу мақолаҳоро ба забони русӣ, 383 чунин тадқиқотҳои илмиро аз забонҳои англисӣ, олмонӣ, испанӣ, юнонӣ, римӣ ва ғайра истифода намудааст. Илова бар ин муаллиф зиёда аз 190 сарчашмаҳои таърихии арабӣ, форсӣ-тоҷикӣ, хитоиро мавриди тадқиқ қарор дода, хулосаҳои барҷастаи илмӣ баровардааст [13].

Имрӯз мо илми таърихи халқи тоҷикро бе номи фарзанди фарзонаю барӯманди халқи тоҷик, шарқшиноси маъруф, ходими намоёни давлатию ҷамъиятӣ, академики Академияи илмҳои ИҶШС ва Қаҳрамони Тоҷикистон Бобоҷон Ғафуров тасаввур кардан номумкин аст. Ин хизмати ӯ хусусан барои омӯзиши таърихи безволи тоҷикон, ки яке аз халқиятҳои таъриху тамаддуни бою ғанидошта дар сарзамини Осиёи Миёна ҳастанд, маҳз бо туфайли эҷоди асари безаволи он “Тоҷикон” мебошад. Бо гузашти бештар аз 10 сол аз эҷоди ҷилди аввали “Таърихи халқи тоҷик” соли 1972 тоҷикон баҳри омӯзиши таъриху тамаддуни халқи тоҷик ҳадяи безаволеро дарёфт намуданд [9].

Ҳадафи пайгиронаи Бобоҷон Ғафуров таълифи асари яклухт ва ҷамъбастӣ оид ба таърихи халқи тоҷик буд. Паи иҷрои ин мақсад ӯ бо як ҷиду ҷаҳд ва фаъолияти басо дақиқона ба омӯхтани сарчашмаҳо, дастнависҳои қадимаи шарқӣ, дастовардҳои бостоншиносӣ ва мардумшиносӣ, асарҳои шарқшиносони тоинқилобии рус, тадқиқотҳои муаррихони шӯравӣ ва, хориҷӣ шурӯъ намуд. Дар ҷараёни кори пурсамар, ҳамкорӣ бо донишмандони бузурги рус дар омӯзиши сарчашмаҳои таърихии хаттии Шарқу, натиҷаҳои корҳои бостоншиносӣ ва мардумшиносӣ истеъдоди Бобоҷон Ғафуров чун олими таърихшинос ташаккул меёфт ва рӯз то рӯз ба камол мерасид.

Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зарурияти омӯхтани таърихро барои шукуфоии фардои ҳар як миллату давлат таъкид намуда, қайд

кардааст, ки миллат бояд аз гузаштаи худ –хоҳ дурахшон бошад, хоҳ тира-сабақ бигирад ва дурнамои ояндаашро муайян бисозад.

Сарвари кишвар хизмати аллома Бобоҷон Ғафуровро дар нашри китоби безаволаш “Тоҷикон” қайд намуда, чунин ибрози андеша намуда буданд: “Академик Бобоҷон Ғафуров умри худро ба таҳқиқ ва эҷоди таърихи миллаташ бахшид ва хушбахтона ба мурод расид. Вай бо чопи шоҳасари бузурги худ “Тоҷикон” натанҳо миллати тоҷик, балки тамоми форсизабонони олам, мухлисону ҳаводорони тамаддуни Шарқ ва сокинони Осиёи Марказиро бо як сарчашмаи нерубахшу пурбаҳо шодком сохт. Бояд таъкид бикунам, ки аллома Бобоҷон Ғафуров дар эҷоди ин асар, ба таъбири устод Айнӣ, яке аз шартҳои муҳими таърихнависӣ-муҳокимаронии бетарафонаро риоя кардааст [4].

Китоби “Тоҷикон”- и Қаҳрамони Тоҷикистон, аллома Бобоҷон Ғафуров аз соли нашраш зуд дар доираҳои бунуфузтарини илми ҷаҳонӣ эътироф гашта, ҳамчун як асари барҷаставу бунёдӣ дар илми таърих шинохта шуд. Дар пайравӣ ба ин асари бузург донишмандони зиёде кӯшиш ба харҷ доданд, ки китобе оид ба таърихи халқи худ офаранд ва дар ин замина асарҳои зиёде ба нашр расиданд, вале “Тоҷикон”- и Б.иҒафуров ягонаю беназир боқӣ монд. Ин шоҳасар таърихи пурҳаводиси халқи тоҷикро аз аҳди бостон то ба Инқилоби Октябр дар бар мегирад ва саршор аз далелу арқоми раднопазир, тафсиру андешаву мулоҳизоти ҷолибу саҳеҳ аст [1].

Аммо аҳли илм асари таълифнамудаи Б. Ғафуровро мутаассифона якхела қабул накарданд. Якчанд олимон, ки аққалиятро ташкил медоданд пас аз нашри китоб эътирозу доду фарёд бардоштанд. Ҳатто дар саҳифаҳои матбуоти даврӣ баромад намуда нисбати муаллиф туҳмат карданд. Яке аз ин гуна олимон бостоншиноси ленинградӣ Вадим Массон буд. Б. Ғафуров ба ин гурӯҳи олимон ҷавобҳои сазовор дода асари эҷоднамудаашонро муҳофизат карда тавонистанд.

Тибқи ёддоштҳои академик А. Мухторов соли 1977 ноиби президенти АУ Ӯзбекистон Нурмуҳаммадов дар Душанбе бо Б. Ғафуров вохӯрда гуфтааст, ки “Домулло! Мо нисбати китоби Шумо “Тоҷикон” ягон эроде надорем. Фақат мехоҳем, ки Шумо номи онро дигар кунед”. Дар ҷавоб устод ба ӯ гӯфтаанд, ки “сизлар ҳам “узбеклар” деб битта китоб чиқаринглар”. Ин сӯҳбати дукасаро Б. Ғафуров шахсан ба ман гӯфта буданд. Агар олимони ҳамсоя аз рӯи ин маслиҳат кор мекарданд, ҳудуди ҳозираи Ӯзбекистон барои ӯзбекон “зиёдатӣ” мекард [6, с. 28].

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар сарсухани китоби “Тоҷикон”-и Б. Ғафуров, навиштаанд: “Хонандаи тоҷик тавассути “Тоҷикон” аз мақоми худшиносӣ ба омӯхтани таърихи гузаштаи худ рӯ овард. Ва ба саволҳои зиёди “Аҷдодони мо киҳо буданд? Аз куҷо ба зиндагӣ шурӯъ карданд? Чӣ тавр давлат сохтанду давлатдорӣ карданд? Бо чӣ роҳу дастуре ба арсаи илму адабиёти оламшумул пой гузоштанд? Дар таърихи башарият чӣ мақому поя доранд? Посухи дақиқ ва муфассал ёфтанд” [11].

Воқеан ҳам ин шоҳасар маълумоти фаровонеро дар бар мегирад ва равзанаи вусъатмандест ба олами пуршебу фарози таърихи ғановатманди халқи бостонии тоҷик. Китоби “Тоҷикон” аз ду китоб, шаш фасл ва нӯҳ боб иборат аст.

Он ба дараҷае пурмуҳтавою фарогир аст, ки дар ситоишаш муҳаққиқони варзида суханҳои баланд гуфтаанд, аз ҷумла, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон онро “шиносномаи таърих ва тамаддуни миллати тоҷик” номидааст. Китоби “Тоҷикон”-и Бобоҷон Ғафуров шиносномаи миллати

тоҷик аст. Ин асар шӯълае буд, ки ба таърихи миллати тоҷик равшанӣ андохта, падидаҳои худшиносӣ, ифтихори миллӣ ва ҳофизаи таърихии мардумро бедор намуд ва ба фарзандони бедордилу фидоӣ рӯҳи тоза бахшид [10, с. 8].

Дар ин китоб ба тамоми паҳлуҳои ҳаёти халқи тоҷик дар моварои асрҳову замонҳо, ҳам аз ҷиҳати сиёсиву иқтисодӣ ва ҳам аз лиҳози иҷтимоию фарҳангӣ дахл карда шудааст. Солҳои зиёдест, ки мутахассисони тамоми соҳаҳо зимни омӯзишу пажӯҳиш рӯй ба “Тоҷикон” меоранд, онро бо диққат сафҳа мезананд ва гавҳари мақсуд дастрас мекунанд. Ин китоби пурарзиш барои мо, таърихшиносон, низ сарчашмаи муҳими худомӯзӣ мебошад ва ҳар як алоқаманди соҳаи таълиму тарбия, мутахассиси ҳар як фан метавонад аз он баҳрабардорӣ намояд, далелу арқоми дилхоҳ ба даст орад, донишҳои тахассусиашро такмил бубахшад. Китоби “Тоҷикон” барои дар рӯҳияи хештаншиносӣ, ифтихори миллӣ, пос доштани анъанаҳои неки ниёгон, шинохти воқеияти таърихӣ тарбия намудани шогирдон дар мактабҳо аҳамияти хеле муҳим дорад. Ба сарпарастони гурӯҳҳои академӣ низ баҳри баргузор намудани дарсҳои тарбиявӣ низ китоби “Тоҷикон”  дастури боэътимод мебошад [5, с. 29].

Ин шоҳасар моро даъват менамояд, ки аз гузашта сабақ бигирем, биомӯзем, худрову гузаштагони худро нек бишносем, аз оламу одам бохабар бошем. Чунонки мегӯянд, омӯхтани таърих танҳо ба хотири донистани маҷмӯи ҳодисаву воқеаҳои гузашта нест, балки барои он ҳам зарур аст, ки дар ин замина баҳри таъмини имрӯзу фардои шукуфоии халқу миллати хеш ҳиссагузор бошем. “Тоҷикон” парда аз рӯи бисёр воқеияти таърихии мансуб ба халқи тоҷик ва халқҳои ҳамсояву ҳамтақдири тоҷикон бардошт ва ҷаҳониёнро бо таърихи асилу воқеии миллати сарбаланди мо ошно сохт. Аллома Бобоҷон Ғафуров оид ба соҳаҳои ҳаёти ҷомеа асарҳо офарид, ки “Тоҷикон” дар меҳвари осори ин шахсияти барҷаставу сарсупурдаи миллат қарор дорад. Он асари безаволу мондагор, асари бунёдист [3].

Шоҳасари академик Бобоҷон Ғафуров «Тоҷикон», на танҳо дар таърихнигории ватанӣ, балки дар миқёси кишварҳои хориҷӣ низ шуҳрату шаҳомати беандозаро дорад. Бесабаб нест, ки шоҳасари «Тоҷикон» дар илми ховаршиносии Шӯравӣ падидаи ниҳоят муҳим ва навгонии беназир мавриди эътироф гардидааст. Зимнан, иқрор шудан ҷоиз аст, ки аксари муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ ба он ақидаи комилан дурусти илмӣ ва ҳаётии шоҳасари «Тоҷикон»-иБобоҷон Ғафуров аз ҷиҳати масъалагузорӣ, таҳқиқу пажӯҳиш, таҳлилу муқоиса ва хулосаву ҷамъбаст аз дигар асарҳои илмиву тадқиқотӣ ба куллӣ фарқ мекунад ва он дар сатҳи ниҳоят баланди илмиву эҷодӣ таълиф ёфтааст.

Ҳатто муҳаққиқ дар он масъалаҳои муҳим ва тадқиқталаберо, ки мавриди баррасӣ ва таҳқиқи проблемавӣ гузоштааст, ба муҳаққиқони оянда роҳи васеъ мекушояд ва ҳамзамон, муайян месозад, ки тадқиқотчиёни ҷавон ба кадом масъалаҳои мубрам ва тадқиқталаб бештар таваҷҷуҳ зоҳир намоянд. Аз ин лиҳоз, шоҳасари «Тоҷикон» ба доираи васеи муаррихони тоҷик ҳамчун қутбнамои корҳои илмиву тадқиқотӣ аз таърихи халқи тоҷик ба шумор меравад.

Бобоҷон Ғафуров то рӯзҳои вопасини зиндагии худ пайваста машғули тавзеҳ ва такмили асари асосиаш-«Тоҷикон» буд. Дар бадали 30 соли кори эҷодии худ дар сари таърихи халқи тоҷик, Б. Ғафуров ҳаҷми асарашро се марортиба зиёд намуда, онро аз як китоб ба ду китоб мерасонад. Ин асар, ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ дар шаҳрҳои Душанбе ва Маскав шаш маротиба ба

табъ расидааст. «Тоҷикон» на танҳо аз ҷиҳати ҳаҷм ва гунҷоиш, балки бештар мазмунан низ ғанӣ ва пурра гардидааст. Академик Бобоҷон Ғафуров китоби худро пурра намуда, орзу дошт, ки «Тоҷикон» ҳарчӣ зудтар ба забони тоҷикӣ нашр шуда, дастраси доираи васеи хонандагон гардад, вале ин орзуи олим пас аз маргаш ҷомаи амал пӯшид. Ҳангоми ба чоп омода намудани «Тоҷикон» ба забони тоҷикӣ бо дарназардошти афзоиши ҳаҷми нашрия (75 ҷузъи чопӣ, бо сабабҳои техникӣ), муҳаррири масъули китоб-Аҳрор Мухторов мувофиқи ризоияти муаллиф асарро ба ду ҷилд тақсим намудааст. Воқеан, ҷилди аввал, чаҳор фасли нахустинро (то асри 16), ҷилди дуюм бошад, давраи аз асри 16 то ғалабаи Инқилоби Октябрро дар бар мегиранд. Дар соли 1983 нашриёти «Ирфон» китоби якум ва дар соли 1985 бошад, китоби дуввуми «Тоҷикон»-ро ба хонандагони деринтизор тақдим намудааст. Бобоҷон Ғафуров ҳангоми ба забони тоҷикӣ тайёр кардани асари худ, маълумотҳои манбаъҳо ва тадқиқотҳои гуногунро то аввали соли 1977 моҳирона истифода бурда, иловаҳои эҷодӣ ва тасҳеҳ ворид намудааст.

Муҳаққиқон таъкид месозанд, ки Бобоҷон Ғафуров дар шоҳасари «Тоҷикон» тарзу усули нигориши ҷаззоб ва дилфиребро куллан риоя намудааст ва асари мазкур ҷанбаи пурқуввати илмии академиро соҳиб шудааст, вале бо вуҷуди он, асар бевосита ба тариқи оммафаҳм нигошта шудааст ва шахси андак босавод, онро мутолиа намуда, аз он пурра баҳраманд шуда метавонад. Зимнан, тарҷумаи тоҷикии асар (нашри солҳои 1983, 1985) бори дигар равонии тарзу усули нигориши ин шоҳасарро собит менамояд. Бешаку шубҳа, хусусияти умда ва хоси олими мумтоз-Бобоҷон Ғафуров дар он таҷассум меёфт, ки ӯ аз сарчашмаҳои хаттӣ, манбаъҳои сершумори таърихӣ, санаду ҳуҷҷатҳои нодир, асноди бойгонӣ ва амсоли он васеъ ва ба мавқеъ истифода мебурд.

Масалан, муҳаққиқи заҳматкаш ва тозакор танҳо дар ҷараёни таълифи нашри тоҷикии «Тоҷикон» беш аз 2000 номгӯйи сарчашмаҳои ватаниву хориҷӣ, монографияҳо, брошюраҳо ва мақолаҳои илмиро самаранок истифода бурдааст, ки аз онҳо, 367 ададашон ба қалами олимони хориҷӣ мутааллиқ мебошанд, ҳатто барои дастрас намудани баъзе аз онҳо худаш махсус ба хориҷа сафар карда, онҳоро бо машаққатҳои зиёд мутолиаву коркард намудааст.

«Тоҷикон» аз ҷумлаи китобҳои муқаррарӣ нест, он таърихи сеҳазорсолаи халқест, ки роҳи дуру дарозеро тай намуда, қариб дар ҳар як марҳилаи таърихӣ барои ҷисман зинда мондан, барои осори маданиашро ҳифз намудан, барои ҳаққу ҳуқуқи маънавияшро барқрор намудан пайваста мубориза бурдааст. Ба қавли комили академик Акбар Турсон, он асарест, ки худи ҳозир ба китоби рӯйимизии ҳар як фарди тоҷик табдил ёфтааст, онро аллакай мардум дар мағозаҳо кофта мегарданд, якбора чанд нусха харида, ба фарзандон ва хешовандонашон тақдим менамуданд.

Воқеан, ин асари нодир ба аксарияти олимони шарқшиноси ватанӣ ва ховаршиносони хориҷӣ таассуроти оламшумул бахшида, Тоҷикистонро ба худаш ва берун аз он шинос намуд. Ин асар бо теъдоди 10 ҳазор нусха дар Маскав нашр шуда, мутаассифона, теъдоди ками он ба Тоҷикистон расид. Вале, дӯконҳои китобфурӯшӣ ин китобро «зери остин» фурӯхтанд.

**Муқарриз: Шарифова М.Қ. – н.и.т., дотсенти ДОТ дар ноҳияи Рашт**

**Адабиёт:**

1. Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав. –Душанбе: Дониш, 2008.
2. Ғаффоров У. Равшангари таърих. - Душанбе, 1990. – С.18.
3. Қадамҳои бузурги “Тоҷикон”. // Адабиёт ва санъат.-1987.-28 март.
4. Литвинский Б. Наследие академика Б.Гафурова.//Коммунист Таджикистана, 1978, 12 июл.
5. Муллоҷон С. Масъалаҳои омӯзишу парвариш дар осори Б. Ғафуров. // Маориф – гарави пешравии ҷомеа. – Душанбе, 2015.-С.29
6. Мухтаров А. Академик Гафуров Бободжан Гафурович. - Душанбе, 1989. – С. 28.
7. Мухторов А. Акадмик Бобоҷон Ғафуров – таърихи тоҷикон дар ойинаи тамаддуни ҷаҳон.//Паёми Истаравшан. - 1998.-1-5 окт.
8. Мухторов А. Қадамҳои бузурги “Тоҷикон”. // Адабиёт ва санъат. -1987. - 28 март.
9. Мухторов А. Судьба научного наследия Бобаджана Гафурова. //Дайджес пресс.-1998.-1 мая.
10. Раҳмонов Э. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби якум. Аз ориён то Сомониён. – Лондон, 1999. – С. 8.
11. Суҳбат бо дотсент Равшанзод М. 13.02. 2023.
12. Хайдаров Г. Выдающийся ученый- востоковед. // Ленинабадская правда.- 1979. - 29 дек.
13. Хайдаров Г. Подвиг ученного. //Ленинабадская правда. - 1978. - 30 дек.).

**Literature:**

1. Ghafurov B.Gh. Tojikon. The ancient history, ancient, the middle century and the new world. – Dushnabe: Donish, 2008.
2. Ghafforov U. the illuziation - Dushnabe, 1990. – P.18.
3. The great steps of “Tojikon”.// Literature and art. – March 28, 1 987/
4. Litvinski B. the legacy of an academician of Ghafurob B.//Communist Tajikistan, July 12, 1978.
5. Mulojon S. the issue of education and upbringing in the work of Ghafurov B. Education is the key to the progress of society. Dushanbe, 2015. – P. 29.
6. Mukhtorov A. Academician of Ghafurov Bobojon Ghafurivich. – Dushanbe, 1989. – P. 28.
7. Academician Bobojon Ghafurov – the history of Tojikon in the mirror of the world culture.// The massage of Istaravshan. – October 1-5, 1998.
8. Mukhtorov A. The fate of scientific heritage of Ghafurov Bobojon. Digest press. March 1, 1998.
9. Muhktorov A. The great steps of “Tojikon”. // Literature and art. March 28, 1987.
10. Rahmonov A. Tajiks in the mirror of the history. The first book. From Oriyo till Somoniyon. – London, 1999. – P. 8.
11. Interview with the assistant professor Ravshanzod M. 13.02.2023.
12. Haidarov G. outstanding scientist – Orientalist. // Leninabad’s right. – December 29, 1979.
13. Haidarov G. The feat of a scientist.// Leninabad’s right. – December 30, 1978

## “ТОҶИКОН” ШОҲАСАРИ БЕЗАВОЛИ БОБОҶОН ҒАФУРОВ

Дар мақолаи мазкур муаллиф таъкид месозад, ки Бобоҷон Ғафуров дар шоҳасари «Тоҷикон» тарзу усули нигориши ҷаззоб ва дилфиребро куллан риоя намудааст ва асари мазкур ҷанбаи пурқуввати илмии академиро соҳиб шудааст, вале бо вуҷуди он, асар бевосита ба тариқи оммафаҳм нигошта шудааст ва шахси андак босавод, онро мутолиа намуда, аз он пурра баҳраманд шуда метавонад. Зимнан, тарҷумаи тоҷикии асар (нашри солҳои 1983, 1985) бори дигар равонии тарзу усули нигориши ин шоҳасарро собит менамояд. Бешаку шубҳа, хусусияти умда ва хоси олими мумтоз-Бобоҷон Ғафуров дар он таҷассум меёфт, ки ӯ аз сарчашмаҳои хаттӣ, манбаъҳои сершумори таърихӣ, санаду ҳуҷҷатҳои нодир, асноди бойгонӣ ва амсоли он васеъ ва ба мавқеъ истифода мебурд. Воқеан, ин асари нодир ба аксарияти олимони шарқшиноси ватанӣ ва ховаршиносони хориҷӣ таассуроти оламшумул бахшида, Тоҷикистонро ба худаш ва берун аз он шинос намуд. Ин асар бо теъдоди 10 ҳазор нусха дар Маскав нашр шуда, мутаассифона, теъдоди ками он ба Тоҷикистон расид. Вале, дӯконҳои китобфурӯшӣ ин китобро «зери остин» фурӯхтанд.

**Калидвожаҳо**: муаррих, худшиносӣ, тадқиқот, шарқшиносӣ, таърих, бузург, безавол, тамаддун, маданият, қадим, муаллиф, инқилоб, шарқ, бостоншиносӣ, тоҷикон, этникӣ.

## «ТАДЖИКОНЫ» НЕПРЕВЗОЙДЕННЫЙ ШЕДЕВР БАБАДЖОНА ГАФУРОВА

В данной статье автор подчеркивает, что Бободжон Гафуров в своем шедевре “Таджики полностью придерживался привикательного и увлекательного стиля написания, а данное произведение приобрело мощный научный академический аспект. Несмотря на это, работа написана доступным для широкой аудитории языком, и человек с небольшим уровнем образования может прочитать ее и получить от нее полную пользу. Кроме того, таджикский перевод произведения (издания 1983 и 1985 годов) вновь птверждает особенности стиля и метода этого щедевра. Без сомнения, основания и характерная черта выдающегося ученого Бободжона Гафурова заключается в том, что он широко и правильно использовал письменные источники, многочисленные исторические материалы, редкие документы и архивные материалы и тому подобнее. Действительно, этот редкий труд произвел неизгладимое впечатление на большинство отечественных и зарубежных востоковедов, познакомив с Таджикистаном как самого себя, так и весь мир. Это произведение было издано в Москве тиражом 10 000 экземпляров, но, к сожалению, лишь небольшое их количество достигло Таджикистана. Однако книжные магазины продавали эту книгу «из-под колпака».

**Ключевые слова:** историк, самосознание, исследование, востоковедение, история, величие, вечность, цивилизация, культура, древность, автор, революция, восток, археология, таджики, этнический.

## "TAJIKONS" THE UNBEATABLE MASTERPIECE OF BABAJON GAFUROV

In this article, the author emphasized that Bobojon Ghafurov has fully adhered to the style and method of charming and captivating writing in his masterpiece “Tajikon” and this work has a strong scientific and academic aspect, but despite this, the work is directly written in a way that is understandable to the general public and even a slightly

literate person can read it and fully benefit from it. At the same time, the Tajik translation of the work (published in 1983, 1985) once again proves the psychological approach and method of writing this masterpiece. Undoubtedly, the main and distinctive feature of the great scholar Bobojon Ghafurov was that he made extensive and appropriate use of written sources, rare documents and records, archival documents and the like. Indeed, this rare work made an indelible impression on most domestic and foreign orientalists, introducing both themselves and the world to Tajikistan. This work was published in Moscow in a print run of 10,000 copies, but unfortunately, only a small number of them reached Tajikistan. However, bookstores sold this book "under the hood".
**Key words:** historian, self-knowledge, investigation, oriental studies, history, great, civilization, culture, ancient, the author, revolution, east, archaeology, ethnic.

**Маълумот дар бораи муаллифон: Шарифова Макнуна Қарчибековна –** Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, муовини ректор оид ба корҳои тарбия, номзади илмҳои таърих, дотсент. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к. Э. Муҳиддин-63. Телефон: (+992) 905-18-00-33.

**Шарифова Гулноза Абдувоситовна –** Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, магистранти курси 2-юми ихтисоси таърих. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к. Э.Муҳиддин-63.

**Сведения об авторах: Шарифова Макнуна Карчибековна** – Таджикский педагогический институт в Раштском районе, заместитель ректора по воспитательной работе, кандидат исторических наук, доцент. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, ш. Гарм, к. Э. Мухиддина-63. Телефон: (+992) 905-18-00-33.

**Шарифова Гулноза Абдувоситовна** – Таджикский педагогический институт в Раштском районе, магистрант 2-го курса специальность «История». Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Гарм, ул. Э.Мухиддин-63.

**About the authors: Sharifova Maknuna Karchibekovna** – Tajik pedagogical institute in Rasht district, deputy rector for educational work, candidate of historical sciences, associate professor. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Garm highway, E. Mukhiddin-63. Phone: (+992) 905-18-00-33.

**Sharifova Gulnoza Abduvositovna** – Tajik pedagogical institute in Rasht district, 2nd year master's student, specialty "History", Address: 734025, Republic of Tajikistan, Garm city, E. Mukhiddin street-63.

**ТДУ: 93/94**

# ҶАНБАҲОИ ТАЪРИХИИ ПАРЧАМ

**Тағдиров А.У.**
**Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт**

Бигзор Парчами давлатии Тоҷикистони соҳибистиқлоли мо бар сари миллати тоҷик ва давлати тоҷикон то ҷовидон парафшон бошад ва моро ба сӯиояндаи ободу осуда роҳнамоӣ созад.

**Эмомалӣ Раҳмон**

Дар фарҳанги тафсири забони тоҷикӣ калимаи парчам ва муродифҳои он дирафш, (дурафш), алам, ливо, байрақ, роят [9] чунин тафсир шудаанд.

Алам - калимаи арабӣ буда, маънои байрақ, ливо ва парчамро дорад. Инчунин дар заминаи ин истилоҳ мафҳуми аламбар ба маънои парчамдор, парчамбар, байрақдор, байрақбар ва аламдор ба маънои байрақдор шарҳ дода шудаанд [6, с. 46].

Байрақ ё байроқ - калимаи туркӣ буда, маънои матои ранги муайяндошта аст, ки ба чуби борики дарозе насб карда шуда, дар он маъмулан, нишони давлат ва ҷамъияту ташкилот ҳамчун рамзи мавҷудият тасвир меёбад. Байракро замоне байдақ низ меномидаанд [6, с. 46-47].

Аз муродифҳои ифодакунандаи маънои рамзи давлатӣ дирафш вожаи форсӣ-тоҷикӣ буда, парчам ба забонҳои халқҳои Осиёи марказӣ иртибот дорад. Вожаи дирафш дар забони авастоӣ drafšā [5, с. 56], паҳлавӣ drafš суғдӣ ,rδ’šp [drafša < ərδəš] [8, с. 258] ба маънои парчам ба кор рафтааст. Ин вожа дар забони арманӣ чун drafš маълум буда, мурраби он низ дар шакли дирафш аст.

Мутобиқи фарҳангномаи куҳани дарӣ парчам ба маънои байрақ, ливо ва пӯпаки абрешимин, ки ба байрақ баста мешавад, шарҳ дода шудааст. Парчам пӯпаки абрешимӣ, мӯй ё думи гови кӯҳӣ (қӯтос) буда, ба найза ва алам баста мешуд [10, с. 377].

Вожаҳои парчам ва дирафш аз вожаҳои алам, байрақ, ливо ва роят ба вижагии умдаашон бартарӣ доранд.

Дар баъзе сарчашмаҳо ҳангоми ифодаи рамзу рисолати давлатдорӣ оид ба вожаи фарр низ маълумот дода шудааст. Дар фарҳанги забони адабии тоҷик фарр ба маънои нур, равшанӣ, партав ороиш, шаъну шукуҳ ва ҳусну ҷамол омадааст.

Инчунин дар сарчашмаҳои таърихӣ истилоҳи роят, ки калимаи арабӣ буда, маънои парчам, байрақ ва ливоро дорад, дар бисёр маврид ба маънии парчам истифода шудааст.

Ниҳоят, истилоҳи арабии ливо низмаънои байрақ, алам ва парчамро дошта, дар ҳамаи давраҳои таърихӣ дар адабиёт ва миёни ҷомеа мавриди истифода қарор доштааст. Масалан, иборахои «таҳти ливои миллӣ», «ливои дӯстӣ афроштан» ба таври «ливои зафар афроштан», «ливои истиқлол афроштан» фаровон ба мушоҳида мерасад [6, с. 48].

Дар масири таърих муродифҳои дирафш, алам, ливо ва байрақ номи асосии ин рамзи давлатӣ буда, бо мурури замон ҳамдигарро иваз кардаанд. Ҳануз дар асрҳои III-II пеш аз милодқабилаҳои ориёнажод соҳиби рамзи худ бо

номи фарри ориёӣ буданд. Баъдан ин рамзро бо номи парчам истифода бурданд. Пас аз истилои арабҳо тақрибан шуруъ аз асри VIII милод парчам бештар бо номҳои алам ва ливо муаррифӣ мешуд [6, с. 50].

Метавон ойини парчамдории тоҷиконро вобаста ба ҳукмронии сулолаҳо ба чунин марҳалаву номҳо ҷудо намуд:

- Дирафши Ковиёнӣ;
- Штандарти империяи Ҳахоманишӣ;
- Дирафши давлати Ашкониён;
- Дирафши давлати Сосониён;
- Дирафши давлати Сомониён;
- Дирафши сулолаи Ғуриён;
- Парчами Аморати Бухоро;
- Байрақи Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон;
- Байрақи Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон;
- Парчами Ҷумҳурии Тоҷикистон [6, с. 67].

Тавре, ки болотар зикр шуд, муовифқи сарчашмаҳои таърихӣ аҷдоди мо ҳануз дар асрҳои III-II пеш аз милод соҳиби рамзҳои «меҳр» ё «фарри ориёӣ» буданд, ки чун тимсоли замину хуршед, покиву озодагӣ ва нишонаи абадият ба чаҳор унсури ҳаёт-хок, об оташ ва ҳаво ё ба асосҳои мавҷудияти олами ҳастӣ далолат мекарданд [6, с. 67].

Доир ба муҳим будани суннати парчамдорӣ ва тавоҷҷуҳи пешвоёни халқи мо ба он дар яке аз сарчашмаҳои боэътимоди таърихи миллатамон, яъне дар китоби Авесто аз номи Аҳурамаздо чунин ёд мешавад: «Чаҳорумин кишвари неке, ки ман - Аҳурамаздо офаридам, Баҳдии зебои афроштадирафш буд [Baxδim sriram ərəδβō drafša]» [4]. Воқеан, дар аксари сарчашмаҳои таърихӣ аз парафшонии доимии парчамҳои Балхи бостонӣ ёд мешавад.

Тибқи пажуҳишҳои таърихиву бостоншиносӣ таърихи парчамдориву парчамбардории халқи мо ҳанӯз аз аҳди бостон, яъне аз давраи давлатдории сулолаҳои Пешдодиён ва Каёниён оғоз шудааст, ки ин далел худ аз суннати дирафшбардор будани тоҷикон башорат медиҳад.

Аҷдодони шарафманди мо на танҳо империяҳои абарқудратро ба монанди Ҳахоманишиёну Ашкониён ва Сосониёну Сомониён таъсис дода, низоми тавонманди идоракунии давлатиро созмон додаанд, балки муаллифи аввалин парчамҳо ва яке аз нахустин парчамбардорон мебошанд.

Перомуни суннати парчамбардории давлатҳои абарқудрати ниёгони мо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин нигоштаанд: «Ҳанӯз дар ливои Куруши Кабир тасвири уқоб, ки нишонаи қудрату тавоноист, нақш гардида буд, ки он парчам рамзи як давлати неруманди замона ба ҳисоб мерафт. Ҳамчунин, метавон аз ливои Коваи бузург ёдовар шуд, ки нишонаи равшани меросияти муборизаву ҷоннисориҳои ниёгони мо мебошад» [7].

Айни замон аз рӯи устура ва минётураҳои бостонӣ баъзе шаклу сохти парчамҳо барқарор гардидаанд, ки дар ҳақиқат онҳо як ҷузъи ойини давлатдории тоҷикон буда, аз арҷ гузоштани аҷдоди мо ба ҳамин парчамҳои гузаштагони худ шаҳодат медиҳанд.

Яке аз онҳо Дирафши ковиёнӣ - парчами дар таърих машҳуру номдор буда, нишонаи абадияти давлатдориву давлатсозии мардуми ориёист.

Дирафши Ковиёнӣ аз пӯст сохта шуда, дорои рангҳои сурх ва зарду бунафш буда, шакли чоркунҷа доштааст. Дирафши ковиёнӣ дар дарбори шоҳ ва мазеи баланди берун аз иморат, ки дар он барои насби дирафш ҷойи махсус муқаррар шуда буд, афрохта мешудааст [6, с. 68].

Баъзе таърихнигорон чунин ақида доранд, ки баъди пайдо шудани маҳбубияти мардум нисбат ба Дирафши ковиёнӣ замина ба миён омад, ки парчам ба рамзи пирӯзӣ ва давлатдорӣ табдил ёбад ва ҳар шахсе, ки ба қудрат расида, кулоҳи шоҳӣ ба сар менамуд, парчамро баланд меафрохт ва онро гиромӣ медошт.

Марҳалаи гиромӣ доштани парчам дар таърихи давлатдории тоҷикон аз ҳикояти ҷолиби Шоҳномаи Абулқосим Фирдавсӣ роҷеъ ба корномаи Коваи оҳангар, ки то ба рӯзгори мо расидааст, оғоз мегардад.

Коваи оҳангар аз зулму истибдоди Заҳҳок ба дод омада, алайҳи ин шоҳи золимпеша ба шӯриш бармехезад. Кова пешдомани чармии худро ҳамчун рамзи ваҳдат бар нӯги найза баста, мардумро ба мубориза даъват менамояд ва ниҳоят ба пирӯзӣ мерасад.

Пас аз ҷониби шӯришгарон сарнагун шудани Заҳҳок шоҳ Фаридун пешдомани Коваи пирӯзро Дирафши ковиёнӣ (тибқи баъзе сарчашмаҳо Ахтари ковиёнӣ) номида, онро бо зару зевар оро медиҳад ва муқаддас медонад.

Тибқи фарзияи дигари таърихнигорон Дирафши ковиёнӣ нахустин парчами тоҷикон эътироф шуда, он ҳамчун рамзи ваҳдат, истиқлол, давлатдорӣ ва ягонагии мардуми мо қабул гардидааст.

Чун сухан аз таърихи парчамдории мардуми тоҷик ва корномаи Коваи диловар рафт, асари ҷаҳонии Абулқосим Фирдавсӣ - Шоҳнома пеши назар меояд, ки он намунаи осори барҷастаи ватандӯстӣ ва тарғибгари некиву мардонагӣ мебошад. Аз оғоз то анҷоми ин асари безавол мо истилоҳи дирафшу аламро дучор меоем, ки аз парчамбардории Коваи оҳангар ва дигар баҳодурони аҷдоди тамаддунофари тоҷик ёд мешавад:

Фурӯҳишт аз ӯ зарду сурху бунафш,
Ҳамехондаш ковиёни дирафш.
В-аз он пас ҳар он кас, ки бигрифт гоҳ,
Ба шоҳӣ ба сар барнигоҳоди кулоҳ.
Бор он бебаҳо чарми оҳангарон,
Баровехтӣ нав ба нав гавҳарон.
Зи дебои пурмояву парниён,
Бор он гуна гашт ахтари ковиён [2].

Баъд аз ғалабаи Кова Дирафши ковиёнӣ дар байни мардум азизу муътабар гардида, онро ҳангоми разму набардҳо пешопеши сипоҳ мебурданд. Дар сарчашмаҳо омадааст, ки Дирафши ковиёнӣ солҳои сол мояи ифтихору ғурур ва маншаи пирӯзиҳои ворисони Фаридун будааст.

Фирдавсӣ дар «Достони Заҳҳок ва Коваи оҳангар» ҳикояти мазкурро ифода намудааст:

...Чу Кова бурун омад аз пеши шоҳ,
Бар ӯ анҷуман гашт бозоргоҳ.
Ҳаме бархурушиду фарёд хонд,
Ҷаҳонро саросар сӯи дод хонд.
Аз он чарм, к-оҳангарон пушти пой,
Бипӯшанд ҳангоми захми дарой.

Ҳамон Кова он бар сари найза кард,
Ҳамон гаҳ зи бозор дархост гард...
Биёмад ба даргоҳи солори нав,
Бидидандаш аз дуру бархост гав.
Чу он пӯст бар найза - бар дид кай,
Ба некӣ яке ахтар афканд пай.
Биёрост онро ба дебои Рум,
Зи гавҳар бар ӯ пайкару зар - ш бум.
Бигзар бар сари хеш чун гирдмоҳ,
Яке фоли фаррух пай афканд шоҳ [1].

Батадриҷ шукуҳу шаҳомати Дирафши ковиёнӣ афзун гардида, дар заминаи он парчам ба рамзи пирӯзӣ ва давлатдорӣ мубаддал гардид. Бо такя ба эътиқоду эътимод шоҳон то дараҷае Дирафши ковиёниро ороставу мунаққаш намуда, баланд афрохтанд, ки дар шаби тор чун хуршед медурахшид ва ба мардум фараҳу шодӣ эҳдо иекард.

Ба ин маънӣ боз ҳам Абулқосим Фирдавсӣ фармуда:
Аз ин пас ҳар он кас, ки бигрифт гоҳ,
Ба шоҳӣ ба сар барниҳоди кулоҳ.
Бар он бебаҳо чарми оҳангарон,
Баровехтӣ нав ба нав гавҳарон.
Зи дебои пурмояву парниён,
Бар он гуна гашт ахтари ковиён.
Ки андар шаби тира хуршед буд,
Ҷаҳонро аз ӯ дил пурумед буд [2].

Ровиёни таърих бар онанд, ки Дирафши ковиёнӣ муддати тӯлонӣ мояи ифтихору ғурур ва ифодагари пирӯзиҳои ворисони Фаридун қарор гирифта, то замони суқути давлати Сосониён дирафши милливу давлатӣ ба ҳисоб мерафт.

Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳо сароғоз парчам чун рамзи неруву тавоноӣ ва лашкаркашиву кишвarkкушоӣ пазируфта шудааст.

Тибқи маълумоти устураҳо аввалин тасвири парчами сипоҳи ориён-порсҳо ва суғдиёну бохтариён мутаалиқ ба асрҳои II - I то милод дар фаршнигораҳои шаҳри Помпеи Рум кашида шудааст [6, с. 71]. Дар он саҳнаи муҳорибаи сипоҳи давлати Ҳахоманишиён бо сарварии Дорои III бо лашкари Искандар дар соли 330 то милод акс ёфта аст. Соли 330 то милод Искандари Мақдунӣ империяи Ҳахоманишиёнро пароканда кард. Баъдан дар ҷои он давлати Парфия (Ашкониён) таъсис шуда, шакли дирафш то давраи Сосониён тағйир ёфтааст [6, с. 71].

Бинобар маълумоти сарчашмаҳо доир ба нахустин парчам ва ливо (штандарт)-и тоҷикон нигоштаву фарзияҳо зиёд мебошанд. Яке аз чунин рамзҳо штандарти давлати Ҳахоманишиён аст.

Штандарт ё дирафши шоҳаншоҳии Ҳахоманишиҳо (солҳои 558-330 то милод) бори аввал аз вайронаҳои Персеполис (Тахти Ҷамшед) ёфт шудааст. Бостоншиносон ҳангоми ҳафриёт порчаи филизии ранги сурхдоштаро пайдо карданд, ки дар байни он уқоби тиллоӣ бо болҳои кушода тасвир ёфта, атрофи он бо парчам ё шилшилаҳои сурх ва сафеду сабз оро дода шуда, дар чанголҳояш гулчанбари тиллоӣ дорад.

Парчами он давра дар чубдасте баста шуда, нӯги он симҳои рамзӣ доштааст, ки мутаасифона, то замони мо нарасидаанд. Азбаски шоҳони

Ҳахоманишӣ ворисони Каёниён мешуморанд, шояд ба ин хотир дар дирафши онҳо анъанаи Дирафши Ковиён боқӣ мондааст. Парчами онҳо аз чӯбдасти дароз, ки сари онро қубаи тиллоӣ, тасвири нимамоҳ ва парандаи фардор ороиш медод, иборат буд. Ин тасвирҳо рамзи алоқамандии шоҳ бо Худованд ва олами боло маҳсуб мешуд.

Дирафш аз матои сурхи се тарафаш бо шероза зардӯзишуда ва поёнаш силсиладор (шилшиладор), яъне зангӯладор иборат буд, ки ҳангоми ҳаракат кардан ва алвонҷ додан садо медод.

Дар қисми марказӣ бо тилло ва сангҳои қиматбаҳо уқоби болкушода дӯхта шудааст ва тахмин меравад, ки нӯги Дирафши ковиёнӣ дар замони Каёниён низ чунин тасвир доштааст.

Ба ақидаи коршиносон тилло рамзи офтоб будааст. Чун Офтоб ва Оташ рамзи рӯшноӣ ва гармию сурхианд, онҳоро аз ҷумлаи муқаддасот медонистанд ва аз ин хотир ороишоти парчами Ҳахоманишиён мутобиқи он будааст.

Рамзҳои ин парчам мутобиқ ба табақабандии ҷомеаи Ҳахоманишиён буда, бар асоси он ҷомеа аз се табақа - лашкариён, муъбадон ва кишоварзон иборат будааст. Ба табақаи якум шоҳон низ ҳамчун сарлашкарон дохил мешуданд. Азбаски шоҳон худро аз табақаи олӣ ва алоқаманд бо олами улвӣ ва худоён медонистанд, бинобар ин рамзҳои парчами онҳо низ баёнгари ин маъно буд.

Парчами давлати Сосониён аз матои чоргӯша иборат буда, бо ситораи ба чор тараф нурафкан оро дода шудааст. Дар қисмати болоии он уқоби тиллоии болкушода, ки дар чанголҳояш саққоҳои тиллоӣ дорад, тасвир ёфтааст. Дар замони Сосониён тарҳи парчам тағйир ёфта, хурду мураббаъ мегардад ва онро чилипо - салиб ба чор бахш тақсим менамояд (дар сари он парандаи ҳумо бо болҳои кушода меистод) [6, с. 73].

Маънои тасвирҳои ин парчам ба дини эътиқоддоштаи Сосониён иртибот дорад.

Ҳангоми шикаст хӯрдани шоҳи охирини сулолаи Сосониён Яздигурди III дирафши онҳо ба дасти сарлашкари араб Саъди Ваққос афтода, ҳамчун ғанимат ба халифа Умар ибни Хаттоб фиристода мешавад. Бо дастури халифа дурру гавҳари дирафшро гирифта, чармро пора карданд. Ҳоло намунаи ин дирафш (шакли бозсозишуда) дар осорхонаи миллии Эрон нигоҳдорӣ мешавад[6, с. 74].

Умуман, Дирафши ковиёнӣ нахустпарчами фарзандони Эраҷи каёнӣ буда, баъдан ҳамчун парчами шоҳони эронӣ, аз ҷумла парчами давлатии хонадони Сосониён қабул гардидааст.

Парчами бохтариён чӯбдасте, ки бар он порчаи матои камбар ва дароз баста шудааст, иборат буд. Қисмати охири матои ин парчам ба се секунҷа тақсим мешуд, ки он рамзи забонаи оташ мебошад [6, с. 74]. Оташ аз муқаддасоти динӣ буда, рамзи покиву ҷовидон будани зиндагиро дошт ва дар оташкадаҳо мавриди парастиш қарор мегирифт [6, с. 74].

Бо истинод ба бозёфти Қумтеппа парчами бохтарӣ дар асрҳои IV-V милод ба шакле, ки дар боло тасвир гардидааст, мавриди истифода будааст [6, с. 74].

Парчами суғдиён низ ба парчами бохтариён шабоҳат дошта, фарҳанги умдаи он дар қисмати охири алвонҷхӯрандаи он мавҷуд будани ду забонаи оташ мебошад. Ин парчам низ ҳамчун рамзи давлати миллӣ истифода мешудааст [6, с. 74].

Дар ҷанги байни юнониҳову форсҳо, юришҳои хилофати араб, муборизаи суғдиёни диловар бар зидди арабҳо, амалиётҳои ҳарбии Сомониён, Ғазнавиён,

муғулҳо ва Темуриёну Мнғитиён ҳар лашкар парчами ҷангии худро доштааст [6, с. 74].

Барои дар сафи пеши лашкар ва дар даст устувор доштани парчам сипоҳии далеру неруманде баргузида мешуд, ки ӯро маъмулан аламдор (парчамдор) меномиданд. Ноил шудан ба ин мартаба орзуву омол ва ифтихори ҳар ҳар як сипоҳии ватандӯсту ҷавонмард будааст.

Кас ба шаклу услуби парчамсозии мардуми ориёӣ назар афканда, санъати волои дар шакли хурд ифода намудани марому мақсади давлатҳо ва империяҳои ҷаҳониро эҳсос мекунад, ки он таҷассумгари андешаи давлатсозии онҳо мебошад [6, с. 75].

Бозёфтҳои таърихӣ аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки зимни таҳияи рамзҳои давлатдорӣ аз ҷумла дар парчам ба сифати аломати марказии он тасвири мавҷудоти олам, ҳайвонот ва дигар ашёи зиндагӣ истифода мешуд.

Тадриҷан аломату тасвирҳо вобаста ба пешрафти ҷомеа тағйир ёфта, ҷойи тасвири растаниву ҳайвонот ва дигар аломатҳои пешинаро унсуру аломатҳои муосир иваз намуданд. Ҳамзамон бо ин баъзе аломатҳои дорои хусусияти таърихӣ ва арзиши милливу маънавӣ то ҳол дар рамзҳои давлатии бештар кишварҳо ҳифз шудаанд.

Бинобар таҳқиқотҳои бостоншиносӣ дар шаклҳои бозсозишудаи парчамҳои замони куҳан бештар тасвири моҳу ситора, уқоб мурғи ҳумо, шери болдор ва тоҷдор, забонаи оташ, қуббаи тилло, нимамоҳ, гург, офтоби шӯъладор ва ғайра дида мешавад, ки онҳо маъноҳои гуногунро ифода мекунанд.

Тасвирҳое, ки дар рамзҳои шоҳони ориёии Эрон ва Турон дар сиккаҳо, деворнигораҳо ва сангнигораҳо дида мешаванд роҷеъ ба хусусияти хоси давлатдории гузаштагони мо маълумот медиҳанд.

Яке аз чунин аломатҳо тасвири шер мебошад. Шер рамзи қудрат неру ва шукуҳи кишвар буда, нишонаи неруву тавоноӣ ва далериву паҳлавонӣ будааст. Бозёфтҳои бостоншиносӣ аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки шери болдор рамзи давлатдории шоҳони Хатлон будааст [6, с. 77].

Дар қисмати боло ва пойини нишони шоҳони Хатлон шерозаи ороишӣ тасвир ёфтааст, ки чунин гулкорӣ дар сохтмон ҳам истифода мешудааст. дар маркази нишон тасвири ду шери ба ҳамдигар назаркунанда ҷой дода шудааст, ки маънои он «рақибро аз худ кам ҳисоб накун» мебошад.

Сарчашмаҳои таърихӣ тасвири шерро ҳамчун рамзи бостонии давлатдорӣ ёдовар мешаванд. Дар баъзе катибаҳо ва устураҳо иттилоъ дар бораи шери тоҷдор омадааст, ки тасвири он дар рамзҳои давлатӣ ба маънои муҳофизи дарахти ҳаёт арзиёбӣ мешуд [6, с. 77].

Тасвири шер ба маънии шоҳи ҳайвонот ва уқоб ҳамчун ҳомии озодӣ ва ҳоким дар миёни парандаҳо рамзи қудрату бузургии давлат ва ғолибияти лашкар будааст.

Омӯзиши таърихи парчамдории тоҷикон собит намуд, ки бештари шаҳрвандон ба тасвири шер дар парчам ва нишони тоҷикон таваҷҷуҳи хоса доранд.

Мавриди зикр аст, ки дар Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни таҳияи рамзҳои давлатӣ аз ҷониби комиссияи таъсисёфта ва баъзе донишмандони тоҷик ба Нишон ва Парчами давлатии Тоҷикистони соҳибистиқлол илова намудани тасвири шери болдор тавсия шуда буд [6, с. 77-78].

Бо таваҷҷуҳ ба нукоти боло метавон хулоса кард, ки Дирафши ковиёниро боло бардоштани Кова ба хотири тасарруфи мансаб ва сарвату давлат набуда, балки ба мақсади бартараф сохтани зулму истибдод ва муттаҳид намудани мурдум таҳти парчами озодӣ будааст.

Дирафшбардории халқи тоҷик дар ҳаму давру замон ба хотири қатлу ғорат ва забту тасарруфи марз набуда, ниёгони мо ба муқобили душманоне, ки қасди ғорату истило доштанд, парчами адолату истиқлолиятро барафрохтаанд.

Дирафши Коваи оҳангар дар замири тоҷикон мақому шукуҳи таърихии худро гум накарда, балки сол аз сол эътибору манзалати он афзун мегардад. Дарбисёр сарчашмаҳои таърихӣ замони барафрохтани онро оғози муборизаҳои озодихоҳии аҷдоди мо барои аз байн бурдани зулму истибдод меҳисобиданд. Аз он айём то имрӯз садоқати мардум ба парчам ҳамчун рамзи озодӣ ва давлатдории тоҷикон бештар гардидааст.

Мусаллам аст, ки дар фарҳанги давлатдории дигар халқҳои ҷаҳон низ рамзу нишонҳои махсус таҳия ва корбаст шуда, ҳар як рамз дорои маънои хос ва ифодакунандаи эътимоду эътиқоди халқу миллатҳо мебошад.

Парчам дар ёддошту таърихномаҳо ва ашъори безаволи адибони тоҷик аз мавзӯъҳои мубрам буда, ин иқдом то замони мо идома ёфтааст. Имрӯз Дирафши ковиёнӣ дар Ливои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасвир ёфтааст, ки рамзи пойдорӣ ва бардавом будани давлатдории миллӣ мебошад.

Аз навиштаҳои муаррихи юнонӣ Ҳеродот бармеояд, ки шоҳони Ҳахоманишӣ бахусус, ҳар сатрап ва қабилаҳои тобеи онон ба тарҳ ва рангҳои мухталиф соҳиби дирафши хеш будаанд.

Тибқи ривоятҳо Фаридун дар муҳорибаҳо гурзи говсар ва дирафши худро истифода мекардааст. Дар дирафши ӯ гов бо оби тилло ҳамчун рамзи авлодӣ ва нишонаи нерӯмандӣ тасвир шуда буд.

Азбаски говмард дар асоси ривоятҳои ориёӣ саравлоди олами ҳайвонот ва башарият шуморида мешавад, бинобар ин ӯро ҳамчун рамзи нерӯмандӣ дар парчаму поясутунҳои қасру кушкҳо тасвир мекарданд. Ин аст, ки ҳамаи сутунҳои Тахти Ҷамшед (Персеполис) бо муҷассамаи наргов зиннат ёфтааст.

Тибқи баъзе фарзияҳо, номи ковиёнӣ дирафш аз номи Кова набуда, он ба номи шоҳони хонадони Кай алоқаманд будааст, яъне шоҳони аввалини ориёӣ Кай ном дошта, вожаи ковиён низ аз ҳамин истилоҳ маншаъ гирифтааст. Яъне тибқи чунин фарзия шакли асосии парчами он даврон дирафши шоҳони Каёниён будааст.

Аз ин ҷост, ки истилоҳи мазкур дар Авесто (Ясно 10,14) [11] ба гава-дирафш ва дар забони паҳлавӣ ба говдирафш табдил шуда ба маънои зӯрмандӣ, бузургӣ, ҷунбиш, ҳаракат, ларзиш ҳайбат ва ғайра омадааст [6, с. 90].

Абурайҳони Берунӣ дар «Осор-ул-боқия» овардааст, ки Дирафши ковиёнро аз пусти хирс ва шер сохта, бо ҷавоҳироти зиёд оро медоданд. воқеан мувофиқи баъзе сарчашмаҳо дирафш аз пусти шер ва бо симои шери болдор оро дода шудааст [3, с. 232].

Аз мазмуни матнҳои Авесто бармеояд, ки Дирафши ковиёнро фарр дар шакли мурғи Фарғин (Ҳумо, боша) бо болҳои кушода оро медод.

Ба гуфта муаррихи юнонӣ Квинт Куртсӣ Дирафши Дорои III-ро низ мурғи фарғин боб болҳои кушода оро медодааст ва ин суннат дар давраи Сосониён ва то замони ба дасти арабҳо афтодани дирафши Дорои III давом кардааст.

Ба ақидаи Фирдавсӣ нахустин шоҳи сулолаи Пешдодиён Ҷамшед дорои дирафше буд, ки аз пуст бо акси шери болдор ё офтоби шуъладор сохта шуда, дар дирафши Заҳҳок ду мор тасвир ёфтааст.

Дирафши давлати Каёниён аз чарм сохта шуда, аз рангҳои сурху зард ва бунафш иборат буд. Ранги сурх рамзи ҳаёт ва зиндагии бардавом, ранги зард ифодаи тилло ва покии нажоди ориёиро нишон медодааст. Ранги бунафш рамзи олами рангини замину осмон буда, дар маҷмуъ рангҳои дирафш таҷассуми бузургӣ ва покии олами ҳастии мардумони ориёӣ буданд [6, с. 90-91].

Дирафшҳои бостонӣ ба чубдасте баста шуда, нӯги онҳо бо симоҳои рамзӣ оро дода мешуданд. Мутаасифона нишонае аз ин дирафшҳо ба истиснои тасвирҳо то рӯзҳои мо нарасидаанд. Азбаски шоҳони Ҳахоманишӣ худро ворисони хонадони Каёниён мешумориданд, шояд бо ҳаин сабаб дар дирафши онҳо анъанаи Дирафши ковиён идома ёфта бошад. Парчами онҳо аз чӯбдасти дароз, ки сари онҳо қуббаи тилло, тасвири нимамоҳ ва парандаи фардор ороиш медод, иборат буд.

Шоҳони вилоят ва сипаҳсолорони сафи пеши лашкар, ба монанди Рустам, Гударз ва амсоли онҳо парчами худро доштанд. Дар баъзе дирафшҳо симои паҳлавони номдор тасвир карда мешуд. Сари дирафши Рустамро шер ва худи онро аждари ҳафтсар оро медод.

Маъмулан дар дирафшҳои фардӣ яке аз корнамоиҳои соҳибони он инъикос карда мешуд. Масалан, дар сари дирафши Рустам акси сари аждаҳои ҳафтсар тасвир шуда буд.

Дар дирафшҳои шоҳони Кушониёну Ҳайтолиён шери болдор тасвир шудааст, зеро онҳо худро бо номҳои Шери кишвар, Шери Бомиён ва Шери Хатлон муаррифӣ мекардаанд.

Бояд тазаккур дод, ки дар замони Каёниён дирафши давлатӣ низ мавҷуд буд, ки онро ҳангоми набард лашкаркаши номдор Тӯс ҳифз менамуд.

Бишуд Тӯс бо ковиёнӣ дирафш,
Ба пой андарун кардазарринкафш.
Сипаҳсолору солори заррин кафш,
Ту бошӣ бари ковиёнӣ дирафш [2].

Дар байни навиштаҳои парчами Аморати Бухоро ҳилол, ситораи панҷгӯшаи тиллоӣ ва тасвири дасти Фотима (р) (духтари Паёмбари Ислом (с.с), ки рамзи дуои хушбахтӣ аст, ҷой дода шудаанд.

Ранги асосие, ки қисмати зиёди онро фаро гирифтааст, сабз мебошад. Рангши сабз дар дигар шаклҳои бозсозишудаи парчамҳои замони гузашта кам ба назар мерасад.

Парчами Аморати Бухоро аз матои росткунҷаи рангаш сабзи равшан иборат буда, дар он бо ҳарфҳои тиллоӣва бо забони арабӣ калимаи шаҳодат, яъне Ло илоҳа илла-л-лоҳу Муҳаммаду расулу-л-лоҳ (нест Худое ба ҷуз Аллоҳ ва Муҳаммад фиристодаи Аллоҳ) ва Асултону зиллу-л-лоҳ (Подшоҳ сояи Худо аст) навишата шудааст [6, с. 92].

Роҳбарони Иттиҳоди Шӯравӣ аз рӯзҳои аввал тоҷиконро ҳамчун миллати дорои таҷрибаи ғании давлатдорӣ эътироф намуданд. Намунаи барҷастаи ин эҳтиром он буд, ки фарзандони соҳибилму соҳибмаърифати тоҷик ба корҳои масъули давлатӣ ва идораи бахшҳои мухталифи хоҷагӣ ҷалб гардиданд, ки онҳо бо заҳмату пайкори шоистаи хеш парчами Иттиҳоди Шӯравиро ҳифзу гиромӣ доштанд.

Тоҷикистон низ ҳамчун узви Иттиҳоди Шӯравӣ дорои парчаму нишони миллӣ буд. Аз ҷумла тайи солҳои 1920-1992 Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон дорои чунин парчамҳо буд [6, с. 94]:

- Парчами Ҷумҳурии Халқии Шӯравии Бухоро (23 сентябри соли 1921- 14 августи соли 1923);
- Парчами Республикаи Советии Сотсиалистии Бухоро (11 октябри соли 1923 – 19 сентябри соли 1924);
- Парчами ҶМШС Тоҷикистон ( солҳои 1924-1929);
- Парчами Республикаи Советии Сотсиалистии Тоҷикистон (соли 1929);
- Парчами Республикаи Советии Сотсиалистии Тоҷикистон (солҳои 1929-1935);
- Парчами Республикаи Советии Сотсиалистии Тоҷикистон (солҳои 1935-1940);
- Парчами Республикаи Советии Сотсиалистии Тоҷикистон (солҳои 1940-1953);
- Парчами Республикаи Советии Сотсиалистии Тоҷикистон (солҳои 1953-1991).

Парчами давлатии Ҷумҳурии Мухтори Советии Сотсиалистии Тоҷикистон ранги сурх (сурхи зардча) дошт ва дар бурҷи чапи он нишони Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон ҷойгир карда шуда буд. Паҳно ва дарозии парчам 1:2 буд.

12 июни соли 1929 Қарори Кумитаи иҷроияи марказии Иттиҳоди Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистӣ дар бораи табдил додани Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Шӯравии Тоҷикистон ба тасвиб расид. 15-19 октябри соли 1929 ҷаласаи сеюми ғайринавбатии Шӯрои умумитоҷикистонӣ Эъломияро оид ба табдил додани Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон ва ворид шудани Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон ба ҳайати Иттиҳоди Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистӣ қабул кард [6, с. 94-95].

Дар моддаи 93 Конститутсияи Ҷумҳурии Советии Сотсиалистии Тоҷикистон, ки 24 феврали соли 1931 дар анҷумани 4-уми Шӯрои ҷумҳурӣ қабул шудааст, чунин омадааст: «Парчами давлатии Ҷумҳурии Советии Сотсиалистии Тоҷикистон аз матои рангаш сурх (сурхи зардча) иборат аст ва дар бурҷи чапи он бо ҳарфҳои заррин “ Ҷумҳурии Советии Сотсиалистии Тоҷикистон» навишта шудааст. Дарозӣ ва паҳнои он 1:2 аст» [6, с. 95].

Мувофиқи ёддоштҳои олимони рус В. Соколов ва А. Лукшин дар соли 1936 дар гӯшаи чапи болои Парчами давлатии Тоҷикистон номи кишвари мо чунин навишта шуда буд: G.S.S. Tocikiston. Таджикская С.С.Р [6, с. 95].

Вале тибқи ёддошти М.В. Ревнивсева дар парчами соли 1931 бояд чунин ихтисорот - GSS Tocikiston набошад. Аз оғози соли 1930 барои тарҷумаи истилоҳҳои сотсиалистӣ ва советӣ дар забони тоҷикӣ калимаҳои ictimotija ва suroviji истифода мешуд, ки бо ҳарфи “S” ва аломатҳои тахфифӣ оғоз мегардиданд [6, с. 95].

4 июли соли 1935 Президиуми Кумитаи Иҷроияи Марказии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон дар бораи шакли нави навиштаҷот ва тасвири Нишони давлатӣ қарор қабул намуд. Ба иттилои В. Соколов бо қарори мазкур навиштаҷоти нави парчам тасдиқ карда шуд. Дар гӯшаи болои қисми чапи Парчами Тоҷикистон досу болғаи тиллоранг илова карда шуд.

Мутаасифона, дар таърихномаҳои замони бунёди давлати шӯравӣ ин шаклҳои Парчами Тоҷикистон тасдиқи худро наёфтаанд.

Даъвати панҷуми Шӯрои Кумитаи Иҷроияи Марказии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон 26-уми майи соли 1936 нақш ва навиштаҷоти Парчам ва Нишони давлатиро тасдиқ намуда, ҳамзамон ба моддаҳои 92 ва 93-и Конститутсияи Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон иловаҳо ворид намуд.

1 - уми марти 1937 дар Иҷлосияи 6-уми ғайринавбатии Шӯрои умумиҷумҳуриявӣ Конститутсияи Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон қабул карда шуд, ки дар моддаи 132 - и он чунин омадааст: «Парчами давлатии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон аз матои сурхранг иборат буда, дар қисмати болои чапи он досу болға ва навиштаҷоти Таджикская ССР навишта шудааст. Паҳно ва дарозии он 1:2 мебошад» [6, с. 97-98].

Дар асоси муқаррароти конститутсионӣ омодасозии парчам ва нишон оғоз гардид. 19 майи соли 1937 аъзои Президиуми Кумитаи иҷроияи марказии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон бо шакли омодашудаи парчам ва нишон шинос шуда, барои навиштаҷоти шиор ва нишони заррин тавсияҳо пешниҳод карданд, ки тибқи он замини нишон бо баргҳои сабзи пахта ва досу болға дар ситора бо зарҳал тасвир карда мешуд. Президиуми Кумитаи иҷроияи марказии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон 20 майи соли 1937 тарҳи Парчам ва Нишони давлатиробори дигар баррасӣ намуда, дар бораи «Нишон ва Парчами давлатии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон» қарор қабул кард. Дар ин қарор масъалаи парчам комилан ҳал шуда, барои ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Нишони давлатӣ пешниҳод сурат гирифт [6, с. 98-99].

Соли 1938 дар ихтисораи номи кишвар, ки дар парчам ва нишон ҷойгир буд, тағйирот ворид гардида, ҳарфи G ба ҳарфи R-дар калимаи Respublika иваз карда шуд.

28 сентябри соли 1940 Президиуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон дар бораи иваз намудани навиштаҷоти болои Парчам ва Нишони давлатӣ қарор қабул намуд, ки дар асоси он навиштаҳои лотинӣ бо ҳуруфоти кириллӣ иваз карда шуданд [6, с. 100].

20 сентябри соли 1990 Президиуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон Эъломияро «Дар бораи Парчами давлати Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон» интишор намуд, ки дар он ризоият бо тағйиру иловаҳои воридша баён ёфта буд. Муаллифи шакли нави Парчами давлатӣ рассом М.П. Шлыков буд [6, с. 101].

Дар муқаррароти ойинномаи Парчами давлатии Тоҷикистони шӯравӣ чунин омада буд: «1. Парчами давлатии Ҷумҳурии Советии Сотсиалистии Тоҷикистон рамзи давлатии Ҷумҳурии Советии Сотсиалистии Тоҷикистон буда, ҳамбастагии ихтиёрии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо дигар кишварҳои бародари Иттифоқ ва иттиҳоди вайроннопазири коргарону деҳқононро барои мубориза дар роҳи бунёди ҷамъияти коммунистӣ таъмин менамояд. 2. Парчами давлатии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон аз матои дорои 4 рахи рости ранга иборат мебошад: рахи болои он сурх буда, нисфи паҳнои парчамро дар бар мегирад; рахи сафед аз 5 ҳисса як ҳиссаи паҳнои парчамро дарбар мегирад; рахи сабз аз 10 ҳисса як ҳиссаи паҳнои парчамро дар бар мегирад ва дар қисмати

поёни парчаи рахи сурх ҷойгир шудааст, ки аз 5 қисмати як қисмати паҳнои парчамро фаро гирифтааст.

Дар қисми болои рахи сурхи матои парчам досу болғаи тиллоранг ҷойгир шуда, дар болотари онҳо ситораи панҷбурҷа, ки даври онро рахи зард иҳота кардааст, тасвир гардидааст. Паҳно ва дарозии парчам 1:2 мебошад.

Досу болға ба шакли чоркунҷа кашида шуда, он дар қисми дарозу паҳнои болои парчам ҷойгир мебошад. Қисмати тези дос ба тарафи болои чоркунҷа рост меояд, дастаи дос бо болға дар самти поёни чоркунҷа меистад.

Ситораи панҷбурҷа ба андозаи 1/8 - и паҳнои парчам кашида шудааст, ки он дар қисми болои чоркунҷа ҷоҳгир аст. Фосилаи амудии меҳвари ситора дос ва болға дар ростои ¼-и паҳнои парчам ҷойгир мебошад. Фосилаи болои парчам то маркази ситора 1/10-и ба паҳнои парчамро дарбар мегирад».

Ин шакли парчам 19 сентябри соли 1953 бо қарори Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон «Дар бораи Парчами давлатии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон» тасдиқ шудааст [6, с. 102].

Дар моддаи 170 Конститутсияи Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон (1978) тасвири Парчами давлатӣ чунин шарҳ дода шудааст:

«Парчами давлатии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон аз матои росткунҷа иборат буда, дорои чор рахи рости ранга мебошад. Рахи болои он ранги сурх буда, нисфи паҳнои парчамро дарбар мегирад; рахи сафеди он аз чор ҳисса як ҳиссаи парчамро дарбар гирифтааст; рахи сабз аз 10 фисад як фисади онро ташкил медиҳад ва рахи поёни он сурх аст ва аз 5 ҳисса як ҳиссаи парчам мебошад. Дар қисмати болои матои парчам досу болғаи тиллоранг ва фаротар аз онҳо ситораи заррини панҷбурҷа ҷойгиранд. Паҳно ва дарозии парчам 1:2 мебошад» [6, с. 103].

Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон дар таърихи давлатдорӣ ва сарнавишти миллати тоҷик оғози марҳилаи нав гардида, барои шинохту дарёфти арзишҳои фарҳанги миллӣ заминаи устувор фароҳам овард. Марҳилаи нави зарурати омӯзиш ва таҳқиқи амиқу ҳамаҷонибаи арзишҳои таърихиву фарҳангии деринаи миллатро ба пояи воқеияти таърихӣ ба миён гузошт. Зарурате пеш омад, ки ҳар як халқу миллат аз таърихи гузаштаи худ ба хусус аз арзишҳои миллии давлатдорӣ ва муқаддасоти он огоҳ бошад ва бо онҳо ифтихор намояд. Дар ин замина наслҳои имрӯза бояд гузаштаи худро омӯхта, ҷанбаҳои норавшани онро мавриди тадқиқ қарор диҳанд. Зеро такя намудан ба ҳақиқати таърихӣ, маънавиёти ғании гузшта ва анъанаву суннатҳо дар тӯли ҳазорсолаҳо ташаккулёфта, онҳоро эътирофу гиромӣ доштан ва ҳамзамон эҳёву идома бахшидан аз омилҳои асосии ташаккулдиҳандаи ҳувияту худшиносии миллӣ мебошад. Истиқлолият шароит фароҳам сохт, ки дар заминаи таърих ва асолати миллии халқи тоҷик рамзу муқаддасоти давлати соҳибистиқлоламон таҳия ва корбаст карда шавад. Яке аз чунин арзишҳои миллии давлатдорӣ ва соҳибистиқлолии кишвар парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки он мояи ифтихори миллат буда, донистани таърихи пайдоиш, мафҳум, моҳият ва маънои рангу тасвирҳои он барои ҳар як шаҳрванд комилан зарур аст. Рисолати ватандору ватандӯст ҳам ин аст, ки ӯ бояд аз таърихи миллат бахусус рамзҳои давлаии худ огоҳии кофӣ дошта бошад.

24-уми августи соли 1990 Шӯрои Олии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон «Эъломия дар бораи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон» - ро қабул кард. Баъдан ба эъломияи мазкур

тағйирот ворид карда шуд, ки тибқи он Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибистиқлол, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ вҷа ягона эълон гардид.

Ҳамин тавр, баробари эълон гардидани истиқлолияти давлатии Тоҷикистон зарурати тағйир ва қабули рамзҳои давлатӣ – парчам, нишон ва суруди миллӣ ба миён омаданд. 12 - уми ноябри соли 1991 Призидиуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои беҳтарин матну оҳанги Суруди миллӣ озмун эълон намуда, Низомномаро дар бораи беҳтарин тарҳи Нишон ва Парчами давлатӣ қабул кард, ки он дорои чунин талабот буд:

- Парчам ва нишон бояд муҳимтарин омилҳои худогоҳиву хештаншиносӣ ва ифтихори давлатдории миллиро ифода намояд;

- Парчам ва нишон бояд дорои рангҳое бошад, ки таъриху фарҳанги кӯҳан ва тамаддуни бузурги халқи тоҷикро ифода карда, барои эҳёи миллат мусоидат намояд ва пайванди наслҳоро идома бахшида, ба арзишҳои башарӣ мувофиқ бошанд [6, с. 122-124].

Бо дарназардошти талаботи озмун комиссияи босалоҳият ва ҳайати доварон иборат аз 20 нафар таҳти роҳбарии Раиси Иттифоқи рассомони Тоҷикистон таъсис дода шуд, ки ба ҳайати он академикҳо М.С. Осимӣ, Р.М. Масов, Ф.Т. Тоҳиров ва дигарон шомил буданд.

Ҳайати довароні озмуни Парчам ва Нишони давлатӣ таҳти сарварии Рассоми Халқии Иттиҳоди Шӯравӣ Суҳроб Қурбонов маводи воридшударо ҳамаҷониба баррасӣ намуда, ба хулоса омаданд, ки дар байни онҳо асарҳои сазовор мавҷуд нест. Бинобар ин, таҳти роҳбарии Суҳроб Қурбонов гурӯҳи корӣ дар ҳайати Рассоми Халқии Тоҷикистон З. Ҳабибуллоев, Раиси Иттифоқи дизайнерони Тоҷикистон А. Заневский, санъатшинос Л. Додихудоева, рассомон Н. Иганатушина ва Н. Сайдалиев таъсис дода, масъулияти омода намудани ангора Парчам ва Нишони давлатиро ба уҳдаи онҳо вогузор намуд [6, с. 124].

Дар натиҷа ба комиссия зиёда аз 200 тарҳи нишону парчам пешниҳод гардид. Аз байни ҳамаи пешниҳодҳо тарҳи нишон ва парчаме ҷои аввалро соҳиб гардид, ки сарварии гурӯҳи кории онро рассом Зуҳур Ҳабибуллоев бар дӯш дошт.

Ангораи Парчами пешниҳодшуда хеле ҷолиб буда, аз се ранги сурх, сафед ва сабз иборат буд.

Агар рангҳои сурх ва сабз ҳар кадом як ҳиссаи парчамро фаро гирад, ранги сафед 1,5 ҳиссаи парчамро ишғол мекард. Тавсифи рангҳо низ ҷолиб буда, ранги сурх мубориза ва ҷонисориҳои халқи тоҷик, равшанӣ, сӯрхрӯӣ, ранги сафед сулҳу оромӣ, бхту иқболи сафед ва ранги сабз сарсабзиву хуррамиро ифода мекарданд.

Дар мобайни Парчам тасвири зарҳалии тоҷ ва ҳафт ситора ҷой дода шуд, ки онҳо ҷавобгӯй ба таърих ва фарҳанги халқи тоҷиканд. Агар тоҷи заррин нишонаи тоҷдор будани халқи тоҷикро ифода намояд, пас рамзи ҳафт барои халқи тоҷик рамзи бахосият киниста мешавад. Масалан, ҳафт сайёра (Офтоб, Моҳ, Зуҳал, Муштарӣ, Миррих, Зуҳра ва Аторуд), маҷмӯи ситораҳои ҳафтдодарони калон ва хурд, ҳафт рӯзи ҳафта, ҳафт ранги аслӣ ва ғайра.

24 ноябри соли 1992 Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон рамзҳои асосии давлати тозаистиқлоли тоҷиконро қабул намуд [6, с. 125].

Қобили қайд аст, ки дар ҷараёни кори иҷлосияи таърихӣ дар атрофи нишон, рангҳои парчам, тоҷ ва ҳафт ситораи он баҳсҳои тӯлони ба миён омада,

Парчами давлатӣ дар шакли имрӯзаи он бо се ранг ва акси тоҷу ҳафт ситора қабул гардид, ки ҳар ранг ва акси тоҷу ситораҳо дорои моҳияти таърихӣ ва аҳаммияти сиёсӣ буданд [6, с. 125].

Ранги сурх дар Парчами давлатӣ ҳамчун рамзи мубориза ва ҷоннисориҳои халқ баҳри озодӣ ва истиқлол омадааст. Зеро аҷдодони мо ранги сурхро ҳамчун рамзи шуои офтоб, ки оламро мунаввар месозад, тимсоли равшанию рӯи сурх парастиш мекарданд ва он Парчами давлатиро ба Дирафши ковиёнӣ мепайваст, ки он ҳам ранги сурх дошт.

Ранги сафед ҳамчун рамзи бахту иқболи сафед ва покизагӣ истифода шудааст, ки дар гузашта ҳамчун рамзи тозагӣ, абадияти ҳаёт ва заволи зулмат эътироф гардида буд.

Ранги сабз нишонаи саъю кӯшиш ва заҳмату талошҳои сокинон баҳри сарсабзу хуррам гардонидани Ватан буда, дар гузашта рамзи зиндагӣ ва сарсабзиро ифода мекард.

Тасвири тоҷу ҳафт ситораи парчам дар фарҳанг ва тамаддуни мо решаи амиқи таърихӣ дорад.

Акси тоҷ ва Парчами давлатӣ маънои соҳибдавлатӣ ва мавҷудияти анъанаҳои давлатдории куҳани моро дорост. Зеро тоҷикон аз ҷумлаи он халқҳои тамаддунофаре мебошанд, ки давлатҳои шукуҳмандро ба майдони таърих овардаанд ва ҳақ доранд, ки имрӯз бо ифтихор худро халқи соҳибдавлат бидонанд. Аз ин лиҳоз, акси тоҷ дар Парчами давлатӣ ифодагари ифтихори миллӣ ва азму ирода дар роҳи устувор гардонидани давлати миллӣ мебошад.

Тасвир шудани ҳафт ситораи парчам ба он хотир аст, ки рақами ҳафт дар ҷаҳонбинии мардуми мо моҳияти олами ҳастиро ифода мекунад. Аз ин рӯ, зинатбахши Парчами давлатӣ гардидани тоҷ ва ҳафт ситора василаи муаррифии ҷаҳонбинӣ ва ҳувияти миллӣ мебошад.

Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз матои росткунҷаи аз се рахи рангаи уфуқӣ иборат буда, рахи боло ранги сурх дошта, паҳноии он бо рахи сабз баробар мебошад. Рахи сафеди мобайнӣ якуним баробари паҳнои ҳар яке аз рахи ранга аст. Рӯи рахи сафед дар мобайни парчами парчами бо зарҳал расми тоҷ ва болои он ҳафт ситора дар шакли нимдоира тасвир ёфтааст.

Мутобиқати бару дарозии умумии парчам 1:2 аст.

Тоҷ ва ситораҳои парчам дар шакли росткунҷа ҷой дода шудаанд, ки паҳлуи амудиаш 0,8 ва паҳлуи уфуқиаш 1,0 паҳнои рахи сафед аст. Ситораҳои панҷгӯша ва доираҳои қудрашон 0,15 ба қавси радиусаш 0,5 паҳнои рахи сафед кашида мешавад.

Баландии тоҷ баробари 0,55 паҳнои рахи сафед буда, дар пояи он ба қавси радиусаш 1,2 бар рахи сафед қатъ мешавад. Чор унсури камоншакл, ки тоҷро зеб медиҳанд, дар мобайн бо як қисми доира оро меёбанд, ки қутри он баробари 0,2 бар рахи сафед мебошад [6, с. 126-127].

Бояд гуфт, ки Иҷлосияи XVI - уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо таҳкурсии давлатдории навинро гузошт, балки дар санаи 24 ноябри соли 1992 рамзҳои асосии давлати куҳанбунёду тозаистиқлоли тоҷиконро қабул намуд. Муқаррароти қарор чунин аст:

- Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон рамзи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, иттиҳоди коргарон, деҳқонону зиёиён ва дӯстии тамоми халқиятҳои кишварро дарбар мегирад.

- Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон матои росткунҷа буда, дорои 3 рахи горизонталии ранга мебошад: рахи болои он ранги сурх буда, қисмати поёни он бо паҳноияш ранги сабз дорад; дар миёна ранги сафед ҷойгир шудааст, ки нисфи қисмати паҳнои онро фаро мегирад. Дар миёнаҷои рахи сафед акси тоҷи заррин бо сабки махсус ҷой дода шудааст, ки дар болои он ҳафт ситора ҷой дорад. Арзу тӯли парчам 1:2 мебошад [6, с. 127].

Тоҷ ва ситораҳо  ба шакли росткунҷа кашида шуда, ба шакли амудӣ 0,8 ва ба шакли уфуқӣ 1,0 дар паҳнои рахи сафед ҷойгир шудаанд. Ситораҳои панҷгӯша дар атрофи андозаи 0,15 қарор гирифта, масоҳати байни онҳо 0,5 -ро ташкил медиҳад, ки дар болои хати сафед ҷойгир мешаванд.

Баъд аз қабул шудани муқарарот дар бораи Парчами давлатӣ навиштаҷоти конститутсионӣ дар бораи парчам ҳам тағйир дода шуд.

11 декабри соли 1999 мақоми Парчами давлатии Тоҷикистон, ки он 24 ноябри соли 1992 навишта шуда буд, бе тағйирот аз ҷониби Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тасвиб расид.

Ба навиштани интернетии портали TAJIKISTAN рамзи рангҳои дар парчам омада инҳоянд: рахи сабз - рамзи водӣ, ки дар кишвар хеле кам буда, ҳамагӣ 7% - ро ташкил дода, боқимондааш кӯҳ мебошад. Хати сафед - рамзи боигарии кишвар - пахта ва инчунин барфу пиряхи кӯҳсори Тоҷикистон мебошад. Хати сурх - ранги ваҳдати миллӣ ва баробарӣ бо дигар кишварҳои ҷаҳон ба шумор меравад.

14 марти соли 2007 Парлумони Тоҷикистон Қонун «Дар бораи рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» - ро ба тасвиб расонид. Дар Қонуни мазкур мақоми ҳуқуқӣ, тартиби омода ва истифода намудан Парчаму Нишон ва иҷрои Суруди миллӣ муайян шуданд. Инчунин, таҳти рақами 499 «Дар бораи тасдиқи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қарор қабул шуд, ки бе тағйирот аз навиштаҳои солҳои 1992-1999 рӯйнавис шудааст. Худи ҳамон сол дар бораи тасдиқи Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоқикистон ва Суруди миллӣ қарор шуд [6, с. 127-128].

Ба шарофати сулҳу субот, ваҳдати миллӣ ва аз баракати истиқлолияти давлатӣ мо имкон пайдо кардем, то бо таърихи миллати куҳанбунёди худ беҳтару бештар ошно шавем, решаҳои тамаддуни гузаштаро ҷустуҷӯ намуда, аз арзишҳои волои фарҳангии ниёгонамон баҳри таҳкими ҳисси ватандӯстиву худшиносӣ, баланд бардоштани сатҳи ифтихори миллии мардум ва таҷвияти пояҳои давлати соҳибистиқлоламон васеъ истифода намоем. Имрӯз Тоҷикистон ба шарофати истиқлолият соҳиби ҳамаи рамзҳои давлати мустақил, яъне Нишон, Парчам ва Суруди миллӣ мебошад [6, с. 128].

Дар маҷмӯъ, дар муддати зиёда аз ду даҳсола сохтор, меъёр ва механизмҳои фаъолияти давлати мустақили миллӣ ва низоми демократии он ташаккулу таҳким ёфтанд. Мо ба сӯи уфуқҳои навин - давлати баркамоли демокративу пешрафта бо сатҳи шоистаи зиндагӣ ва рушди инсон устуворона пеш меравем.

Маҳз истиқлолияти давлатӣ моро водор менамояд, ки якҷо бо ҳалли дигар масъалаҳои ҳаёти кишвар, инчунин барои таъмини сулҳ ва ризояти миллӣ, рушди иқтисоди миллӣ, такмили сохтори нави идоракунии он, густариши муносибатҳои бозаргонӣ ва гиромидошти арзишҳои фарҳангиву рамзҳои давлатӣ ҷиддан мутаваҷеҳ бошем.

Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон - рамзи Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ва ифодагари иқболу иттиҳоду сарҷамъӣ, нангу номус, ватандӯстиву ватанпарастӣ ва ҳувияти миллии мардуми куҳанбуёду фарҳангии мо буда, волотарин мақсаду мароми тоҷикинро дар ҷилои рангҳои худ инъикос намудааст.

Рамзу ифодаҳо дар ойини парчамдории мо маҳсули эҷоди нафаре набуда, аз ҷониби олимону донишмандони давру замонҳои мухталиф ҳамчун ормонҳои мардум корбаст шудаанд.

Хушбахтона, ин рамзу ишораҳо дар масири таърих аз насл ба насл гузашта, шакли онҳо то ҳанӯз дар ёдҳо  нақш бастаанд, ки мо онҳоро зимни омӯзиши мухтавои нақшу нигора ва кашидадӯзӣ, бахусус дар куртаи чакан ва кӯзаҳои сафолин бараъло мушоҳида мекунем.

29 октябри соли 2009 дар конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба таҷлили 15-умин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоикистон Эмомалӣ Раҳмон пешниҳод гардид, ки 24 ноябр Рӯзи Парчами давлатӣ эълон ва ҳамасола ин рӯз ҷашн гирифта шавад [6, с. 134].

Бо мақсади амалӣ намудан ва асоси ҳуқуқӣ бахшидан ба ин иқдом 3 ноябри соли 2009 ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар барои ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардид ва онро Парламенти кишвар 19 ноябри ҳамон сол тасдиқ кард [6, с. 134].

Бояд зикр намуд, ки ин иқдоми наҷибу нек идомаи сиёсати созандаву бунёдкоронаи давлат ва Ҳукумати кишвар буда, аз ҳар як сокини мамлакат ҳисси баланди ватандӯстӣ ва дарки масъулиятшиносиро тақозо намуда, насли ҷавони имрӯзаро дар рӯҳияи баланди хештаншиносиву меҳанпарастӣ ва арҷгузорӣ ба суннатҳои волои давлату давлатдорӣ ва эҳтирому қадршиносӣ ба рамзҳои давлатӣ тарбия менамояд. Зеро парчам, нишон ва суруди миллӣ аз зумраи муҳимтарин атрибутҳои давлатдорӣ ба шумор рафта, воситаи муҳимми тарғибу ташвиқи нишонаҳои соҳибистиқлолии ҳар як давлату миллат мебошанд.

Дар радифи ин иқдомоти наҷиби Сарвари давлат дар арафаи таҷлили 20-солагии Истиқлолияти давлатии ҷумҳурии Тоҷикистон дар паҳлуи Қасри миллат дар манораи бузурги 165 метр бузургтарин парчами ҷаҳон - Парчами давлатии Тоҷикистон қад ороста, ба ифтихори он мавзеъи атрофи он «Боғи Парчами давлатии Тоҷикистон» номгузорӣ карда шуд [6, с. 134].

Тибқи иттилои коршиносон ва шаҳодатномаи корномаҳои «Китоби рекордҳои Гиннес» ин баландии рекордӣ дар ҷаҳон мебошад.

Баландии матои парчам 30 метр ва паҳнояш 60 метр мебошад. Пояи Парчами давлатӣ аз ҷониби бинокорони корхонаи «Алюминсохтмон» ва ширкати байналмиллалии «Трайден Саппот» бунёд шуда, маросими расмии ба истифода додани он 30 августи соли 2011 [6, с. 134] бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва аҳли зиёии мамлакат баргузор гардид.

Баъди ифтитоҳи Парчами давлатӣ эҳтироми самимӣ ва қадршиносии сокинони кишвар нисбат ба рамзҳои давлатӣ, аз ҷумла нишон ва парчам бараъло мушоҳида гардид. Мардум дастаҷамъона ба тамошои парчами ватани маҳбубамон меомаданд. Садҳо шеъру суруд дар васфи Парчами давлатӣ эҷод

шуда, Тоҷикистон соҳибистиқлол дар арафаи 20 - умин солгардаш парчампӯш гардид.

Таҷлили Рӯзи Парчами давлатӣ барои ташаккулёбии ҳувияти миллӣ, дарки худшиносӣ ва эҳтиром ба рӯҳи бузургони миллат, забону фарҳанг ва арҷгузорӣ ба маданияти миллати куҳанбунёди мо мусоидат намуд.

Ворисияти таърихӣ дар замони ташаккули давлати соҳибистиқлоли тоҷикон пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ бо арҷгузорӣ ва эҳтироми фарзанди фарзонаи халқи тоҷик Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Парчами давлатӣ дар Иҷлосияи таърихи XVI-уми Шӯрои Олӣ ва оғоз гардидани марҳалаи наве барои мардуми тоҷик дар роҳи созандагӣ ва бунёдкорӣ мушоҳида шуд, ки сокинони ҷумҳурӣ ҷиҳати татбиқи иқдомҳои созанда бо шиори «Ба асри XXI бо Эмомалӣ Раҳмон» барои бунёди давлати соҳибистиқлол камари ҳиммат бастанд. Сулҳу субот, низоми муайяни давлатдорӣ, беҳдошти рӯзгори осудаи мардуми кишвар ва баракати рӯзгоре, ки насиби хонадони мардуми тоҷик дар замони Истиқлолияти давлатӣ гардидааст, маҳз баъди эҳтироми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Парчами давлатӣ дар Иҷлосияи таърихии XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри бостони Хуҷанд шурӯъ гардид [6, с. 135-136].

Парчами давлатӣ зиннатбахши кӯчаю хиёбонҳо ва биноҳои маъмурӣ буда, дар ашёи рӯзгор, девору даромадгоҳҳои роҳҳои мошингарду оҳан ва фурудгоҳҳо тасвиру ҷойгир шудааст. Ҳамчунин, тасвири парчам дар матои гулдӯзишуда, либоси варзишӣ, галстук ва ғайра ҷойгир карда мешавад, ки ин эҳтироми самимии мардумро нисбат ба рамзҳои давлатӣ нишон дода, насли ҷавонро дар рӯҳияи эҳтиром ба муқаддасоти миллӣ ба камол мерасонад.

Парчами давлатӣ бо дастовардҳои мардуми заҳматкаши кишвар алоқаманд буда, зимни банақшагирӣ ва амалӣ намудани иқдомҳои созанда аввалан парчамро дар мавзеи обошаванда барафрохта, баъдан ба сохтани иншоот шурӯъ мекунанд.

Дар наворҳои телевизионӣ, барномаҳои радио ва мақолаву нигоштаҳо тараннуми болафшонии Парчами давлатӣ васф карда мешавад, ки ин ҳолат суннати арзишманди халқи тоқикро дар самти эҳтиромба муқаддасоти миллӣ таҷассум менамояд.

Муҳимтар аз ҳама, парафшонии Парчами давлатӣ дар маъракаҳои расмии давлатӣ, чорабиниҳои сиёсиву иҷтимоӣ, фарҳангиву варзишӣ ва байналмиллалӣ ба нишонаи ифтихор аз ватандории тоҷикони ҷаҳон табдил ёфта, эҳтироми самимӣ ба парчам рисолати ҳар як шаҳрванди Ватани маҳбубамон гардидааст.

Эҳтиром ба Парчами давлатӣ аз ҷумлаи ифтихороти бузурги ҳар фарди ҷомеаи мо дар зеҳн ва андешаи насли ояндаи миллати сарбаландамон ба таври ҷовидон нақш хоҳад баст.

**Муқарриз: Садиров Ш.А. – н.и.т., дотсенти ДОТ дар ноҳияи Рашт**

**Адабиёт:**

1. Абулқосим Фирдавсӣ Шоҳнома: Иборат аз 9 ҷилд. [Матн] / А. Фирдавсӣ Таҳияи К. Айнӣ, Ахрори, |Б Сирус|ва ҷилдҳои 7, 8, 9 бо иштироки А. Девонакулов. (Ҳайати таҳрирня: М. Осимӣ, К. Айнӣ, 3. Аҳрорӣ, Х. Шарифов, М. Қаноат). – Душанбе: Адиб, ҷилди VIII, 1990.

2. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома. [Матн] / А.Фирдавсӣ. – Душанбе, 1964. – 312 с.
3. Абурайҳон Берунӣ. «Осор – ул – боқия». [Матн] / А. Берунӣ. – Душанбе: Ирфон, 1990. – 232 с.
4. Авесто. фаргарди якуми Видевдат. - (1.7).
5. Бадруззамон Қариб. Фарҳанги суғдӣ (суғдӣ - форсӣ - англисӣ). [Матн] / Б.Қариб. – Теҳрон: «Фарҳангон», 1995. – 56 с. #1425.
6. Иброҳим П. Парчам. [Матн] / П. Иброҳим. – Душанбе: «ЭР-граф», 2015. – 192 с.
7. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистион ба муносибати Рӯзи Парчами давлатии Тоҷикистон, соли 2010.
8. Муҳаммад Ҳасандӯст. Фарҳанги решашинохтии забони форсӣ. [Матн] / М.Ҳасандӯст. – Теҳрон: Фарҳангистони забону адаби форсии Ҷумҳурии Исломии Эрон, 2004. – 258 с.
9. Фарҳанги тафсири забони тоҷикӣ, ҷ. 1. – Душанбе. – 2008.
10. Фарҳанги форсии тоҷикӣ. Зери назари Муҳаммадҷон Шакурӣ ва дигарон. Баргардон аз хатти кирилӣ ва тасҳеҳот: Муҳсин Шуҷоъӣ. - Теҳрон: «Фарҳанги муосир», 1384 ҳ.ш. / 2006 с. - саҳ. 377.
11. Ясно, 10.14.

**Literature:**

1. Abulqasim Firdawsi Shahnameh: Consisting of 9 volumes. [Text] / A. Firdawsi Prepared by K. Aini, Ahrori, |B. Sirus| and volumes 7, 8, 9 with the participation of A. Devonakulov. (Editorial board: M. Osimi, K. Aini, 3. Ahrori, X. Sharifov, M. Qanoat.) – Dushanbe: Adib, volume VIII, 1990.
2. Abulqasim Firdawsi. Shahnameh. [Text] / A. Firdawsi. – Dushanbe, 1964. – 312 p.
3. Aburaykhan Beruni. “Osor – ul – boqiya”. [Text] / A. Beruni. – Dushanbe: Irfon, 1990. – 232 p.
4. Avesta. first edition of Videvdat. - (1.7).
5. Badruzzaman Qarib. Sogdian language (Sugdian - Persian - English). [Text] / B. Qarib. – Tehran: “Farhangon”, 1995. – 56 p. #1425.
6. Ibrahim P. Parcham. [Text] / P. Ibrahim. – Dushanbe: “ER-graf”, 2015. – 192 p.
7. Speech of the President of the Republic of Tajikistan on the occasion of the Day of the State Flag of Tajikistan, 2010.
8. Muhammad Hasandoust. Dictionary of the roots of the Persian language. [Text] / M. Hasandoust. – Tehran: Persian Language and Literature Institute of the Islamic Republic of Iran, 2004. – 258 p.
9. Dictionary of interpretation of the Tajik language, vol. 1. – Dushanbe. – 2008.
10. Tajik Persian dictionary. Under the supervision of Muhammadjon Shakuri and others. Translation from Cyrillic script and corrections: Mohsin Shuja'i. - Tehran: "Modern Culture", 1384 AH / 2006 p. - p. 377.
11. Yasno, 10.14.

## ҶАНБАҲОИ ТАЪРИХИИ ПАРЧАМ

Инсоният дар ҳама давраҳои таърихӣ барои ифодаи мақсаду ҳадафҳо рамзҳои гуногунро эҷод ва корбаст намудааст. Ҳар як рамзи миллӣ саҳфаҳои саргузашти қавму қабила, нажод ва миллату давлатеро ифода менамояд.

Омӯзиши таърихи давлатдории мардумони ориёӣ низ маълум менамояд, ки ҳокимону пешвоён барои ифода кардани мавҷудияти давлаташон рамзу нишон, ишора, аломат ва дигар воситаҳоро қабулу истифода мекардаанд. Аз миёни рамзу нишонаҳо Парчам таърихи рангину қадима дорад. Таҳқиқоти бостоншиносӣ собит намуда, ки парчамсозии мардумони ориёӣ аз давраи давлатдории Пешдодиён ва Кайёниён ибтидо мегирад, ки ин аз дирафшбардории мардуми мо дар оғози давлатдории башарият башорат медиҳад. Парчами давлатӣ зиннатбахши кӯчаю хиёбонҳо ва биноҳои маъмурӣ буда, дар ашёи рӯзгор, девору даромадгоҳҳои роҳҳои мошингарду оҳан ва фурудгоҳҳо тасвиру ҷойгир шудааст. Ҳамчунин, тасвири парчам дар матои гулдӯзишуда, либоси варзишӣ, галстук ва ғайра ҷойгир карда мешавад, ки ин эҳтироми самимии мардумро нисбат ба рамзҳои давлатӣ нишон дода, насли ҷавонро дар рӯҳияи эҳтиром ба муқаддасоти миллӣ ба камол мерасонад.

**Калидвожаҳо:** Парчам, дирафш, таърих, шер, Кова, Фаридун, Заҳҳок, Доро, Президент, Истиқлолият, рамз, иттиҳод.

## ИСТОРИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ФЛАГА

На протяжении всей истории человечество создавало и использовало различные символы для выражения своих целей и задач. Каждый национальный символ олицетворяет страницы истории народа, племени, расы, нации и государства. Изучение истории государственности у арийских народов также показывает, что правители и вожди принимали и использовали символы, знаки, символы и другие средства для выражения существования своего государства. Среди символов и знаков флаг имеет красочную и древнюю историю. Археологические исследования доказали, что изготовление флагов у арийских народов началось в период государственности Пешдодиев и Каян, что является хорошим предзнаменованием для просвещения нашего народа на заре человеческой государственности. Государственный флаг украшает улицы, проспекты, административные здания, изображается и размещается на предметах домашнего обихода, стенах домов, въездах на автомагистрали, железные дороги и аэропорты. Также изображение флага размещается на вышитых тканях, спортивной одежде, галстуках и т. д., что свидетельствует об искреннем уважении народа к государственным символам и воспитывает у молодого поколения дух уважения к национальным святыням.

**Ключевые слова:** Флаг, знамя, история, лев, Водолей, Фаридун, Заххак, Доро, Президент, Независимость, символ, союз.

## HISTORICAL ASPECTS OF THE FLAG

Humanity has created and used various symbols throughout history to express its goals and objectives. Each national symbol represents a page in the history of a people, tribe, race, nation, and state. The study of the history of statehood among the Aryan peoples also reveals that rulers and leaders adopted and used symbols, signs, symbols, and other means to express the existence of their state. Among the symbols and signs, the flag has a colorful and ancient history. Archaeological research has proven that the flag-making of the Aryan peoples began during the Peshdodian and Kayanian statehoods, which bodes well for the enlightenment of our people at the beginning of human statehood. The national flag decorates streets, avenues, administrative buildings, is depicted and placed on household items, walls of houses, entrances to highways, railways and airports. The flag is also placed on embroidered

fabrics, sportswear, ties, etc., which testifies to the sincere respect of the people for state symbols and instills in the younger generation a spirit of respect for national shrines.

**Key words:** Flag, radiance, history, lion, Aquarius, Faridun, Zahhak, Doro, President, Independence, symbol, unity.

**Маълумот дар бораи муаллиф: Тағдиров Абдуназар Умарбекович** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, ассистенти кафедраи таърих ва методикаи таълими он. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к. Э.Муҳиддин – 63. Телефон: (+992) 934-113-961. E-mail: a.taghdiri.05@mail.ru

**Сведения об автор: Тагдиров Абдуназар Умарбекович –** Таджикский педагогический институт в Раштском районе, ассистент кафедри истории и методики ее преподавания. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Гарм, ул. Э. Мухиддин – 63. Телефон: (+992) 934-113-961. E-mail: a.taghdiri.05@mail.ru

**Information about author: Tagdirov Abdunazar Umarbekovich** – Tajik pedagogical institute in Rasht district, assistant of the department of history and methods of its teaching. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Garm, st. E. Mukhiddin – 63. Phone: (+992) 934-113-961. E-mail: a.taghdiri.05@mail.ru

**ТДУ: 93/94**

# САҲМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР БУНЁДИ АРТИШИ МИЛЛӢ

**Ҳайдаров М.М., Баротзода Ш.М.**
**Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт**

“Мо ба Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакатамон эътимоди комил дорем ва медонем, ки онҳо минбаъд низ истиқлолияту озодии Тоҷикистони маҳбубамон, амнияти давлат ва суботу оромии мардуми моро ҳамчун сипари боэътимод ҳимоя мекунанд”.

**Эмомалӣ Раҳмон**

Яке аз аркони муҳими давлатдорӣ дар баробари дигар унсурҳо мавҷудияти қувваҳои мусаллаҳ ба ҳисоб меравад. Имрӯз Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар дар самти ҳифзи оромӣ, сулҳу субот, ягонагии кишвар, марзу бум, тартиботи ҷамъиятӣ ва дигар масъалаҳои муҳимми давлатдорӣ нақши калидӣ дорад. Артиши миллии Тоҷикистон замоне таъсис дода шуд, ки вазъи сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар дар ҳолати нооором қарор дошт ва низомиёни касбӣ ҳам дар кишвар кам буданд. Баъди пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ сарфи назар аз он, ки кишварро вазъи печидаи ҳарбӣ-сиёсӣ ё худ муноқишаҳои дохилӣ фарогир буд, Тоҷикистони тозаистиқлол ба таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳи худ шурӯъ намуд [1]. Вале барои бунёди он ягон заминаи моддиву техникӣ вуҷуд надошт. Яъне ташкили Артиши миллии мо дар заминаи холӣ, аз сифр шурӯъ шуд. 18-уми декабри соли 1992 аз ҷониби Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон Қарор «Дар бораи таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба имзо расида, он дар заминаи «Фронти халқӣ» ва қувваҳое, ки Ҳукумати конститутсиониро ҷонибдорӣ мекарданд, таъсис дода

шуд. Ҳамин тариқ, 23-юми феврали соли 1993 дар пойтахти кишвар – шаҳри Душанбе, бори нахуст паради ҳарбӣ баргузор гардид, ки он рӯз расман санаи таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон карда шуд. Ҳукумати мамлакат бо вуҷуди мушкилоти зиёди иқтисодиву молиявӣ, ҳанӯз аз марҳалаҳои аввали таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон, ба бунёд ва таҷдиду азнавсозии инфрасохтор, инчунин таъсиси ҷузъу томҳои махсусгардонидашуда эътибори ҷиддӣ дода, дар баробари омодасозии мутахассисони соҳа, ба ташкили воҳидҳои алоҳида ва таъминоти онҳо бо техникаву таҷҳизоти муосир шурӯъ намуд.

Бояд гуфт, ки ташкили Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон дар он лаҳза, амалан кори ниҳоят душвор буд [1]. Зеро кишвар дар ҳолати бухрони сиёсию иқтисодӣ қарор дошта, буҷаи мамлакат касод шуда буд ва барои ташкили неруҳҳои мусаллаҳ ҳатто сару либос намерасид. Бо пош хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ артиши боқимондаи он ҳам аз хоки кишвар баромаданд ва он ҳама таҷҳизот, техникаҳои ҳарбие, ки мавҷуд буданд, бо ҳар роҳу восита аз ҷумҳурӣ берун бароварда шуданд.

Агар мо ба таърихи сипаригардидаи меҳан назар намоем, пеш аз ҳама дар таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми бузургу беназири Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пеши назар меояд. Роҳбари давлат ҳанӯз аз замони таъйинашон ба вазифаи Раиси Шурои Олӣ барои оромиву осудагии кишвар дар фикри таъсиси Артиши миллӣ буданд. Ин буд, ки 18 уми декабри соли 1992 аз ҷониби Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор “Дар бораи таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон” ба имзо расид ва 23-юми феврали соли 1993 аввалин гашти ҳарбӣ дар майдони “Дӯстӣ”-и шаҳри Душанбе баргузор шуд [2]. Баъди аввалин гашти низомӣ ин ҷашни пурифтихор мақоми расмӣ гирифт. Пешвои миллат хуб дарк карданд, ки бидуни таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳ баромадан аз ин роҳи ноҳамвори мавҷуда душвор аст. Аз ин лиҳоз, ба ҳамаи ин норасоиҳо ва мушкилот нигоҳ накарда, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ -Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо азми қавӣ, иродаи устувор, донишу малакаи роҳбарӣ ва аз ҳама муҳим, боварӣ ба фардои дурахшони кишвар ба ташкили неруҳои мусаллаҳи ҷумҳурӣ пардохта, бо иқдомҳои шоиставу наҷибонаи хеш, марҳила ба марҳила Артиши миллиро бо силоҳ, лавозимоту таҷҳизоти ҳарбӣ, сару либос, хӯрока ва ҷойи зист таъмин намуда, ҷавонони содиқ ва фарзандони бо нангу ори ин меҳанро ба сафи он ҷалб намуданд. Маҳз ҷасорату мардонагӣ ва дӯст доштани Ватан буд, ки барои дастёбӣ ба сулҳу ваҳдат ҷони хешро сипар карда, қатъи назар аз ҳамаи мушкилот аз ин давраи пуртаҳлука бо сарбаландию саодатмандӣ бароянд [2].

Бинобар ин, дар шароити имрӯза хизмат намудан дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳ барои ҳар як ҷавонмарди бовиқор ҳам қарз асту ҳам фарз. Зеро ҳифзи сарҳад ва якпорчагии кишвар муҷиби асосии осоиштагиву пойдории сулҳу субот дар кишвари азизамон мебошад. Хушбахтона солҳои охир сафи ҷавонони далеру шуҷои Ватан меафзоянд ва онҳо софдилонаву содиқона ва бо ғурури баланди ватандӯстӣ хизмати Модар – Ватанро ба ҷо оварда истодаанд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки имрӯз шароити хизмат дар ҳама сафҳои Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар хуб ба роҳ монда шудааст.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ироаи Паёми ҳамасолаи худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид менамоянд, ки воқеоту таҳаввулоти ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳар яки моро ҳушдор месозад, ки зиракии сиёсӣ, омодагии доимӣ, эҳсоси баланди ватандӯстӣ, худогоҳӣ ва муқаддас доштану ҳифз намудани арзишҳои истиқлолияти давлати соҳибистиқлоламонро аз даст надиҳем [3]. Ва ин албатта амали воқеист. Чунки вазъи зудтағйирёбандаи ҷаҳони муосир, зиёд гардидани равияву созмонҳои террористиву экстремистӣ ва дигар зуҳуроти таҳдидовари хатарнок метавонад сулҳу субот ва ҳаёти орому осудаи мардумони кишвари моро халалдор намояд. Аз ин рӯ, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳалли масъалаҳои мустаҳкам намудани иқтидори мудофиавии кишвар диққати махсус зоҳир намуда, онро аз рӯзҳои аввали таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳ таҳти назорати пайвастаи худ қарор додаанд. Чунки ҳеҷ як давлату халқият бе Қувваҳои Мусаллаҳи худ вуҷуд дошта наметавонад. Зеро ин қувва таъминкунандаи амнияти кишвар буда, оромию осоиштагии мардум ва суботи ҳар як давлат аст.

Артиш дар тамоми таърихи инсоният барои мустаҳкам намудани пояҳои давлатдорӣ, ҳимояи марзу буми кишвар, ҳифзи истиқлолият, сулҳу субот, амнияту бехатарии давлату шаҳравандон неруи боэътимод буда, имрӯз низ ин нақши худро гум накардааст [3]. Давлатҳои бузурги Ҳахоманишиён, Сосониён, Сомониён, Ғуриён ва ғайра маҳз бо артиши бузург, бонизому обутобёфта пояи давлатдории худро мустаҳкам карда, дар таърихи халқи тоҷик мақоми хоса доранд. Корнамоиҳои қаҳрамонони халқи тоҷик ба монанди Фрада, Шерак, Томирис, Спитамен, Абӯмуслим, Деваштич, Устод Сис, Симбоди Муғ, Муқаннаъ, Маҳмуди Торобӣ, Темурмалик, Маликсанҷар, Мавлонозода, Восеъро, ки барои ҳифзи Ватан, марзу буми аҷдоӣ аз ҳуҷуми аҷнабиён меомӯзем ва бо ифтихор ба забон меорем. Қаҳрамоиҳои онҳо эҳсоси олии дӯст доштани Ватан, ҳифзи марзу буми онро дар вуҷуди ҳар яки мо, махсусан руҳияи ҳомиёну афсарони Артиши миллиро бамаротиб боло мебардорад [4].

Ҷасорату матонат, қаҳрамониҳои бемисли фарзандони ба ору номуси тоҷик дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ ба муқобили фашистони хунхӯр достони зиндагии онҳо имрӯз барои насли наврас намунаи волои дарси ватандӯстӣ, ҳифзи истиқлолу озодӣ ва хоки муқаддаси Ватан ба ҳисоб меравад. Мо бояд фаромӯш насозем, ки агар Артиши миллии пуриқтидори ҳимоякунандаи амнияту субот ва тинҷиву осоиштагӣ набошад, молу амвол вадороиҳои бо заҳматҳо ҷамънамуда ҳеҷ арзише надоранд. Дар таърихи муосири Тоҷикистон Рӯзи таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳ, дар баробари Рӯзи Истиқлолияти давлатӣ, Рӯзи қабули Конститутсия ва Рӯзи Ваҳдати миллӣ рӯйдоди муҳиму сарнавиштсозу дастоварди нодир ба ҳисоб рафта, санаи 23 феврал таҷлил гардидани он таърих ва асосҳои воқеии худро дорад.

Бояд гуфт, ки ташкили Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон дар он лаҳза, амалан кори ниҳоят душвор буд. Зеро кишвар дар ҳолати бухрони сиёсию иқтисодӣ қарор дошта, буҷаи мамлакат касод шуда буд ва барои ташкили неруҳҳои мусаллаҳ ҳатто сару либос намерасид. Бо пош хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ артиши боқимондаи он ҳам аз хоки кишвар баромаданд ва он ҳама таҷҳизот, техникаҳои ҳарбие, ки мавҷуд буданд, бо ҳар роҳу восита аз ҷумҳурӣ берун бароварда шуданд [5]. Пешвои миллат хуб дарк карданд, ки бидуни

таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳ баромадан аз ин роҳи ноҳамвори мавҷуда душвор аст. Аз ин лиҳоз, ба ҳамаи ин норасоиҳо ва мушкилот нигоҳ накарда, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо азми қавӣ, иродаи устувор, донишу малакаи роҳбарӣ ва аз ҳама муҳим, боварӣ ба фардои дурахшони кишвар ба ташкили неруҳои мусаллаҳи ҷумҳурӣ пардохта, бо иқдомҳои шоиставу наҷибонаи хеш, марҳила ба марҳила Артиши миллиро бо силоҳ, лавозимоту таҷҳизоти ҳарбӣ, сару либос, хӯрока ва ҷойи зист таъмин намуда, ҷавонони содиқ ва фарзандони бо нангу ори ин меҳанро ба сафи он ҷалб намуданд [6]. Маҳз ҷасорату мардонагӣ ва дӯст доштани Ватан буд, ки барои дастёбӣ ба сулҳу ваҳдат ҷони хешро сипар карда, қатъи назар аз ҳамаи мушкилот аз ин давраи пуртаҳлука бо сарбаландию саодатмандӣ бароянд.

Хизмат дар сафи Артиши миллӣ ва ҳифзи давлату миллат, марзу буми кишвар барои ҳар як шаҳрванде, ки онро сарбаландона иҷро намудааст, ифтихори бузург аст.

Мардуми Тоҷикистон бо хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи худ ифтихор намуда, дар симои ҳар яки онҳо фарзандони далеру шуҷои Ватани азизамонро мебинанд ва бовар доранд, ки онҳо ба савганди ҳарбии худ ҳамеша содиқу вафодор мемонанд.

Артиши миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иродаву азми қавӣ ҳамаи мушкилиҳову маҳрумиятҳои дар пеши роҳ будаоро бартараф карда, давра ба давра шакл гирифт ва муҷаҳҳазу мусаллаҳ гардид. Ҳоло Артиши миллии Тоҷикистон ҳамчун нерӯи обутобёфта, ҷангдида, бошуҷоату ватандӯст ва яке аз муқаддасоти миллӣ – рукни муҳими давлатдории миллӣ дониста мешавад [6]. Имрӯзҳо маҳз бо шарофати кӯшишу заҳматҳои Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар Эмомалӣ Раҳмон Артиши миллии Тоҷикистон дар ҳоли рушду тараққиёт қарор дошта, хеле пурқувват низ гардидааст.

Аз таъсисёбии Артиши миллии Ватани азизамон - Тоҷикистон ҳамагӣ 32 сол сипарӣ шуда дар ин муддат мо роҳеро тай намудем, ки он бо арзиши таърихию тадбирҳои анҷомёфта қиммати чандин даҳсолаҳоро дорад. Вазифаи муқаддаси ҳар яки мост, ки сулҳи пойдор, тамомияти арзии Тоҷикистони азиз ва ваҳдати миллии халқи шарафмандамонро чун гавҳараки чашм эҳтиёт намоем.

**Муқарриз: Шарипова М.Қ. – н.и.т., дотсенти ДОТ дар ноҳияи Рашт**

**Адабиёт:**

1. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. - Душанбе: Ирфон, 2021. – Ҷилди 20.-424 с.
2. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён: нашри дувум.- Душанбе: Ирфон, 2021. -704 с.
3. Уфуқҳои истиқлол.- Душанбе: Ганҷ-нашриёт, 2018.-436 саҳ.
4. Бист қадами созанда. (Бо забони тоҷикӣ ва русӣ).-Душанбе: ЭР-граф, 2014. -312 саҳ.
5. Ватандӯстӣ ва худшиносии миллӣ. – Душанбе: Шарқи озод, 1999. – 100 с.
6. Тоҷикистон: дар роҳи демократия ва ҷомеаи мутамаддин: Маҷмӯи асарҳои Президент Э.Раҳмон. – Душанбе: Ирфон, 1996. – 312.

7. Тоҷикистон: чаҳор соли истиқлолият ва худшиносӣ. – Душанбе: Ирфон, 1995.-208с.-Матн бо забони тоҷикӣ.

**Literature:**

1. The independence of Tajikistan and the rebirth of the nation.-Dushanbe: Irfan, 2021. - Volume 20.- 424 P.
2. Thais in the mirror of history. From the Aryans to the Samanids: Second edition.- Dushanbe: Irfan, 2021. - 704 p.
3. Horizons of independence.- Dushanbe: Ganj Publishing House, 2018. - 436 pages.
4. Twenty creative steps. (In Tajik and Russian). Dushanbe: ER-graf, 2014. 312 pages.
5. Patriotism and national identity. Dushanbe: Vostochny Azad Publ., 1999. 100s.
6. Tajikistan: on the way to democracy and a civilized society: Collection of works of the President E. The Merciful. Dushanbe: Irfan, 1996. 312.
7. Tajikistan: four years of independence and self-discovery. Dushanbe: Irfan, 1995.208c.- Text in Tajik.

## САҲМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР БУНЁДИ АРТИШИ МИЛЛӢ

Дар мақолаи мазкур масъалаи аввалин масъалаҳои ҳаётан муҳимме, ки дар рузи Артиши миллӣ баррасӣ карда шуданд: тадбирҳо барои эътидол овардани вазъи ҷамъиятию сиёсӣ дар ҷумҳурӣ, барқарор кардани ҳамаи шохаҳои ҳокимият дар тамоми минтақаҳои мамлакат, таҳкими ҳокимияти конститутсионӣ ва ба шароити нав мутобиқ кардани он, таъсиси артиши миллӣ ва қувваҳои сарҳаддӣ барои пурзӯр кардани ҳифзи сарҳадди давлатии Тоҷикистон, таъмини амнияти давлатӣ ва пуштибонӣ аз дастовардҳои истиқлолият, ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ ва аз буҳрон баровардани кишвар, ба ҳисоб меравад. Аз таъсисёбии Артиши миллии Ватани азизамон - Тоҷикистон ҳамагӣ 32 сол сипарӣ шуда дар ин муддат мо роҳеро тай намудем, ки он бо арзиши таърихию тадбирҳои анҷомёфта қиммати чандин даҳсолаҳоро дорад. Вазифаи муқаддаси ҳар яки мост, ки сулҳи пойдор, тамомияти арзии Тоҷикистони азиз ва ваҳдати миллии халқи шарафмандамонро чун гавҳараки чашм эҳтиёт намоем.

**Калидвожаҳо:** ҳимоя, марзу бум, сулҳ, ватан, кишвар, артиши милли, сиёсат, сипар, истиқлолият.

## ВКЛАД ЛИДЕРА НАЦИИ В СОЗДАНИЕ НАЦИОНАЛЬНОЙ АРМИИ

В данной статье рассматриваются первые жизненно важные вопросы, поднятые в День Национальной армии: меры по стабилизации общественно-политической ситуации в республике, восстановление всех ветвей власти во всех регионах страны, укрепление конституционной власти и ее адаптация к новым условиям, создание национальной армии и пограничных сил для усиления охраны государственной границы Таджикистана, обеспечение государственной безопасности и поддержка достижений независимости, решение экономических вопросов и вывод страны из кризиса. Прошло всего 32 года со дня создания Национальной Армии нашей любимой Родины – Таджикистана, и за это время мы прошли путь, который по своей исторической ценности и принятым мерам стоит нескольких десятилетий. Священный долг каждого из нас – беречь как

зеницу ока прочный мир, территориальную целостность нашего любимого Таджикистана и национальное единство нашего славного народа.

**Ключевые слова:** бум, мир, родина, страна, национальная армия, политика, щит, независимость.

## THE CONTRIBUTION OF THE LEADER OF THE NATION TO THE CREATION OF THE NATIONAL ARMY

This article examines the first vital issues raised on National Army Day: measures to stabilize the socio-political situation in the republic, restore all branches of government in all regions of the country, strengthen constitutional authority and adapt it to new conditions, create a national army and border forces to strengthen the protection of the state border of Tajikistan, and ensure state security. and support for the achievements of independence, solving economic issues and bringing the country out of crisis. Only 32 years have passed since the creation of the National Army of our beloved Motherland - Tajikistan, and during this time we have come a long way, which in its historical value and the measures taken is worth several decades. The sacred duty of each of us is to protect like the apple of our eye a lasting peace, the territorial integrity of our beloved Tajikistan and the national unity of our glorious people.

**Маълумот дар бораи муаллифон: Ҳайдаров Муҳамадшариф Маҳмаднодирович –** Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, ассистенти кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоӣ ва психологияи факултети педагогика ва варзиш. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к. Э.Муҳиддин – 63. Телефон: (+992) 900391309. E-mail: haidarov.msh@mail.ru

**Баротзода Шаҳнозаи Маҳмуд –** Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, ассистенти кафедраи фанҳои ҷомеашиносӣ факултети таърих ва ҳуқуқи Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к. Э. Муҳиддин – 63. Телефон: (+992) 900989191.E-mail: barotzoda1990@mail.ru

**Сведения об авторах: Хайдаров Мухамадшариф Махмаднодирович –** Таджикский педагогический институт в Раштском районе, ассистент кафедры методики начального образования и психологии факультета педагогики и спорта. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, ш. Гарм, к. Э. Мухиддина – 63. Телефон: (+992) 900391309. E-mail: haidarov.msh@mail.ru

**Баротзода Шахнозай Махмуд –** Таджикский педагогический институт в Раштском районе, ассистент кафедры социологии факультета истории и права. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, ул. Гарм, к. Э. Мухиддина – 63. Телефон: (+992) 900989191. E-mail: barotzoda1990@mail.ru

**Information about the authors: Haidarov Muhamadsharif Mahmadnodirovich** – Tajik pedagogical institute in Rasht district, assistant of the department of primary education methodology and psychology of the faculty of pedagogy and sports. Address: 734025, Republic of Tajikistan, sh. Garm, k. E. Muhiddin-63. Phone: (+992) 900391309. E-mail: haidarov.msh@mail.ru

**Barotzoda Shahnozai Mahmud** – Tajik pedagogical institute in Rasht district, assistant, department of sociology, faculty of history and law. Address: 734025, Republic of Tajikistan, st. Garm, K. E. Mukhiddin – 63. Phone: (+992) 900989191. E-mail: barotzoda1990@mail.ru

ТДУ: 93/94

# НАҚШИ ОСОРИ ТАЪРИХИИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР ТАРБИЯИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ

**Ҷомиева Г.Қ.**
**Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт**

Пешвои миллат ҳамеша донишмандонро ҳидоят мекунанд, ки дар омӯзишу тадқиқи таърихи миллату давлати хеш ҷиддӣ бошанд, барои насли имрӯзу фардо асарҳои пурарзиш ба табъ расонда, бо ин амал дар тарбияи насли наврас, ҳифзу нигаҳдошти арзишҳои таърихию фарҳангии аҷдодии хеш содиқона хизмат намоянд.

Истиқлолият на танҳо барои омӯзиш ва таҳқиқи ҳаматарафаи паҳлуҳои гуногуни таърихи чандинҳазорсолаи халқи тоҷик шароити мусоиду созандаро муҳайё сохт, балки ба давраи комилан нави рушди таърихнигории миллӣ ибтидо гузошт. Маҳз дар ҳамин давраи нисбатан кӯтоҳи соҳибистиқлолӣ олимони ҷумҳурӣ ба пажӯҳиши саҳифаҳои торик ва берун аз доираи таҳқиқ мондаи таърихи халқи тоҷик рӯ оварда, дар ин ҷода натиҷаҳои назаррасро соҳиб гардиданд.

Омили ҳалкунанда ва созанда барои таҳқиқу омӯзиши таърихи миллати тамаддунофар, дар марҳалаи кунунӣ таваҷҷуҳи бевоситаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба таъриху фарҳанги гузаштаи аҷдодӣ ҳисоб меёбад. Президенти мамлакат на танҳо тавассути паёму суханронӣ ва дастуру супоришҳо, таҷлили санаҳои муҳими таърихӣ, арҷгузории худро нисбат ба хидмату дастовардҳои нухбагони таъриху фарҳанг ва илму адаби миллат, ҳифз ва эҳёи суннатҳои миллӣ нишон медиҳад, ҳамчунин бо таълифи мақолаву асарҳои илмӣ назари худро ба масоили гуногуни таърихӣ иброз намуда, дар таҳқиқи таърихи миллат нақши арзандаву сазовор мегузорад.

Аз мутолиаи мақолаву асарҳо ва мусоҳибаҳои Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бармеояд, ки он кас бештар ба масоили таърихи куҳан ва тамаддуни бостонии аҷдодони тоҷикон ва нақши онҳо дар рушди фарҳанги ҷаҳонӣ таваҷҷуҳ намудаанд.

Дар ҳақиқат Пешвои миллатро бештар масоили таърихи куҳан ва тамаддуни бостонии аҷдодони тоҷикон ва нақши онҳо дар рушди фарҳанги ҷаҳонӣ ба худ ҷалб сохтааст, ки он дар ҳамаи мақолаву асарҳо ва мусоҳибаҳои ӯ возеҳ ба чашм мерасад. Дар ин поя метавон асарҳои пурарзиши Президенти мамлакат «Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз ориён то Сомониён», «Тоҷикистон дар оинаи фардо», «Фарҳанг ҳастии миллат», «Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат», «Зиёиён равшангарони роҳи фардои миллатанд», «Сарнавишти миллати соҳибтамаддун», «Ориёиҳо ва шинохти тамаддуни ориёӣ: Андешаҳо дар остонаи ҷашни Соли бузургдошти тамаддуни ориёӣ», «Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёиҳо», «Дар бораи дин», «Мероси Имоми Аъзам ва гуфтугӯи тамаддунҳо», «Муҳити зиндагӣ ва оломи андешаҳои Имоми Аъзам», «Дин ва ҷомеа», «Забони миллат-ҳастии миллат», «Чеҳраҳои мондагор», «Уфуқҳои истиқлол» ва чандин асару мақолаҳои дигарро ёдовар шуд [10, с.312]; [1, с.432]; [2, с.266]; [3, с.111]; [4, с.132]; [5, с.372].

Таҳлили андешаҳои Пешвои миллат оид ба масоили гуногуни таърихӣ ва инъкоси онҳо дар асару мақолаҳо ва суханронию мусоҳибаҳо дар доираи як мақолаи хурд аз имкон берун аст. Аз ин рӯ мо танҳо атрофи таҳқиқоти чоргонаи Пешвои миллат «Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён» ва нақши он дар таърихшиносии миллӣ андешаронӣ менамоем.

Воқеан ба чоп расидани силсилаи таҳқиқоти таърихии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо унвони «Тоҷикон дар оинаи таърих» қадами ҷиддие дар шинохти таърихии тоҷикон ва мақоми онҳо дар ташаккулу пешрафти тамаддуни минтақа ва ҷаҳонӣ мебошад. Силсилаи мазкур дар ибтидо ҳамчун дастури муҳими таълимӣ барои хонандагони зинаҳои гуногуни таҳсилот (солҳои 1995-1999) бо забонҳои тоҷикиву русӣ ва англисӣ ба чоп расида буд.

Нашри мукаммали «Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён» дар шинохт ва таҳқиқи таъриху тамаддуни халқи тоҷик аз рӯи меъёрҳои нави таърихнигорӣ тобиши нав ва комилан ҷиддиеро ба миён овард. Сарвари давлат дар китоби якум ба таърих рӯ овардани худро «аз рӯи адои қарзи фарзандӣ дар назди обу хоки диёр, Ватани кӯҳанбунёд ва миллати азизу ҷафокашидаи тоҷик» ва илҳом гирифтан «аз баракати истиқлолият ва давлатдории миллӣ» бо «азми ба сарчашма ва оғози оғозҳо расидан» медонад [10, с. 312].

Дар ин замина аз масоили меҳварӣ ва суннатии тамаддуни қадими ниёгон, бавижа сабақҳои таърих, нақши Шоҳроҳи абрешим дар пайвасти гузаштаву имрӯза ва оянда, бозёфтҳо ва хазинаву дафинаҳои арзишманди аҳди бостон ба мисли Дафинаи Амударё, Авасто ҳамчун нахустин қомусномаи ниёгон, Зардушт-паямбари оини ростин, марказҳои аввалин ва гаҳвораи давлатдории тоҷикон-Бохтару Суғд ва тафсири дигар арзишҳои таърихию фарҳангиро ёддовар мешавад.

Рӯ овардани Эмомалӣ Раҳмон ба мавзуъҳои таърихӣ бесабаб нест. Зуҳуроти бегонапарастӣ, — менависад Пешвои миллат,- дар либосу ҷомаи нав ба ҷилва омадааст, ки баъзан арзишҳои таърихӣ ва дастовардҳои фарҳангии миллати тоҷикро ба марзҳову кишварҳои ҳамҷавор ва халқиятҳои дигар нисбат медиҳанд.

Воқеан, пас аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ ва дар ин замина эълон шудани ҷумҳуриҳои мустақил, роҳбарияти нави ин кишварҳо ва зиёиёни дар атрофи онҳо муттаҳид гардида, барои ба даст овардани ҳадафҳои сиёсӣ ба таълифи ғаразмандонаи таърихи миллату давлати хеш оғоз намуданд. Онҳо кӯшиш ба харҷ медоданд, ки ҳарчи бештар нақши халқи худро дар ташаккулу рушди тамаддуни минтақа ва ҷаҳонӣ ба дараҷаи намунавию ҳалкунанда ҷилва диҳанд. Табиист, ки ба чунин шакл навиштани таърих дар амал маънии инкори арзишҳои таърихии халқи тамаддунофари минтақа — тоҷиконро дорад. Чунин муносибати пурра ғайриилмӣ ба таърихи минтақа, Сарвари хирадманди давлатро бетараф гузошта наметавонад.

Дар китоби аввал, чӣ хел ки ишора рафт, масъалаҳое мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд, ки ҳар яке чун мӯъҷизоти муҳими таърихи башар эътироф шуда, аз нақши мукаммалу фарҳангофарии ниёгонамон шаҳодат медиҳанд. Ин арзишҳои суннатӣ имрӯз низ асолати гуманистӣ ва пайвандгарии наслҳоро гум накардаанд. Пешвои миллат, аз ҷумла, Роҳи бузурги абрешимро чун пайвандгари гузаштаву имрӯз ва фардо нишон дода, Авасторо нахустин қомусномаи ҷаҳон муаррифӣ мекунад. Ҳамзамон таъкид менамояд, ки Зардушт

бори нахуст дар таърихи башарият арзишҳои ахлоқиро дар либоси дин ба ҷилва оварда, «рафтори нек, кирдори нек ва гуфтори нек»-ро сарманшаи зиндагӣ ва оини ҳамешагии пайравони хеш қарор дод.

Тамаддуни ориёӣ дар ҳавзаи дарёҳои бузурги минтақа арзи вуҷуд намуда, дар ин паҳно ташаккул ёфтаву қавму қабоили гуногунро ғизои маънавӣ додаст. Ин падидаи беамсол мисли рӯдҳои кишвар пайвандгару рӯҳбахшу созанда ва чун об ҳамеша софу шаффоф будааст. «Мо ба гузашта, — менависад муаллиф, — ба хотири парастиши соддалавҳонаи ниёгон не, балки барои тақвияти рӯҳи созандагӣ, бузургдошти хотираи нахустаҷдоди роҳкушои мо, ки дар дарозои таърих ба иқдомҳои нав камар баста, ба дастовардҳои бузургу ғайриоддӣ ноил гаштаанд, рӯй меоварем».

Китоби дуввуми «Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён» [6, с. 210] рамзист, ки бо таҳлили авзои сиёсии ҷаҳон дар давраи гузариш аз садаи бист ба қарни бистуяк оғоз меёбад. Ва ин бесабаб нест. Муаллиф дар ин ҷо на танҳо чун муҳаққиқ, балки ҳамчун Сарвари давлат ва сиёсатмадори дақиқназару дурандеш авзои сиёсии ҷаҳонро дар давраи гузариш аз як сада ба садаи дигар дар мизони таҳлил бар кашида, диди худро доир ба пешомади ҷаҳони муосир дар садсолаи нав манзур намуда, ҷомеаи ҷаҳониро даъват намудааст, ки рӯ ба таърих оваранд ва бубинанд, ки ҷангу ҷидол ва хунрезиҳо аз худ чӣ осоре боқӣ гузоштаанду инсоният чӣ талафоти бузурге додааст.

Ду ҷанги ҷаҳонии садаи бистум беш аз 60 миллион мардуми рӯи заминро ба коми марг кашид. Талафоти ҷонии мамлакатҳои Аврупо танҳо дар Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ду баробар аз талафоти сеюнимасраи пеш зиёд буд. Оё ин сабақи таърихӣ нест? Вале, афсӯс ҳоло ҳам «садоҳои пуризтироб аз расонаҳои хабарии олам қариб ҳар рӯз ба гӯш мерасад ва сайёраи Замин аз таркиши бомбаву снарядҳои реактивӣ қариб ҳар соат меларзад. Ҷисми сабзи замин оғӯштаи хун мегардад, даҳҳо шаҳрҳои обод харобу валангор гардида садҳо ҳазор одамони бегуноҳ қурбони ҷанги беамон мешаванд». Таҳлили вазъи ҷаҳони муосир муаллифро ба хулосае овардааст, ки ҷомеаи инсонӣ баробари рушди босуръат ва дастовардҳои нодир дучори хатарҳои бузург низ гардидааст ва тақдири инсоният ба ҳалли дуруст ва боақлонаи онҳо вобаста аст.

Воқеан, таҷрибаи сулҳ ва ризояти миллии Тоҷикистон, ки бо сарварии Пешвои миллат амалӣ гардид, дар таърихи башарият падидаи нодиру ибратомӯз аст. Ин тадбир, ки маншаъ аз таърихи тӯлонӣ ва фарҳанги ғании аҷдодӣ гирифтааст, натиҷаи сабақҳои пурҳикмати чандинҳазорсолаи ниёкон мебошад. Пешвои миллат таърихро на чун амали ҳаводиси гузашта, балки чун сабақи раҳнамо эҳсос мекунад ва таъкид менамояд, ки агар бихоҳӣ ояндаро бубинӣ, ба гузашта назар намо.

Мукаррараран рӯ оварданро ба гузаштаи таърихии халқи худ муаллиф чун воситаи «дар тарозуи адлу инсоф баркашидан» ва «аз бурду бохти онҳо сабақҳои ибратомӯз» бардоштан медонад. Бо назардошти чунин ҳикмат муаллиф дар бобҳои баъдинаи асари безаволи худ масоили мубрам ва ибратомӯзи таърихи гузаштаи ниёгонро ба риштаи таҳлил мекашад. Диққати ӯро масъалаҳои густариши давлатдорӣ ва тамаддуни ориёӣ, рушди фарҳанги давлатдории тоҷикон дар замони Ҳахоманишиён, талошу истиқлолхоҳии ниёгони тоҷикон-бохтариҳову суғдиҳо алайҳи аҷнабиёни юнону мақдунӣ, омезиши фарҳанги баландпояи ориёӣ бо фарҳанги юнонӣ ва нақши онҳо дар тамаддуни эллинӣ,

ташаккул ва болоравии давлати юнониасоси Бохтар, ғуруби тамаддуни эллинӣ ба худ ҷалб менамоянд.

Андеша ва хулосаҳои муаллиф дар заминаи асноди арзишманди таърихӣ ва таҳлили муқоисавии таҳқиқоти олимони шинохтаи ватаниву хориҷӣ пешакаши хонандагон мегардад. Натиҷаи то кунун ба даст овардаи илми таърихшиносиро нуктасанҷона ба риштаи таҳлил кашида, масоили ҳалталаб ва ё мавриди баҳс қарор доштаро, ки омӯзишу ҳалли он вазифаи аввалдараҷаи пажӯҳишгарони муосир мебошад, пеш мегузорад. Аз ҷумла, ба масъалаи фарҳанги давлатдории тоҷикон таваҷҷуҳ намуда, таъкид менамояд, ки «оини давлатдории тоҷикон сахтиҳои хорошикани таназзулу эҳё шуданро борҳо аз сар гузаронида, аз думболи ҳар шикасту инқирози чашмрас боз эҳёшавӣ ва камолоти афзунтарро ноил гаштааст» [9, с. 436].

Аммо, муаллиф ба он розӣ нест, ки баъзе аз олимону муаррихон «умри давлатдории тоҷиконро аз давраи Сомониён оғоз намуда, чандин силсилаи муқаддами давлатдории ниёгони моро аз мадди назар дур меафкананд». Ҳамчунон масъалаи этногенези халқи тоҷикро яке аз масъалаҳои муҳим, вале печидаву мураккаби таърихӣ ҳисобида, омӯзиши онро ҳаматарафа ва бо хулосаи амиқ аз мутахассисони соҳа талаб менамояд. Ақидаҳо ва навиштаҳои пажӯҳандагон оид ба маънои этноними «тоҷик» ва пайдоишу паҳншавии он, хулосаву натиҷагириҳо атрофи он низ аз мадди назари Сарвари давлат дур намондааст. Ҳарчанд дар ин самт тадқиқотҳои чашмрас ва хулосаҳои зиёди илмӣ ҷой дошта бошанд ҳам, аммо дастовардҳо ва натиҷаҳои охирини илмҳои ҷомеашиносӣ, бавижа таърих, лингвистика, бостоншиносӣ, таърихи тамаддунҳои бостонӣ ва амсоли инҳо таҳқиқи амиқи масъаларо аз диди нав тақозо менамоянд.

Чунин тарзи масъалагузорӣ ва натиҷагирии амиқ аз масоили норӯшану баҳсталаб ё нодида гирифтану хӯрдагирии баъзе аз муҳаққиқон ба таърихи халқи тоҷик дар дигар бобҳои китоби дуввум низ ҷой дорад.

Масалан, бо як иродатмандӣ ва ифтихори баланд муборизаи ниёгон-бохтариёну суғдиён, қаҳрамонии Спитамен ва ёронаш муқобили истилогарони юнону мақдунӣ, таъсирпазирии фарҳанги пешрафтаи маҳаллӣ ба фарҳанги юнонӣ ва эллинӣ, нақши гузаштагон дар рушду такомули давлати Селевкиёнро тасвир намуда, Сарвари давлат ақидаи дар байни баъзе аз муаррихон маъмул, ки истилои юнониҳо ва ташкили давлатҳои эллиниро барои халқҳои Шарқ ҳамчун як пешрафт ва дастоварди бузурги фарҳангӣ қаламдод менамоянд, бепоя ва аз назари илмӣ беасос маънидод намудааст.

Академик Б. Ғафуров низ дар ин масъала таъкид менамояд, ки аксарияти олимони хориҷӣ оид ба таъсири фарҳанги юнонӣ ба фарҳанги мардуми Шарқ ҳарф зада, аз дастовардҳои беназири фарҳангии мардуми маҳаллӣ чашм мепӯшанд. Ҳол он ки «дар маданияти ба истилоҳ эллинӣ на ин ки эҷодиёти мадании «соф» юнонӣ, балки омезиши махсуси маданияти юнонӣ ва шарқӣ инъикоси худро пайдо намудааст ва дар бобати инкишофи ин маданият роли бузургеро халқҳои Осиёи Миёна бозӣ кардаанд».

Вобаста ба ин Сарвари давлат пешниҳод менамояд, ки давлати Юнону Бохтар, ки «дар силсилаи давлатдории аҷдодии тоҷикон як давраи навбатии истиқлолият ва рушду нумӯи тамаддуни муштараки эллинию ориёӣ буд», давлати юнониасоси Бохтар номида шавад. Аммо баровардани хулосаи ниҳоиро оид ба масъалаи мазкур ба зиммаи олимону муаррихон мегузорад ва ҳамзамон таъкид менамояд, ки омили асосии нуфуз ёфтани юнониҳоро дар Бохтар на дар

волоияти тамаддуну давлатдории эллинӣ, «балки дар густариши тиҷорат, пешрафти робитаҳои иқтисодӣ ва мақоми ҷаҳонӣ пайдо кардани Роҳи Бузурги Абрешим бояд ҷуст».

Боби чаҳоруми китоби дуввум ба таҳлили таърихи ҳокимиятдории силсилаи туроniён ва эҳёи давлатдорӣ ва тамаддуни ориёӣ бахшида шудааст. Муаллиф дар ин бахш бештар ба таъсисёбӣ ва ташаккули давлатдории хонадонҳои ҳукмрони ориёии туронӣ, пеш аз ҳама Портҳо, Кушониён ва Ҳайтолиён таваҷҷӯҳ намуда, онро давраи азнав эҳёшавии давлатдорӣ ва тамаддуни ориёӣ меномад.

Дар фаслҳои алоҳида боби чоруми китоби дуввум диққати Сарвари давлатро масъалаҳои эҳёи тамаддуни ориёӣ ва коҳиш ёфтани нуфузи эллиниҳо дар давраи ҳокимиятдории хонадони Ашкониёни Порт ва мақоми сулолаи Кушониён дар рушд ва такомули минбаъдаи давлатдории аҷдодии тоҷикон ба худ ҷалб сохтааст. Бояд таъкид намуд, ки дар рафти таҳлили масоили мазкур низ ягон мушкилоти илмии дар таърихшиносии муосир ҷой дошта, аз мадди назари муаллиф берун намондааааст. «Давлати Ашкониёни Порт, — хулоса намудааст муаллиф,- дар ҳамсоякишвари давлати юнониасоси Бохтар ва канорҳои Суғду Фарғона қомат афрохта, дар тӯли панҷ аср яке аз тавонотарин давлатҳои аҳди қадим буд, ба эҳёи тамаддуни ориёӣ ва рушду нумӯи фарҳанги ниёгони тоҷикон мусоидат кардааст» [7, с. 327].

Яке аз беназиртарин дастоварди Ашкониён поягузории забон ва адабиёти паҳлавӣ мебошад, ки чун мероси муштарики қавмҳои ориёӣ, аз ҷумла тоҷикон эътироф шудааст. Нақши ин хонадонро на камтар аз Ҳахоманишиён донисta, муаллиф таъкид мекунад, ки «Ашкониёни Порт тамаддуни ориёиро аз асари ногувори истилои мақдуниён ва шояд аз хатари нобудшавию ба гӯшаи фаромӯшӣ афтодан наҷот доданд».

Таърихи салтанати Кушониён ва нақши онҳо дар ташаккулу рушди тамаддуни ориёӣ яке аз масоили диққатҷалбкунанда дар илми таърихшиносӣ маҳсуб меёбад. Гарчанде оид ба ин давраи таърихӣ тадқиқотҳои зиёди ҷолиби таърихию бостоншиносӣ мавҷуд бошад ҳам, вале то имрӯз нисбат на ба ҳама паҳлуҳои он нуқтаи назари амиқ ва хулосаи қатъии илмӣ мавҷуд аст. Пешвои миллат дар такя ба тадқиқотҳои илмии солҳои охир, рисолаву маколаҳои олимону муаррихони шинохтаи дохиливу хориҷӣ ва баробари он бо истифода аз асноди зиёди таърихӣ, хусусан маъхазҳои чинӣ мӯшикофона дар шакли саҳеҳ ба бисёр аз мушкилот ва масоили чигил рӯшанӣ андохтааст. Дастрас гардидани ду катибаи гаронбаҳои аҳди Кушониён — Катибаи Сурхкӯтал ва Катибаи Работак ва инчунин пажӯҳиши олимони варзида оид ба ин маъхазҳоро ба асос гирифта, муаллиф натиҷагирӣ менамояд, ки «Кушониён халқияти ориёинажод, ориёизабон ва ориёимазҳаб» буданд ва давраи давлатдории онҳо «яке аз дурахшонтарин силсилаи давлатдории ниёгони ориёии тоҷикон дар Осиёи Марказӣ буда, дар ташаккули таърихии халқияти тоҷик ва ҳамчун миллати ҷудогона ба камол расидани он саҳми бағоят бузург дорад».

Дар хотимаи китоби дуюм Пешвои миллат қазияи давлати кабири Кушониён ва мақоми он дар ташаккули давлату давлатдории тоҷиконро мушкилтарин мавзӯъ номида, ин давлатдориро «ҳалқаи заррине дар силсилаи давлатдории ориёиҳои тӯронӣ» меномад, ки «тӯли се аср пуштибони Роҳи бузурги абрешим ва қофиласолори тамаддуни ориёӣ дар Осиёи Марказӣ ва Шарқи Наздик ба шумор мерафт».

Замони пайдоиш, ташаккул ва рушди силсилаи Сосониён ва Ҳайтолиёнро Пешвои миллат давраи нави эҳёи тамаддуни ориёӣ қаламдод карда, зикр менамояд: ки таърихи куҳан «бо чархишҳои ногаҳониаш ба ҷои давлати Ашкониёни Порт дудмони Сосониён ва бар ивази Кушониён тоифаи нави силаҳшӯру кӯчии ориёӣ — Ҳайтолиёнро ба ҷабҳаи сиёсат ва оини давлатдорӣ оварда, ба эҳёву растохези дубораи тамаддуни ориёӣ ва густариши фарҳанги зардуштӣ мусоидат» кард.

Дар ин таҳқиқот ба таври муфассал ба сари қудрат омадани хонадони Сосонӣ, ташкили низоми идоракунӣ ва молиёт, эҳёи суннатҳои аҷдодии ориёӣ, рушди илму фарҳанг, оин ва мазҳаб, бавижа оини зардуштӣ, ба як империяи абарқудрати ҷаҳонӣ мубаддал гардидани Давлати Сосониён ва баробари он муборизаи тӯлонии онҳо бо ҳамқавмони ориёии ҳайтолии худ ва дигар кӯчиёни воридшуда, бахусус болоравии нуфузи туркон мавриди ҳамаҷонибаи таҳқиқи Сарвари давлат қарор гирифтааст.

Тазаккур бояд дод, ки хулосаҳои муаллиф оид ба таърихи пайдоиш ва ташаккули давлати Ҳайтолиён, макони пайдоиш ва баромади этникӣ, забон, расму оин, ба сари қудрат омадани онҳо, инчунин низоми давлатдорӣ ва нақши онҳо дар ташаккулу рушди давлатдорӣ ва фарҳанги ориёӣ, дар заминаи сарчашмаҳои муътамад ва рисолаҳои арзишманди илмӣ комилан аз нигоҳи тоза мавриди баррасӣ қарор ёфтанд.

Дар баробари он муаллиф зарурати пажӯҳиши ҳаматарафа ва натиҷагирии амиқро оид ба таърихи Ҳайтолиён ва давлатдории онҳоро чунин таъкид намудааст: «Сарфи назар аз тадқиқоти зиёде оид ба пайдоиш, паҳншавӣ ва мақоми таърихии қабилаҳои ориёии тӯронӣ, аз ҷумла хиониҳо масъалаи падидоӣ ва ташаккули қавмию этникии ҳайтолиҳо дар илм чандон равшан нашудааст. Барои ба масъалаи сарнавишти таърихии ҳайтолиҳо рӯшанӣ афкандан, хоҳу нохоҳ ба тақдири ташаккулёбии саромади онҳо қавмҳои кӯчманчии тӯронӣ, бахусус хиониҳо ва дигар қавмҳои ҳамнасаби онҳо бозгаштан рост меояд». Ин тарзи нигоҳ чун дастур барои олимону муаррихон дар омӯзиши ҳайтолиёншиносӣ хизмат хоҳад кард.

Воқеан, ин таҳқиқот баробари пажӯҳиши ҷиддии илмӣ будан чун дастуру роҳнамои барномавии фаъолият барои олимону муаррихон ва муассисаҳои илмӣ ва таълимии таърихии ҷумҳурӣ хизмат хоҳад кард. Тавре Пешвои миллат 19 марти соли 2018 зимни суханронии хеш дар вохӯрӣ бо зиёиёни кишвар таъкид намуданд: «Дарвоқеъ, таърих ойинаи ҳар як халқу миллат мебошад. Мо бояд ин ойинаро ҳамеша беғубор нигоҳ дорем, то ки мардум ва махсусан, наврасону ҷавонон роҳи пуршарафи тайкардаи халқамонро дар он равшану возеҳ дида тавонанд» [8, с. 2].

Хулоса, мо имрӯз дар марҳалаи хеле ҳассос ва таърихӣ қарор дорем. Вазъи ноороми ҷаҳони муосир, авҷ гирифтани равияҳои гуногуни бегонаи динӣ – иртиҷоӣ, ки ба анъана, расму оин, таъриху фарҳанги мо ягон иртибот надоранд, миллати тоҷикро водор месозад, ки аз ҳарвақта дида бештар ба сулҳу ваҳдат, ҳамдилию ҳамкорӣ, ахлоқи ҳамида, худшиносии таърихию фарҳангӣ рӯ биёрад. Дар ҳалли ин масъалаҳо, яъне эҳёи суннатҳои таърихию фарҳангӣ ва дар ин рӯҳия ташаккул ва такомул ёфтани худшиносии миллат асарҳои бунёдии арбоби намоёни давлатию сиёсӣ, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нақши муассир дорад.

**Муқарриз: Садиров Ш.А. – н.и.т., дотсенти ДОТ дар ноҳияи Рашт**

**Адабиёт:**

1. Забони миллат - ҳастии миллат. - Душанбе: Нашриёти муосир, 2020. С – 432.
2. Зиндагӣ аз модар сарчашма мегирад [Матн ва аксҳо]: Фишурдаи суханрониҳо зимни мулоқоту вохӯриҳо бо бонувони кишвар. – Душанбе: Шуҷоиён, 2011. С. 266.
3. Матн ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ. Имоми Аъзам ва ҳувияти миллӣ [Матн]. – Душанбе: Адиб, 2009. С. 111.
4. Матн ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва узбекӣ. Мавлоно ва тамаддуни инсонӣ. - Душанбе: «Бухоро», 2012. С.132.
5. Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ. – Душанбе: Ирфон, 2006. – С. 372.
6. Раҳмонов Э.Ш. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён. Китоби 1. – Душанбе, 2002. – С. 110.
7. Раҳмонов Э.Ш. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён. Китоби 2. – Душанбе, 2002. С. 326.
8. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вохурӣ бо зиёиёни кишвар // Садои мардум. –Душанбе, 2018, 20 март. С. 2.
9. Уфуқҳои Истиқлол. - Душанбе: Ганҷ-нашриёт, 2018. - 436 с.
10. Эмомалӣ Раҳмон. Бист қадами созанда. (Ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). - Душанбе: ЭР-граф, 2014. - 312 с.

**Literature**

1. The language of the nation - the existence of the nation. - Dushanbe: Modern Publishing House, 2020. – P. 432.
2. Life originates from the mother [Text and photos]: A compilation of speeches during meetings and gatherings with women of the country. - Dushanbe: Shujoiyon, 2011. – P. 266.
3. Text in Tajik and Russian., The Great Imam and National Identity [Text]. - Dushanbe: Adib, 2009. – P.111.
4. Text in Tajik, Russian and Uzbek languages., Mawlana and human civilization. - Dushanbe: "Bukhara", 2012. – P. 132.
5. A look at the history and civilization of the Aryans. - Dushanbe: Irfan, 2006. – P. 372.
6. Rakhmonov E.Sh. Tajiks in the mirror of history. From the Orians to the Somonians. Book 1. – Dushanbe, 2002. – P.110.
7. Rakhmonov E.Sh. Tajiks in the mirror of history. From the Orians to the Somonians. Book 2. – Dushanbe, 2002. – P. 326.
8. Speech of the President of the Republic of Tajikistan at a meeting with the country's intellectuals// Voice of the People. – Dushanbe, 2018, March 20. – P. 2.
9. Horizons of Independence. - Dushanbe: Ganj-nashriyot, 2018. – P. 436.
10. Emomali Rahmon. Twenty constructive steps. (In Tajik and Russian).- Dushanbe: ER-graf, 2014. – P. 312.

# НАҚШИ ОСОРИ ТАЪРИХИИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР ТАРБИЯИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ

Истиқлолият на танҳо барои омӯзиш ва таҳқиқи ҳаматарафаи паҳлуҳои гуногуни таърихи чандинҳазорсолаи халқи тоҷик шароити мусоиду созандаро муҳайё сохт, балки ба давраи комилан нави рушди таърихнигории миллӣ ибтидо гузошт. Маҳз дар ҳамин давраи нисбатан кӯтоҳи соҳибистиқлолӣ олимони ҷумҳурӣ ба пажӯҳиши саҳифаҳои торик ва берун аз доираи таҳқиқ мондаи таърихи халқи тоҷик рӯ оварда, дар ин ҷода натиҷаҳои назаррасро соҳиб гардиданд. Чоп шудани мақолаи мазкур, ба дасти хонанда расидани осори хаттии гузашта, ба вижа манобеи гуногуни таърихӣ шаҳодати рушди марҳалаи комилан нав дар таърихнигории ватанӣ мебошад. Мо имрӯз дар марҳалаи хеле ҳассос ва таърихӣ қарор дорем. Вазъи ноороми ҷаҳони муосир, авҷ гирифтани равияҳои гуногуни бегонаи динӣ – иртиҷоӣ, ки ба анъана, расму оин, таъриху фарҳанги мо ягон иртибот надоранд, миллати тоҷикро водор месозад, ки аз ҳарвақта дида бештар ба сулҳу ваҳдат, ҳамдилию ҳамкорӣ, ахлоқи ҳамида, худшиносии таърихию фарҳангӣ рӯ биёрад.

**Калидвожаҳо:** ташаккул, рушд, фарҳанг, давлатдорӣ, ҷаҳони муосир, равияҳои гуногун, таърихнигорӣ, тамаддуни ориёӣ.

## РОЛЬ ИСТОРИЧЕСКОГО ТВОРЧЕСТВА ЭМОМАЛИ РАХМАНА В ВОСПИТАНИИ НАЦИОНАЛЬНОГО САМОПОЗНАНИЯ

Независимость создала не только благоприятные условия для всестороннего изучения и исследования различных аспектов многотысячелетней истории таджикского народа, но и положила начало совершенно новой эпохе развития национальной историографии. Именно в этот сравнительно короткий период независимости ученые республики обратились к изучению исторических страниц и аспектов таджикского народа, которые ранее оставались вне исследовательского поля, и в этой области достигли значительных результатов. Публикация данной статьи, а также доступ читателей к письменным произведениям прошлого, особенно к разнообразным историческим источникам, свидетельствует о развитии совершенно новой ступени в отечественной историографии. Сегодня мы находимся на очень важном и историческом этапе. Нестабильная ситуация в современном мире, возникновение различных чуждых нам религиозно-реакционных течений, не имеющих никакой связи с нашими традициями, обычаями, историей и культурой, заставляет таджикский народ более чем когда-либо обращаться к миру и единству, сопереживанию и сотрудничеству, общей морали, историко-культурному самосознанию.

**Ключевые слова:** формирование, развитие, культура, государственность, современный мир, различные направления, историография, арийская цивилизация.

## THE ROLE OF HISTORICAL CREATIVITY OF EMOMALI RAHMAN IN THE EDUCATION OF NATIONAL SELF-KNOWLEDGE

Independence not only created favorable and constructive conditions for the comprehensive study and research of various aspects of the thousands-year-old history of the Tajik people, but also marked the beginning of a completely new era in the development of national historiography. It was during this relatively short period of independence that the republic's scientists turned to researching the dark and unexplored pages of the history of the Tajik people, achieving significant results in this regard. The publication of this article, the availability of written works of the past, especially various historical sources, is evidence of the development of a completely

new stage in domestic historiography. Today we are at a very important and historical stage. The unstable situation in the modern world, the emergence of various alien religious-reactionary movements that have no connection with our traditions, customs, history and culture, forces the Tajik people more than ever to turn to peace and unity, empathy and cooperation, common morality, historical and cultural self-awareness.
**Key words:** formation, development, culture, statehood, modern world, various trends, historiography, Aryan civilization.

**Маълумот дар бораи муаллиф: Ҷомиева Гулафзо** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, мудири шуъбаи бойгонӣ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Рашт, ш. Ғарм, к. Э. Муҳиддин-63.

**Сведения об автор: Джомиева Гулафзо** – Таджикский педагогический институт в Раштском районе, заведующий архивным отделом. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, Раштский район, Гарм, ул. Э. Мухиддин-63.

**Information about author: Jomieva Gulafzo** – Tajik pedagogical institute in Rasht region, head of the archives department. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Rasht district, Garm, st. E. Mukhiddin-63.

## ИЛМҲОИ ИҚТИСОДӢ – ЭКОНОМИЧЕСКИЕ НАУКИ

ТДУ: 336.1

# РУШДИ НИЗОМИ БОНКӢ ВА ХИЗМАТРАСОНИҲОИ БОНКИЮ МОЛИЯВӢ ДАР МИНТАҚАИ РАШТ: МУШКИЛОТ ВА ДУРНАМО

**Ниёзов М.А., Шодизода А.Ш.**
**Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт**

Мувофиқи маълумоти расмии омории дар асоси ҳисоботи воҳидҳои сохтории ташкилотҳои қарзии молиявии дар минтақа фаъолиятдошта ҷамъбастгардида ба охири соли 2024 низоми бонкии минтақаи Рашт аз 77 адад филиалу марказҳои хизматрасонии бонкии ташкилотҳои қарзии молиявӣ иборат мебошад, ки нисбат ба охири соли 2020 ба 1 адад зиёд гардид, аз ҷумла: 9 адад филиал, 50 адад марказҳои хизматрасонии бонкии (МХБ)-и дар тобеияти филиалҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ, 2 адад фондҳои қарзии хурд, 1 адад филиали фонди қарзии хурд ва 15 адад марказҳои хизматрасониии маблағгузории хурд дар тобеияти фондҳои қарзии хурд фаъолият намуда истодаанд [6].

Ҳамзамон, ба охири соли 2024 дар минтақа зиёда аз 75 адад хазинаи амалиёти интиқоли пулӣ дар тобеияти филиалу МХБ-и филиалҳо фаъолият намуда истодаанд, ки дар охири соли 2024 нисбат ба охири соли 2020 ба 23 адад ё 44,2 фоиз зиёд гардид. Инчунин, дар тобеияти филиалу МХБ-и филиалҳои ташкилотҳои қарзии молияии минтақа 48 адад хазинаҳои мубодилаи асъор ба мизоҷон хизматрасониҳои бонкиро пешкаш карда истодаанд, ки нисбат ба охири соли 2023 ба 19 адад зиёд гардид.

**Ҷадвали 1. Теъдоди воҳидҳои сохтории ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар минтақаи Рашт дар давраи солҳои 2020-2024 (адад, %)**

| № | Врҳидҳои сохтории ТҚМ-и минтақаи Рашт | *2020с.* | 2021с. | *2022с.* | *2023с.* | 2024с. | *Тағйирот соли 2024 нисбати соли 2020* | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | *номиналӣ* | *нисбӣ* |
| 1 | **Филиалу МХБ-и ташкилотҳои қарзии молиявӣ** | 76 | 73 | 74 | 78 | 77 | *1* | *1,3%* |
| | Филиали ташкилотҳои қарзии молиявӣ | 9 | 9 | 9 | 9 | 9 | *0* | *0,0%* |
| 2 | **Ташкилотҳои маблағгузории хурд** | 4 | 3 | 3 | 3 | 3 | *-1* | *-25,0%* |
| | Фонди қарзии хурд | 3 | 2 | 2 | 2 | 2 | *-1* | *-33,3%* |
| | Филиали фонди қарзии хурд | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | *0* | *0,0%* |
| | марказҳои хизматрасонии маблағгузории хурд | 15 | 15 | 15 | 15 | 15 | *0* | *0,0%* |
| 3 | **Марказҳои хизматрасонии бонкӣ** *(охири давра)* | 48 | 46 | 47 | 51 | 50 | *2* | *4,2%* |
| | Хазинаҳои амалиёти интиқоли пул | 52 | 68 | 71 | 77 | 75 | *23* | *44,2%* |
| | Хазинаҳои мубодилаи асъор | 29 | 43 | 43 | 50 | 48 | *19* | *65,5%* |

Сарчашма: таХияи муаллифон дар асоси ХисоботХои расмии омории низоми бонкии минтаКаи Рашт.

Бо мақсади иҷрои саривақтии дастуру супоришҳо ва тавсияҳои роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон, ки аз дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти таъсис додани воҳидҳои сохтории ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон ва фароҳаи овардани дастрасии мизоҷон ба хизматрасониҳои бонкию молиявӣ сарчашма

мегиранд солҳои охир шумораи воҳидҳои сохтории ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар ноҳияҳои минтақа ва хусусан дар ҷамоатҳои дурдасти деҳоти ноҳияҳои минтақа пай дар пай таъсис дода шуда истодаанд.

Дар заминаи татбиқи амалии ин дастуру супоришҳои ба низоми бонкии кишвар додашуда дар солҳои охир новобаста аз қатъ гардидани фаъолияти як қатор филиалҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар минтақа (филиалҳои ҶСК “Агроинвестбонк” ва ҶСК “Тоҷиксодиротбонк”, ҶСП “БСТ ТИСТ Тоҷпромбонк”, ҶСК “Фононбонк” ва МХБ-и онҳо) [6], марказҳои хизматрасонии бонкии дигар ташкилотҳои қарзии молиявӣ, аз ҷумла: МХБ-и ҶСП ТАҚХ “Имон-Итернешнл” дар н. Рашт, МХБ-и ҶСП “Душанбе Сити Бонк” дар н.Рашт, МХБ-и ҶСП “Спитамен Бонк” дар н.Рашт, МХБ-и КВД БССТ ”Саноатсодиротбонк” дар ноҳияи Рашт ва якчанд МХБ-и ҶСК “Коммерсбонки Тоҷикистон” дар ноҳияҳои дигари минтақа таъсис дода шуданд, ки хизматрасониҳои муосири бонкию молиявиро ба мизоҷон пешкаш намуда истодаанд. Ҳамзамон, дар назар аст, ки рӯзҳои наздик МХБ-и ҶСП “Бонки байналмилалии Тоҷикистон” низ дар ноҳияи Рашт ба фаъолият оғоз бахшад.

Маълумоти расмии омории дар асоси ҳисоботи воҳидҳои сохтории ташкилотҳои қарзии молиявии дар минтақа фаъолиятдошта ҷамъбастгардида шаҳодати онро медиҳад, ки дар солҳои охир низоми бонкии минтақаи Рашт ба натиҷаҳои назаррас ноил гашта истодааст. Хусусан дар самти афзоиш додани шумораи воҳидҳои сохтории ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва пешкаш кардани шаклу намудҳои гуногуни хизматрасониҳои муосири бонкию молиявӣ ба мизоҷон.

Барои тасдиқи ин гуфтаҳо маълумоти расмии омории охири соли 2024-ро дар муқоиса нисбат ба охири соли 2020 мавриди таҳлил қарор дода, рушду вусъатёбӣ ва болоравии як қатор нишондиҳандаҳои асосии бонкию молиявиро дар низоми бонкии минтақаи Рашт шарҳ медиҳем.

Бо мақсади вусъат бахшидан ба ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои мизоҷон дар самти пардохти ғайринақдии арзиши хизматрасониҳои муздноки давлатӣ инчунин, барои осон кардани хариду фурӯши молу маҳсулот ва хизматрасониҳои дигари бозорӣ дар низоми бонкии минтақаи Рашт охири соли 2024 шумораи пос-терминалҳо дар маҷмӯъ ба 300 адад расонида шуд, ки нисбат ба охири соли 2020 ба 207 адад ё 3,2 баробар зиёд гардид, аз ҷумла шумораи пос-терминалҳо дар марказҳои савдо, хизматрасонӣ ва дорухонаҳо насбгардида дар интиҳои соли 2024 ба 67 адад расонида шуд, ки нисбат ба охири соли 2020 ба 31 адад ё 1,9 маротиба зиёд гардид [1].

Афзоиши шумораи пос-терминалҳо дар марказҳои савдо, хизматрасонӣ ва дорухонаҳо яке аз заминаҳои рушди минбаъдаи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ва дастрасии бемайлону босифати хизматрасониҳои бонкию молиявӣ ба мизоҷону корафтодагон баҳисоб меравад, ки дар заминаи ин зиёдшавӣ ҳаҷми пардохтҳо тавассути пос-терминалҳои дар марказҳои савдо, хизматрасонӣ ва дорухонаҳо насбгардида дар интиҳои соли 2024 маблағи 3 909,1 ҳаз. сомониро ташкил дода, нисбат ба охири соли 2020 ба 3 198,4 ҳаз. сомонӣ ё 5,5 маротиба афзоиш ёфт.

Ҳамзамон, шумораи пос-терминалҳо барои қабули пардохти арзиши хизматрасониҳои муздноки давлатӣ бошад дар интиҳои соли 2024 ба 222 адад расонида шуд, ки нисбат ба охири соли 2020 ба 165 адад ё 3,9 маротиба зиёд

гардид. Маврид ба зикр аст, ки дар охири соли 2024 ҳаҷми маблағи тавассути ин постерминалҳо барои пардохти арзиши хизматрасониҳои музднoки давлатӣ амалигашта дар маҷмӯъ 65 313,3 ҳаз. сомониро ташкил дода, нисбат ба охири соли 2020 ба андозаи 100 фоиз афзоиш ёфт.

Бо мақсади таъмини саривақтии аҳолии минтақа бо пули нақд ва дастрасии ҳамешагии хизматрасониҳо аз рӯи кортҳои пардохтии бонкӣ теъдоди банкоматҳо сол то сол дар минтақаи Рашт зиёд карда шуда истодаанд. Мувоифиқи маълумоти расмии омории дар натиҷаи ҷамъбасти ҳисоботи воҳидҳои сохтории ташкилотҳои қарзии молиявии дар минтақа фаъолиятдошта бадастомада ба охири соли 2024 дар маҷмӯъ шумораи умумии банкоматҳо дар минтақа ба 60 адад расонида шуд, ки нисбат ба охири соли 2020 ба 39 адад ё 2,9 маротиба зиёд гардид.

Миқдори умумии кортҳои пардохтии бонкӣ бошад ба охири соли 2024 ба 162 474 адад расонида шуд, ки нисбат ба охири соли 2020 ба 100 683 адад ё 2,6 маротиба зиёд гардид.

**Ҷадвали 2. Шумораи пос-терминалҳо ва ҳаҷми амалиёт тавассути онҳо дар минтақаи Рашт дар давраи солҳои 2020-2024 (адад, %)**

| № | Теъдоди таҷҳизотҳои электронии пардохтӣ дар низоми бонкии минтақаи Рашт | с. 2020 | с. 2021 | с. 2022 | с. 2023 | с. 2024 | *Тағйирот соли 2024 нисбати соли 2020* | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | *номиналӣ* | *нисбӣ* |
| 1 | **Миқдори умумии кортҳои пардохтии бонкӣ (адад)** | **61 791** | **73 505** | **96 270** | **137 824** | **162 474** | ***100 683*** | ***2,6 мар.*** |
| 2 | **Шумораи умумии банкоматҳо (адад)** | **21** | **25** | **43** | **55** | **60** | ***39*** | ***2,9 мар.*** |
| 3 | **Шумораи умумии POS-терминалҳо (адад)** | **93** | **95** | **106** | **242** | **300** | ***207*** | ***3,2 мар.*** |
| | дар маркзҳои хизматрасонию савдо ва дорухонаҳо | 36 | 40 | 42 | 71 | 78 | *42* | *2,2 мар.* |
| | барои қабули пардохтҳои давлатӣ ва пешниҳоди пули нақд | 57 | 55 | 63 | 77 | 67 | *10* | *17,5%* |
| 4 | **Ҳаҷми пардохтҳо тавассути POS-терминалҳо (ҳаз.сомонӣ)** | **208 587,6** | **247 428,8** | **505 302,8** | **966 594,8** | **1 119 656,9** | ***911 069,3*** | ***5,4 мар.*** |
| | гирифтани пули нақд тавассути POS-терминаҳо | 207 876,9 | 245 763,0 | 502 897,2 | 947 907,5 | 1 050 434,5 | *842 557,6* | *5,1 мар.* |
| | пардохтҳо тавассути POS-терминалҳо дар марказҳои хизматрасонию савдо ва дорухонаҳо | 710,7 | 1 665,8 | 2 403,7 | 2 585,3 | 3 909,1 | *3 198,4* | *5,5 мар.* |
| | пардохтҳо тавассути POS-терминалҳо-қабули пардохтҳои давлатӣ | 0,0 | 0,0 | 1,9 | 16 102,0 | 65 313,3 | *65 313,3* | *100,0%* |

Сарчашма: та$^{Х}$ияи муаллифон дар асоси $^{Х}$исобот$^{Х}$ои расмии омории низоми бонкии минта$^{К}$аи Рашт.

Бояд тазаккур дод, ки бо мақсади иҷрои самараноку сифатноки Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июни соли 2023, №586 “Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ” низоми бонкии минтақаи Рашт як қатор тадбирҳои амалиро ба анҷом расонида истодааст, ки яке аз ин гуна тадбирҳои саривақтӣ ин гузаронидани ҳама гуна амалиётҳои бонкию молиявӣ тавассути QR-рамзҳо баҳисоб меравад. Алҳол, бозори молияи ҷаҳонӣ бо суръати афзоянда рушд карда истодааст ва дар заминаи рушди он шаклу намудҳои муосири гузаронидани амалиётҳои бонкию молиявӣ ба таври электронӣ вусъат ёфта истодааст. Аз ин лиҳоз, кишвари мо низ ҳамчун давлати комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ бояд ҳар чӣ зуд ва босамар ҳамин гуна амалиётҳои бонкию молиявиро дар гардиши бозори молиявӣ ва муносибатҳои бозории худ ҷорӣ намояд.

Тавре, ки дарҷ намудем яке аз ин гуна амалиётҳои муосири бонкию молиявӣ ин истифодаи васеи амалиётҳо тавассути QR-рамзҳо ва замимабарномаҳом мобилӣ баҳисоб меравад, ки айни замон сол то сол дар низоми бонкии минтақаи Рашт низ рӯ ба ривоҷ ниҳода истодааст ва барои вусъат бахшидан ба ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақди заминаи мусоид фароҳам оварда истодааст.

Мувофиқи маълумоти расмии омории дар асоси ҳисоботи воҳидҳои сохтории ташкилотҳои қарзии молиявии дар минтақа фаъолиятдошта ҷамъбастгардида, теъдоди QR-рамзҳо ба охири соли 2024 дар маҷмӯъ 443 ададро ташкил дод, ки нисбат ба охири соли 2020 дар ҳаҷми 100 фоиз зиёд гардид, аз он ҷумла: QR-рамзҳо барои қабули пардохтҳои давлатӣ насбгардида 34 адад ва QR-рамзҳои дар марказҳои хизматрасонӣ, савдо ва дорухонаҳо насбгардида 409 адад.

Ҳаҷми умумии пардохтҳои ғайринақдии тавассути ин QR-рамзҳо амалигардида, дар соли 2024 дар маҷмӯъ маблағи 1 037,0 ҳаз. сомониро ташкил дода, нисбпт ба соли 2020 ба андозаи 100 фоиз ва нисбат ба соли 2023 ба 41 адад ё ба андозаи 10,2 фоиз зиёд гардид, аз он ҷумла: пардохтҳо тавассути QR-рамзҳо барои пардохти арзиши хизматрасониҳои муздноки давлатӣ маблағи 229,0 ҳаз. сомонӣ ва пардохтҳо тавассути QR-рамзҳо барои хариди молу маҳсулот ва дигар хизматрасониҳо дар марказҳои хизматрасонӣ, савдо ва дорухонаҳо маблағи 808,0 ҳаз. сомонӣ.

**Ҷадвали 3. Теъдоди QR-рамзҳо ва ҳаҷми амалиёт тавассути онҳо дар минтақаи Рашт дар давраи солҳои 2020-2024 (адад/%)**

| № | Теъдоди таҷҳизотҳои электронии пардохтӣ дар низоми бонкии минтақаи Рашт | с. 2020 | с. 2021 | с. 2022 | с. 2023 | с. 2024 | *Тағйирот соли 2024 нисбати соли 2020* | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | *номиналӣ* | *нисбӣ* |
| 1 | **Шумораи QR-рамзҳо (адад)** | **0** | **0** | **130** | **402** | **443** | ***443*** | ***100%*** |
| | шумораи QR-рамз дар марказҳои хизматрасонию савдо ва дорухонаҳо | 0 | 0 | 130 | 384 | 409 | *409* | *100,0%* |
| | шумораи QR-рамз барои қабули пардохтҳои давлатӣ | 0 | 0 | 0 | 18 | 34 | *34* | *100,0%* |
| 2 | **Ҳаҷми пардохтҳо тавассути QR-рамзҳо (ҳаз. сомонӣ)** | **0,0** | **0,0** | **419,1** | **654,8** | **1 037,0** | ***1 037,0*** | ***100%*** |
| | пардохт тавассути QR-рамзи дар марказҳои савдою хизматрасонӣ ва дорухонаҳо (сомонӣ) | 0,0 | 0,0 | 419,1 | 584,2 | 808,0 | *808,0* | *100,0%* |
| | пардохтҳо тавассути QR-рамз барои қабули хизсатрасониҳои пулакии давлатӣ | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 70,6 | 229,0 | *229,0* | *100,0%* |

Сарчашма таXияи муаллифон дар асоси XисоботXои расмии омории низоми бонкии минтаKаи Рашт.

Мувофиқи маълумоти расмии омории аз рӯи ҳисоботи воҳидҳои сохтории ташкилотҳои қарзии молиявии дар минтақаи Рашт фаъолиятдошта ҷамъбастгардида бақияи ҳаҷми амонату пасандозҳо, ки яке аз сарчашмаҳои асосии маблағгузории соҳаҳои хоҷагии халқи минтақа баҳисоб меравaнд дар низоми бонкии минтақаи Рашт ба охири соли 2024 дар маҷмӯъ ба 104 005,8 ҳаз. сомонӣ баробар шуд, аз ҷумла: пасандозҳои муҳлатнок ба 18 389,1 ҳаз. сомонӣ баробар шуд.

Тазаккур додан бомаврид аст, ки яке аз муҳимияти самти фаъолияти низоми бонкӣ ин ҳаҷми қарздиҳӣ ба соҳаҳои хоҷагии халқи мамлакат баҳисоб меравад. Вобаста ба ин, дар Паёми навбатӣ “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ” ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон санаи 28 декабри соли 2024 ҷиҳати афзоиш додани ҳаҷми қарздиҳӣ ба низоми бонкии кишвар суприши мушаххас доданд, аз ҷумла: “...Бо мақсади қонеъ гардонидани талаботи афзояндаи иқтисоди миллӣ ва аҳолӣ дар панҷ соли охир аз ҷониби низоми бонкии кишвар беш аз 80 миллиард сомонӣ қарз дода шудааст. Ҷиҳати идома додани ин раванд ба Бонки миллӣ ва ташкилотҳои қарзӣ супориш дода мешавад, ки ҳаҷми пешниҳоди қарз ба иқтисодиётро ҳамасола зиёд

намоянд. Нишондиҳандаи мазкур то охири соли 2027 бояд ба беш аз 100 миллиард сомонӣ расонида шавад...” [9].

Дар заминаи ин дастуру супоришҳо яке аз самтҳои муҳими дигаре, ки ба низоми бонкии минтақа вобастагии калон дорад ин тавассути пешниҳоди қарзҳо дастгирӣ намудани соҳаҳои хоҷагии халқ, хусусан дастгирии соҳаҳои истеҳсолӣ дар минтақа баҳисоб меравад. Дар ин самт низоми бонкии минтақаи Рашт дар солҳои охир ба натиҷаҳои назаррас ноил гардида истодааст.

Маълумоти расмии омории аз рӯи ҳисоботи воҳидҳои сохтории ташкилотҳои қарзии молиявии дар минтақа фаъолиятдошта ҷамъбастгардида, шаҳодати онро медиҳад, ки дар охири соли 2024 ҳаҷми қарздиҳӣ нисбат ба охири соли 2020 ба таври назаррас афзоиш ёфт, аз ҷумла: бақияи сандуқи қарзии низоми бонкии минтақаи Рашт дар маҷмӯъ дар охири соли 2024 ба 136 053,5 ҳаз. сомонӣ расонида шуда, нисбат ба охири соли 2020 ба маблағи 89 486,2 ҳаз. сомонӣ ё 2,9 маротиба афзоиш ёфт [7].

Ҳаҷми қарзҳои додашудаи низоми бонкии минтақаи Рашт бошад ба интиҳои соли 2024 маблағи 146 838,3 ҳаз. сомониро ташкил дода, нисбат ба охири соли 2020 ба маблағи 107 693,6 ҳаз. сомонӣ ё 3,7 маротиба зиёд мебошад. Дар таркиби ҳаҷми қарзҳои додашуда дар соли 2024 ҳиссаи қарзҳои додашуда ба соҳаҳои истеҳсолии минтақа дар маҷмӯъ 22,5 фоизро ташкил медиҳад, аз ҷумла: ба соҳаи картошкапарварӣ 9,4 фоиз, чорводорӣ 9,1 фоиз, замбуриасалпарварӣ 2,2 фоиз, дигар намуди маҳсулоҳои кишоварзӣ 0,6 фоиз.

Умуман дар солҳои охир новобаста аз таъсири буҳронҳои пай дар пайи молиявию иқтисодӣ ва ҷорӣ шудани ҳар гуна таҳримҳо ба кишварҳои шарики стратегии Тоҷикистон низоми бонкии кишвар ба натиҷаҳои назаррас ноил гашта истодааст, алалхусус низоми бонкии минтақаи Рашт. Вале, тавре, ки мушоҳида мегардад дар раванди фаъолияти худ ва амали кардани хизматрасониҳои муосири бонкию молиявӣ ташкилотҳои қарзии молиявии кишвар, алалхусус воҳидҳои сохтории онҳо дар минтақаҳо то андозае ба мушкилоту муаммоҳо рӯ ба рӯ гашта истодаанд, аз ҷумла:

- ***айни замон низоми бонкӣ дар минтақаҳо ҳамчун сарчашмаи асоси маблаггузории соҳаҳои иқтисодию иҷтимоӣ ба таври васеъ ташаккул наёфта истодааст.*** Сарфи назар аз он, ки солҳои охир низоми бонкии минтақаи Рашт ба дастовардҳои назаррас ноил гардидааст, вале то ҳол ҷалби пасандозҳои шаҳрвандон аз ҷониби воҳидҳои сохтории ташкилотҳои қарзии молиявии дар минтақа фаъолияткунанда начандон назаррас мебошанд. Маълумоти расмии омрӣ шаҳодати онро медиҳанд, ки нисбат ба шумораи аҳолии минтақа бақияи ҳаҷми пасандозҳо дар воҳидҳои сохтории ташкилотҳои қарзии молиявии дар минтақа фаъолияткунанда назаррас нестанд[5].

Масалан: дар интиҳои соли 2024 ҳаҷми умумии маблағи бақияи пасандозҳои мухлатнок дар қиёс ба сари як нафар аҳолии минтақа ҳамагӣ 51 сомонию 34 дирам (4,7 долл. ИМА) рост меояд. Ҳаҷми бақияи қарзҳо бошад ба сари як нафар аҳолии минтақа ҳамагӣ 379 сомонию 87 дирам (34,7 долл. ИМА)-роташкил медиҳад. Нишондиҳандаҳои мазкур айни замон дар сатҳи начандон қонеъкунанда қарор доранд.

Барои ҷалби бештари пасандози шаҳрвандон аз ҳисоби маблағҳои интиқоли пулӣ бояд таркиби сандуқи пасандозӣ дар воҳидҳои сохтории ташкилотҳои қарзии молиявии дар минтақа фаъолиятдошта гуногуншакл (диверсификатсия) карда шавад ва ҳамзамон сиёсати фоизӣ аз рӯи ҷалби

пасандозҳои шаҳрвандон аз ҳисоби маблағҳои интиқолӣ пулӣ низ гуногуншакл бошад. Ин амалҳо дар оянда яке аз роҳҳои ҳали мушкилоти болозикр шуда метавонад.

***- дар минтақаи Рашт аз ҷониби баъзе аз воҳидҳои сохтории ташкилотҳои қарзии молиявии фаъолияткунанда амалиётҳои қарзӣ, ки яке аз сарчашмаҳои асосии даромади онҳо баҳисоб меравад ба таври ваасеъ истифода бурда намешавад.*** Новобаста аз афзоиши мутлақи ҳаҷми қарзҳои додашуда дар солҳои охир нисбат ба солҳои қаблӣ нишондиҳандаи қарздиҳӣ низ то андозае ба талаботи рӯзафзун айни ҳол ҷавобгӯ нест. Яке аз сабабҳои асосии ин мушкилот то андозае пас шудани сифати сандуқи қарзии воҳидҳои сохтории ташкилотҳои қарзии молиявии дар минтақа фаъолиятдошта баҳисоб рафта, қабл аз ҳама ба норасоии кадрҳои баландихтисоси соҳа вобастагӣ дорад.

Дар низоми бонкии минтақа ҷиҳати омӯзиши мизоҷони қарзгир, истифодаи роҳу услуби муосири гузаронидани таҳлили фаъолияти молиявии қарзгир, муайян кардани пардохтпазирӣ ва қобилияти қарзадокунии қарзгир мутахассисони баландихтисос камшуморанд, ки дар ин асос ҳолати ҷории сандуқи қарзии воҳидҳои сохтории ташкилотҳои қарзии молиявии дар минтақа фаъолиятдошта рӯз аз рӯз рӯ ба коҳиш ниҳода истодааст.

Яке аз мушкилоти дигар дар ин самт дар он аст, ки тавре, ки маълум аст минтақаи Рашт минтақаи кӯҳсор буда, бештари воситаҳои қарзӣ барои соҳаи кишоварзӣ, чорводорӣ ва замбуриасалпарварӣ равона мегарданд. Алҳол меъёри фоизии қарзҳои пешниҳодшаванда барои соҳаҳои болозикр то андозае муфид нест, чунки даромаднокии соҳаи кишоварзӣ ва ҳосилнокии заминҳои кӯҳсор начандон баланд мебошад.

Ҷиҳати бартараф кардани мушкилоти зикргардида бояд сиёсати фоизии воҳидҳои сохтории ташкилотҳои қарзии молиявии дар минтақа фаъолиятдошта дар ин самт гуногуншакл (диверсификатсия) карда шавад ва ба соҳаҳои истеҳсолӣ, алалхусус соҳаи кишоварзи, боғдорӣ ва чорводорӣ мутобиқ ба мавзеи ҷойгиршавиии заминҳои кишт меъёри фоизи қарзҳо низ гуногуншакл карда шаванд. Амали мазкур метавонад дар давраҳои кӯтоҳ ба беҳтар шудани сатҳи истеҳсоли маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ, чорводорӣ, боғдорӣ, замбуриасалпарварӣ ва соҳибкории истеҳсолӣ гардида даромаднокии воҳидҳои сохтории ташкилотҳои қарзии молиявии дар минтақа фаъолиятдоштаро низ афзун гардонад.

***- дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои бонкию молиявӣ, хусусан дар ҷамоатҳои дурдасти деҳоти минтақа ҳоло ҳам беҳбудиро талаб менамояд.*** Тавре, ки мушоҳида мегардад дастрасии аҳолӣ дар сатҳи баланд ба хизматрасониҳои бонкию молиявӣ асосан дар маркази ноҳияҳо, шаҳракҳои минтақа то андозае мувофиқи талабот ба роҳ монда шудааст. Вале, мутаассифона то ҳол дар ҷамоатҳои деҳот ва ҷамоатҳои дурдасти деҳоти ноҳияҳои минтақа, дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои босифату баланди молиявию бонкӣ ҳанӯз ҳам дар сатҳи қонеъкунанда ба назар намерасад.

Масалан: ба охири соли 2024 ба 1 филиали ташкилоти қарзии молиявӣ-хизматрасонии беш аз 39 795 нафар мизоҷ, ба 1 маркази хизматрасонии бонкӣ филиали ташкилоти қарзии молиявӣ - хизматрасонии беш аз 7 163 нафар мизоҷ, ба 3 адад ташкилоти маблағгузории хурди минтақа - хизматрасонии беш аз 119 386 нафар мизоҷ, ба 1 хазинаи амалиёти интиқоли пулии МХБ-и филиалҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ - хизматрасонии беш аз 4 775 нафар мизоҷ, ба 1

хазинаи мубодилаи асъори МХБ-и филиалҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ-хизматрасонии беш аз 7 461 нафар мизоҷ, ба 1 адад банкомат-хизматрасонии беш аз 5 969 нафар мизоҷ, ба 1 адад пост-терминали нуқтаҳои пешниҳоди пули нақд ва барои қабули хизматрасониҳои музднoки давлатӣ -хизматрасонии беш аз 1 537 нафар мизоҷ ва ба 1 адад пос-терминали дар марказҳои савдо, хизматрасонӣ ва дорухонаҳо насбкардашуда-хизматрасонии беш аз 5 345 нафар мизоҷ рост меояд, ки дастрасии хизматрасониҳои бонкию молиявиро то андозае маҳдуд карда, сатҳу сифати ин хизматрасониҳоро коста мегардонад [1].

Маълумоти овардашуда мушкилоти асосии сатҳи хизматрасониҳои бонкию молиявиро шаҳодат дода, то андозае сади роҳи рушди босуръати низоми бонкии минтақа гашта истодааст.

***- аз сабаби суст будани заминаи касбии мутахассисон, норасоии кадрҳои ба талабот ҷавобгӯ то ҳол сатҳи пасти идоракунии корпоративӣ дар воҳидҳои сохтории ташкилотҳои қарзии молиявии дар минтақа фаъолиятдошта мушоҳида мегардад.*** Мушкилоти мазкур боиси мавҷудият ва пайдоиши заминаи сатҳи баланди хавфҳо, аз ҷумла: хавҳои қарзӣ, асъорӣ, амалиётӣ ва намудҳои дигари хавфҳои бонкию молиявӣ дар низоми бонкии минтақа, бахусус дар воҳидҳои сохтории ташкилотҳои қарзии молиявии дар минтақа фаъолиятдошта ва фаъолияти ғайрисамараноки онҳо боис мегардад. Масалан: ҳаҷми қарзҳои муҳлати пардохташон гузашта ва ё қарзҳои батаъхирафтода ба охири соли 2024 зиёда аз 0,86 фоизи ҳаҷми қарзҳои дар ҳамин давра додашуда ва 0,93 фоизи ҳаҷми бақияи сандуқи қарзии минтақаро ташкил медиҳад.

***- новобаста аз рушди амалиётҳои муосири бонкию молиявӣ то ҳол доираи маҳсулоти бонкию молиявии муоссир дар минтақа маҳдуд ба назар мерасад, ки ба таври васеъ талаботи истеъмолкунандагони ин намуди хизматрасониҳоро то андозаи зарурӣ қонеъ нагардонида истодааст.*** Тавре, ки мушоҳида мегардад то ҳол дастрасии васеи шаклҳои муосири қарзгирӣ ва хизматрасониҳои элекронӣ аз рӯи онҳо, инчунин шаклҳои фароҳи хизматрасониҳои электронии бонкию молиявӣ ба аҳолии минтақа дар сатҳи зарурӣ мушоҳида намегардад. Масалан: бо сабабҳои мавҷудаи суст будани шиддати алоқаи интернетӣ дар ҷамоатҳои деҳот дастрасии хизматрасониҳои электронӣ ба аҳолӣ қонеъкунанда ба назар намерасад, аз ҷумла: хизматрасониҳои бонки-мобилӣ, интернет-бонк, хизматрасонии замимабарномаҳои мобилӣ, хизматрасониҳои терминалҳои худкор “Qiwi” пост-терминалҳои марказҳои савдою хизматрасонӣ ва QR-рамзҳо дар марказҳои савдою хизматрасонӣ, ки вобастаанд ба дастрасии бевоситаи алоқаҳои “Интернет”-и дар минтақаҳои дурдасти кӯҳистон, хусусан дар ҷомоатҳои деҳоти дурдасти ноҳияҳои Сангвор ва Лахш, ки яке аз монеаҳо барои сари вақт баанҷом расонидани хизматрасонӣ аз рӯи интиқолҳои пулӣ ва хариду фурӯши молу маҳсулот дар марказҳои савдою хизматрасонӣ гашта истодааст. Аз ҷониби дигар кам будани шумораи терминалҳои худкор “Qiwi”, пос-терминалҳо, QR-рамзҳо дар минтақа, ки барои рушди хизматрасониҳои электронии бонкӣ то андозае сади роҳ гашта истодаанд. Инчунин, ба таври васеъ истифода наюурдани замимабарномаҳои мобилӣ аз ҷониби аҳолии минтақа. Масалан: ба 1 адад QR-рамзи дар марказҳои савдою хизматрасонӣ насбгардида-хизматрасонии беш аз 875 нафар, ба 1 адад QR-рамзи насбгардида барои қабули пардохтҳои давлатӣ -хизматрасонии 10 534нафар мизоҷ рост меояд, ки то андозае сади роҳи рушди хизматрасониҳои бонкию молиявӣ мегарданд.

Бо мақсади аз байн бурдани мушкилотҳои зикргардида дар фаъолияти воҳидҳои сохтории ташкилотҳои қарзии молиявии дар минтақа фаъолияткунанда, зарур меҳисобем, ки ташкилотҳои қарзии молиявие, ки дар минтақа воҳиди сохтории худро доранд чораҳои зеринро андешида, қарорҳои дахлдор қабул намоянд, аз ҷумла:

- коҳиш додани осебпазирии низоми бонкии минтақа тавассути таъмини устувории фаъолияти воҳидҳои сохтории ташкилоти қарзии молиявии худ;
- таъмин намудани воҳидҳои сохтории ташкилотҳои қарзии молиявии дар минтақа фаъолиятдошта ба воситаҳои молиявии озод;
- пурзӯр намудани назорати бонкӣ аз рӯи фаъолияти мунтазами воҳидҳои сохтории ташкилотҳои қарзии молиявии дар минтақа фаъолиятдошта аз ҷониби воҳиди сохтории назоратии сарбонк ва шуъбаи минтақавии Бонки миллии Тоҷикистон дар ш.Ғарм;
- паст кардани сатҳи осебпазирии низоми бонкии минтақа ва таъмини устувории фаъолияти воҳидҳои сохтории ташкилотҳои қарзии молиявии дар минтақа фаъолиятдошта бо истифода аз роҳу усулҳои муосир;
- муҳайё кардани рақобати озоди бозорӣ дар низоми бонкии минтақа;
- диверсификатсия кардани таркиби сандуқи пасандозӣ ва диверсификатсия кардани фоизи пасандозҳои ҷалбнамудаи воҳидҳои сохтории ташкилотҳои қарзии молиявии дар минтақа фаъолиятдошта;
- диверсификатсия кардани таркиби сандуқи қарзӣ ва меъёри фоизии қарзҳои воҳидҳои сохтории ташкилотҳои қарзии молиявии дар минтақа фаъолиятдошта;
- мунтазам фаро гирифтани мутахассисон ба омӯзишу коромӯзӣ, гузаронидани семинар, ҷаласа, машварат, мизҳои мудаввар ҷиҳати баланд бардоштани савияи донишу маллакаи кории мутахассисони воҳидҳои сохтории ташкилотҳои қарзии молиявии дар минтақа фаъолиятдошта.

**Муқарриз: Маҳмадуллоев А.С. – н.и.и., дотсенти ДОТ дар н. Рашт**

**Адабиёт:**

1. Бюллетени омори бонкӣ барои соли 2020. - №12 (305). – 147 с.
2. Дурнамои самтҳои асосии сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2019 ва 2021. - Душанбе, қарори МН МО ҶТ аз 23.11.2018, №1217 ва аз 25.11.2020, №249.
3. Ниёзов М.А. Муомилоти пулӣ ва низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон: Китоби дарсӣ. - Душанбе, “Эр-граф”, 2012. – 376 с.
4. Ниёзов М.А. Рушди низоми бонкӣ дар 25-соли Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, “Вектор-принт”, 2016. – 320 с.
5. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030.
6. Сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон. - www.nbt.tj
7. Сомонаи расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - www.satat.tj
8. Миршарипов, Э.Қ. Арзёбии рушди низоми бонкӣ ва қарздиҳӣ дар минтақаи Рашт: мушкилот ва роҳу услуби бартараф кардани он / Э.Қ. Миршарипов, А.Ш. Наҷбуддинов // Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт. – 2024. - №1 (17). - С. 116-123.

9. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ". – Душанбе, аз 28-уми декабри соли 2024.
10. Раҳимов З.А. Молия, муомилоти пул ва қарз: китоби дарсӣ. – Душанбе, 2011. – 270 с.
11. Шариф Раҳимзода. Муомилоти пулӣ ва қарз: китоби дарсӣ. – Душанбе: "ЭР-граф", 2018. – 516 с.

**Literature:**

1. Bulletin of banking statistics for 2020. - No. 12 (305). – 147 p.
2. Outlook for the main directions of the monetary policy of the Republic of Tajikistan for 2019 and 2021. - Dushanbe, Resolution of the Council of Ministers of the Republic of Tajikistan dated 11/23/2018, No. 1217 and dated 11/25/2020, No. 249.
3. Niyozov M.A. Monetary circulation and the banking system of the Republic of Tajikistan: Textbook. - Dushanbe, "Er-graf", 2012. – 376 p.
4. Niyozov M.A. Development of the banking system in the 25th anniversary of the state independence of the Republic of Tajikistan. – Dushanbe, "Vektor-print", 2016. – 320 p.
5. National Development Strategy of the Republic of Tajikistan for the period up to 2030.
6. Official website of the National Bank of Tajikistan. - www.nbt.tj
7. Official website of the Statistical Agency under the President of the Republic of Tajikistan. - www.satat.tj
8. Mirsharipov, E.K. Assessment of the development of the banking system and lending in the Rasht region: problems and ways and methods of overcoming them / E.K. Mirsharipov, A.Sh. Najbuddinov // Message of the Tajik Pedagogical Institute in the Rasht district. – 2024. - No. 1 (17). - P. 116-123.
9. Message of the President of the Republic of Tajikistan, Honorable Emomali Rahmon to the Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan "On the main directions of the domestic and foreign policy of the republic". – Dushanbe, December 28, 2024.
10. Rakhimov Z.A. Finance, money circulation and credit: textbook. – Dushanbe, 2011. – 270 p.
11. Sharif Rahimzoda. Monetary transactions and credit: textbook. – Dushanbe: "ER-graf", 2018. – 516 p.

## РУШДИ НИЗОМИ БОНКӢ ВА ХИЗМАТРАСОНИҲОИ БОНКИЮ МОЛИЯВӢ ДАР МИНТАҚАИ РАШТ: МУШКИЛОТ ВА ДУРНАМО

Дар мақолаи мазкур хусусиятҳои хоси хизматрасониҳои бонкию молиявӣ дар минтақаи Рашт ба таври мухтасар шарҳу тавзеҳ дода шудааст. Муаллиф дар ин мақола доир ба мушкилотҳои ҷойдоштае, ки сади роҳи рушди низоми бонкии минтақа мегарданд ва роҳу воситаҳои бартараф кардани онҳоро шарҳ додааст. Дар мақолаи мазкур муаалиф роҳу усулҳои дастгирии хоҷагии халқи минтақаро тавассути воситаҳои қарзии низоми бонкӣ маънидод кардааст. Ҳамзамон, муаллиф дар ин мақола як қатор маълумотҳои расмии омориро ба таҳлил кашидааст, ки вазъи кунунии низоми бонкии минтақаро тасвир менамоянд. Маълумоти расмии омории дар асоси ҳисоботи воҳидҳои сохтории ташкилотҳои қарзии молиявии дар минтақа фаъолиятдошта ҷамъбастгардида шаҳодати онро медиҳад, ки дар солҳои охир низоми бонкии минтақаи Рашт ба натиҷаҳои назаррас ноил гашта истодааст. Хусусан дар самти афзоиш додани шумораи

воҳидҳои сохтории ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва пешкаш кардани шаклу намудҳои гуногуни хизматрасониҳои муосири бонкию молиявӣ ба мизоҷон.

**Калидвожаҳо:** қарз, воситаҳои қарзӣ, воҳидҳои сохторӣ, ташкилотҳои қарзии молиявӣ, пос-терминалҳо, нуқтаҳои интиқоли пулӣ, ташкилоти маблағгузории хурд, пули миллӣ, хизматрасониҳои бонкю молиявӣ, пос-терминалҳои худкор.

## РАЗВИТИЕ БАНКОВСКОЙ СИСТЕМЫ И БАНКОВСКО-ФИНАНСОВЫХ УСЛУГ В РАШТСКОМ РЕГИОНЕ: ПРОБЛЕМЫ И ПЕРСПЕКТИВЫ

В данной статье дан краткий обзор специфики банковских и финансовых услуг в Раштской долине. В данной статье автор описывает существующие проблемы, сдерживающие развитие банковской системы региона и пути их преодоления. В данной статье автор объясняет способы поддержки экономики региона с помощью кредитных инструментов банковской системы. При этом автор в данной статье анализирует ряд официальных статистических данных, характеризующих текущее состояние банковской системы региона. Официальные статистические данные, составленные на основе отчетов структурных подразделений финансово-кредитных организаций, действующих в регионе, свидетельствуют о том, что за последние годы банковская система Раштского региона достигает значительных результатов. Особенно в части увеличения количества структурных подразделений финансово-кредитных организаций и предоставления клиентам различных форм и видов современных банковских и финансовых услуг.

**Ключевые слова:** кредит, кредитные инструменты, структурные подразделения, финансово-кредитные организации, POS-терминалы, пункты денежных переводов, микрофинансовая организация, национальная валюта, банковские и финансовые услуги, POS-терминалы.

## DEVELOPMENT OF THE BANKING SYSTEM AND BANKING AND FINANCIAL SERVICES IN THE RASHT REGION: CHALLENGES AND PROSPECTS

This article provides a brief overview of the specifics of banking and financial services in the Rasht Valley. In this article, the author describes the existing problems hindering the development of the banking system of the region and ways to overcome them. In this article, the author explains how to support the region's economy with the help of credit instruments of the banking system. At the same time, the author in this article analyzes a number of official statistical data characterizing the current state of the banking system of the region. Official statistics compiled on the basis of reports of structural divisions of financial and credit organizations operating in the region indicate that in recent years the banking system of the Rasht region has achieved significant results. Especially in terms of increasing the number of structural divisions of financial and credit organizations and providing clients with various forms and types of modern banking and financial services.

**Key words:** credit, credit instruments, structural divisions, financial and credit organizations, POS-terminals, money transfer points, microfinance organization, national currency, banking and financial services, POS-terminals.

**Маълумот дар бораи муаллифон: Ниёзов Мустафо Абдуллоевич** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, номзади илмҳои

иқтисодӣ, дотсенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва менеҷмент. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к. Э. Муҳиддин – 63. Телефон:(+992) 988797100. E-mail: m_niyozov@nbt.tj

**Шодизода Амон Шариф –** Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, муовини декан оид ба корҳои тарбияи факултети иқтисод ва идора, ассистенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва менеҷмент. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к. Э. Муҳиддин – 63. Телефон:(+992) 981082711. E-mail: amonkhoja@mail.ru

**Сведения об авторах: Ниёзов Мустафа Абдуллоевич –** Таджикский педагогический институт в Раштском районе, кандидат экономических наук, доцент кафедры бухгалтерского учета и управления. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Гарм, ул. Э. Мухиддина – 63. Телефон: (+992) 988797100. E-mail: m_niyozov@nbt.tj

**Шодизода Амон Шариф –** Таджикский педагогический институт в Раштском районе, заместитель декана по учебной работе факультета экономики и управления, ассистент кафедры учета и управления. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Гарм, ул. Э. Мухиддина – 63. Телефон: (+992) 981082711. E-mail: amonkhoja@mail.ru

**Information about the authors: Niyozov Mustafo Abdulloevich –** Tajik pedagogical institute in Rasht district, candidate of economic sciences, associate professor of the department of accounting and management. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Gharm, k. E. Muhiddin – 63. Phone: (+992) 988797100. E-mail: m_niyozov@nbt.tj

**Shodizoda Amon Sharif –** Tajik pedagogical institute in Rasht district, deputy dean for educational work of the faculty of economics and management, assistant of the department of accounting and management. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Gharm, k. E. Muhiddin – 63. Phone: (+992) 981082711. E-mail: amonkhoja@mail.ru

**ТДУ: 336.7(575.3)**

# ҶОЛИБИЯТИ САРМОЯГУЗОРИИ ХОРИҶӢ ВА НАҚШИ ОН ДАР РУШДИ САНОАТИ САБУКИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Миршарифзода Э.Қ., Ҳайдаров С.М., Деҳқонов С.А.**
**Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт**

Ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба соҳаи саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити саноатикунонӣ метавонад як воситаи муфид барои рушди иқтисодӣ, технологӣ ва иҷтимоӣ бошад, ки барои расидан ба рушди устувор ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ мусоидат намояд. Тавре маълум аст, “саноати сабуки ҷумҳурӣ дар таркиби худ корхонаҳои бахшҳои омехтаи истеҳсолиро муттаҳид намуда, соҳаи афзалиятноки иқтисоди ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад, ки истеҳсоли молҳои истифодаи умум (ришта, матоъ, либос, кешбофӣ, ҷӯроб, қолин, пойафзол, мебел), истеҳсоли молҳои ҳунарҳои мардумӣ, маҳсулоти

таъиноти истеҳсолию техникиро барои дигар соҳаҳо дар заминаи коркарди ашёи хоми маҳаллӣ таъмин менамояд” [5, с. 251; 7].

Дар сатҳи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон масоили сармоягузорӣ ба соҳаи саноат ва бахшҳои он яке аз қазияе мебошад, ки он дар маркази диққати институтҳои молиявии дохилию хориҷӣ ва давлат қарор дорад. Дар самти дасгирии соҳаи саноати хурду миёна сармоягузории мустақими хориҷӣ низ яке аз қисматҳои дигари бо пул таъминкунӣ мебошад. Механизми дигари рушди соҳаи саноат, имрӯз ҷалби сармояи арзони хориҷӣ [1] буда, тавассути он минтақаҳои алоҳидаи кишвар, ки имконияти рушди соҳаи саноатро доро мебошанд, рушд дода мешаванд. Дар ин баробар, аз лиҳози имтиёз ва истифода сармоягузории хориҷӣ дорои братарияти бештар нисбат ба қарзҳои бонкӣ аз лиҳози мӯҳлат ва фоиз маҳсуб меёбад.

Солҳои охир, вобаста ба ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба бахшҳои воқеии иқтисодиёт тавҷҷӯҳи бештарро соҳаи саноат доро буда, ҳиссаи сармоягузорӣ ба он дар муқоиса ба соҳаи кишоварзӣ, сохтмон ва дигар соҳаҳои ба ин баробар, бештар мебошад [8]. Таҳлили нишондиҳандаҳои расмии оморӣ нишон медиҳанд, ки сармоягузорӣ ба соҳаи саноати коркард, ки ба он саноати сабук дохил мешавад, дар соли 2016 маблағи 106,1 млн. доллари ИМА-ро ташкил намуд, ки ин нишондиҳанда дар соли 2022 ба 89,0 млн. доллари ИМА расид ва дар муқоиса ба соли 2016 ба андозаи -16,1% кам гардидааст. Сармоягузории мустақим дар бахши саноати истихроҷи маъдан ва тарҳрезии конҳои рег соли 2016 маблағи 110,1 млн. доллари ИМА ва дар соли 2022 маблағи 314,2 млн. доллари ИМА-ро ташкил намуд, ки дар муқоиса ба соли 2016 дар соли 2022 ба миқдори 2,8 маротиба афзоиш ёфтааст, ки ин бахши саноат дар муқоиса ба саноати коркард афзалияти бештари сармогузориро доро мебошад.

***Ҷадвали 1.***

***Ҳаҷми сармоягузории мустақими хориҷӣ ба соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2016-2022 (бо млн. доллари ИМА)***

| Номгӯйи нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | | | Тағйирёбӣ, бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | |
| Ҳамагӣ сармоягузориҳо | 345,4 | 307 | 359,6 | 364,4 | 192,7 | 188,9 | 478 | 138,3 |
| Саноати коркард | 106,1 | 37,1 | 99,2 | 39,4 | 8,2 | 5,2 | 89 | -16,1 |
| Ҳиссаи саноати коркард бо % | 30,7 | 12 | 27,6 | 10,8 | 4,2 | 2,7 | 18,8 | -11,9 |
| Саноати истихроҷи маъдан ва тарҳрезии конҳои рег | 110,1 | 117,5 | 210,8 | 240,3 | 131,1 | 87,4 | 314,2 | 2,8 мар. |
| Ҳиссаи саноати истихроҷи маъдан ва тарҳрезии конҳои рег, бо % | 31,8 | 38,2 | 5,8 | 6,5 | 68 | 46,2 | 65,7 | 33,9 |

Манбаъ: таХияи муаллиф дар асоси ХисоботХои омории сармоягузорЙ ба бахши саноат-и Кумитаи давлатии сармоягузорЙ ва идораи амволи назди Хукумати ЧТ барои солХои 2016-2022: http://investcom.tj. (санаи дастрасЙ 20.12.2024).

Тавре аз ҷадвали 1 маълум мегардад, имрӯз сармоягузории мустақими хориҷӣ танҳо дар соҳаи саноати истихроҷи маъдан ва тарҳрезии конҳои рег афзоиш ёфта, ба саноати коркард, ки ба таркиби он саноати сабук дохил мешавад, коҳиш ёфтааст. Мушкилоти асосии таҳқиқ дар самти сармоягузории хориҷӣ ба соҳаи саноати сабуки кишвар дар он аст, ки дар тамоми оморҳои расмии кишвар на сармоягузорӣ ва на қарздиҳӣ ба ин соҳа нишон дода

нашудааст. Аз ин хотир, ба андешаи мо хуб мешуд агар масъалаи мазкур аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва амволи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷдиди назар гардида, дар оморҳои бахши саноати кишвар соҳаи саноати сабук чун соҳаи коркард, истихроҷ ва нерӯи барқ, газ ва таъмини об дар алоҳидагӣ вобаста ба шумораи корхонаҳо, шумораи кормандон ва ҳаҷми истеҳсоли молҳои саноати сабук бо ҳаҷми қарздиҳию сармоягузорӣ нишон дода мешуд.

Тибқи маълумотҳои расмии оморӣ дар соли 2023 воридоти сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамагӣ маблағи 2 690,4 млн. доллари ИМА-ро ташкил додааст, ки ин нишодиҳанда нисбат ба соли 2022 ба андозаи 113,6 млн. доллар ё 4,4 фоиз зиёд мебошад. Афзоиши воридоти сармояи хориҷӣ асосан аз ҳисоби дигар намуди сармоягузорӣ ба ҳаҷми 510,7 млн. доллар ё 26,1 фоиз таъмин гардидааст. Дар ин давра, воридоти сармояи мустақими хориҷӣ 221,4 млн. долларро ташкил дода, нисбат ба соли 2022 дар ҳаҷми 397,0 млн. доллар ё 64,2 фоиз коҳиш ёфтааст. Ҳаҷми сармоягузории хориҷӣ бештар ба соҳаҳои афзалиятнок равона гардидааст, ки онро дар диаграммаи 1 мушоҳида намудан мумкин аст.

***Диаграммаи 1.***

***Воридоти сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2022-2023 аз рӯйи соҳаҳо (бо млн. доллари ИМА ва %)***




Манбаъ: таҳияи муаллиф дар асоси ҳисоботҳои омории сармоягузорӣ ба бахши саноат-и Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи назди Ҳукумати ҶТ барои солҳои 2022-2023: http://investcom.tj. (санаи дастрасӣ 23.12.2024).

Чуноне, ки аз нишондиҳандаҳои диаграммаи 1 бар меояд дар соли 2023 воридоти сармояи хориҷӣ асосан ба соҳаҳои миёнаравии молиявӣ маблағи 2 220,0 млн. доллари ИМА, саноати истихроҷ 279,0 млн. доллар, сохтмон 54,4 млн. доллар, саноати коркард 37,7 млн. доллар, савдои яклухт ва чакана 27,9 млн. доллар, нақлиёт, хоҷагии анбор ва алоқа 25,2 млн. доллар, кишоварзӣ 21,6 млн. доллар ва 24,6 млн. доллар ба дигар соҳаҳо равона гардидааст. Агар дар соли 2022 ҳиссаи миёнаравии молиявӣ 53%, саноати истихроҷ 25%, саноати коркард 8% ва сохтмон 7%-ро аз ҳаҷми умумии воридоти сармояи хориҷӣ ташкил дода бошад, ин нишондиҳанда дар соли 2023 мутаносибан ба 82,6%, 10,4%, 1,4% ва 2% расидааст. Дар ин робита бояд қайд намуд, ки афзоиши

воридоти сармояи хориҷӣ дар соли 2023 нисбат ба соли 2022 асосан аз ҳисоби миёнаравии молиявӣ дар ҳаҷми 861,7 млн. доллар ё 63,4 фоиз таъмин гардидааст.

Воридоти сармояи мустақими хориҷӣ дар ин давра аз рӯйи соҳаҳо ба ҷойи рушд намудан баракс коҳиш ёфтааст, чун ба ҷойи ӯ дар соли 2023 нисбат ба соли 2022 ҳаҷми дигар намуди сармоягузориҳо дар таркиби маблағи умумии сармоягузории хориҷӣ ба иқтисодиёти кишвар афзудааст.

***Диаграммаи 2.***

***Воридоти сармояи мустақими хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2022-2023 аз рӯйи соҳаҳо (бо млн. доллари ИМА ва %)***



Манбаъ: таХияи муаллиф дар асоси ХисоботХои омории сармоягузорЙ ба бахши саноат-и Кумитаи давлатии сармоягузорЙ ва идораи амволи назди Хукумати ЧТ барои солХои 2022-2023: http://investcom.tj. (санаи дастрасЙ 23.12.2024).

Маълумотҳои диаграммаи 2 шаҳодати онро медиҳанд, ки дар соли 2023 ҳаҷми воридоти сармояи мустақими хориҷӣ маблағи 221,4 млн. доллари ИМА-ро ташкил медиҳад, ки нисбат ба соли 2022 дар ҳаҷми 397,0 млн. доллар ё 64,2% коҳиш ёфтааст. Коҳишёбии воридоти сармояи мустақими хориҷӣ дар ин давра асосан дар соҳаҳои саноати коркард ва истихроҷ дида мешавад, ки дар соли 2023 ин нишондиҳанда мутаносибан ба соли 2022 дар ҳаҷми 70,5 млн. доллар ё 67,5% ва 256,9 млн. доллар ё 72,6% кам шудааст. Афзоиши воридоти сармояи мустақими хориҷӣ дар соли 2023 дар соҳаи кишоварзӣ дида мешавад, ки воридоти сармоя ба ин соҳа нисбат ба соли 2022 дар ҳаҷми 21,1 млн. доллар ё 5176,6% зиёд гардидааст.

Албатта, имрӯз вобаста ба имконот, афзалият, шумораи корхонаҳои истеҳсолӣ ва шароити мавҷудбудаи соҳавӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон сармоягузории хориҷӣ ҷалб карда мешаванд ва ё сармоягузорон ба он минтақа аҳамияти бештар зоҳир намуда, сармоягузорӣ менамоянд.

**Диаграммаи 3.**

**Воридоти сармояи хориҷӣ ба минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2022-2023 (бо млн. доллари ИМА)**




Манбаъ: таҳияи муаллиф дар асоси ҳисоботҳои омории сармоягузорӣ аз рӯйи минтақаҳо-и Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи назди Ҳукумати ҶТ барои солҳои 2022-2023: http://investcom.tj. (санаи дастрасӣ 22.12.2024).

Тавре аз рақамҳои диаграммаи 3 айён аст дар соли 2023 сармояи хориҷӣ асосан ба шаҳри Душанбе ворид гардида, нисбат ба соли 2022 дар ҳаҷми 505,3 млн. доллари ИМА ё 31,5% афзоиш ёфтааст. Ҳаҷми сармоягузории хориҷӣ ба вилояти Суғд дар соли 2023 маблағи  549,3 млн. доллар, вилояти Хатлон 22,6 млн. доллар ворид гардида, ин нишондод мутаносибан нисбат ба соли 2022 дар ҳаҷми 268,8 млн. доллар ё 32,9% ва 93,2 млн. доллар ё 80,5% кам мебошад. Ба шаҳри ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар ин давра ҳамагӣ 6,3 млн. доллар сармояи хориҷӣ ворид гардида, нисбат ба соли 2022 дар ҳаҷми 29,6 млн. доллар ё 82,6% коҳиш ёфта, воридоти сармояи мустақим ба қайд гирифта нашудааст. Ба Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, ки дар миқёси он 12 корхона бо саҳми хориҷӣ фаъолият дорад, дар ин давра воридоти сармояи хориҷӣ дар ҳамаи таркибаш дида намешавад.

Тавре аз таҳлилҳои анҷомдодашуда дар самти сармоягузории хориҷӣ ба соҳаи саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардид, навобаста аз шароити мусоид як қатор мушкилотҳо низ то имрӯз ҷой доранд, ки то ҳол садди роҳи ҷалби ҳарчи бештари сармоягузории хориҷӣ, хусусан сармоягузории мустақим ба соҳаҳои афзалиятноки кишвар гашта истодааст.  Инчунин, дар раванди таҳқиқ маълум гардид, ки бо сабаби дар маҷмӯаҳои расмии омории солона чун дигар бахшҳои саноати кишвар соҳаи саноати сабуки ҷумҳурӣ дар алоҳидагӣ нишон дода нашудааст, ки ин ба дақиқ кардани шумораи корхонаҳои саноати сабук, шумораи кормандони соҳа, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотҳои саноати сабук ва ҳаҷми содирот ва воридоти молҳои саноати сабук, ҳаҷми сармоягузории хориҷӣ ва қарздиҳии низоми бонкӣ монеа эҷод намуда, як омоли манфӣ маҳсуб меёбад. Ин омил дар қонунҳои буҷет ҳамасола низ дида мешавад, ки дар он маблағгузории буҷетӣ ба соҳаи саноат ва сохтмон дар якҷоягӣ ҷудо карда мешавад, ки ин ба муайянсозии маблағҳои буҷетии ба соҳаи саноат ҷудошударо дар алоҳидагӣ мушкилӣ ба бор меорад. Аз ин лиҳоз, ба андешаи мо хуб мешуд, ки вобаста ба ин масъала аз ҷониби сохторҳои ваколатдор андешидани татбирҳои зарурӣ роҳандозӣ карда мешуд.

Саноати имрӯзаи Тоҷикистон дорои заминаи маҷмӯии инкишофёфта ва аз ҷиҳати техникӣ муҷаҳҳаз буда, соҳаҳои гуногунро дар бар мегирад [8]. Онро имрӯз зиёда аз 90 самти истеҳсолот ва бештар аз 140 навъи маҳсулот муаррифӣ

